их сохранения и использования, а также оценить уровень туристской инфраструктуры. Установлено, что историко-культурное наследие региона обладает высокой научной, культурной и туристской ценностью, однако его потенциал используется недостаточно из-за фрагментарности инфраструктуры, слабой туристской интерпретации, недостатка профессиональных кадров и низкого уровня цифровизации. В работе обоснованы перспективные направления эффективного использования наследия в туризме, включающие развитие инфраструктуры, создание комплексных маршрутов, внедрение цифровых технологий, расширение событийных практик и активное вовлечение местных сообществ. Сделан вывод о том, что при целенаправленной государственной поддержке и комплексном управлении Кулябский регион может стать одним из ведущих центров культурного и паломнического туризма в Таджикистане.

Ключевые слова. Историко-культурное наследие; культурный туризм; Кулябский регион; археологические памятники; нематериальное наследие; туристско-рекреационный потенциал; паломнический туризм; инфраструктура; интерпретация наследия; устойчивое управление; локальные сообщества.

Сведения об авторе: Зикирова Д.Дж. сосикатель Кулябского государственного университета им. А. Рудаки, Тел: 205 22 22 58

Гадоев Ш. – заведующей кафедрой географии и туризма Кулябского государственного университета им. А. Рудаки Министерство образования и науки Республики Таджикистан, Тел: 93 514-62-01

Мамадризохонов А.А. профессор кафедры географии и туризма Хорогский государственный университет им. М.Назаршоев Министерство образования и науки Республики Таджикистан, Тел. 93 598 45 63

МЕРОСИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР САЙЕҲӢ

Дар мақола мероси таърихиву фарҳангии минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз захираҳои муҳими рушди сайёҳии фарҳангӣ дар ҷануби Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Бо такя ба равишҳои низомӣ, таърихию генетикӣ, фарҳангшиносӣ ва туристӣ-ресурсӣ таҳлили мукаммали объектҳои моддӣ ва ғайриморрдии мерос амалӣ карда шудааст, ки ба онҳо маҷмуаҳои бостонӣ, иншооти меъморӣ, ёдгориҳои динӣ ва унсурҳои фарҳанги анъанавӣ дохил мешаванд. Тадқиқоти саҳроӣ, таҳлили таърихӣ-қиёсӣ ва мусоҳибаҳои коршиносон имкон доданд, ки вазъи ҳозираи ёдгориҳо муайян карда шавад, мушкилоти мавҷудаи ҳифз ва истифодаи онҳо ошкор гардад ва сатҳи инфрасохтори сайёҳӣ баҳогузорӣ шавад. Муайян гардид, ки мероси таърихию фарҳангии минтақа дорои арзиши баланди илмӣ, фарҳангӣ ва сайёҳист, аммо имкониятҳои он бинобар парокандагии инфрасохтор, сатҳи пасти таъбири туристӣ, норасоии мутахассисон ва набудани рақамисозӣ пурра истифода намешавад. Дар мақола самтҳои ояндадори истифодаи самарабахши мероси фарҳангӣ дар соҳаи сайёҳӣ асоснок карда мешаванд, ки ба онҳо рушди инфрасохтор, ташкили масирҳои мураккаб, татбиқи технологияҳои рақамӣ, тавсеаи чорабиниҳои фарҳангӣ ва ҷалби фаъолонаи ҷомеаҳои маҳаллӣ шомил мебошад. Хулоса карда мешавад, ки бо дастгирии мақсадноки давлатӣ ва идоракунии мукаммал минтақаи Кӯлоб метавонад ба яке аз марказҳои асосии сайёҳии фарҳангӣ ва зиёратӣ дар Тоҷикистон табдил ёбад.

Калидвожаҳо: Мероси таърихию фарҳангӣ; сайёҳии фарҳангӣ; минтақаи Кӯлоб; ёдгориҳои бостонӣ; мероси ғайриморрдӣ; захираҳои туристӣ-рекреатсионӣ; сайёҳии зиёратӣ; инфрасохтор; тафсири мерос; идоракунии устувор; ҷомеаҳои маҳаллӣ.

Маълумот дар бораи муаллифон: Зикирова Д. Ҷ. — омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Тел: 205 22 22 58

Гадоев Ш. — мудири кафедраи география ва туризм Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Те: 93 514-62-01.

Мамадризохонов А. А. — профессори кафедраи география ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Тел: 93 598 45 63

HISTORICAL AND CULTURAL HERITAGE OF THE KULYAB REGION AND THE POSSIBILITIES OF ITS USE IN TOURISM

The article examines the historical and cultural heritage of the Kulob region as a key resource for the development of cultural tourism in southern Tajikistan. Based on systemic, historical-genetic, cultural and tourism-resource approaches, a comprehensive analysis of tangible and intangible heritage objects has been conducted, including archaeological complexes, architectural structures, religious monuments

and elements of traditional culture. Field surveys, comparative-historical analysis and expert interviews made it possible to identify the current condition of heritage sites, determine the main challenges of their preservation and use, and assess the level of tourism infrastructure. The study reveals that despite the high scientific, cultural and tourism value of the region's heritage, its potential remains underutilized due to fragmented infrastructure, insufficient tourist interpretation, lack of qualified personnel and a low level of digitalization. The article substantiates promising directions for the effective use of heritage in tourism, such as the development of infrastructure, creation of integrated routes, introduction of digital technologies, expansion of cultural events and active involvement of local communities. It is concluded that with targeted state support and comprehensive management, the Kulob region can become one of the leading centers of cultural and pilgrimage tourism in Tajikistan.

Keywords: Historical and cultural heritage; cultural tourism; Kulob region; archaeological monuments; intangible heritage; tourism and recreation potential; pilgrimage tourism; infrastructure; heritage interpretation; sustainable management; local communities.

Author Information: Zikirova D. J. — Lecturer at Kulob State University named after A. Rudaki, Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, Phone: 205 22 22 58.

Gadoev Sh. — Head of the Department of Geography and Tourism Kulob State University named after A. Rudaki, Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, Phone: +992 93 514-62-01.

Mamadrizokhonov A. A. — Professor, Department of Geography and Tourism, Khorog State University named after M. Nazarshoev, Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, Phone: +992 93 598 45 63.

ТДУ: 910+338. 48 (075. 8), 3 – 80

ЗАРФИЯТИ КӮҲҲО ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯИ Ш. ШОҲИН)

Зоиров И. Б.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Кӯҳҳо офаридаи бузурги табиат маҳсуб меёбад. Онҳо объекти муҳими сайёҳӣ ба ҳисоб мераванд. Кӯҳҳо аз қадим то ҳанӯз дар ҳаёти инсон мақоми муҳим доранд.

Беш аз 40% - и масоҳати сатҳи хушкиро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Қариб тамоми тамаддуни олам ба минтақаҳои кӯҳистон рост меоянд.

Аз кӯҳҳо шоҳроҳҳои бузурги ҷаҳонӣ аз ҳудуди онҳо убур карда мегузаранд.

Ҳамчунин, дар ноҳияҳои кӯҳсор теъдоди зиёди ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ҷойгир шудаанд.

Дар қисмати болоии сатҳи Замин (литосфера) мавзеъҳои баландкӯҳҳо воқеъ гардиданд. Майдони минтақаи кӯҳистон дар материкҳо ва қитъаҳои олам гуногуни аст. Ноҳияҳои кӯҳистон иқлими ҳаловатбахш доранд. Онҳо барои истироҳату фароғат ва солимгадонии одамон мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, бунёди муассисаҳои табобатию истироҳатӣ дар мавзеъҳои кӯҳсор ба мақсад мувофиқ аст.

Тайи солҳои охир намудҳои туризми кӯҳсор ба тариқи зайл рушд намудааст:

- бозиҳои варзишӣ 30% ;
- сайрҳои кӯҳӣ 20% ;
- сайёҳати пиёдагардӣ 30% ;
- лижаронӣ 10% ;

Туризми кӯҳсор намуди асосии туризм дар мамлакатҳои кӯҳӣ ба ҳисоб меравад.

Чунин навъи туризм барои Тоҷикистон басо муҳим ба шумор меравад. Маълум аст, ки 93% - и онро кӯҳҳо дар бар мегирад. Ин нишондиҳанда дар минтақаҳои Тоҷикистон фарқ мекунанд.

Масалан, кӯҳҳо дар ВМКБ 97% ва дар вилояти Хатлон беш аз 80%- ро ташкил медиҳанд.

Нисбат ба дигар намудҳои туризм, сайёҳии кӯҳӣ соҳаи манфиатнок маҳсуб меёбад. Сайёҳон бештар ноҳияҳои кӯҳистонро интихоб менамоянд. Чунин сайёҳон аз мамлакатҳое мебошанд, ки онҳо релефи ҳамвор доранд.

Аз қадим мардумон дар мавзеъҳои кӯҳистон умр ба сар мебаранд. Ҳатто дар Помири Шарқӣ ва Тибет маҳалаҳои аҳолинишин то баландиҳои 3500-4000 м-ро дар бар мегиранд.

Сабаби аз замонҳои қадим дар кӯҳистон зиндаги намудани одамон ба андешаи мо чунин аст:

- обу ҳавои тоза дошта, барои саломати мусоид аст;
- кӯҳистон аз сарватҳои табиӣ (об, наботот, ҳайвонот, рекреатсионӣ) бой мебошад;
- маводи сӯзишвории зиёд дорад;
- барои ҳимояи худ аз аҷнабиён.

Сайёҳон ҳаракат мекунанд, ки ба қуллаи кӯҳҳои баланд ва балантарин баромада, аз табиати зебо ва ҳаловатбахши он ҷойҳо баҳравар гарданд. Бояд гуфт, ки туризми кӯҳсор, туризми фаъол мебошад. Туризми кӯҳсор дар навбати худ ба як чанд намуд тақсим мешавад.

Кӯҳнавардӣ. Ин сайёҳат ба кӯҳ, ҳаракат аз болои қуллаҳои кӯҳӣ мебошад. Алпинизми варзишии замонавӣ – ин намуди варзиш, ки ба баландии қуллаҳои кӯҳӣ алоқамандӣ дошта, мувофиқи сайрхате, ки дараҷаи давриаш гуногун буда, дорои нишебиҳои бузург ва яхину барфин мебошад. Роли асосиро дар алпинизм ҳаракат аз болои қуллаҳое, ки баландиашон аз 6000 метр зиёдтар мебозад. Пайдоиши алпинизм ба соли 1786 рост меояд. Дар ин сол аввалин бор кӯҳнавардони Шветсария Ж. Балма ва М. Пакар қуллаи Монбланро (4807) дар кӯҳҳои Алп фатҳ кардаанд [10, с 21].

- Рафтинг. Шино намудан дар рӯдҳои кӯҳӣ мебошад. Ашё ва лавозимотҳои зерин истифода мешаванд: катамарон, бойдарка, каяк ва ғайра.
- Трекинг. Чунин навъи туризм пиёдагардӣ ва раҳпаймоиро дар бар мегирад. Ҳадафи вай тамошои мавзеъҳои зеботарин табиати кӯҳистон маҳсуб меёбад.
- Хайкинг. Хайкинг ба трекинг шабоҳат дорад. Тафовуташ дар он аст, ки дар ин намуди туризм сайёҳон худашон борҳояшонро гирифта мегарданд.
- Спелеотуризм. Сайёҳат ба ғорҳо мебошад. Сайёҳон ба ин намуди туризм бисёр таваҷҷуҳ доранд
- Туризми шикорӣ. Як навъи сердаромади туризми кӯҳистон ба ҳисоб меравад. Дар ҳар давлат гуногун аст. Масалан, дар Тоҷикистон диққати сайёҳонро бештар гусфанди Марко Поло (архар) ба худ ҷалб кардааст. Барои шикори як сар гусфанди архар 240 ҳазор сомонӣ муайян шудааст.

Рекреатсия. Кӯҳҳо захираи зиёди рекреатсионӣ доранд. Онҳо дорои обҳои минералӣ, аҳамияти табобатӣ, манзараҳои зебо, флора ва фаунаи ба худ хос дорад.

Туризим кӯҳии аспсаворӣ як қисми туризми кӯҳӣ буда, хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ин намуди туризм аспҳо истифода мегарданд.

Туризми экологӣ – яке аз намудҳои туризми табиӣ ба ҳисоб меравад. Дар инкишофи экотуризм ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда нақши муҳим доранд. Ба онҳо мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ёдгориҳои табиӣ, боғҳо ва ғайраҳо тааллуқ доранд.

Туризми лижаронии кӯҳӣ. Вай яке аз намудҳои фаъоли туризм маҳсуб меёбад. Туризм волесипедронии кӯҳӣ – як намуди туризми рекреатсионӣ мебошад. Ноҳияҳои кӯҳӣ аз ғорҳо бой буда, барои рушди туризми кӯҳӣ мусоидат мекунад. Онҳо дар натиҷаи равандҳои эндогенӣ ва экзогенӣ ба вуҷуд меоянд.

Барои рушди туризми кӯҳӣ инфрасохтори зерин лозим аст: баъзаи лижаронии кӯҳӣ, кемпинг, бошишгоҳу курортҳо, роҳҳои канатӣ автомобилӣ, мағозаҳо, нуқтаҳои иҷоравӣ, марказҳои дилхушӣ ва амсоли инҳо.

Мардумоне, ки дар ноҳияҳои кӯҳсор зиндагӣ мекунанд, донишҳои дар бораи ҳаёт, ҳодисаҳои табиӣ, фолклор, забон, дин, тарзи табобат таҷрибаи идоракунии сарватҳои табиӣ доранд.

Кӯҳҳо дар замони ҳозира диқати сайёҳонро ба худ ҷалб мекунанд. Мавзеъхое ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо объектҳои ҷалби туристӣ ҷой доранд. Аз ҷумла, дарёҳо, кӯлҳо иқлим, олами набототу ҳайвонот, экосистемаҳо ва амсоли онҳо. Туризми кӯҳӣ якҷояшавии

намудҳои гуногуни истироҳати фоъол ба ҳисоб меравад.

Барои дӯсторони намуди варзиши обӣ бошад, рафтинг ва оббозӣ дар дарёҳои кӯҳӣ шавқовар аст. Ҳамзамон, барои қисми зиёди аҳолӣ, яъне барои сайёҳони одӣ туризми кӯҳӣ ин роҳпаймои ба кӯҳҳо, сайру гашт дар кӯҳистон ба шумор меравад.

Кӯҳҳо макони пиряҳо, чашмаҳои шифобахш, сарватҳои зеризаминӣ фауна ва флора ба ҳисоб рафта, дарёҳо аз онҳо сарчашма мегиранд ва ба даҳҳо миллион нафар одамон ҳаёт мебахшанд.

Ҷиҳати рушди ҳамаи навъҳои туризи кӯҳсор заминаҳои табиӣ, таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавҷуд мебошад.

Туризми ноҳияҳои кӯҳсор аз ҳамвориҳо фарқ дорад. Ноҳияҳои кӯҳсор бо шароити гуногуни географӣ, экосистемаҳо ва ландшафтҳои табиӣ аз ҳамвориҳо тафовут дорад.

Хусусуятҳои релеф ба фаъолиятьи хоҷагидории аҳолӣ таъсири худро дорад. Вобаста ба афзудани баландӣ дар кӯҳҳо зичии аҳолӣ, тарҳ ва симои маҳалаҳои аҳолинишин, сохтмони корхонаҳои саноатӣ, соҳаҳои кишоварзӣ ва ғайраҳо тағйир меёбанд. Ҳамчунин, донистани хусусиятҳои релеф барои ҷойгир намудани муассисаҳои рекреатсионӣ (курортҳо, осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо) муҳим аст.

Пеш аз сафар ба кӯҳҳо сайёҳонро лозим аст, ки ба машқҳои ҷисмонӣ, давидан обу тоб додани организм машғул шаванд. Яъне сайёҳ то сафар ба кӯҳҳо, омода бошад.

Дар туризми кӯҳӣ риояи меъёри ғизо хеле муҳим аст. Масалан, барои баромадан ба баландии 5000 метр сайёҳро лозим аст, ки дар як шабонарӯз ғизо дар ҳаҷми 5000 калория истеъмол намояд.

Ба ғайр аз ин дар як шабонарӯз истеъмоли 4 – 5 литр об лозим аст. Вобаста ба баландӣ талабот ба витаминҳо низ зиёд мегардад. Витаминҳои зеринро бояд истифода намуд : $B_{12,}$ $B_{15,}$ C, B, B_2

Муҳаққиқи соҳаи туризми кӯҳӣ А. Н. Дунес бо дарназардошти азхудкунӣ ва истифодаи захираҳои сайёҳии ноҳияҳои кӯҳистон ҷаҳонро ба 7 минтақа тақсим намудааст [4, с. 180]:

- Ҳудудҳои кӯҳии мамлакатҳои пешрафта, инфрасохтори тараққикарда доранд. Ба ин мавзеъъҳо сайёҳони зиёд меоянд. Ба ин минтақа кӯҳҳои Алп, Аппалачӣ, Кордилерҳо, куҳҳои Харсангӣ ва кӯҳҳои Ҷопон тааллуқ дорад.
- Минтақаҳое, ки дараҷаи истифодаи захираҳои сайёҳӣ баланд аст ва базаи моддӣ – техникии туризми тараққикарда дорад. Вай кӯҳҳои Пиреней, Аппенинҳо, Карпатҳо, Скандинавия, Судетҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад.
- Минтақаҳои кишварҳои пешрафта. Зичии аҳолӣ кам буда, истифодаи захираҳои табиӣ дар дараҷаи миёна ва паст қарор дорад. Баъзаи моддӣ – техникии рушдёфта дорад. Ба ин кӯҳҳои Харсангӣ (дар ҳудуди Канада), қисми шарқии кӯҳҳоии Балкан, кӯҳҳои Аждаҳо, шимолу ғарбии Олой ва амсоли инҳо тааллуқ доранд.
- Минтақаҳое, ки дараҷаи истифодаи захираҳои табиаш баланд ва инфрасохтори миёна ва паст доранд: Кавказ, Урал, Ҳимолой, қисми ғарбии кӯҳҳои Балкан, кӯҳҳои Атлас ва Анди Ҷанубӣ.
- Минтакаҳое, ки итифодаи захираҳои табиӣ дар сатҳи паст қарор дошта, инфрасохтори суст тараққикарда доранд. Дар чунин кишварҳо зичии аҳолӣ паст буда, хизматрасонии сайёҳӣ маҳдуд аст: қисми зиёди Олой – Саян, Тёншон, Помир, кӯҳҳои Аждаҳо, Кордилерҳои Мексика, аксарияти қаторкӯҳҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ ва ғайраҳо.
- Минтақаҳое, ки захираҳои табииро барои туризм истифода намекунанд ва умуман инфрасохтор вуҷуд надорад: Тибет, қисми зиёди кӯҳҳои марказӣ ва шимоли Сибир ва ғайраҳо.
- Минтақаҳое, ки туризм ниҳоят суст рушд ёфтааст ва ё тамоман вуҷуд надорад. Дар чунин ҷойҳо ҷангҳои шаҳрванди мавҷуданд: Ҳиндукуш, кӯҳсори Ҳабашистон.

Таҳлили таснифоти болозикр гувоҳӣ медиҳад, ки қисми зиёди ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон ба минтақаҳое дохил мешаванд, ки истифодаи сарватҳои табиишон дар сатҳи паст қарор доранд ва инфрасохтори сустараққикардаи сайёҳӣ доранд. Ҳамчунин дар ин

ҷойҳо хизматрасонӣ низ дар ҳаҷми маҳдуд сурат мегирад.

Кӯҳҳо манбаи обҳо, энергия ва гуногунии биологӣ маҳсуб меёбанд. Дарёҳои бузург маҳз аз кӯҳҳо ибтидо гирифта, ба водиҳо ҷорӣ мегарданд. Дар кӯҳҳо кӯлҳо ва пиряхҳо ҷойгир шудаанд. Дар кӯҳҳо сарватҳои зеризаминии гуногун мавҷуданд.

Ногуфта намонод, ки кӯҳҳо сарчашмаи энергия мебошанд. Ба захираҳои энергетикии кӯҳҳо чӯб барои сӯзишворӣ, энергияи барқии обӣ, энергияи Офтоб, энергияи бод ва ғайраҳо мансубанд.

Дар кӯҳҳо захираҳои асосии ҷангалзорҳо воқеъ гаштаанд. Аз онҳо чӯб барои сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмонӣ, меваҷот, хӯроки чорво, гиёҳҳои доруворӣ ва дигар маҳсулотро мегиранд.

Ҳамчунин, кӯҳҳо макони катаклизмҳои табиӣ ва антропогенӣ ба ҳисоб мераванд. Ба онҳо зилзила, амалиёти вулқонҳо, тарма, сел, обхезӣ ва дигарон тааллук доранд.

Тоҷикистон кишвари кӯҳистони буда, 93 фоизи онро кӯҳҳо ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ фарқ мекунад. Масалан, дар ноҳияи Ш. Шоҳин кӯҳҳо 95 фоизро ташкил медиҳанд [9. с. 124].

Дар қисми шимолӣ ва шимоли шарқии ноҳия қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ ҷойгир шудааст. Ин қаторкӯҳ 50 миллион сол пеш пайдо шудааст.

Олимон дар ин ҷо таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ боқимондаҳои нармбаданҳои баҳриро ёфтанд. Вай барои рушд додани туризми палеонтологӣ имконият медиҳад.

Кӯҳҳо сарчашмаи захираҳои минералӣ мебошад. Дар натиҷаи равандҳои эндогенӣ ва экзогенӣ сарватҳои зеризаминии гуногун пайдо мешаванд.

Дар қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ конҳои ангишт, намак, маъдани тилло, сангҳои сохтмонӣ ва ғайраҳо мавҷуданд.

Кони ангишти Шӯрообод дар давраи юра пайдо шудааст ва яке аз конҳои калонтарини ангишт ба ҳисоб меравад. Захираи умумии геологиаш ба 638 млн т баробар аст. Сифати ангиштсанг паст мебошад [12, с. 118].

Конҳои намак дар охири давраи юраи даҳри мезозой ба амал омаданд. Яъне 140 милион сол пеш дар дар миқёси Тоҷикистон кӯлҳои на онқадар ва ҷангалзорҳои бисёр мавҷуд буданд. Дар ин кӯлҳо тадриҷан намак таҳшин шуда буд. Табақаҳои намакро дигар ҷинсҳои кӯҳӣ- рег, гаҷ, ва ғайра пушидаанд. Бо мурури замон дар натиҷаи фишори ҷинсҳои кӯҳии болоӣ намак ҷинсҳои атрофро тела дода, боло баромадааст [1, с. 65].

Тазаккур бояд дод, ки релефи ин минтақа нисбат ба марзҳои ҳамсоя ҷавонтар аст.

Тибқи маълумоти олимон конҳои тилло асосан дар таркиби регсангҳо ва конгломерат хобидаанд. Бештар конҳои пошхурдаи тилло паҳн шудаанд. Ҳоло коркарди тилло дар мавзеи Дулоба бо ҳамкории коршиносони Чин ба роҳ монда шудаанд.

Ашёҳои маҳсулоти сохтмонӣ низ фаровон аст. Аз ҷумла, конҳои гил, рег, шағал, оҳаксанг, гаҷ, сангҳои бинокорӣ ва монанди инҳо. Конҳои гач дар давраи палеоген ва юра, конҳои гил дар давраи палеоген пайдо шудаанд.

Кӯҳҳо манбаи ҳавои тоза ва ҳаловатбахш мебошанд. Барои фароғату барқарор намудани саломати одамон бисёр муҳим аст. Дар қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ иқлими муътадил (аз 1000 то 3500 м) ва иқлими хунук (аз 3000 м боло) бартарӣ дорад. Барои ҷалби сайёҳон фаслҳои баҳору тобистон беҳтар аст.

Бояд гуфт, ки кӯҳҳо манбаи асосии об ва энергия ба ҳисоб мераванд. Аз кӯҳҳои ноҳия дарёҳои Обиниёб, Шпелов, Дулоба, Чилча, Зарбуз ва ғайраҳо сарчашма гирифта, ба дарёи Панҷ мерезанд. Ҳамаи дарёҳо кӯҳӣ буда, барои инкишоф додани рафтинг мусоидат мекунанд.

Дар кӯҳистон хелҳои гуногуни хокҳо паҳн шудаанд. Аз ҷумла дар қаторкӯҳи Ҳазрати Шоҳ чунин навъҳои хок дучор меояд: хокҳои хокистарранги тира (аз баландии 900 м то 1500 м), хокҳои ҷигарранг (дорчин) (аз баландии 1600 м то 2800 м), хокҳои баландкӯҳ (аз баландии 2900 м то 3800 м).

Дар ноҳияҳои кӯҳистон экосистемаҳо ва ландшафтҳои гуногун паҳн шудаанд, ки барои ҷалби сайёҳҳон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла дар қаторкӯҳҳои Ҳазрати Шоҳ чунин

намудҳои ландшафт вомехӯранд [2. с, 21]:

1. Минтақаҳои дашт. Даштҳо дар баландии 900 м то 1500 м воқеанд. Дар даштҳо асосан рустаниҳои алафӣ ва баъзе буттагиҳо дучор меоянд. Масалан, адрасмон, типчоқ, ковил, явшон, чоқла, мятлик, гули хайрӣ, чойкаҳак, талха, субинак, тархун пудинаи лалмӣ, гули сиёҳгӯш ва монанди инҳо. Даштҳо дар фасли тобистон чарогоҳи хуб мебошанд.

2. Минтақаҳои бешазорҳо. Дар минтақа бешазор кам аст. Ҷангалзорҳо аз баландии 1600 м сар карда то баландии 3000 м вомехӯранд. Бешазорҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мункин аст.

- Бешаҳои майдадарахт (шибляк).
- Бешаҳои паҳнбарг ва маҳинбарг.

Ҷангалзорҳои майдадарахт дар қисми поёнтари минтақа воқеъ буда, бешаҳои паҳнбарг ва маҳинбарг болотар аз онҳо паҳн шудаанд.

Майдони бешазорҳо дар ноҳияи Ш. Шоҳин ба 41 ҳазор га мерасанд. Дар ҷангалзорҳо бештар аз ҳама пистазорҳо зиёданд.

Баландии дарахтони писта 6-8 м буда, дарозумр ба ҳисоб мераванд. Пистаро дарахти ҳаёт меноманд. Мағзи вайро барои табобати камхунӣ, ҷигар, касалиҳои меъда ва сил истифода мебаранд. Дар саноати қанодӣ истифода шуда, модаи хуби даббоғӣ ва рангуборӣ корбаст мешавад.

Дарахти писта барои муҳофизат аз эрозияи хок нақши муҳим дорад. Дар ин ҷо ҳамагӣ як намуди писта (пистаи хандон) мерӯяд. Вай дар баландиҳо 800-1800 м вомехӯрад.

Ҳамзамон дар ҷангалзорҳои қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ заранги туркистонӣ, арчаи зарфшонӣ, юғани хуроки чорво, шулаш, бодоми бухоройӣ, калофаки гулкалон, заранги Регел, дулонаи понтий, анҷир, бушол, себҳои худрӯй, зелол, яхманак ва монанди инҳо месабзанд. Сарҳади паҳншавии наботот гуногун аст. Инро аз ҷадвали зерин таҳлил намудан мункин аст (ҷадвали 1). Таҳлили ҷадвал гувоҳӣ медиҳад, ки набототи бешазорҳо аз 700 м сар карда то баландии 2400 м дучор меоянд.

Ҷадвали 1 [8. с, 44]

Ҷойгиршавии фарозии наботот дар ҳудуди ноҳия

Номи растанӣ	Сарҳади поёнӣ	Сарҳади болоӣ
Анори худрӯй	900	1000 - 1500
Анҷир	1000	1500
Бодом	700 - 1500	1500 - 2000
Бушол	700 - 1500	1500 - 2000
Дулона	900 - 1600	1500 - 2000
Зелол	1500	2000
Ирғай	1500	2000
Арча	1400	2000
Себи худрӯй	1700	2400
Туғ	1500	2000
Шулаш	700	1500
Яхманак	800	1700
Писта	800	1800

Олами ҳайвоноти минтақаи бешазорҳо гуногун аст ва вобаста ба баландӣ тағйир меёбанд. Барои ҷалби сайёҳҳон ва рушди туризм донистани олами ҳайвонот ва ҷойгиршавии онҳо аҳамияти калон доранд. Дар бешазорон ғуки сабз, агамаи туркистонӣ, агамаи ҳимолоӣ, мори печони шарқӣ, хорпушти гӯшдор, хаффошак, паланги барфӣ, гург, рубоҳ, савсор, муши ҷангалӣ, бузи кӯҳии сибирӣ, бузи пармашох, хуки ваҳшӣ, кабк, кабутари кабуд ва ғайраҳо сукунат доранд.

Аз байни онҳо паланги барфӣ (ибрис), бузи пармашохва кабутари кабуд бештар диққати сайёҳонро ба худ ҷалб мекунанд. Бояд гуфт, ки фаъолияти сайёҳӣ метавонад ба олами набототи минтақа таъсири манфӣ расонад.

Бештар ба наботот нақлиёти сайёҳон таъсири калон мерасонад. Баъзан пӯшиши

рустаниҳо нобуд мегардад. Барои он касе, ки қонунро вайрон мекунанд ҷаримаҳои калон роҳандозӣ мешавад. Инчунин ташкил намудани пайраҳаҳои махсус барои сайёҳон ба мақсад мувофиқ аст.

Фаъолияти сайёҳӣ дар ин минтакаҳо боиси камшавии олами набототи ваҳшӣ аз байн рафтани онҳо мегардад. Алалхусус, садоҳои гуногун, масалан, таҷҳизоти дастӣ, заврақҳои моторӣ, наклиёти автомобилӣ ва ғайраҳо ба маҳали сукунат, тарзи зиндагонӣ, афзоиш ва таркиби намудҳои ҳайвоноти ваҳшӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар минтақаи бешазорон хокҳои хокистаранги сиёҳтоб ва ҷигарранг (дорчин) паҳн шудаанд.

Иқлими бешазорҳо муътадил буда, соле аз 1000 мм то 1200 мм боришот меборад. Яъне аз сабабҳои гуногуншаклии набототи ва ҳайвонот – ин боришоти зиёд маҳсуб меёбад.

3. Минтақаҳои алпӣ ва субалпӣ.

Минтақаи субалпӣ ва алпӣ дар баландии беш аз 3000 м воқеъ гаштаанд. Иқлими он тобистон салқин ва замистонаш хунук мебошад. Ҳарорати миёнаи тобистон ба +15 ^{0}C, +25^{0}C ва зимистон -10^{0}C, -12^{0}C баробар аст.

Миқдори миёнаи боришот 600 – 800 мм –ро ташкил медиҳад. Хокҳои баландкӯҳии даштӣ паҳн шудаанд.

Дар ин ҷо асосан ду навъи марғзорҳо вомехӯранд. Яке бо алафҳои баланд ва дигаре бо алафҳои паст. Бештар думи рӯбоҳ, торон, ҷави туркистонӣ, кобрез, панҷагул, зағоза, типчоқ, ва дигарон мерӯянд. Марғзорҳо чун чарогоҳи тобистона истифода карда мешаванд.

Аз ҳайвонот мори чипор, калтакалоси кӯҳӣ, тирмор, кабк, гунҷишки сурх, арзансӯрхак, бургут, булбул, сабъа, дуроз, мурғу ҳилол, (улар) доснул, товусаки биҳиштӣ, уқоб, соч, каргас, шоҳин суғур, хирси мала, гӯсфандони кӯҳӣ ва дигарон сукунат доранд.

Таҳлили ландшафтҳои табиии қаторкӯҳҳои ноҳия нишон медиҳад, ки вобаста ба орография ва тағирёбии иқлим як чанд экосистемаҳои табиӣ ба амал омадааст, ин гуногуншаклии ландшафтҳои табиӣ барои ҷалби сайёҳон бисёр муҳим аст.

Дар замони ҳозира бо рушди минтақаҳои кӯҳистон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, зеро, ки тараққиёти иҷтимоӣ ва қтисодии давлат аз минтақаҳои кӯҳистон вобастагии муҳим дорад.

Дар айни замон ноҳияҳои кӯҳистон зери таъсири омилҳои антропогенӣ ва техногенӣ қарор доранд.

Тазаккур бояд дод, ки ҳифз ва рушди экосистемаҳои кӯҳӣ солимии муҳити зистро кафолат медиҳанд.

Имкониятҳои рушди сайёҳӣ дар мавзеъҳои кӯҳии ноҳияи Ш. Шоҳин хуб аст. Яъне зарфиятҳои сайёҳӣ ва рекреатсионии кӯҳҳо ба ин мусоидат мекунад. Қариб тамоми намудҳои сайёҳиро дар ин ҷо ташкил кардан мумкин аст.

Ба монанди сайёҳии экологӣ, рафтинг пиёдагардӣ, маърифатӣ, хайкинг, трекинг, кӯҳнаварди ғоромӯз (спелеология) ва амсоли инҳо.

Ҳудудҳои кӯҳӣ аз ҷиҳати фаъолияти рекреатсионӣ нисбатан кам омӯхта шуданд.

Дар ин ҷо танҳо туризми экологӣ ва фарҳангӣ каму беш инкишоф ёфтааст. То ҳанӯз дар ин мавзеъҳо ягон муасисаҳои рекреатсионӣ вуҷуд надоранд. Ҳоло он ки дар ин ҷо чашмаҳои зиёди маъданӣ ва маконҳои фароғатию табобатӣ зиёданд. Яъне инфрасохтори сайёҳӣ рушд накардааст. Якқатор монеаҳо мавҷуданд, ки барои пешрафти соҳаҳои сайёҳӣ халал эҷод менамояд.

Аз ин рӯ, барои рушди соҳаи сайёҳӣ чунин тадбирҳоро роҳандозӣ бояд намуд:

1. Маблағгузорӣ дар соҳаи туризм. Ҳалли ин мушкилот барои кишвари мо бисёр муҳим, зеро ки ин боиси рушди иқтисодиёт мегардад.
2. Омода намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ. Ҳоло дар мамлакат, дар мамлакат, дар донишгоҳҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Душанбе, Хоруғ кадрҳои соҳаи туризмро омода менамоянд. Инчунин дар Тоҷикистон Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ фаъолият дорад. Умедворем, ки ин мушкилот дар солҳои наздик ҳал хоҳад шуд.

3. Рушд додани шабакаи нақлиётии ба замони муосир ҷавобгӯй. Ин мушкилот солҳои охир дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҳал шуда истодааст.

4. Сохтани роҳҳо дар мавзеъҳои кӯҳистони ноҳияи Ш. Шоҳин. Масъалаи мазкур то ҳанӯз ҳал нашудааст. Танҳо роҳҳои пиёдагард ва пайраҳаҳои кӯҳӣ мавҷуд асту халос.

5. Ташкили базаҳои туристии кӯҳӣ. Ба ин исгоҳҳо бошишгоҳҳои мавсимӣ, лагерҳо, мағозаҳо ва монанди инҳо, дохил мешаванд.

6. Ташкил ва истеҳсоли таҷҳизоти туристии кӯҳнавардӣ. Баъзе корхонаҳо оид ба истеҳсоли (сару либос ва хаймаҳо) лавозимоти сайёҳӣ мавуданд. Аммо ин талаботи сайёҳиро қонеъ карда наметавонад.

7. Рушд додани хизматрасонии тиббӣ. Дар ноҳия чунин навъи хизматрасонӣ вуҷуд надорад. Лозим аст, ки баҳри нигоҳдоштани саломатии сайёҳон хизматрасонии тиббиро бояд ба роҳ монд.

8. Ташкил намудани бозори туристӣ. Ноҳияи Ш. Шоҳин дар ду тарафи роҳи байналмилалии Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Қулма воқеъ аст. Аҳолӣ метавонанд, маҳсулоти худро (тоқӣ, чаканҳо, сӯзаниҳо, гарданбандҳо, маҳсулоти агротуризм) бароварда, ба сайёҳони хориҷӣ ва ватанӣ фурӯшанд.

9. Ташкил намудани ширкатҳои сайёҳӣ. Дар айни замон дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ як ширкати сайёҳӣ (ҶДММ «Морхур») вуҷуд дорад, ки он ҳам фаъолияти хуб надорад.

10. Вусъат додани ташвиқоту тарғиботи туристӣ. Ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ҷойҳои зебо ва тамошобобу диққатҷалбкунанда бисёр дорад. Онҳоро тавассути буклетҳо, варақчаҳо, китобчаҳо паҳн намудан лозим аст. Ҳамчунин, расонаҳои хабарӣ дар ин ҷода нақши муҳим доранд. Дар сайтҳои интернетӣ низ маълумотномаҳоро паҳн кардан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки туризми дохилӣ ва хориҷиро дар ин минтақа рушд диҳем.

АДАБИЁТ:

1. Баротов Р.Б. Ганҷи кӯҳистон / Р. Б. Баротов. – Душанбе: Маориф, 1985 – 104 с.
2. Баротов Ҷ. Қ. Географияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Қ. Баротов, –Душанбе: Бухоро, 2015 – 120 с.
3. Гадоев Ш.Д. Имкониятҳои рушди туризми экологӣ дар марзи мамнуъгоҳи Даштиҷум. / Ш. Д. Гадоев. – Душанбе, 2022. - 150 с.
4. Дунец А. Н. Туристко – рекреационое пространство горного трасгранничного региона: теория организации и развития / А. Н. Дунец: – Барнаул, 2011. - 410 с.
5. Китоби Сурхи Тоҷикистон. – Душанбе: 2015. – 520 с.
6. Мамадризохонов А. А. Экотуризм дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон / А. А. Мамаризохонов. – Душанбе, 2013. -483 с.
7. Раҳимов М. Р. Табиат ва сарватҳои табиии Тоҷикистон / М. Р. Раҳимов. – Душанбе, 2001. -132 с.
8. Раҳимов А. И. Географияи вилояти Хатлон / А. И. Раҳимов, Ҷ. Қ. Баротов, А. Қ. Мирзоев. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. -144 с.
9. Раҳимов А. И. Ноҳияҳои маъмурии минтақаи Кӯлоб / А. И. Раҳимов, Ҷ. Қ. Баротов, А. Қ. Мирзоев. – Хуҷанд, 2024. -144 с.
10. Раҳимов О. Д. Роҳҳои бартарафсозии мушкилоти иқтисодӣ ва рушди туризм дар минтақаҳои кӯҳӣ / О. Д. Раҳимов. – Хуҷанд: – Нури маърифат, 2022. -90 с.
11. Резенов И. А. Образование гор / И. А. Резанов. -М. : Наука, 1977. -174 с.
12. Худойбердиев С. Ҷуғрофияи Тоҷикистон/ С. Худойбердиев, М. Раҳимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. -244 с.

ЗАРФИЯТИ КӮҲҲО ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯИ Ш. ШОҲИН)

Мақолаи мазкур ба туризми экологӣ бахшида шудааст. Дар мақола оид ба нақши кӯҳҳо дар ҳаёти инсоният маълумот дода мешавад. Чи тавре муаллифи мақола қайд менамояд, кӯҳҳо 40%- и сатҳи хушкиро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон тафовути

зиёд дорад. Аз ҷумла, 93%-и Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд.

Кӯҳҳо объекти муҳими сайёҳӣ ба ҳисоб мераванд. Диққати бештари сайёҳонро кӯҳҳо ба худ ҷалб менамоянд. Дар кӯҳҳо намудҳои гуногуни туризмро рушд додан мункин аст. Сарватҳои рекреатсионии кӯҳҳо ниҳоят зиёданд.

Иқлими ҳаловатбахш, чашмаю рудҳои кӯҳӣ, манзараҳои дилангез ва ғайраҳо аз ҷумлаи захираҳои рекреатсионии кӯҳҳо маҳсуб меёбад. Ин имконият медиҳад, ки дар кӯҳҳо муассисаҳои рекреатсионӣ бунёд карда шавад.

Ҳамчунин, дар мақола доир ба рушди туризми кӯҳӣ дар ноҳияи Ш. Шоҳин сухан меравад.

Маълум аст, ки 95%-и ноҳияро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Дар ноҳия барои пешрафти туризми кӯҳӣ заминаҳои табиӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ вуҷуд доранд. Аммо ба ҳамаи инҳо нигоҳ накарда, дар ноҳия сайёҳӣ ба оҳистагӣ пеш меравад.

Калидвожаҳо: кӯҳ, қаторкӯҳ, зинаҳои кӯҳӣ, мамнуъгоҳ, ноҳия, минтақа, флора, боришот, бод, ҳарорати ҳаво, иқлим, хок, зонаҳои табиӣ, инфрасохтори табиӣ, беша, дашт, субалпӣ, алпӣ, туризми экологӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зоиров Исмон Бобохонович - саромӯзгори кафедраи география ва сайёҳӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Телефон: (+992) 911 37 88 86.

ПОТЕНЦИАЛ ГОР И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ТУРИЗМА (НА ПРИМЕРЕ РАЙОНА Ш. ШАХИН)

Статья посвящена экологическому туризму. В статье представлена информация о роли гор в жизни человека. Как отмечает автор, горы составляют 40% поверхности суши. Этот показатель сильно варьируется в разных регионах мира. В частности, 93% территории Таджикистана занимают горы.

Горы являются важным туристическим объектом. Горы привлекают наибольшее внимание туристов. В горах возможно развитие различных видов туризма.

Рекреационные ресурсы гор чрезвычайно богаты.

Приятный климат, горные источники и реки, захватывающие дух пейзажи и т. д. относятся к рекреационным ресурсам гор. Это позволяет создавать рекреационные объекты в горах.

В статье также рассматривается развитие горного туризма в районе Ш. Шахин.

Известно, что 95% территории района занимают горы. Район имеет природные, исторические и культурные предпосылки для развития горного туризма. Однако, несмотря на всё это, туризм в районе развивается медленно.

Ключевые слова: гора, горный хребет, горные степи, природный заповедник, район, регион, флора, осадки, ветер, температура воздуха, климат, почва, природные зоны, природная инфраструктура, лес, степь, субальпийский, альпийский, экологический туризм.

Сведения об авторах: Зоиров Исмон Бобохонович – старший преподаватель кафедры географиии туризма Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон: (+992) 911 37 88 86.

THE POTENTIAL OF MOUNTAINS AND THEIR ROLE IN TOURISM DEVELOPMENT (USING THE SHAHIN DISTRICT AS AN EXAMPLE)

This article is devoted to ecotourism. It presents information about the role of mountains in human life. As the author notes, mountains make up 40% of the land surface. This figure varies greatly across different regions of the world. In particular, 93% of Tajikistan's territory is mountainous. Mountains are an important tourist attraction.

Mountains attract the greatest attention from tourists. Various types of tourism can be developed in the mountains.

The mountains offer very rich recreational resources. A pleasant climate, mountain springs and rivers, breathtaking landscapes, etc., all contribute to the mountains' recreational potential.

This allows for the creation of recreational facilities in the mountains.

The article also discusses the development of mountain tourism in the Shahin District.

It is known that 95% of the district's territory is mountainous. The district has natural, historical, and cultural prerequisites for the development of mountain tourism. However, despite all this, tourism in the district is developing slowly.

Key words: mountain, mountain range, mountain steppes, nature reserve, district, region, flora, precipitation, wind, air temperature, climate, soil, natural zones, natural infrastructure, forest, steppe, subalpine, alpine, ecotourism.

Information about the author: Zoirov Ismon Bobohonovich – senior lectuer of the Department of Political Science, Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Phone: (+992) 911 37 88 86.

УДК: 339.9(575.3+410)

РОБИТАҲОИ ТИҶОРАТӢ, ИҚТИСОДӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ МИЁНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА БРИТАНИЯИ КАБИР - ДУРНАМОИ ОНҲО

Иброҳимов И.Н.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар ҷаҳони муосир муносибатҳои байналмилалӣ соҳаҳои зиёд, аз ҷумла тиҷорат, иқтисод ва сармоягузориро фаро мегиранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир, сарфи назар аз дурии назарраси географӣ, хоҳиши рушди ҳамкориҳои мутақобилан судмандро нишон медиҳанд.

Дар самти равобити тиҷоратӣ бояд қайд кард, ки ҳаҷми гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Британиё дар ҳоли ҳозир маҳдуд боқӣ мемонад, аммо ҳарду мамлакат ба тавсеаи он манфиатдоранд. Содироти Тоҷикистонро асосан маҳсулоти кишоварзӣ, маъдан ва металл ташкил медиҳад. Дар навбати худ, Британияи Кабир доираи васеи молҳо ва хизматрасониҳо, аз ҷумла маҳсулоти технологӣ, дорусозӣ ва хизматрасониҳои пешрафтаи молиявиро пешниҳод мекунад.

Барои фаъол гардонидани муносибатҳои тиҷоратӣ бояд ба рафъи монеаҳои мавҷудаи тиҷоратӣ, соддагардонии расмиёти гумрукӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои содиркунандагон таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар ин раванд талошҳои дипломатӣ ва ҳамкории фаъоли доираҳои тиҷоратии ҳарду мамлакат нақши муҳим мебозанд.

Муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Британияи Кабир ҳамчунин бахшҳои молия, сармоягузорӣ ва рушди умумии иқтисодиро фаро мегиранд. Британияи Кабир ҳамчун як бозигари муҳим дар бозори молиявии ҷаҳонӣ таҷрибаи арзишманд дорад, ки метавонад барои Тоҷикистон дар навсозии низоми молиявӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди зерсохтори он муфид бошад.

Илова бар ин, Британияи Кабир метавонад Тоҷикистонро дар таҳлили иқтисодӣ, банақшагирии стратегӣ ва идоракунӣ дастгирӣ намояд. Ин махсусан дар заминаи татбиқи лоиҳаҳои азими инфрасохторӣ, аз қабили сохтмони роҳҳо, пулҳо ва иншооти энергетикӣ муҳим аст.

Тоҷикистон ва Британияи Кабир барои тавсеаи ҳамкориҳо дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт ва логистика иқтидори назаррас доранд. Тоҷикистон дорои захираҳои ғании табиӣ ва иқтидори назарраси рушди бахши кишоварзӣ мебошад, дар ҳоле ки Британияи Кабир дорои иқтисодиёти пешрафта ва технологияву инноватсияҳои пешрафта мебошад. Чунин ҳамкорӣ метавонад асоси шарикии ба ҳамдигар фоидабахш гардад.

Сарфи назар аз иқтидори назаррас, гардиши молии феълӣ миёни Тоҷикистон ва Британияи Кабир нисбатан муътадил боқӣ мемонад. Барои баланд бардоштани он муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла рушди инфрасохтор, фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя зарур аст.

Тақвияти равобити иқтисодии Тоҷикистону Британияи Кабир барои ҳарду ҷониб имкониятҳои васеъ мекушояд. Британияи Кабир метавонад ба манбаи дастрасӣ ба технологияҳои пешрафта, бозорҳои байналмилалӣ ва ҷараёни сармоягузории Тоҷикистон табдил ёбад. Дар навбати худ, Тоҷикистон ба соҳибкорони британиёӣ самтҳои ояндадори рушд дар бахшҳои мухталифи иқтисод пешниҳод мекунад.

Гузашта аз ин, ҳамкории зичи иқтисодӣ метавонад мавқеъҳои ҳарду мамлакатро дар арсаи ҷаҳонӣ таҳким бахшад. Ба ин тавассути иштироки фаъолона дар форумҳои байналхалқии иқтисодӣ, конфронсҳо ва лоиҳаҳои муштарак ноил шудан мумкин аст.

Моҳи сентябри соли 1994 дар асоси Комбинати тиллои Тоҷикистон корхонаи муштараки тоҷикӣ-британӣ ҶДММ «Зарафшон» таъсис ёфт. Сохтори ҶДММ конҳои истихроҷи маъдан, комбинати коркард ва истеҳсоли хӯлаи «Доре»-ро дар бар мегирифт. Ширкати британиёии Commonwealth & British Minerals Limited (CBML), ки зертобеи ширкати офшории «Нельсон голд» (Nelson Gold Corp) аз ҷазираҳои Бермуд буд, 49% саҳмияҳои ҶДММ «Зарафшон»-ро соҳиб буд.

Мавриди зикр аст, ки рушди саноати тиллокории Тоҷикистон соли 1990 бо ба кор андохтани Комбинати тиллои Тоҷикистон, ки ба истеҳсоли шлих ихтисос дошт, оғоз ёфт [4]. Соли 1992 дар Корхонаи гидрометаллургии Исфара барои коркарди консентратҳои тиллодор, ки аз комбинат меомаданд, имкониятҳо фароҳам оварда шуданд. Қадами муҳимтарин кушода шудани истеҳсолоти аффинажӣ дар Чкаловск (ҳоло Бустон) дар заводи КВД «Востокредмет» дар аввали соли 1994 буд. Ин корхона барои гирифтани зарфҳои тилло ва нуқра пешбинӣ шуда буд [7, с. 35].

Моҳи январи соли 1996 барои азхудкунии конҳои тиллои «Ҷилау» марҳилаи якуми комбинати тилло ба истифода дода шуд. Иқтидори лоиҳавии ин марҳила тақрибан ду тонна хӯлаи «Доре» дар як солро ташкил медод. Аффинажи тилло ва нуқра дар заводи КВД «Востокредмет» амалӣ карда мешуд [5].

Соли 1996 ҶДММ «Зарафшон» 1252 кг тилло истихроҷ кард [7, С. 36]. Аммо, бинобар ихтилофоти байни сармоягузорони хориҷӣ дар ҶДММ «Зарафшон» ва ҳукумати Тоҷикистон, истихроҷ дар кони «Ҷилау» қатъ карда шуд. Соли 1997 низоъ ҳал карда шуд ва ба корхона иҷозат дода шуд, ки тиллои истихроҷшударо озодона содир кунад [6, с. 123].

Моҳи октябри соли 2000 соҳиби пакети назоратии ширкати Nelson Resources, ки 49% ҶДММ «Зарафшон»-ро соҳиб буд, иваз шуд. Ширкатҳои офшории Central Asian Industrial (35%) ва Korinth Trade & Invest Corp. (35%), ки ба тоҷирони қазоқ тааллуқ доштанд, 70% саҳмияҳои Nelson Resources-ро ба маблағи 15, 2 миллион доллари ИМА харидорӣ карданд.

31 марти соли 2023 муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид дар Форуми сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон ва Британияи Кабир, ки дар шаҳри Лондон баргузор шуд, ширкат варзид. Ин Форум аз ҷониби Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ташкил шуда буд. Дар доираи он, масъалаҳои муҳиме чун Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ дар Минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат муаррифӣ гардиданд [1].

Дар идомаи Форум ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни Форум аз соҳибкорон ва сармоягузорони Британияи Кабир даъват ба амал омад, ки дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории мамлакат, бахусус дар таъсиси корхонаҳои муштарак дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон фаъолона иштирок намоянд ва саҳмгузор бошанд [1].

14 ноябри соли 2024 дар доираи Созишномаи шарикии идораи хавфҳои офатҳои табиӣ байни Кумитати ҳолатҳои фавқулода (КҲФ) Тоҷикистон ва Ҳукумати Британияи Кабир аз 13 то 15 ноябр дар мамлакат дастаи байналмилалии ҷустуҷӯ ва наҷоти Шоҳигарии Муттаҳида қарор дорад. Ин бори аввал аст, ки чунин ҳайат ташриф оварда [2]. Раиси КҲФ, генерал-полковники милитсия Р. Назарзода чор наҷотдиҳандаи британиёӣ ва намояндаи Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистонро ба ҳузур пазируфт. Сардори КҲФ ба меҳмонон дар бораи самтҳои асосии фаъолияти кумита маълумот дода, аҳамияти ҳамкории амалиро таъкид кард. Ҷониби Тоҷикистон изҳор дошт, ки «Мо барои таҳкими имкониятҳо ва қобилиятҳои худ дар ин соҳа ҳамкории муштаракро идома хоҳем дод» [2].

Ҳайат бо фаъолияти Маркази идораи ҳолатҳои кризисӣ ва Раёсати хадамоти махсуси ҷустуҷӯ ва наҷот шинос шуд. Ҳадафи сафар – мубодилаи таҷриба, арзёбии маҳорат, қобилият ва муҷаҳҳазгардонии воҳидҳои наҷотдиҳанда, инчунин муайян кардани ниёзҳо дар посух ба ҳолатҳои фавқулода, бахусус дар соҳаи корҳои ҷустуҷӯ ва наҷот ба ҳисоб мерафтанд.

11 апрели соли 2025 Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Холмаҳмадзода Солеҳа бо Сафири Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кэтрин Смиттон, мулоқот кард. Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо аз ҳамкориҳои дуҷониба изҳори қаноатмандӣ намуда, дар мавриди таҳкими минбаъдаи онҳо табодули афкор намуданд. Қайд гардид, ки аз моҳи августи соли 2022 инҷониб, бо мақсади дастгирии муҳоҷирати бехатар ва танзимшуда дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Созмони Байналмилалии Муҳоҷират бо маблағгузории Британияи Кабир лоиҳаи минтақавии асосиро дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон амалӣ менамояд. Айни замон марҳилаи сеюми ин лоиҳа татбиқ шуда истодааст [3].

Бояд қайд кард, ки дар доираи ин лоиҳа дар Хадамоти муҳоҷират ва МД “Марказҳои машваратии омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ” корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд. Вазорат саҳми Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистонро дар дастгирии муҳоҷирати бехатар ва танзимшаванда хеле муҳим арзёбӣ намуда, барои ҳамкориҳои минбаъда пешниҳодҳо манзур кард. Ҷонибҳо изҳори умедворӣ намуданд, ки ин пешниҳодҳо амалӣ хоҳанд шуд [3].

13 марти соли 2025 **в**азири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа бо Сафири навтаъйини Британияи Кабир дар Душанбе хонум Кэтрин Смиттон мулоқот намуд. Дар ҷараёни мулоқот сатҳи ҳамкории кунунии ду мамлакат дар соҳаи энергетика ва захираҳои об мавриди баррасӣ қарор гирифт. Вазири энергетика ва захираҳои об таъкид кард, ки Тоҷикистон, ҳамчун мамлакати дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ, ҳамкории зичро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Британияи Кабир, барои пешбурди лоиҳаҳои устувор ва татбиқи технологияҳои пешрафта дар бахши энергетика муҳим мешуморад. Ҷонибҳо омодагии худро барои густариши ҳамкориҳо ва пешбурди лоиҳаҳои муштарак дар самти энергетика ва захираҳои об тасдиқ намуданд [10].

30 апрели соли 2025 вохӯрии Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Раҳимзода ва Сафири Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Кэтрин Смиттон баргузор гардид. Хабаргузории «Ховар» бо истинод ба ин кумита хабар медиҳад, ки дар ҷараёни мулоқот роҳҳои густариши ҳамкориҳои Тоҷикистону Британияи Кабир дар самти ҷалби сармоя баррасӣ шуд.

Ҷонибҳо оид ба тавсеаи ҳамкорӣ дар бахшҳои муҳими стратегӣ табодули афкори судманд анҷом доданд. Таваҷҷуҳи хоса ба рушди устувор дар шароити тағйири иқлим, манобеъи барқароршавандаи энергия - энергияи сабз ва гидроэнергетика, инчунин имкониятҳои васеи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон зоҳир гардид.

Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ захираҳои зиёди истифоданашудаи нерӯи обии тоза дорад. Илова бар ин, масъалаҳои ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи суботи экологӣ ва гузариш ба иқтисоди «сабз», ки ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди ҳарду мамлакат мувофиқат мекунанд, баррасӣ шуданд.

Сафири Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасмандии мамлакаташро ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ки ба афзалиятҳои глобалии муборизa бо тағйирёбии иқлим ва рушди устувори иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошанд, изҳор намуд. Ҷонибҳо омодагии худро барои фароҳам овардани фазои шаффоф ва мутақобилан судманди сармоягузорӣ изҳор доштанд [9].

20 майи соли 2025 дар Лондон Форуми кӯҳкории Тоҷикистон ва Британия баргузор шуд, ки дар он намояндагони Сарраёсати геология ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон имкониятҳои кӯҳкории мамлакатро муаррифӣ карданд. Душанбе умедвор аст, ки ин форум сармоягузории Британияро ҷалб карда, табодули таҷрибаро таъмин намуда, имкониятҳоро барои шарикии мутақобилан судманд дар ҳамаи марҳилаҳои истихроҷи маъдан, аз ҷумла маъданҳои қимматбаҳо ва стратегӣ муҳайё хоҳад кард.

Интизор меравад, ки ин чорабинӣ ба таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни ду мамлакат мусоидат хоҳад кард [8].

1 августи соли 2025 Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин Сафири фавқулода ва мухтори Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кэтрин Смиттонро ба ҳузур пазируфт. Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Шоҳигарии Муттаҳидаро баррасӣ намуда, оид ба ба таҳкиму густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун изҳори назар карданд.

Аз ҷумла, масоили тавсеаи ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, энергетика, маориф ва илм, инчунин масъалаҳои амнияти минтақавӣ ва муборизаи бо терроризм ва экстремизм мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифтанд. Вазири корҳои хориҷӣ аз саҳми муҳими Шоҳигарии Муттаҳида дар дастгирии ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ёдовар шуда, баён дошт, ки мамлакаташ ба густариши минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ бо Лондон таваҷҷуҳи хосса дорад. Сафир Кэтрин Смиттон низ аз саъю кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар самти рушди устувор ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа баҳои баланд дод ва омодагии мамлакаташро барои идомаи ҳамкорӣ дар ин самтҳо таъкид кард. Дар охир, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва таҳкими робитаҳои дуҷониба талошҳои худро идома хоҳанд дод.

Муҳоҷират ба як падидаи ҷаҳонии муосир табдил ёфтааст. Дар ин замина, мақомоти Тоҷикистон низ пайваста роҳҳои нави муҳоҷирати меҳнатиро барои шаҳрвандони мамлакат меҷӯянд. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои нави корӣ дар хориҷа бо як қатор мамлакатҳо ҳамкориҳои судбахшро ба роҳ мондааст.

Ин ҳамкорӣ ба муҳоҷирони меҳнатии тоҷик имкон додааст, ки тавассути шартномаҳои байнидавлатӣ ба мамлакатҳои Аврупо, Корея, Туркия ва дигар мамолики ҷаҳон сафар карда, дар бахшҳои гуногун фаъолияти меҳнатӣ баранд.

Ҳамин тавр, бо ибтикори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар толори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо иштироки қариб 700 нафар хоҳишмандон мулоқот баргузор шуд. Ин мулоқот бо намояндагони ширкати «HOPS» сурат гирифт, ки дар соҳаи сафарбарсозии муҳоҷирони меҳнатӣ ба Британияи Кабир тахассус дошт.

Бояд зикр кард, ки «HOPS» беш аз 30 сол аст, ки дар ин соҳа фаъолият карда, таҷрибаи бой дар сафарбарсозии қувваи корӣ ба Британияи Кабир дорад. Ин ширкат муҳоҷирони меҳнатиро аз мамлакатҳои гуногун барои кор дар бахши кишоварзӣ ба Англия фиристода, ба онҳо имкониятҳои корӣ фароҳам меорад.

Муҳоҷирони меҳнатӣ дар Британияи Кабир асосан ба ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили карам, каду, помидор, қулфиной, буттамеваҳо, олуболу, себ, нок ва дигар корҳои саҳроӣ машғул мешаванд. Музди меҳнати онҳо барои як соати корӣ 10, 4 фунт-стерлингро ташкил медиҳад, ки ба тахминан 12-13 доллари амрикоӣ баробар аст. Ҳафтаи корӣ на камтар аз 32 соат буда, муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд дар як моҳ ба ҳисоби миёна 1500-2000 доллар даромад ба даст оранд [11].

Хароҷотҳои марбут ба ҳуҷҷатгузорӣ (аз ҷумла, гирифтани раводиди корӣ), хариди чиптаи ҳавопаймо ва хароҷоти хӯрду хӯрок аз ҳисоби худи муҳоҷирони меҳнатӣ хоҳад буд. Илова бар ин, онҳо уҳдадор мешаванд, ки андозҳои давлатӣ ва хароҷоти иҷораи манзили зисти худро пардохт намоянд.

Бақайдгирии хоҳишмандон барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Британияи Кабир аз ҷониби Маркази машваратӣ ва омодагӣ пеш аз сафар ба роҳ монда шудааст. Имрӯз гурӯҳи дигари сабтиномшудагон аз мулоқот мегузаранд.

Бояд ёдовар шуд, ки моҳи апрели соли 2025 як гурӯҳи 500-нафараи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик тавассути ҳамин ширкат ба Англия барои кор дар хоҷагиҳои фермерӣ фиристода шуда буданд. Айни замон онҳо ба ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд [11].

Ин ташаббусҳо нишондиҳандаи кӯшишҳои мунтазами мақомоти Тоҷикистон барои васеъ кардани имкониятҳои корӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагии шаҳрвандони худ дар хориҷи мамлакат мебошанд.

Алоқаҳои иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозанд. Британияи Кабир яке аз сармоягузорони калидӣ дар иқтисоди Тоҷикистон амал карда, фаъолона маблағҳоро ба соҳаҳои стратегӣ муҳим, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва рушди инфрасохтор сармоягузорӣ мекунад. Форумҳо ва намоишгоҳҳои бисёрҷонибаи иқтисодӣ ҳамчун майдонҳои самараноки барқарор кардани алоқаҳои тиҷорӣ ва ҷалби сармоягузориҳои нав хизмат мекунанд.

Британияи Кабир тавассути агентиҳои рушди худ ба Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун, аз қабили: идоракунии молияи давлатӣ (ёрӣ дар ислоҳоти низоми буҷетӣ, баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии хароҷоти давлатӣ); рушди бахши хусусӣ (дастгирии тиҷорати хурду миёна, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ); маориф ва тандурустӣ (лоиҳаҳое, ки ба баланд бардоштани сифати таълим ва дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ нигаронида шудаанд); ҳамкорӣ дар энергетика ва саноати кӯҳӣ (ин соҳаҳо барои Тоҷикистон афзалиятнок буда, ширкатҳои британиёӣ метавонанд дар рушди онҳо нақши муҳим бозида, таҷриба ва технологияҳои худро ворид кунанд), ёрии техникӣ ва молиявӣ мерасонад.

Сармоягузориҳо дар ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ нақши муҳим мебозанд. Британияи Кабир имкони сармоягузорӣ дар чунин бахшҳои афзалиятноки Тоҷикистон, аз қабили энергетика, нақлиёт, сайёҳӣ ва кишоварзиро дорад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, навсозии инфрасохтор ва дар натиҷа беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Хулоса, робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир барои рушди минбаъдаи мамлакат имконоти назаррас доранд. Сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, ҳарду мамлакат ба таҳкими ҳамкорӣ ва бунёди шарикии мутақобилан судманд ҳавасмандӣ зоҳир мекунанд. Рушди муназзами ин муносибатҳо, аз ҷумла соддагардонии расмиёти тиҷорат, навсозии инфрасохтор ва дастгирии фаъолонаи соҳибкорӣ метавонад боиси тағйироти назарраси мусбат дар иқтисоди ҳарду мамлакат ва баланд шудани сатҳи зиндагии мардуми онҳо гардад.

АДАБИЁТ:

1. Британияи Кабир дар иқтисоди Тоҷикистон сармоягузорӣ мекунад. 31. 03. 2023.
2. В Таджикистан прибыла международная поисково-спасательная команда Великобритании // От Вечерка. 14 ноября, 2024.
3. Вохӯрӣ бо сафири Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Mehnat. tj
4. Какой ценой обходятся дружба и деньги: зачем Китаю золото Таджикистана. Sputnik (15 мая 2018). Дата обращения: 24 мая 2019.
5. Объединение стран Центральной Азии как нереальный «пиар-проект»: Таджикистан за неделю. ИА REGNUM (5 июля 2007). Дата обращения: 24 мая 2025. Архивировано 2 марта 2020 года.
6. Сарыгулов Д. И. Золото Тянь-Шаня. - Бишкек: БиМ-Принт, 1999. - С. 63. - 240 с. - ISBN 9967-20-257-2.
7. Сохибназаров Мирзоназар Давлатович. Из истории добычи золота в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (ТГУПБП). Серия гуманитарных наук. - 2010. - № 1 (41). - С. 34-38.
Давлати Ғазнавиён дар маконе таъсис ёфту густариш намуд, ки он қаламрав сарзамини таърихии тоҷикон ба шумор мерафт ва аҳолии бумии онро пурра тоҷикон ташкил медоданд. Дар баробари ин, дар он хитта расму ойин ва фарҳанги тоҷикон ҷорӣ буд. Тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, то охири асри Х дар хоки Хуросон тоҷикон зиндагӣ менамуданд ва ин нуқтаро Ибни Фақеҳ дар “Ал-булдон” [28, с. 9] ва Ибни Ҳавқал дар “Сурату-л-арз” [30, с. 136-137] қайд намудаанд. Аз ин ҷо равшан аст, ки ба ҷузъ сарсулола, асосгузори давлат ва чанд турки ғуломи зархарид дигар ҳама тоҷик буданд ва аз ин ҷо низ метавон гуфт, ки давлат аз тоҷикон ва тоҷикона буд. Доктори илмҳои таърих Сайфуллоҳ Муллоҷон низ таъкид мекунад, ки “ба маҳзи нажоди турк будани амирони ғазнавӣ ҳукумати эшонро наметавон туркӣ номид. Зеро ин ҳукумат дар марзҳое устувор гардид, ки аз ҳазор сол қабл тоҷикон мардуми бумии он ба шумор меомаданд ва бештари раияти давлати ғазнавиро низ тоҷикон ташкил медоданд” ва маҳз “тоҷикон таҷрибаи ҳукуматдории худро ба зимомдорони турк омӯхтанд, то бистари муносибе барои густариши фарҳангу ҳунарро муҳайё созанд” [22, с. 227].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дар ҳақиқат силсилаи давлатдории Ғазнавиён гарчанде ки сарсулола ва асосгузор турк бошад ҳам, лек сарзамин, мардуми минтақа, аз поёнтарин мансаб то волотарин мақоми давлатӣ, қисме аз лашкар, фарҳанг, забон, шоирону дабирон тоҷикон буданд ва ҳатто аз Султон Маҳмуд сар карда аксар амирони баъдии ғазнавӣ хуни тоҷикӣ доштанд. Аз ин лиҳоз, бо боварии том метавон гуфт, ки давлати Ғазнавиён давлати тоҷикӣ буд ва наметавон ба хотири чанд турк онро мансуб ба бегонагон донист.

АДАБИЁТ:

1. Абдулазим Ризоӣ, таърихи даҳҳазорсолаи Эрон ҷ. 3. Аз силсилаи Ғазнавиён то инқирози Сафавӣ, –Теҳрон: Иқбол, 1387. -416 с.
2. Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ, Таърихи Байҳақӣ, таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо Сайфуллоҳи Муллоҷон, – Душанбе: Бухоро, 2014. -760 с.
3. Абушшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷурфодиқонӣ, Тарҷумаи Таърихи Яминӣ, муқаддима, таҳия, таҳшия, таълиқот, луғот ва феҳристи Ғиёсов Н. И., – Хуҷанд: Ношир, 2013. -420 с.
4. Бертелс Е. Э., Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (аз рӯзгори бостон то поёни Салчуқиён) тарҷумаи Сируси Эзадӣ, – Душанбе: Эр-граф, 2015. -584 с.
5. Ғафуров Б., Таърихи мухтасари халқи тоҷик, ҷ. 1, -Сталинобод: 1947, 385 с.
6. Ғиёсуддин Ҳимомуддин Ҳусайнӣ (Хондамир), Ҳабиб-ус-сияр, чопи 4, -Теҳрон: Хайём, 1380. -410 с.
7. Доктор Муҳаммад Нозим (ҳинд), Ҳаёт ва авқоти Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, тарҷумаи Абдулғафур Аминӣ, чопи 2, Майванд: 1387. -228 с.
8. Клифорд Эдмунд Босворт, тарҷумаи Ҳасан Ануша, – Теҳрон: Амир Кабир, 1378. -316 с.
9. Мансур Бобохонов, Таърихи тоҷикони ҷаҳон, нашри 2, – Душанбе: Ирфон, 2002. -368 с.
10. Маҳмадаминов М., Маҳмадаминов С., Сарнавишти ибратомӯзи як вазири номдори тоҷик, Самак, №33 (615), 24. 08. 2023.
11. Маҳмадаминов М., Маҳмадаминов С., Ғазнавиён сулолаи тоҷикист?, Самак, №34 (667), 22. 08. 2024
12. Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ, Табақоти Носирӣ, ба тасҳеҳи Абдулҳай Ҳабибӣ, -Кобул: чопи 2, 1342. -390 с.
13. Муллоҷонов С., Муллоҷонов А., Таърихи халқи тоҷик, –Душанбе: 2012. -432 с.
14. Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад Шабонкорай, Маҷмау-л-ансоб, ба тасҳеҳи Мирҳошим Муҳаддис, – Теҳрон: Амир Кабир, 1363. -374 с.

15. Наҷотова Н., Иноятова С., Баъзе маълумот перумони вазирони аҳди Ғазнавиён, Муаррих, №2 (30), 2022
16. Неъматов Н., Амиршоҳӣ Н., Мирбобоев А., Пирумшоев Ҳ. Таърихи халқи тоҷик, к. 2. Муъҷизаи классикии форс-тоҷик, -Хуҷанд, Ношир, 2008. -817 с.
17. Низомулмулк, Сиёсатнома, ба чоп тайёркунанда Девонақулов А., – Душанбе: Адиб, 1989. -200 с.
18. Носир Наҷимӣ, Вазирони мақтул, -Теҳрон: чопи аввал, 1368. -320 с.
19. Ризо Саторӣ, Мурод Исмоилӣ, Баррасии нақши вазирони эронӣдар эҳё ва густариши ҳувияти миллӣ (дар даврони ҳукумати Аббосиён, Сомониён, Ғазнавиён ва Салчуқиён), Мутолиоти миллӣ, №1, 1391
20. Ричорд Фултз, Таърихи тоҷикон (Эрониёни Шарқӣ), тарҷумаи Абдулхолиқ Лаълзод, 2019. -358с.
21. Сайфуддин Ҳоҷӣ ибни Низом Уқайлӣ, Осор-ул-вузаро, ба тасҳеҳ ва таълиқи Мирҷалолуддин Ҳусайнии Урмавии Муҳаддис, -Теҳрон: Иттилоот, 1364. -368 с.
22. Сайфуллоҳи Муллоҷон, Таърихи Масъудии Абулфазли Байҳақӣ (мурруре пиромуни сохтори идорию русумоти дарбори Ғазнавиён), – Душанбе: Ирфон, 2013. - 240 с.
23. Самад Хушхоҳиш, Муҳаммад Фараҳманд, маҷмуаи мақолаҳои ҳамоиши байналмилалии таврияи забон ва одоби форсӣ, донишгоҳ Ардабил, 1394, нусхаи электронӣ аз Archive of SID
24. Таҳмосби Хуросонӣ, Ғазнавиён туркманиш ё порсигаро? (пажуҳише дар ҳувият, таърих ва фарҳанги Ғазнавиён), -Балх: 1401. -528 с. нусхаи электрони аз сайти WWW. Takbook. com
25. Фариддун Исломниё, Нигоҳе ба таърихи Эрон баъд аз Ислом, – Теҳрон: бидуни соли нашр, нусхаи электрони аз сайти WWW. aqeedeh. com, - 190 с.
26. Фахруддин Довуд Банокатӣ, Таърихи Банокатӣ, бо кушиши Ҷаъфар Шиор, – Теҳрон: 1969. -601 с.
27. Халилуллоҳ Халилӣ, Салтанати Ғазнавиён, – Кобул: Амирӣ, 1333. -348 с.
28. Хуросон мероси авлодӣ, –Душанбе: Сарвар, 1991. -24 с.
29. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, Таърихи гузида, нусхаи электронӣ аз сайти WWW. Tarikh Book. Ir
30. Ҳудуд-ул-олам, ибни Ҳавқал Сурату-л-арз, Муҳаммад Обиди Иршод Чаҳорбоғи гулҳо, – Душанбе: Адиб, 2008. -212 с.
31. Эмомалӣ Раҳмон, Забони миллат-ҳастии миллат, к. 1, – Душанбе: Эр-граф, 2016. -516 с.

ҒАЗНАВИЁН: АСОСГУЗОР ТУРК, ВАЛЕ ДАВЛАТ ТОҶИКӢ БУД!

Мақолаи мазкур ба тоҷикӣ будани давлати Ғазнавиён бахшида шудааст. Дар мақола муаллиф дар асоси муътабартарин манбаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ сохтори идорӣ ва тоҷикона будани давлати мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, муайян намудааст.

Пас аз пош хурдани давлати Сомониён дар ҷойи он давлатҳои дигаре қомат афрохтанд, ки яке аз онҳо давлати Ғазнавиён буд. Ин сулола идомадиҳандаи кори Сомониён ба шумор мерафт. Муаллиф таъкид месозад, ки гарчанде асосгузор турк буд, вале давлат сирф тоҷикӣ ба шумор мерафт. Ҳатто, шоҳони Ғазнавӣ низ нимтоҷик буданд.

Муаллиф бо такя бар манобеи муҳимми таърихӣ собит месозад, ки дар қаламрави ташкилёфтаи давлати Ғазнавиён аксаран тоҷик буданд ва давлате, ки онҳо ташкил намуданд, дар асоси сохтори давлатдории тоҷикон танзим ёфта буд. Ҳамзамон, муаллиф таъкид месозад, ки аз поёнтарин мансаб то болотарини он тоҷикон кор мекарданд. Бинобар ин, давлати Ғазнавиёнро метавон давлати сирф тоҷикӣ номид.

Калидвожа: *Ғазнавиён, давлат, асосгузор, турк, тоҷик, сулола, ҳаёти илмӣ-фарҳангӣ, Султон Маҳмуд, сохтори идорӣ, лашкар.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Маҳмадаминов М. Қ. унвонҷӯи кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи ДМТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х, Рудакӣ 17, 734025, Тел. : 992 98 790 53 33;

Маҳмадаминов С. Қ. унвонҷӯи кафедраи таърихнигорӣ ва архзившиносии факултети таърихи ДМТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17, 734025, Тел. : 992 91 866 70 59; samandarmahmadaminov38@gmail. com

ГАЗНЕВИДЫ: ОСНОВАТЕЛЬ БЫЛ ТУРОК, НО ГОСУДАРСТВО БЫЛО ТАДЖИКСКИМ!

Данная статья посвящена таджикскому характеру Газневидского государства. В статье автор анализирует, обсуждает и определяет административную структуру и таджикский характер этого государства на основе наиболее авторитетных исторических источников и научной литературы.

После распада государства Саманидов на его месте возникли другие государства, одним из которых стало государство Газневидов. Эта династия считалась преемницей Саманидов. Автор подчеркивает, что, хотя основатель был тюрком, государство считалось чисто таджикским. Даже цари Газневидов были наполовину таджиками.

Автор, опираясь на важные исторические источники, доказывает, что на территории Газневидского государства проживало преимущественно таджикское население, и созданное ими государство было организовано по таджикской государственной структуре. При этом автор подчеркивает, что таджики работали от самых низших до самых высших должностей. Поэтому Газневидское государство можно назвать чисто таджикским государством.

Ключевые слова: *Газневиды, государство, основатель, турок, таджик, династия, научная и литературная жизнь, Султан Мащмуд, административная структура, армия.*

Сведения об авторах: Махмадаминов М. К. Соискатель на звание заведующего кафедрой новой истории и новейшего зарубежья исторического факультета ДМТ. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, Рудаки 17, 734025, Телефон: 992 98 790 53 33;

Махмадаминов С.К. Соискатель кафедры историографии и архивоведения исторического факультета ТНУ. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, Рудаки 17, 734025, Телефон: 992 91 866 70 59; samandarmahmadaminov38@gmail. com

GAZNAVIDS: THE FOUNDER WAS TURKISH BUT THE STATE WAS TAGIKI!

This article is devoted to the Tajik nature of the Ghaznavid state. In the article, the author analyzes, discusses, and determines the administrative structure and Tajik nature of this state based on the most authoritative historical sources and scientific literature.

After the collapse of the Samanid state, other states arose in its place, one of which was the Ghaznavid state. This dynasty was considered the successor to the Samanids. The author emphasizes that although the founder was a Turk, the state was considered purely Tajik. Even the Ghaznavid kings were half-Tajik.

The author, relying on important historical sources, proves that in the territory of the Ghaznavid state, there were mostly Tajiks, and the state they founded was organized on the basis of the Tajik state structure. At the same time, the author emphasizes that Tajiks worked from the lowest to the highest positions. Therefore, the Ghaznavid state can be cansidered a purely Tajik state.

Keywords: Ghaznavids, state, founder, turk, tajik, dynasty, scientific and literatury kife, Sultan Mahmud, administrative structure, army.

Information about the authors: Mahmadaminov M. K. Applicant of the Department of Modern History and Modern Foreign Countries of the Faculty of History of DMT. Address: Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki 17, 734025, Phone: 992 98 790 53 33;

Mahmadaminov S. K. Applicant of the Department of historiography and archival studies of the Faculty of History of TNU. Address: Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki 17, 734025, Phone: 992 91 866 70 59; samandarmahmadaminov38@gmail. com

УДК: 94 (581)

САБАБҲОИ ИНҚИЛОБИ “САВР” ДАР ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН

Мирова М.Б.

Донишгоҳи байналмилаии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқаддима: Яке аз омилҳои асосии сар задани бӯҳрон дар Афғонистон мавқеи геостратегии он ва рақобати кишварҳои абарқудрат барои таъмини манфиатҳои хеш дар минтақаи Осиё тавассути ҳудуди ин кишвар ба шумор меравад.

Афғонистон аз ҷумлаи кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки дар минтақаи Осиё мустақар буда, дорои таърихи басо ғанию рангин мебошад. Хоки Афғонистон сарзамине мебошад, ки ҳамеша дар мадди назари абарқудратҳо қарор дошту дорад. Дар ибтидои солҳои 70-ум дар Афғонистон вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ хеле муташаниҷ шудан гирифт. Ноором гардидани авзои сиёсӣ ба ҳукумати шоҳии Афғонистон таҳдид ба вуҷуд меовард. Аз ин хотир барои наҷот додани ҳукумат ва мавқеи иҷтимоии худ доираҳои ҳукумрон даст ба табаддулоти давлатӣ заданд ва моҳи июли 1973 бо сарварии Муҳаммад Довудхон табаддулоти давлатӣ ба амал омад. Дар натиҷаи ин табаддулот ҳукумати шоҳӣ сарнагун ва Афғонистон ҷумҳурӣ эълон гардид. Ҳукумати нав барномаи таҳаввулотҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, озодиҳои сиёсӣ, ислоҳоти арзӣ-замин, ислоҳоти маорифро эълон намуд. Муҳаммад Довудхон ба Иттиҳоди Шӯравӣ сафари расмӣ анҷом дод ва нақшаҳои азими бунёдкориро тарҳрезӣ намуд. Аммо бо гузашти айём маълум гардид, ки ҳамаи ин барномаҳо фақат ба хотири гумроҳ кардани мардум ва ором кардани вазъияти сиёсӣ буд. «Январи соли 1972 дар Кобул маҷлиси Луя-Ҷирга баргузор гардид. Луя-Ҷирга Довудро ҳамчун президенти Афғонистон қабул ва эълон намуд. Дар охири 1977 аввали 1978 вазъияти дохилии давлат ба тезӣ дигаргун мешавад. Сабаби чунин ҳолат пеш аз ҳама дар он буд, ки Муҳаммад Довудхон ошкорона ба муқобили қувваҳои чап амал мекард. Дар декабри 1977 аъзоёни тарафдорони Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон ҳабс гардианд». [1, с. 224]

Орзу ва хостаҳои мардуми Афғонистон. Аз гуфтаҳои дар боло возеҳ мегардад, ки ҳукумати Муҳаммад Довудхон он ваъдаҳое, ки ҳангоми сарвари давлат шудан дода буд, иҷро накард. Ҳеҷ кадом орзу ва хостаҳои мардуми заҳматкаши Афғонистонро ба амал бароварда натавонист ва беш аз пеш майл ба тарафи рост ва иртиҷоъ мекард. Маҳз ҳамин омил сабаби ба вуҷуд омадани як инқилоби бузург дар ин сарзамин гардид. “Довудхон илова бар он, ки худбини ташрифмаоб буд, нисбат ба Зоҳиршоҳ боғурур ва ангезаи қавмиаш бар манофеи паштунҳои он тарафи марз таъкид мекард ва пайваста исрор медошт. Дар ҳоле ки дар он вақт паштунҳои мутавасситулҳол ва қишри поёнии ин қавм ниёти сарони паштунии давлати Афғонистонро чандон арзиш ва баҳо намедоданд. Зеро зиндагии онҳо аз паштунҳои Афғонистон ба маротиб беҳтар ва баландтар буд ва тарафдори илхок бо Афғонистон набуданд ва маслиҳати оммаи мардум низ набуд. ” [2, с. 22]

Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон, ки ягона роҳбару раҳнамои мардуми заҳматкаш буд, кори асосии худро барои ҷалб ва тарбияи афсарони ҷавони урдуи Афғонистон равона карда буд. Ҳол он ки аксарияти халқ таҳти фишори сиёсӣ, беҳуқуқӣ ва истисмори ваҳшиёнаи феодалӣ қарор гирифта буданд. Аскароне, ки аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон ҷалб карда мешаванд, ҳамаашон аз табақахои поёнии ҷомеа ва фарзандони коргарону деҳқонон буданд. Маҳз ба онҳо дарду алами мардуми заҳматкаш наздик буд ва онҳо бо хушӣ ба ҳизб дохил мешуданд. Дар натиҷаи фаъолияти содиқонаи онҳо ва дар натиҷаи фаъолияти дуруст ва воқеъбинонаи роҳбарияти Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон инқилоби халқиву демократӣ ба пирӯзӣ анҷомид ва мардуми ранҷдидаи афғон аз зери ситами феодалу сармоядорон озод гардиданд.

Муборизаи Муҳаммад Довудхон. Аммо дар ҳамин айём муборизаи Муҳаммад Довудхон ва тарафдоронаш суръат гирифта, таъқиб ва маҳбус сохтани ҷавонони ҷадид ва тарақипарвар бештар ва пештар мегардид. Дар ин давра қариб 93 фоизи ашхосе, ки ба Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон шомил буданд ва инчунин аксарияти волиҳо алоқадорҳо ва соҳибмансабону афсарони пулис бе ягон асос аз кор бартараф ва ё ба корҳои

ғайри масъулият равона карда шуданд. Чунин амали Муҳаммад Довудхон боиси он гардид, ки минбаъд Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон махфиёна, вале ҳамзамон огоҳона амал намуда, мехост аз тамоми воқеоти дар Афғонистон ба амал меомада огоҳ шаванд. Зеро онҳо дарк намуда буданд, ки бидуни чунин амал онҳо ҳукумати Афғонистонро аз дасти Муҳаммад Довудхон гирифта наметавонанд. Дар натиҷа роҳбарияти ҳизб тамоми заҳмати худашонро ба тарбия ва ҷалби васеъи оммаи халқ баҳри ба даст овардани қудрати сиёсӣ равона карда буданд. Ҳамин тариқ, дар охирҳои 1977 ва аввалҳои 1978 авзои сиёсии мамлакат як шакли буҳрониро мегирад. Дар чунин вазъит ва шароити вазнин қувваҳои сиёсии дохилӣ ва байналмилалӣ пеш аз ҳама ИМА ором нанишаста, дар фикри фитнаангезии нав шуданд. Дар натиҷаи амалиётҳои ҷосусона дар яке аз рӯзҳои баҳории соли 1978 фарзанди арҷманди Афғонистон, узви барҷаста ва яке аз роҳбарони Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон Миракбари Хайбар ба таври хоинона кушта мешавад. “Қатли ваҳшиёна ва нобаҳангоми Хайбар, ки ҷасади вай тайи маросими хоси партиявӣ муҳтарамона дар қабристони “Шуҳадои солеҳин”, ба хок супурда шуд, сафҳои партияро мустаҳкамтар кард ва муборизаи партияро беш аз пештар тақвият бахшид. Роҳбарони ҳизбӣ, аъзои партия дар рӯзи дафни Хайбар савганд хӯрданд, ки кори вайро, яъне муборизаи одилона ба хотираи озодии тӯдаҳои захматкаш ва бенавои халқи афғонро амалӣ хоҳанд намуд. ” [3, с. 124-125]

Баъди марги Хайбар вазъияти дохилии мамлакат тамоман дигар мешавад. Дар саросари кишвар оид ба марги Хайбар сухан мерафт. Муҳаммад Довуд гӯё ҳодисаи аз пеш меомадаро ҳис намуд, ки фавран дар тараддуди он гардид, ки ҳарчи зудтар, илоҷи воқеаро пеш аз вуқуъ биандешад. Аксарияти мардуми Афғонистон гунаҳкори асосии марги Хайбарро, ки он барои Афғонистон як шахси муътабар ба ҳисоб мерафт, дар симои империализми Америка медиданд, ки аз вазъияти дохилию сиёсии Афғонистон истифода намуда, мехост дар ин сарзамин мавқеи геополитики худро ҷорӣ ва мустаҳкам намояд.

Аллакай мардум дар интизори як воқеаи муҳим буданд ва агар зикр намоям, ки онҳо ба як инқилоб тайёр буданд, хато намекунам. Худи Муҳаммад Довудхон ва тарафдоронашро хатари бузург таҳдид мекард ва онҳо барои пешгирӣ намудани вазъият, ба чунин қарор омаданд, ки роҳбарони умдаи партия бояд зиндонӣ шаванд ва баъди чанде дар пайи амалӣ намудани қарори қабулкардаи хеш гардиданд.

Дар шаби 25-уми апрели соли 1978 роҳбарони Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон аз он ҷумла, Нурмуҳаммади Таракӣ, Бабраки Кормал, доктор Солеҳ Муҳаммади Зерай, Султоналии Киштманд, доктор Шоҳ Валӣ ва дигарон дастгир ва дар вилояти Кобул зиндонӣ шуданд. Бегоҳии 26 апрел радиои Афғонистон сабаби дастгир шудани онҳоро дар вайрон намудани қонунҳои давлатӣ арзёбӣ намуд. Партия, ки ба чунин санҷиш омода буд, маҳз дар чунин шароити вазнин ва дар як муддати кӯтоҳ тавонист ҳамаи қувваи хешро барои инқилоб ҷамъ намояд ва ин амали хешро инчунин барои наҷоти роҳбарони Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон равона карда буд. Худи Муҳаммад Довуд ва атрофиёнаш аз вазъияти ба амал меомада хушнуд шуда, бовари бар он доштанд, ки ғолиб мешаванд. Вале ин орзуи онҳо ҷомаи амал напӯшид. Пагоҳии 27 апрел афсарони ҷавон ва урдуи Афғонистон таҳти роҳбарони КМ ХХДА, ки дар ҳақиқат омодаи сарнагун намудани ҳокимияти мавҷуда буданд, ки аксарияти халқ аз он норозӣ буд. “Дар рӯзи 27-уми апрел аввалин танк бо раҳнамоии М. Асламӣ Ватанҷор ба сӯи ш. Кобул ҳаракат кард”. [4, с. 126]

Муқовимати шадид. Аввалин танк, ки онро танкисти ҷавон М. Асламӣ Ватанҷор идора мекард, худро ба қасри Кобулшоҳ расонд ва мили тӯпи худро ба тарафи вазорати дифоъ равона карда, тири аввалро холи кард, ки дар натиҷа ларзаи шадид он биноро фаро гирифт. Дар лаҳзаи мазкур боқимондаи танкҳо ва мошинаҳои зиреҳпӯш низ ҳозир шуданд. Муқовимати шадид аз ду тараф оғоз гардид. Мардум ба гвардияи Довудхон муқовимати сахт нишон дода, ҷанг ҳамоно давом меёфт ва он лаҳза ба лаҳза сахтар мегашт. Барои пешгирӣ аз талафоти зиёд қарор дода шуд, ки қувваҳои ҳавоӣ низ ба кор андохта шаванд. Қувваҳои ҳавоӣ, ки фармони мустақими ҳамла ба қасрро гирифта буданд, яке паси дигаре

ин биноро бомбаборон мекарданд. Муқовиматкунандагони дохили қаср ба ин ҳамлаи ҷасурона ва ҷиддии қувваҳои мусаллаҳи инқилобӣ, ки дар амали худ устувор буданд, тоб оварда натавонистанд ва дар натиҷа таслим шуданд. Дар ҳоле, ки як гурӯҳ ба забти қаср машғул буданд, дигар гурӯҳ бошад ба озод намудани роҳбарони партия машғул буданд. Онҳо бинои вазорати дохилиро иҳота карда, атрофи вилояти Кобул ва зиндони онро ишғол карданд. Бегоҳии ҳамон рӯз дарвозаҳои зиндонро шикастанд ва аъзоёни КМ ХХДА-ро аз зиндон озод намуданд. Хулас, дар соати 7 шоми 27-уми апрели соли 1978 нерӯҳои инқилобии кишвар бо сарварии Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон, ки он ҳанӯз дар соли 1965 ташкил шуда буд, ҳукумати Довудхонро сарнагун намуда, ба ҷойи он Ҳукумати Инқилобии Афғонистонро ташкил намуданд. Ин хабар тавассути радио дар тамоми Афғонистон паҳн гардид. Оҳиста-оҳиста вазъияти мамлакат ором мегардад. Аммо субҳи рӯзи ҷумъа дар санаи 28-уми апрел оромии Афғонистонро садои тирпарониҳо ва овози ҳавопаймоҳо вайрон намуд. Баъд маълум гашт, ки сабабгори ҳодисаи мазкур Ҳайдари Расулӣ мебошад. Номбурда вазири дифои Довуд буд. Дар натиҷа муқовимати шадид байни тарафдорони ва душманони инқилоб ба амал омад, ки Ҳайдари Расулӣ ва тарафдоронаш тоб оварда натавонистанд ва ба асирӣ афтоданд. Акнун пирӯзии комил насиби қувваҳои инқилобӣ шуд. “Довуд ва ҳамдастонаш бинобар мухолифат ва муқобилияте, ки бо қувваҳои инқилобӣ нишон доданд ва намехостанд таслим шаванд, дар Арки Шоҳ ба қатл расонида шуданд. ” [5, с. 128]

Тавре дар боло қайд гардид, инқлобе, ки дар Афғонистон ба амал омад, боиси ғалабаи инқилобчиён гардид. Ин ғалабаро тамоми мардуми Афғонистон бо хушнудӣ ҷашн гирифтанд ва онро ҳамчун ғалабаи озодӣ низ пиндоштанд. 30-уми апрели соли 1978 (мутобиқ ба 10 саври 1357) Шӯрои инқилобӣ аввалин ҷаласаи худро доир сохта Нурмуҳаммад Таракиро ба сифати Раиси Шӯрои инқилобӣ ва дар айни ҳол Садри аъзами Афғонистон интихоб ва эълон кард. Дар Фармони рақами 2, ки рузи 1-уми майи соли 1978 (мутобиқ ба 11 саври 1357) эълон шуд, ки Бабраки Кормал ба вазифаи муовини Раиси Шӯрои инқилобӣ ва муовини Садри аъзам интихоб гардид.

Тамоми халқи озодихоҳи Афғонистон режими демократиро тарафдорӣ мекард. “Дар режими демократии халқ, ки умдатан халқҳои тундрав ва камфаҳм ба сари қудрат буданд, аз як пойгаҳи ҳимоятии андак барои таҳлили сиёсатҳояшон дар робита ба омӯзиш ва тавзеҳи замину мазҳабҷудоӣ бархурдор буданд ва ин аз адами дарки амиқ ва нодурусташон аз печидагии механизмҳои Афғонистон буд”. [6, с. 35]

Худи Садри аъзами Афғонистон Нурмуҳаммад Таракӣ, ки аз лиҳози қавмӣ ҷойгаҳи маҳкаме дар миёни қавми пашту надошт ва забони дариро дуруст ҳарф намезад, атрофиёнаш низ дучори чунин мушкилот буданд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, баъди ба сари тахт омадан ӯ воқеан ба азнавсозии кишвар шуруъ намуд. Дар дохили кишвар як қатор ислоҳотҳо гузаронида мешавад. Аммо душманони кишвар дар дохил ва хориҷ кӯшиш мекарданд, ки пеши роҳи инқилобро боз доранд. «Ин қувваҳо иборат аз дастаҳои сиёсии иртиҷоӣ ва азамматталабон буданд, ки дар таърихи 15 соли охири ҷунбишҳои озодихоҳӣ ва мутараққии Афғонистон ба ҳайси нерӯҳои зидди манофеи халқ шинохта шуда ва бо номҳои «Ихвон-ул-муслимин» ва «Шуълаи ҷовид» машҳур буданд». [7, с. 132-33] Охири соли 1978 ва аввали соли 1979 - даврае буд, ки Ҳафизулло Амин бо фиребу найранг худро ба вазифаи муовини Раиси Шӯрои инқилобӣ, вазири дифоъ расонда қариб тамоми ихтиёротро дар армия ва органҳои амниятии кишвар дар тассаруфи худ дароварда буд.

Тобистони соли 1979 ба ҳукумати Афғонистон ашхосони иртиҷоӣ, ки гумоштаи Амрико ва дигар кишварҳои капиталистӣ буданд, роҳ ёфтанд. Сарвари ин гурӯҳ худи Ҳафизулло Амин буд, ки дар Амрико таҳсили гирифта буд. Ӯ ҳамавақт мекӯшид, ки Афғонистонро аз роҳи инқилоб берун созад ва онро ба такягоҳи Амрико дар минтақаи Шарқ табдил диҳад. Бо ҳамин мақсад 11-уми сентябри соли 1979 Ҳафизулло Амин табаддулоти давалатӣ мегузаронад. «Моҳияти зиддипартиявӣ ва зиддихалқии сиёсати Амин замоне ба шакли «бараҳна» дар назари ҳама ҷилвагар шуд, ки 16-уми сентябри соли 1979 бино бар нақшаи Ҳафизулло Амин Нурмуҳаммад Таракӣ - роҳбари ХХДА, роҳбари Инқилоби Савр ва аввалин раиси Шӯрои инқилобӣ, аввал аз тамоми вазифаҳо бартараф ва

баъдан ба таври ваҳшиёна ба воситаи гумоштагонаш ба қатл расонида шуд». [7, с. 135]

Баъд аз қатли Нурмуҳаммад Таракӣ Ҳафизулло Амин худро Садри аъзами Афғонистон эълон менамояд. Пас аз он ҳадафи ӯ Афғонистонро аз роҳи инқилобӣ бароварда, ҳамаи инқилобчиёнро саркӯб сохтан буд. Мутобиқи ин барномаи зидди халқии худ аксари ватанпарастони содиқ ё ҳабс ё аз кишвар бадарға карда шуданд. Пас қувваҳои солими Ҳизби Халқи Демократии Афғонистон бо сарварии ҷонишини Таракӣ – Бабраки Кормал аз кишвар берун шуданд. Онҳо барои мубориза бурдан бо ин режими хунхор маҷбур шуданд, ки ба Иттиҳоди Шӯравӣ мурочиат намоянд, ки ба онҳо кӯмаки ҳарбӣ расонанд. [8, с. 236]

Он воқеае, ки дар Кобул моҳи апрели соли 1978 рух дод ва бо номи инқилоби Савр машҳур гардида буд, ба ақидаи Наҷибулло, ки ҳангоми вохӯриаш бо вазири корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ Эдуард Амвросиевич Шеварнадзе дар соли 1987 сурат гирифт, чунин ибрози ақида намуд, ки он инқилоб ва ҳатто шӯриш ҳам нест, балки он як табаддулот буд. Иттиҳоди Шӯравӣ дар бораи табаддулоти мазкур тавасути оҷонсиҳои хориҷӣ ва баъд тавассути сафоратхонаи хеш дар Афғонистон хабар ёфт.

Бояд қайд намуд, ки Русияи Шӯравӣ аз соли 1919 ба Афғонистон таваҷҷӯҳи хоса дошт ва ҳамаҷониба таъсири хешро ба корҳои дохилии давлати мазкур мерасонид. Вақте ки соли 1919 баъди мубориза ба муқобили мустамликадории Британияи Кабир давлат истиқлолият ба даст оварда буд, маҳз Россияи Шӯравӣ аввалин давлате буд, ки истиқлолияташро эътироф кард. Ба вазъияти мушкили худ нигоҳ накарда Россияи Шӯравӣ ба Кобул 5 миллион рубл, 5 000 милтиқ ва чанд адад ҳавопаймо медиҳад. Империализми Англия натавонист, ки ба барқарор шудани робитаҳои некуҳамсоягии Афғонистон ва Давлати Шӯравӣ монеъ гардад. Майлу хоҳиши ҳарду тараф буд, ки 28 феврали соли 1921 дар Москва байни Россияи Шӯравӣ ва Афғонистон шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расид [9, с. 184]. Муносибатҳои дуҷонибаро бо ҳамсояи шарқии хеш рушд дода, дар соли 1929 Армияи Сурх ба Афғонистон барои пахши исёни британӣ ёрӣ расонида буд. Дар навбати худ Афғонистон садоқати хешро ба Россияи Шӯравӣ нишон дода, дар ҳалли масъалаҳои умдаи сиёсӣ саҳми худро гузошт. Аз ҷумла: ёрии худро дар барҳам додани амалиёти босмачигарӣ дар солҳои 1920-30 расонида, инчунин ба амалиётҳои таъсиррасонии агентҳои германию британиявӣ нигоҳ накарда бетарафии мунтазами худро дар рафти Ҷанги Дуюми Ҷаҳон нигоҳ дошт. «Иттиҳоди Шӯравӣ мувофиқи Шартномаи дӯстӣ ва муносиботи некӯҳамсоягие, ки 5 декабри соли 1978 ба имзо расид ба Афғонистон ёрии ҳамаҷонибаи иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ мерасонид». [9, с. 70]

Дар аввал ёрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар шакли интиқоли гурӯҳҳои начандон калон сурат мегирифт, вале оҳиста-оҳиста сафи онҳо ба афзоиш оғоз мекунад. Таҳдиди аз байн рафтани мавҷудияти демократия дар Афғонистон вуҷуд дошт. Роҳбарони афғон боз як бори дигар ба Иттиҳоди Шӯравӣ барои расонидани кӯмаки ҳарбӣ мурочиат намуданд. Дар натиҷа Шӯравӣ хоҳиши онҳоро рад накард ва ба давлат гурӯҳҳои маҳдуди артиши Шӯравӣ дохил карда шуд. Брежнев дар ҷавоб ба суоли мухбири рӯзномаи «Правда» гуфт: Вазифаи аввалиндараҷае, ки дар назди артиши Шӯравӣ гузошта шуд, ин мусоидат намудан ба ҷониби Афғонистон дар кори несткунии агресияи хориҷӣ мебошад. Онҳо аз Афғонистон ба куллӣ дар ҳоле бароварда мешаванд, ки агар роҳбарияти афғон бо чунин хоҳиш мурочиат кунад.

Публисисти англис Марк Урбан бошад сабабҳои асосии ворид гардидани артиши Шӯравиро ба хоки Афғонистон ба таври мухтасар чунин баён кард:

- нигоҳ доштани ҳукумати дӯстона дар Кобул;
- устувор кардани мавқеи стратегии худ (базаҳои ҳарбӣ ва ғ);
- кӯшиши дигар кардани таносуби қувваҳо дар минтақа ба манфиати хеш;
- ҷорӣ кардани идеологияи шӯравӣ;
- дахолати сиёсати Ғарб дар муносибати давлатҳои ҷаҳони сеюм;
- омехташавии Ҳ. Амин ва тарафдоронаш ба ҳайати халқистҳо;

Ҳамин тариқ, қарори ниҳоӣ оид ба ворид намудани артиши Шӯравӣ ба хоки

Афғонистон дар ҷаласаи Шӯрои сиёсии КМ ҲКИШ дар санаи 12-уми декабри соли 1979 қабул гардид.

Ҳузури Шӯравӣ дар Афғонистон. 29-уми декабри соли 1979 армияи 40-уми Шӯравӣ бо ҳудуди 100 000 ба хоки Афғонистон ворид карда шуд ва маҳз бо кӯмаки аскарони Шӯравӣ бегоҳии 2-юми декабр соли 1979 амалиёти «Шторм» гузаронида шуда, қасрашро муҳосира менамоянд. Ҳамин тавр, Ҳафизулло Амин аз Ҳукумат бартараф ва сарнагун карда шуда, Бабраки Кормал ба Ҳукумат оварда шуд. «Дохил намудани нерӯҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон дар моҳи декабри соли 1979 ба инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ таъсири манфӣ расонд». [10, с. 145]

Ҷанги мазкур нуҳ солу 25 рӯз давом ёфт ва ғайр аз марг, даҳшат ва харобкорӣ чизе ба бор наовард. Муаррихи рус Сергей Пахмутов музокироти Афғонистонро дарозтарин ва мушкилтарин дар таърихи дипломатияи асри 20 номид, аммо аслан ин ғалат аст, зеро музокироти Исроилу Фаластин боз ҳам дарозтару чигилтар мебошад.

Ҳузури артиши Шӯравиро дар Афғонистон метавон ба якчанд давра ҷудо намуд:

- Давраи якум- декабри 1979 то феврали 1980. Вуруди артиши Шӯравӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ҷобаҷокунии гарнизонҳои онҳо, инчунин пунктҳои муҳофизатӣ ва объектҳои мухталифи он;
- Давраи дуввум- марти 1980- апрели соли 1985. Гузаронидани амалиётҳои ҳарбии фаъол, аз ҷумла дар ҳамоҳангӣ бо афғонҳо;
- Давраи саввум- апрели 1985- январи соли 1987. Гузариш аз амалиётҳои фаъоли ҳарбӣ ба дастгири ва пуштибонии ҳаракатҳои артиши афғон, истифодаи қисмҳои ҳарбии мотирандозӣ, десанти ҳавоӣ ва танки, пеш аз ҳама барои сарчашма ва баланд бардоштани устувории маънавӣ-ҳарбии артиши афғон. Қисмҳои ҳарбӣ муборизаро бар зидди интиқоли яроқу аслиҳа аз хориҷ ба дохил идома медод.
- Давраи чаҳорум- январи 1987- феврали соли 1989. Иштироки артиши Шӯравӣ дар гузаронидани музокироти миллии роҳбарони афғон. Бурдани амалиётҳои фаъол бо мақсади мустаҳкамкунии режим. Идомаи дастгирии фаъолияти ҳарбии артиши Шӯравӣ барои хориҷ ва хотимаи ҳамагуна амалиёт.
- Артиши Шӯравӣ дар хоки Афғонистон як қатор амалиётҳои ҳарбиро анҷом додаанд:
- Амалиёти Панҷшер (майи 1982);
- Амалиёти Ничрат (апрели 1983);
- Амалиётҳои ҳарбии яквақтӣ дар ҳудуди васеъ дар музофотҳои Парвон, Каписо, Кобул, Лагман (феврал-марти 1984);
- Сарнагун кардани базаи асосии боркашонии ҶИА Ҷавор ва минтақаи Хост (феврал-марти 1986);

Дараи Панҷшер борҳо мавриди ҳуҷуми артиши Шӯравӣ қарор гирифта буд. Шӯравиҳо дар соли 1982 ду ҳамлаи васеъ ба Панҷшер анҷом доданд, ки байни ду ҳамла фосилаи замонии чандоне вуҷуд надошт. Ҳамлаи дуввумӣ идомаи ҳамлаи аввалӣ буд, ки дастоварде надошт. Артиши дохилӣ бо роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд роҳи тангеро дар даромадгоҳи дара қатъ карда, мехост бо неруи пиёдаи душман (Шӯравиҳо) рӯ ба рӯ шавад, вале хилофи пешбинии онҳо баъд аз зарбаҳои ҳавоӣ дар қисмати болои дараҳои Руха ва Остона неруҳои худро аз тариқи ҳаво десант кард, ки ин амали артиши Шӯравӣ артиши дохилиро дар ғафлат гузошт. Вале муҳорибаи азим миёни онҳо дар дараҳои мазкур ба амал омад, ки даҳҳо тани шӯравиҳо онҳо кушта шуданд. Дар ихтиёри артиши Шӯравӣ се чархбол, беш аз чил адад аслиҳаи сабуки гуногун, ду дастгоҳи ракети сабуки «Замин ба ҳаво» буд.

Дар ҷараёни ҳамла дар ихтиёри артиши афғон, чаҳор чиз буд:

1. Истифодаи васеъ аз чархболҳо
2. Десант аз тариқи ҳаво
3. Заработи васеи ҳавоӣ
4. Тӯлонӣ шудани ҷанг [11]

Хулоса. Хулас дар натиҷаи амалиётҳои ҳарбии баъдӣ ҳарду ҷониб махсусан русҳо талафоти зиёди мардумӣ дида, дар як ҳолати харобиовар қарор доштанд. Ҷониби Шӯравӣ аниқтараш сарбозонаш аллакай дарк намуда буданд, ки ин ҷанг як ҷанги одилона нест. Ин ҷанг на ба нафъи Шӯравист ва на ба нафъи Афғонистон. Сарбозони Шӯравӣ ба хулосае омаданд, ки ҷанг ғалат шуруъ шуда буд. Зеро Роҳбарияти Шӯравӣ дар миёни онҳо чунин тарғибу ташвиқ мебурд, ки гӯё дар хоки Афғонистон ғарбиҳо ва ё амрикоиҳо ҳузур доранд. Аммо бо мурури замон ба даркашон расид, ки онҳо на ба муқобили ғарбиҳо, амрикоиҳо ва ё ҳатто ба муқобили покистониҳо, балки бо мардуми афғон- деҳқон ва коргар ҷангида истодаанд. Ҷанг бояд ҳатман хотима меёфт. Ниҳоятан ҷониби худи Шӯравӣ Бабрак Кормал ва ҳамроҳони ӯро хоину ватанфурӯш номиданд ва мушоҳида намуда, ба чунин хулоса омаданд, ки дар миёни мардум ҷой ва мақом надоранд. Вазъияти мазкур ҷониби Шӯравиро маҷбур кард, то чораеро барои ҷилави ин хунрезӣ андешад. Аз ҳамин сабаб онҳо оташбаси хешро аз дараи Панҷшер бо роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд оғоз намуданд.

Баъди гузашти давраи аввалаи оташбаси ғайрирасмӣ ҷонибҳо ӯҳдадор гардиданд амалиётҳои ҳарбиро қатъ намоянд. Аҳмадшоҳи Масъуд ба шарти онҳо розӣ шуд. Аммо оташбас аз ҷониби аскарҳои дохилӣ риоя намешуд ва ду маротиба Панҷшерро бомбаборон карданд ва шӯравиҳо баъдтар аз онҳо маъзарат пурсиданд ва изҳор намуданд, ки онҳо нақшаи бомбаборони ҷои дигарро ба мо доданд, аммо шуморо бомбаборон карданд. Воқеият ин буд, ки Кормал ва Наҷибулло аз вазъияти ба амаломада норозӣ буданд. Онҳо тарафдори ҷанг ва зарба задании сарбозони Аҳмадшоҳи Масъуд буданд. Онҳо ба талафоти аскарони Шӯравӣ парвое надоштанд ва дар пайи нобудсозии Аҳмадшоҳу сарбозонаш буданд. «Дарвоқеъ, дараи Панҷшер борҳо мавриди ҳуҷуми сахти артиши Шӯравӣ қарор гирифта буд. Он бо тамоми қудрату тавоноӣ ва аслиҳаҳои замонавӣ, ракетаю ҳавопаймоҳо Панҷшерро хароб кард, вале натавонист бар мардуми ин дара ғолиб ояд. Дар ин хусус генералҳои советӣ борҳо изҳори назар доштанд [12, с. 352]. Мардуми дараи Панҷшер бо роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд як кӯҳи азимеро мемонд, ки чаппа кардану торумор карданаш номумкин буд, гузашта аз он наметавонистанд ҳатто як сантиметр аз қуллаи кӯҳҳоро кам кунанд. Аҳмадшоҳ ба хабарнигори тоҷик Муҳаммадато Султонов чунин арз дошт: «Ба мардуми кишвари ман рӯҳияи истиқлолхоҳиву истиқлолпарастӣ хос аст. Ба ӯ нон мадеҳ, об мадеҳ, вале ба ӯ озодӣ бидеҳ ва ман то ҷон дар бадан дорам, барои озодии мардуму меҳанам мубориза мебарам». [13, с. 210]

Тарафдорони бас кардани ҷанг қурбониҳои беваҷҳ ва барои кишвар харобиовар будани онро буҳрони асосию кофи медонистанд. Баъди воҳӯрии ҷонибҳои Амрико ва Шӯравӣ дар Вашингтон моҳи декабри соли 1987 Созишномаи Женева оид ба Афғонистон ба имзо расид. Ба имзорасии созишномаи мазкур ба манфиати ИМА буд, зеро баъди қабули созишномаи мазкур ИШ ӯҳдадор гардид, ки тамоми артиши худро аз хоки Афғонистон барорад.

Баъди ҳукми қонунӣ гирифтан 15 майи соли 1988 созишномаҳои мазкур рафти хуруҷи артиши шӯравиро ба тартиб андохтанд ва кафолати байналхалқиро оид ба дахолат накардан, ӯҳдадориҳоеро, ки Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА қабул карданд, расман эълон намуд. 15 феврали соли 1989 ҳамон тавре, ки дар Созишномаи Женева омада буд аз хоки Афғонистон охирин артиши Шӯравӣ бароварда шуд. Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳатто баъди хориҷи артиш мавзуъи Афғонистон қисми асосии рӯзномаи сиёсати хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ гардида, масъалаи ҳалли проблемаи он баъди хуруҷи артиш ҳамеша мадди назари сиёсатмадорони рус қарор дошт.

АДАБИЁТ:

1. Афганистан сегодня: Справочник / Отв. Ред. Р. Х. Додихудоев. Х. Назаров. – Душанбе, 1988. - 224с.
2. Муҳаммадосифи Бовар: Масъуд- дар ҷабини таърих. – Душанбе: 2008. -С. 33.
3. Назаров Ҳ, Мирганов С : Афғонистони навин. – Душанбе: 1982 -С. 124, 125.
4. Назаров Ҳ, Мирганов С: Афғонистони навин. – Душанбе: 1982 -С. 126.
5. Назаров Ҳ, Мирганов С: Афғонистони навин. – Душанбе: 1982. -С. 128.
6. Мухаммадосифи Бовар. Масъуд- дар чабини таърих. – Душанбе: 2008. -С. 35.
7. Назаров Х, Мирганов С: Афгонистони навин. – Душанбе: 1982. -С. 132-133.
8. Қосимшо Искандаров. Афғонистон дар ибтидои қарни XXI, Душанбе: 2010. 236с.
9. Мирзоев Н. Робитаҳои Тоҷикистон ва Афғонистон. – Душанбе: 1997. –С. 184
10. Гулҷонов М. Таърихи муносиботи байналхалқи ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон (1917 – 2008). – Душанбе: Нодир, 2009, -С. 145
11. Муродӣ Соҳибназар. Аҳмадшоҳ Масъуд ва таҳаввулоти даҳаи ҳаштод дар Афғонистон. – Кобул: Бунёди Шаҳид Масъуд, 1385 (2006).
12. Громов Б. Ограниченный контингент. – Москва: Прогресс, 1993. - 352 с.
13. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон. – Душанбе: Ирфон 2002. - 210с.

САБАБҲОИ ИНҚИЛОБИ “САВР” ДАР ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН

Дар мақола таҳлили амиқи омилҳо ва заминаҳои таърихии инқилоби “Савр” (1978) дар Афғонистонро таҳлил мегардад. Инқилоби “Савр”, ки бо дастгирии ҳизби демократии халқи Афғонистон (ХДХА) ва ҳамроҳии Иттиҳоди Шӯравӣ сурат гирифт, натиҷаи тазоҳуроти иҷтимоӣ-сиёсӣ, нобаробарии иқтисодӣ ва таъсири ҷанги сард буд буд.

Мундариҷаи асосии мақоларо нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар давлатии подшоҳӣ Афғонистон (1933–1973) ва ҳукмронии авторитарии Муҳаммад Доудхон (1973–1978) ва эҳтимолияти эътирозҳо. Инчунин Таъсири ҳаракатҳои чапгаро ва марксистӣ дар ҳайати зиёиён ва артиш мебошад. Ҳизби Халқии Демократии Афғонистон, ки ягона роҳбару раҳнамои мардуми заҳматкаш буд, кори асосии худро барои ҷалб ва тарбияи афсарони ҷавони урдуи Афғонистон равона карда буд. Ҳол он ки аксарияти халқ таҳти фишори сиёсӣ, беҳуқуқӣ ва истисмори ваҳшиёнаи феодалӣ қарор гирифта буданд. Инқилоби “Савр” раванди мураккаби сиёсии Афғонистонро тағйир дод ва ба воқеаҳои минбаъда, аз қабили ҷангҳои тӯлонӣ ва ҳукумати Толибон роҳ намуд

Калидвожаҳо: Инқилоби “Савр”, Афғонистон, Ҳизби демократии халқи Афғонистон (ХДХА), Иттиҳоди Шӯравӣ, таъсири сиёсии хориҷӣ, таъсиси муқовимати исломӣ, ҷанги шаҳрвандӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирова Муниса Бахтиёровна -Докторанти Ph. D. – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Сурога: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Муҳаммадиев 17/6, Телефон: (+992) 006823232

ПРИЧИНЫ РЕВОЛЮЦИИ «САВР» В ИСТОРИИ АФГАНИСТАНА

В статье дается глубокий анализ факторов и исторического события революции «Савр» (1978 г.) в Афганистане. Революция «Савр», произошедшая при поддержке Народно-демократической партии Афганистана (НДПА) и сотрудничестве с Советским Союзом, стала результатом социально-политических протестов, экономического неравенства и последствий холодной войны.

Основное содержание статьи — социальное и экономическое неравенство в афганской монархии (1933–1973) и авторитарном правлении Мухаммада Дауд-хана (1973–1978), а также возможность протестов. Также существует влияние левых и марксистских движений среди интеллигенции и военных. Народно-демократическая партия Афганистана, являвшаяся единственным лидером и наставником трудящихся, сосредоточила основную работу на наборе и подготовке молодых офицеров для афганской армии. Революция «Савр» изменила сложный политический процесс в Афганистане и проложила путь последующим событиям, таким как длительные войны и правительство Талибана.

Ключевые слова: революция «Савр», Афганистан, Народно-демократическая партия

Афганистана (НДПА), Советский Союз, внешнеполитическое влияние, создание исламского сопротивления, гражданская война.

Сведения об авторе: Мирова Муниса Бахтиёровна -— Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, . Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Телефон: (+992) 006823232

CAUSES OF THE “SAWR” REVOLUTION IN THE HISTORY OF AFGHANISTAN

The article provides an in-depth analysis of the causes and historical background of the “Sawr” Revolution (1978) in Afghanistan. The “Sawr” Revolution, which took place with the support of the People’s Democratic Party of Afghanistan (PDPA) and the participation of the Soviet Union, was the result of socio-political protests, economic inequality, and the impact of the Cold War.

The main content of the article is the social and economic inequality in the Afghan monarchy (1933–1973) and the authoritarian rule of Muhammad Daud Khan (1973–1978) and the possibility of protests. It also examines the influence of leftist and Marxist movements among the intelligentsia and the army. The People’s Democratic Party of Afghanistan, which was the sole leader and guide of the working people, focused its main work on recruiting and training young officers for the Afghan army. While the majority of the people were under political pressure, injustice and brutal feudal exploitation.

The "Sawr" Revolution changed the complex political process of Afghanistan and paved the way for subsequent events, such as long wars and the Taliban government.

Keywords: "Sawr" Revolution, Afghanistan, People's Democratic Party of Afghanistan (PDPA), Soviet Union, foreign political influence, establishment of Islamic resistance, civil war.

Information about the author: Mirova Munisa Bakhtiyorovna — Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Street. Phone: (+992) 006823232

УДК: 63 (575, 3), (091)

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ШАБАКАҲОИ ОБЁРӢ ДАР НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪАИ ВМКБ (БО ТАВАҷҷУҲ БА САҲМИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ШАРИКОНИ РУШД)

Чоршанбиева О. А.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Баъди ба имзо расидани созишномаи истиқлоли сулҳ ва Ваҳдати Миллӣ (27. 06. 1997) корҳои зиёде ба сомон расиданд. Тӯли ин солҳо фаъолияти соҳаи мелиоратсия зина ба зина рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд. Маҳз бо дастгирии сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар рушди соҳа ба низоми муайян дароварда шудааст. Тайи солҳои охир нисбати ҳалли проблемаҳои мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қабил қарорҳо, аз ҷумла Қарор аз 1-уми декабри соли 2001 №551 «Дар бораи тасдиқи консепсияи истифодаи самаранок ва захираҳои об дар Ҷумҳури Тоҷикистон», аз 2-июли соли 2005 №163 «Дар бораи беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ» ва ташаббусҳои нави Президент дар масъалаи об қабул гардида, дар таъмини кори мунтазами ташкилоту идораҳои соҳаи мелиоратсия такони бузург гардиданд. [1, с. 6]

Дар Тоҷикистон имкони зиёд кардани замини кишоварзӣ мавҷуд мебошад. Агар дар ҷумҳурӣ заминҳои обёришаванда васеъ карда шаванд, ин омил боиси баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва афзоиши ҳосилнокии зироат мегардад. Инчунин дар ин раванд масъулини Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ вазифадор мегарданд, ки кишти зироатро танзим ва ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаро хуб нигоҳдорӣ намоянд. [2, с. 41]

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон масъалаи истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ мавқеи ҳалкунанда ва омили асосиро оиди самаранок ва баланд бардоштани ҳосилнокии замин ба инкишофи ҳамаҷонибаи ирригатсия ва мелиоратсия вобастагии зич дорад.

Тибқи нақша чорабиниҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 450 аз 1. 08.

2012 “ Дар бораи Барномаи азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”, дар ноҳияи Роштқалъа 20 гектар заминҳои нави обёришаванда аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ азхуд карда шуданд. [4]

Дар ноҳияи Роштқалъа барои обёрии 45 гектар заминҳои деҳқонии кишлоқҳои Намадроҷ, Лангар, Лахшик, Шош ва Бармеви ҷамоати деҳоти Тусён ба воситаи канали Шоҳбурҳон 380 литр об дар як сония аз руи меъёри шабонарузӣ ҷорӣ аст, ки аз миқдори мукаррарӣ 6 баробар зиёдтар аст. [5, с. 22]

Дар хоҷагиҳои қишлоқи Бароҷ барои обёрии 48 гектар заминҳои обёришаванда 450 литр об дар як сония, 6, 5 баробар аз миқдори мукаррарӣ зиёд буда ҷорӣ аст. Агар дар ин хоҷагиҳо обмониро аз руи инсоф ва якдигарфаҳмӣ ба роҳ мемонданд, ин миқдори об мебоист дар ҷамоати деҳоти Тусён барои 260 гектар ва қишлоқи Бароҷ 315 гектар басанда мебуд. Ба сабаби набудани назорат аз болои обмонӣ ва якдигарфаҳмӣ, ҳамаи нуқтаҳои обгирӣ дар канали асосӣ аз сарҷуй то охири канал якбора дар як вақт кушода шуда, доимӣ амал мекунанд ва қисми заминҳое, ки дар сарҷуй воқеанд, аз ҳад зиёд нам гирифта, қабати болоии хоки ғизонокро шуста бурда, шароити селфуроӣ пайдо мешавад.

Мардумии диёр шикояти камобӣ доранд. Дар натиҷа ин “камобӣ” одамони қишлоқро то ба дараҷаи рух додани ҳолатҳои фавқулодда оварда, дар ҷамоати Тусён 68 хонаи истиқоматӣ, як мактаби миёна, духтурхона ва 121 гектар замини обёришаванда аз фуруравии замин осеб дида, канали Шоҳбурҳон тамоман аз истифода баромад.

Хушбахтона, бо кумаки Ташкилоти байналхалқии ФОКУС-и Амрико канал аз таъмир бароварда шуда, мактаби миёнаи қишлоқи Лахшик ба ҷои бехатар кучонда, ба истифода дода шуд. Қишлоқҳои ҷамоат аз хатари фуруравӣ ва нестшавӣ наҷот ёфтанд. Барои ба тартиб даровардани истифодабарии об ва мубориза бо вайронкунандагони меъёри обмонӣ вақте расидааст, ки дар худуди ноҳия Ассотсиатсияи истифодабарии обу замин ташкил карда, ҳуқуқи ҷаримаситонӣ дошта бошанд.

Хоҷагии оби ноҳия, то соли 1995 ҳамаи намуди хизматрасониро бепул ба сомон расонд: Имруз муфлис шуда, на танҳо назорат аз болои об истифодабарандагон ва корҳои мелиоративиро пеш бурда наметавонад, балки шароити пардохти ҳаққи меҳнати коргарон ҳам надорад. Тартиби ситондани ҳаққи хизмат дар низомнома мувофиқи ҳаҷми об ва намуди кишт муайян карда шудааст. Ҳар як одами солимфикр ва поквиҷдон бояд донад, ки аз аввали ташкилёбӣ то кунун хоҷагии об яке аз пуриқтидортарин идораи давлатӣ дар ноҳия ба шумор мерафт ва имруз тақдири фаъолияташ ба ҳар яки мову шумо, идораҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ассотсиатсияҳо ва ғайраҳо вобаста аст [5, с. 23].

Моҳи октябри соли 2017 Сафири фавқулоддаи Ҷопон дар Тоҷикистон Китаока дар натиҷаи сафари дуюми худ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар маросими ба итмом расонидани лоиҳаи "Таҳкими хок дар доманакӯҳҳои дарёҳо ва такмили системаҳои оберӣ дар ноҳияи Роштқалъа" иштирок кард, ки дар доираи Барномаи кӯмаки ройгон ва амнияти башардӯстона барои табақаҳои васеи аҳолӣ (GGP) маблағгузорӣ карда шуд. Маблағи умумии лоиҳа 74 067 доллари ИМА - ро ташкил медод. Бо анҷоми ин лоиҳа, тақрибан 2 ҳазор сокини маҳаллӣ имконият пайдо карданд, ки захираҳои оби дарёи маҳаллии Шоҳдараро бехатар ва самаранок истифода баранд. Дар маросим Зафар Қувватбеков, директори Созмони Фокуси Кумаки Башардӯстона (ФОКУС) Дар Тоҷикистон, хонум Гуламадшозода, муовини раиси ноҳияи Роштқалъа ва сокинони маҳаллӣ ширкат варзиданд. Сафир дар суханронии худ чунин гуфт: "Дарёи Шоҳдара на танҳо аз захираҳои об, балки аз мушкилот низ бой аст [7].

Бо мақсади шодоб гардонидани 9 гектар замин ба мавзеи Даштаки деҳаи Хидорҷеви Ҷамоати деҳоти ба номи Қурбоншоҳ Гадолиев дар масофаи зиёда аз 2 километр қубури обгузар гузаронида шуд.

Бино ба гуфти раиси Мақомоти худфаъолиятии ҷамъиятии деҳаи номбурда Ҳабибулло Таибов, мавзеи Даштак солҳои дароз ба сабаби набудани об замини бекорхобида ва макони бедолу дарахт буд. Баъди ба истифода додани қубури обгузар заминҳои бекорхобида аз нав ба гардиши кишоварзӣ даровардан шуданд. Акнун 15 хоҷагии

деҳа аз заминҳои Даштак самаранок истифода мебаранд. Ҳамчунин бо ҷалби қувваи корӣ аз ҳисоби маскунони деҳа дар масоҳати 3 гектар боғи мевадиҳанда бунёд ёфта, дар он дарахтони мевадиҳанда, аз қабили зардолу, себ, гелос, нок ва олуча шинонда шуданд.

Сохтмони хати обгузар ва бунёди боғ бо мусоидати Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Фонди Оғохон амалӣ гардида, барои анҷоми босамари лоиҳаи мазкур 86 ҳазор сомонӣ масраф гардидааст [3, с. 8].

Ба ибрози Ҳабибулло Таибов, дар ояндаи наздик онҳо нияти доранд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту ноҳия ва шарикони рушд дар масоҳати 400 метр хати обгузарро ба мавзеи Остонқала бароварда, 4 гектар ҷангалзор ва заминҳои навро аз худ намуда, 20 хоҷагии камзаминро бо замини корам таъмин намоянд. Қитъаи Остонқал дар мавсими зимистону баҳор макони резиши сангу тарма ба ҳисоб меравад, ки барои 14 хоҷагии таги он хатари ҷиддӣ дорад. Аз ин рӯ, бунёди ҷангалзор ба ҷилавгирӣ аз резиши санг ва тарма мусоидат намуда, симои деҳаро боз ҳам ободу зебо мегардонад.

Дар робита ба эълон гардидани «Солҳои 2019-2021 – Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» имрӯз дар деҳаи Хидорчев бо дастгирии Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Фонди Оғохон бунёди боғи фарҳангӣ-фароғатӣ идома дошта, корҳои хуррамгардониву ободонӣ идома доранд. [3, с. 9]

Соли 2019 дар деҳаи Чандини ҷамоати Барвози ноҳияи Роштқалъа хати оби нушокӣ ба истифода дода шуд, ки дар маросими ифтитоҳи он раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ёдгор Файзов ширкат варзид.

Лоиҳаи мазкур бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Роштқалъа ва дастгирии Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Фонди Оғохон амалӣ гардида, 19 хоҷагиро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин мекунад. Дарозии умумии он 4306 метрро ташкил дода, пудратчии сохтмон Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Орзу 1» мебошад. Барои анҷоми корҳои сохтмонӣ аз ҷониби БҶИИМК зиёда аз 227 ҳазор сомонӣ равона гардидааст. Инчунин ҳиссаи аҳолии деҳа дар он маблағи зиёда аз 127 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Раиси вилоят дар ҷараёни сафар аз мушкилоти боло рафтани маҷрои дарёи Шоҳдара дар маркази ноҳия ва деҳаи Синдеви ҷамоати деҳоти Барвоз воқиф гардида, баҳри бартараф кардани ин мушкилот дастуру супориши мушаххас доданд. Деҳаи Синдев дорои 20 хоҷагӣ буда, деҳаро бо роҳи марказӣ ягона пули пиёдагард пайваст менамояд. Ҳамасола дар мавсими баланд гардидани сатҳи оби дарёву рудҳо роҳи маскунони деҳа ба тарафи дигари соҳил банд гардида, мушкилоти зиёдро ба бор меорад. Зикр гардид, ки ҷиҳати аз байн бурдани мушкилоти сокинон чораҳои зарурӣ андешида мешаванд[8].

30 сентябри соли 2021-Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ва Бунёди Оғохон (AKF) дар доираи барномаи "Шукуфоии Тоҷикистон: шарикӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ" расман системаи нави обтаъминкунии нӯшокӣ ва ҳоҷатхонаи мактабиро дар ноҳияи Рошткалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кушоданд. Системаи оби нӯшокӣ дастрасии боэътимодро ба оби тоза барои тақрибан 448 нафар дар деҳаҳои Медон ва Савир таъмин мекунад. Барномаи "Шукуфоии Тоҷикистон: шарикӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ" барномаи панҷсола (барои солҳои 2018-2023) мебошад, ки ба тақвияти рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ дар 16 ноҳияи Тоҷикистон равона шудааст. Бо дастгирии USAID ва AKF дар доираи барномаи "Шукуфоии Тоҷикистон" системаҳои обтаъминкунии нӯшокӣ вҳоҷатхонаҳои мактабӣ дар Ноҳияҳои Ҳамадони, Панҷ ва Рошткала сохта шуданд, ки ба 5506 нафар барои дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва беҳтар кардани шароити санитарӣ ва гигиенӣ барои 1767 нафар кӯмак карданд [6].

Системаи обёрӣ барои зиёд намудани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти калон дорад. Системаи муосири обёрӣ ба кам шудани талафоти об ва беҳтар шудани сифати маҳсулотҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад. Нигаҳдории дуруст ва истифодаи самараноки об барои беҳтар намудани солимии ҷомеа ва рушди он мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Верхотуров Д. Ташаббусҳои нави Президент Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи об // Садои Мардум, № 139, 18 дек. 2007 с.
2. Кишоварзӣ № 001 (007) январ-марти соли 2025. - 63 саҳ.
3. Мавзеи Даштаки Хидорҷев шодоб гардид// Бадахшон, № 21, 1 апрели 2019 с.
4. Маълумот аз Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солҳои 2012/2023.
5. Раҳмихудоев Г. Соли 2003 соли байналхалқии оби тоза. // Об, замин ва одамон. Хоруғ- 2007.
6. USAID и Фонд Ага Хана обеспечивают доступ к воде и санитарным условиям в районе Рошткала - Посольство США в Таджикистане. // https://tj. usembassy. gov/ru/usaid. Санаи воридшавӣ 20. 10. 2025
7. Второй визит посла Китаока в ГБАО и участие в церемонии завершения проекта по «Укреплению почвы на склонах рек и совершенствованию систем орошения в Рошткалинском районе»// https://www. tj. emb-japan. go. jp/ Санаи воридшавӣ 15. 10. 2025
8. Ёдгор Файзов дар Рошткалъа ва бунёди хати об// https://sputnik. tj. Санаи воридшавӣ 10. 10. 2025

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ШАБАКАҲОИ ОБЁРӢ ДАР НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪАИ ВМКБ (БО ТАВАҶҶУҲ БА САҲМИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ШАРИКОНИ РУШД)

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба таърихи ташаккул ва рушди шабакаҳои обёрӣ ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд дар ҳалли он яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи хоҷагии халқ, мелиоратсия ва ба кор андохтани заминҳои нав дар кишвар маълумот додааст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки рушди соҳаи мелиоратсия дар минтақаи куҳистон ҳамеша дар мадди аввали Ҳукумати мамлакат, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Вазорати кишоварзӣ қарор дорад. Муаллиф оиди саҳми шарикони хориҷӣ дар таъмиру азнавсозии каналу ҷуйборҳои ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ-ро рӯйи қоғаз овардааст. Дар асоси як қатор лоиҳаҳо садҳо гектар заминҳои обёришаванда барқарор шуда, даҳҳо каналу ҷуйборҳо таъмир ва азнавсозӣ гардиданд.

Калидвожаҳо: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд, обёрӣ, канал, об, Рошткалъа, заминҳои обёришаванда.

Маълумот дар бораи муаллиф: Чоршанбиева Оим Аловатшоевна- докторанти курси 3-и (PhD) аз рӯи ихтисос таърихи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, тел. 992 501847343

ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ОРОСИТЕЛЬНЫХ СЕТЕЙ В РОШТҚАЛИНСКОМ РАЙОНЕ ГБАО (С УЧЕТОМ ВКЛАДА ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ПАРТНЕРОВ ПО РАЗВИТИЮ)

В данной статье автор рассказал к истории формирования и развития оросительных сетей и о вкладе Правительства Республики Таджикистан и *партнеров по развитию в решение одной из важнейших проблем в сфере народного хозяйства, мелиорации и освоения новых земель в стране. Исследования показывают, что развитие мелиорации земель в горном регионе находится в центре внимания правительства страны, Агентства мелиорации и ирригации, Министерства сельского хозяйства. Автор упоминает вклад иностранных партнёров в ремонт и реконструкцию каналов и водопропускных сооружений в Рошткалинском районе ГБАО. Благодаря нескольких проектов были восстановлены сотни гектаров орошаемых земель, отремонтированы и реконструированы десятки каналов и водопропускных сооружений.*

Ключевые слова: Правительство Республики Таджикистан, партнеры по развитию, орошение, канал, вода, Рошткала, орошаемые земли.

Сведения об авторе: Чоршанбиева Оим Аловатшоевна- докторант 3 курса (PhD) по специальности история. Хорогского государственного университета имени М. Назаршоев, тел. 992 501847343

HISTORY OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF IRRIGATION NETWORKS IN ROSHTQALA DISTRICT OF GBAO (WITH CONSIDERATION OF THE CONTRIBUTION OF THE GOVERNMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND DEVELOPMENT PARTNERS)

In this article, the author spoke about the history of the formation and development of irrigation networks and contribution of the Government of the Republic of Tajikistan and development partners to solving one of the most important problems in the field of national economy, land reclamation and development of new lands in the country. Research shows that the development of the land reclamation in the mountainous area is always at the forefront of the country's government, the Agency for Land Improvement and Irrigation, and the Ministry of Agriculture. The author writes about the contribution of foreign partners to repair and reconstruction of canals and streams in the Roshtqala district of GBAO. Based on a number of projects, hundreds of hectares of irrigated land have been restored, and dozens of canals and streams have been repaired and reconstructed.

Keywords: Government of the Republic of Tajikistan, development partners, irrigation, canal, water, Roshtqala, irrigated lands.

Information about the author: Chorshanbieva Oim Alovatshoevna is a 3rd-year doctoral student (PhD) in History at Khorog State University named after M. Nazarshoev tel. 992 501847343

УДК: 392+39 (512. 3)

ГУЗАШТАНИ ДОМОД АЗ ФАЗОИ ЗАНОНА БА МАРДОНА ДАР МАРОСИМИ ТӮЙИ МАРДУМИ ШУҒНОН

Шоинбеков А.А.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Дар мақолаи авваламон “Ойини ба пушт гирифтани домод дар маросими тӯйи сокинони Шуғнон” [1] муайян кардем, ки домоду арӯсро дар маросими туй дар Шуғнон ба хотири “подшоҳу малика” шуданашон, аз як мақом ба мақоми дигар гузаштан, нопок нашудан, бало ба онҳо нарасидан ва барои дастгирӣ карданашон ба пушт мегиранд.

Дар ин мақола бошад дида мебароем, ки чаро дар баъзе деҳаҳои Шуғнону водии Хуф домодро баъд аз шустушӯ аввал болои суфа ё назди (шғн: *“ҷингак”*) дегдони оташдон[2] мемонанд ва баъд ба Баҳрнех мефурорнд? Бо ба даст овардани маълумотҳои нави шифоҳӣ муайян гардид, ки ин яке аз одатҳои бумӣ будаст, ки дар дигар водиҳои Шуғнон дида намешавад. Масалан, дар миёни шуғниёни ш. Хоруғ [маълумотдиҳанда[3] *8*] дар водии Поршенев [*мд: 10*] дар деҳаи Спинзи Сучон [*мд:1*], дар деҳаҳои водии Шохдара [*мд: 12, 15*] ва дар баъзе деҳаҳои Шуғнони Афғонистон [*мд: 7, 13, 14*] ин одат вуҷуд надоштааст. Дар деҳаи Барсеми н. Шуғнон бошад ин одат каме дар шакли дигар бо тағйирот вуҷуд дорад.

Муҳаққиқ З. Юсуфбекова нигоштааст, ки (дар водии Ғунд) домодро дар назди дегдони оташдон (*“ҷингак”*) мемонанд, то ки гарм шавад баъд ӯро гирифта ба суфаи рӯ ба рӯи оташдон (шғн: *Баҳрнех*) мефурорнд [13, с. 120]. Т. С. Қаландаров низ нигоштааст, ки баъд аз шустушӯ ду дӯсташ домодро дар “*ҷингак*” назди оташдон меоранд, то ки каме гарм шавад. Сипас бо овози баланди “пушт, пушт”, яке аз он дӯстонаш домодро ба пушт бардошта, ба *Баҳрнех* мефурорад [3, с. 278]. М. С. Андреев навиштааст шахсе, ки домодро ба пушт мегирад аз болои оташдон фуромада, аз “*пойга*” гузашта, ӯро ба ҷойи бонуфузтарини хона – сӯфаи рӯ ба рӯи оташдон, ки халифа ва дигар меҳмонони гиромӣ

[1] Муфассал ниг: Шоинбеков А. Паёми донишгоҳи Хоруғ (Бахши илмҳои гуманитарӣ) №4 (04) 2026, Саҳ. -55-60

[2] Дар худи сараки оташдон ба ягон кас нишастан мумкин нест. Тибқи тасаввурот ва эътиқод ин чойи фариштагон аст. Дар ин ҷо фақат *стирахм* ва дигар гиёҳои хушбуй дармегиронанд.

[3] Ному насаби маълумотдиҳандагон дар охир дар рӯйихати ҳамсӯҳбатон тибқи алифбо ва рақами тартибӣ оварда шудааст, барои ҳамин минбаъд дар матн онро дар шакли *мд:* бо рақами тартибаш нишон медиҳем. Масалан мд: 1 Абдураҳмонов З. мд: 8 Карамхудоев А.

мешинанд, мефурорад [1. қ. 1. с. 145][4].

Яке аз ҳамсӯҳбатонам гуфт, ки ман июни соли 1977, яъне тобистон тӯй доштам вале маро низ баъди шустушӯ аввал болои оташдон шинонданд. Дар он ҷо маро шинонда ба ман хуроки гарм доданд ва гиёҳи хушбуй *стирахм*ро даргиронда, баъд маро ба *Баҳрнех* фуровардан [*мд:3*]. Аз ин ҷо бармеояд, ки домодро ба хотири гарм шудан назди оташдон намешинонанд, балки ин як ойин аст. Боз чандин ҳамсӯҳбатони дигар аз водии Ғунди Шуғнон иброз доштанд, ки баъд аз шустушӯ домодро назди дегдони оташдон мешинонанд ва ин яке аз ойинҳои деринаи мост иброз доштанд онҳо, ки то кунун дар аксарияти ин водӣ иҷро мегардад. Аз ҷумла аз деҳаи Дузахдара то Ҷелондӣ [*мд:16*], дар деҳаҳои Хитаму Навобод [*мд:10*], дар деҳаи Вер [*мд:6*], дар деҳаи Сижд [*мд:4*] дар деҳаи Нишуспи Дарморахт [*мд:5*] то кунун ин одат вуҷуд дорад.

Мо нахуст тахмин кардем, ки шояд баъд аз шустушӯ домодро ба назди оташдон ба он хотир мешинонданд, ки бо нури оташ ӯро иловатан пок созанд? Зеро, ки бо оташ пок сохтан, яке аз ойинҳои қадимтарини ориёиҳо буд[5]. Ё шояд ин амал маънои дигареро низ касб кардааст, ки аз замони ориёҳо маншаъ гирифтааст, яъне қурбонӣ кардани домод ба хотири Худои оташ ва пок шудан аз ҳама гуна нопокиҳо шинохта шуда бошад, ки ин таҳқиқи алоҳидаро дар оянда тақозо дорад.

Вале баъдтар дар натиҷаи пурсуҷӯ ва ҳамсӯҳбат шудан бо якчанд кас аз зодагони водии Ғунд дарёфтем, ки домодро дар назди "*ʒингак*" дар ҳолати *повезӯн* (пойҳояш овезон) гузошта ба ӯ дар баъзе ҷойҳо атолаи равғанин медиҳанд. Дар Сижд ва Вер[6] бошад [*мд:4, 6*], ба ӯ шир ё ширравған медиҳанд. Дар деҳаи Нишуспи Дарморахт [*мд:5*] ва қарияҳои Шуғнони Афғонистон [*мд:7, 13, 14*], ба ӯ *қамочтарит*[7] медиҳанд. Тибқи анъана дар ин маврид маҳз модари "шоҳ – домод" бояд ба ӯ дар болои оташдон шир дароз кунад, ки ин ба таври рамзӣ имитатсия (тақлид, такрор) аз он даврае, аст, ки замоне ӯ тифл буду модараш ба ӯ шири модарии худро медод, акнун ки ӯ калон шудаст, модараш ба ӯ ин шири рамзомезро бори охирон ҳамчун рамзи шири модар, дастранҷу баракати дасти худ медиҳад.[8] Модар ки нигаҳбони оташу баракати хона аст, ба фарзандаш тавассути ранги сафеди шир хушбахтию роҳи сафед дар зиндагии нави мустақилона хоста, дар назди дегдони оташдон *стирахм* даргиронда[9], ба ӯ дуои хайру баракат дода ӯро аз ҷойи худ, "фазои худ-фазои занон " яъне аз оташдон ба "фазои падараш – фазои мардон" ба *Бахрнех* раҳсипор мекунад. Аз ин хотир он шир, ширравған ва ё *қамочтарит*- ро, ки модар дар назди оташдон дар маросими тӯй ба писари ба камолрасидааш яъне "подшоҳ", ки медиҳад шояд он як намуди "*Пири пухта*" бошад. [10]

Тибқи маълумоти И. Муҳиддинов ва З. Юсуфбекова дар Ишкошим, чи хеле ки арӯс ҳангоми аз хонаи худ рафтанаш ба пеши оташдон омада онро зиёрат мекунад, айнан ҳамин хел вақте, ки арӯс ба хонаи домод меояд, пеши оташдони хонаи шавҳараш рафта, онро зиёрат мекунад ва қасам мехӯрад, ки ӯ ба ин хонавода софдилона хизмат мекунад, ҳурмату эҳтироми шавҳар ва дигар аъзоёни хонаводаашро ба ҷо меорад, вагарна дар акси ҳол "Пири

[4] Пас аз ин ҷо бармеояд, ки ҳатто макони (ҷойҳои) хона (чалаку пойга) ҳам барояш нопок маҳсуб меёбанд.

[5] Оид ба хосияти поккунии оташ ниг: 10.

[6] Дар Вер ними авлодҳо шуғни ҳастанду ними дигарашон рӯшонӣ ҳастанд вале одати ба пушт гирифтани домод дар тамоми деҳа роиҷ аст. Дар Рӯшон бошад ойини ба пушт кардани домод умуман дида намешавад.

[7] Алҳол ба ҷойи "чикаш" *қамочтарит* медиҳанд.

[8] Дар Шуғнони Афғонистон домодро болои оташдон шинонда, модараш барои ӯ *қамочтарит* (нони гармро майда - майда реза карда бо равған омехта дастмол карда) омода мекунад ва медиҳад. Яке аз ҳамсӯҳбатонам гуфт, ки ин аз суннати Биби Фотимаи Заҳро боқӣ мондааст, замоне ки ӯ ба фарзандонаш Ҳасан ва Ҳусайн дар ҳамин ҷо таом дода сер кардааст. Ин албатта аз тарафи одамони оддӣ ба расму ойинҳо додани қолаби исломӣ аст, ки мантиқан ба ҳақиқат рост намеояд. Дар ин ойин оташдон нишонаю ишорае аз ойинҳои оташпарастӣ аст. Биби Фотима шакли исломи гирифтани ин ойин аст. Вақти сафар зиёрат кардани оташдон аз тарафи арӯсу домод маънои "аз хонаводаи худ" рафтанро дорад.

[9] Даргирондани *стирахм* дар сараки оташдон дар бисёр мавридҳои дигар низ дида мешавад ниг: 1, 19-20; 6, 138, 141. Оиди даргирондани ҳазориспанд ва моҳияти он дар дигар мавзеҳои Тоҷикистон ва Узбекистон ниг: 10, 14 -16, 23

[10] Доир ба "*Пири пухта*" алҳол маълумоти пурра ҷамъ наовардаем ва тасмим гирифтем, ки дар оянда бо дастрас шудани маълумотӣ кофӣ оиди он мақолаи алоҳидаеро нашр намоем.

пухта” (нигаҳбони оташу оташдон Биби Фотимаи Заҳро) ҷазояшро медиҳад. Ин ойини рамзомез маънои онро дорад, ки арӯс минбаъд “ба оташдони хонаи шавҳараш ҳамроҳ” гашт [7, с. 82; 13, с. 31].

Пухтану додани таоми махсуси маросимии “*чикаш*” (ки аз нони гарму, шири гарму равған иборат аст) дар маросими тӯйи мардуми Шуғнон низ “Пири пухта” ба шумор меравад. Вақте арӯсу домод вориди хонаи домод мешаванд ва дар суфаи дароз (шғн: *вохзнех*) мешинонанд, нахуст шуда модар ё яке аз занони калонсоли хона пеши онҳо ин намуди таомро мегузорад. Маҳз ҳамин таомро онҳо бори нахуст якҷоя тановул мекунанд. Қабл аз ин ки ин таомро пеши онҳо гузоранд, онро гирди “шаҳсутуни хона” (ки онро ҷойу макони арвоҳи гузаштагон мешуморанд) [ниг:13, с. 143] се ё ҳафт маротиба давр мезананд, то ки “арвоҳ” ва аъзоёни хонаводаи домод арӯсро қабул кунанд ва ӯ дигар ин хонаро тарк накунад [ниг: 13, с. 130 -131].

Тибқи маълумоти шифоҳӣ дар Вахон дар маросими тӯй арӯс пеш аз он, ки хонаи падарии худро тарк кунад ва ба хонаи домод раҳсипор гардад, аввал ба ганҷхонаи хонаи падариаш даромада, дасташро дар равған зада, сипас дар болои сутуни ганҷхона изи дасти равғанини худро мемонад, то ки баракати хонадони падариашро бо худ набарад [мд: *2*].

Дар Язгулом барои он, ки арӯс “вориди хона, бо аъзоёни хонавода ва арвоҳ” ҳамроҳ шавад, модари домод арӯсро ба назди “шаҳсутун” оварда сараш (пешонияш) -ро каме ба ин сутун мезаданд [5, с. 130].

Тибқи маълумоти Д. К. Зеленин дар байни славянҳои шарқӣ, вақте ки арӯсро барои ба хонаи шавҳари ояндааш бурдан дар ароба мегузоранд, домод аробаро се маротиба давр мезанад ва бо қамчин арӯсро оҳиста зада мегӯяд: “ Он чӣ аз они падарат буд бигзор ва аз они ман гир”! Ин як русумоти хеле ҷолиб аст. Он нишон медиҳад, ки чӣ тавр домод ба таври рамзӣ ҳудуду фазоеро муайян мекунад, ки минбаъд на ба падари арӯс, балки ба ӯ ҳамчун шавҳараш тааллуқ дорад. . . Метавон ёдовар шуд, вақте ки арӯс (бе домод) дар хонаи падару модараш оташро се маротиба давр мезанад, ин маънои онро дорад, ки ӯ минбаъд "Оташи падариро мемонаду, оташи шавҳариашро қабул мекунад"[10, с. 195-196.]. Ин ойин дар миёни ҳиндуҳо низ хеле маъмул аст. Вақте ки домоду арӯс гирди “оташи муқаддас” ҳафт маротиба давр мезанад[11] ин маънои онро дорад, ки “оташи муқаддас” шоҳиди ақди никоҳи байни инсонҳо ва худоҳо аст. Онҳо ҳангоми давр задан дар гирди “оташи муқаддас” ба Худои оташ Агнӣ, қасам мехӯранд, рӯҳҳои худро бо никоҳи муқаддас (дар ҳафт умр-*джанм*) бо ҳам мепайванданд ва бо “оташи муқаддас” худро пок месозанд.

Ва дар он лаҳзае, ки дар маросими тӯйи мардуми Шуғнон пеш аз ойини сартарошонӣ дар баъзе деҳаҳои водии Ғунд домодро дар болои оташдон мегузоранд ва модараш ба ӯ бори охир шир, *ширӯған* ё *қамочтарит* ба таври рамзӣ медиҳад ва ин ойин низ як шакли “Пири пухта” аст, ки ба таври маҷозӣ ва рамзӣ иҷро гардида, дар он модар таҷассумгари Ҳазрати Биби Фотимаи Заҳро аст[12]. Ва маҳз “Пири пухта” Биби Фотимаи Заҳро ҳар як “хом” -ро “пухта” мекунад. Модар низ писари хурдсоли худро ки “хом” буд, ба воя расонду “пухта” кард ва акнун онро ба падараш, ки нишона аз зиндагии мустақилона аст, месупорад.

Муҳаққиқ Ш. Некушоева, қайд кардааст, ки ду тарафи мувозии хонаи суннатии помирӣ– *кицор* “оташдон” ва *баҳрнех* (суфаи рӯ ба рӯи оташдон) агарчӣ аз як тараф фазои хонаро ба ду қисм, фазоӣ занонаю мардона тақсим кунанд, аз тарафи дигар ин ду тарафи муқобилу баробар як хонаи томро ташкил медиҳанд [8, с. 55].

Муҳаққиқи дақиқназар М. С. Андреев ин лаҳзаро дар миёни сокинони Хуф хеле ҷолиб ба қайд гирифтааст. Ӯ навиштааст, ки: “касе ки “шоҳ - домод”-ро бояд ба пушт гирад, ба пешаш ба суфаи оташдон меояд. Дар ин суфа гирдогирди домод ҳама занон

[11] Ин ойин “*Саптапади*” ё “*Пхера*” ном дошта маънояш “ҳафт қадам” ва ё “ҳафт давр” мебошад. Даври якум рамзӣ – фаровонии таъом, даври дуюм рамзӣ –солимии ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ, сеюм рамзӣ– боигарӣ ва гулгулшукуфӣ, чорум рамзӣ– хушбахтӣ ва муҳаббат, панҷум рамзӣ–насли ва тарбияи фарзандон, шашум рамзӣ–дарозумрӣ ва мувофиқат, ҳафтум рамзӣ– садоқат ва дӯстии ҳамеша мебошад.

[12] Шояд ин ойин қабл аз ислом ҳам буд, ки баъдтар қолаби исломӣ гирифтааст.

нишастаанд. Шахси омадагӣ, ки рамзӣ асп аст, хам шуда пушташро пешниҳод мекунад, ки домод ба пушташ савор шавад. Занон вонамуд мекунанд, ки намехоҳанд ӯро раҳо кунанд ва аз пойҳояш гирифта гӯё, ки мӯзаашро кашидани бошанд, ӯро бурдан наменомонанд. Вале шоҳ дар гардани "асп" худро сахт нигоҳ дошта зӯр мезанад ва худро аз ҳалқаи занон берун мекунад[13] [1, қ. 1. с. 145]. Яъне ӯ худро аз фазои модар, аз муҳити занона (аз оташдон) ҷудо карда[14] ба фазои падар ба муҳити мардона ба суфаи асосии хона *Баҳрнех* меравад ва дар онҷо ойини сартарошониро анҷом медиҳанд. Бо анҷом додани ойини сартарошонӣ ва либоспӯшӣ шаклу намуди домод тамоман дигар мешавад, ӯ аз як одами кӯҳна[15] ба як одами нав, аз як муҳити кӯҳна ба муҳити нав, ба зиндагии нав қадам мегузорад ва минбаъд бояд ҳар як қадами ӯ бо кӯмаки мардони гирду атрофаш, дӯстону наздикон, бахусус *пасхой*-ҳояш ҳамчун "шоҳ - подшоҳ" бавазну ботамкин, бомулоҳизаю ботадбир бошад.

АДАБИЁТ:

1. Андреев М. С. Таджики долины Хуф / М. С. Андреев. Под. ред. Кочумкуловой – Вып. I-II. Переизд. – Б. : ОсОО Джем Кей Джи, 2020. - 794 с.
2. Броимшоева М. Боварҳо ва таъбирҳо мансуб ба хона, асбобу анҷоми рӯзгор ва хӯрокҳо // Маҷмуаи мақолот. – Хоруғ: 2013. -С. 120-126.
3. Каландаров, Т.С. Шугнанцы (историко-этнографическое исследование) / Т. С. Каландаров - М. : Институт этнологии и антропологии РАН 2004. - 478 с.
4. Лобачева, Н.П. Различные обрядовые комплексы в свадебном церемониале народов Средней Азии и Казахстана / Н. П. Лобачева / Домусульманские верования и обряды в Средней Азии. М. : – Наука, 1975. - С. 298-334.
5. Моногарова Л. Ф. Материалы по этнографии язгулямцев /Л. Ф. Моногарова // Среднеазиатский этнографический сборник. Ч. 2. – М. : – Издательство Академии Наук СССР, 1959. - С. 3-94.
6. Моногарова Л. Ф. Преобразования в быту и культуре припамирских народностей / Л. Ф. Моногарова М. : – Наука, 1972. -175 с.
7. Мухиддинов, И. Обычаи и обряды памирских таджиков, связанные с жилищем / И. Мухиддинов // Советская этнография, – 1982, №2. -С. 76-83.
8. Некушоева Ш. С. Дом в памирской языковой картине мира (на материале шугнанского языка) / Ш. С. Некушоева / Дом, где живет история: культурные ценности через призму лексических единиц, – Душанбе: Сифат-Офсет, 2024. –С. 13-65.
9. Рахимов Р. Р. Огонь и «умные числа» в традициоонной символической нумерологии таджиков / Р. Р. Рахимов / Электронная библиотека Музея антропологии и этнографии им. Петра Великого (Кунсткамера) РАН http: //www. kunstkamera. ru/lib/rubrikator/03/03_03/978-5-02-025231-8/ © МАЭ РАН - С. 135-188.
10. Рахимов Р. Р. Коран и розовое пламя (Размышления о таджикской культуре) / Рахимов Р. Р. – СПб. : – Изд-во Наука, 2007. 388 - с.
11. Шоинбеков А., Ойини ба пушт гирифтани домод дар маросими тӯйи сокинони Шуғнон Паёми донишгоҳи Хоруғ №4 (04) 2025, – Саҳ. -55-60

[13] Айнан ҳамин хел солҳои пеш дар Шуғнон ва дигар ноҳияҳои Бадахшон вақти никоҳ буд. Арӯс дар иҳотаи занон дар *нехак* (суфачаи хурди назди оташдон ва назди дари хона) менишаст ва вақте ки яке аз вакилони домод (гувоҳдиҳанда дар никоҳ) бо косаи оби никоҳ пеши арӯс мебаромад, то ки арӯс қатрае аз он нӯшад, занони гирду атрофи арӯс ӯро мезаданд ва ӯ ба зӯр аз ҳалқаи занон мебаромад. Кашмакашиҳои шӯхиомез дар байни хешу таборони домод, байни намояндагони домоду арӯс дар маросими тӯй, дар миёни бисёр халққои дунё дида мешавад [ниг: 4, 303].

[14] Шояд дар чамоаи ибтидоӣ бачаҳо то ба балоғат расидан бо занон дар манзилгоҳҳо мемонданду мардон ба шикор мерафтанд. Шояд ин бозии рамзомез ишорае аз он давра бошад.

[15] Солҳои пеш дар баъзе ҷойҳо баъди шустушӯъ домодро бо пушоки кӯҳнааш оварда, сартарошонӣ гузаронда, либосҳои кӯҳнаашро мекашанду ба ӯ либосҳои нав мепӯшанд.

12. Шохуморов А. Хонаи пайравони ростӣ / А. Шохуморов / Памир – страна ариев. – Душанбе: Матбаи аввали Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1997. – С. 116 – 152.
13. Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX - начало XX вв.) / З. Юсуфбекова – М. : ИЭА РАН, 2015. -222 с.

РӮЙИХАТИ ҲАМСӮҲБАТОН:

1. Абдураҳмонов З. с. т. 1986 зодаи деҳаи Спинзи н. Шуғнон, истиқоматкунандаи ш. Душанбе / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 25 .07. 2025.
2. Азорабекова Ширингул, с. т. 1965 сокини деҳаи Ҷирӯҷи н. Шуғнон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 13.06.2025.
3. Алимшоев Мамадризо с. т. 1956 зодаи деҳаи Вужи н. Шуғнон, сокини ш. Хоруғ / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 13. 06. 2025.
4. Беҳронов Ҷумъа с. т. 1975 зодаи деҳаи Сижди н. Шуғнон, сокини ш. Хоруғ / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 15. 06.2025.
5. Бозорова Гулбибӣ дар деҳаи Нишуспи Дарморахт / сӯҳбаторо Ҳ. Қурбонбекова, санаи сӯҳбат 13. 06. 2025.
6. Исрорзода Исрор с. т. 1963 зодаи деҳаи Вери н. Шуғнон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 23. 06. 2025.
7. Иматшо валади Ҳасаншо 66 сола, сокини деҳаи Барпанҷақалъаи вулусволии Шуғнони Афғонистон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 27. 09. 2025.
8. Карамхудоев А. с. т. 1977 сокини ш. Хоруғ / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 22.07. 2025.
9. Меҳралишо валади Навкаршо 67 сола аз деҳаи биҳори Шуғнони Афғонистон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 27.09.2025.
10. Мамадлоиқов Г. с. т. 1955 зодаи деҳаи Возми водии Поршеневи н. Шуғнон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 24.07.2025.
11. Лутфишоев Абдулсаид с. т. 1984 зодаи деҳаи ҳитами н. Шуғнон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 22.07.2025.
12. Силтолиев Давлатназар с. т. 1970, сокини деҳаи Парҳеби н. Роштқалъа / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 24 – 07 – 2025
13. Шермамад валади Азизмамад 66 сола, сокини деҳаи Баҳори Шуғнони Афғонистон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи 27.09.2025.
14. Шобашир валади Мамадсаид 58 сола аз деҳаи Вийоди Шуғнони Афғонистон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 27.09.2025.
15. Шоинбеков, А. с. т. 1945, сокини деҳаи Лахшики Тусиёни н. Роштқалъа / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 30.09.2025.
16. Якубов Миллодарбон с. т. 1972 зодаи деҳаи Морҷи н. Шуғнон / сӯҳбаторо А. Шоинбеков, санаи сӯҳбат 10.10.2025.

ГУЗАШТАНИ ДОМОД АЗ ФАЗОИ ЗАНОНА БА МАРДОНА ДАР МАРОСИМИ ТӮЙИ МАРДУМИ ШУҒНОН

Дар мақола муаллиф ба саволи: “чаро дар баъзе деҳаҳои Шуғнону водии Хуф дар маросими тӯй домодро баъд аз шустушӯ додан пуштора карда аввал болои суфа ё назди сараки оташдон мемонанд ва баъд боз пуштора карда ба Баҳрнех мефурораанд?” ҷавоб додааст. Ба назар ин як ойини хурдӣ маҳаллӣ менамояд вале муаллиф бо ҷамъ овардани маълумотҳои нави шифоҳӣ, ин ойини ҷузъиро бо тафсил аз лиҳози усули этнографӣ тасвир намудааст, сипас дар асоси адабиёти зарурӣ мақсаду моҳияти аслии ин ойинро равшан кардааст. Муаллиф муайян кардааст - маҳз ин аст як фикру андешаю нави муаллиф, ки сабаби иҷро кардани ин ойин аз фазои модарӣ (занона) ба фазои падарӣ (мардона) гузаштани домод будааст.

Калидвожаҳо: маросими тӯй, Шуғнон, домод, оташдон, суфаи Баҳрнех, муҳити занона, муҳити мардона.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шоинбеков Аловиддин- номзади илми таърих, дотсенти

кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. Тел. 501071953. e-mail: aloviddinshoinbekov@jmail. com

ПЕРЕХОД ЖЕНИХА ИЗ ЖЕНСКОГО В МУЖСКОЕ ПРОСТРАНСТВЕ В СВАДЕБНОМ ОБРЯДЕ ЖИТЕЛЕЙ ШУГНАНА

В статье автор отвечает на вопрос: «Почему в некоторых селениях Шугнана и долины Хуф, во время свадьбы после омовения жениха принесут на спине и оставляют его на очаге, а потом снова на спине его уносят (опускают) в суфе (бахрнех). На первый взгляд это кажется небольшим местным обрядом, но автор собирая новые этнографические полевые материалы, подробно описал этот небольшой обряд с этнографической точки зрения, а потом на основе необходимой литературы выявил цель и сущность проведения обряда. Автором выявлено - это и есть новая идея автора, что причиной и сущность проведения этого обряда оказывается было в переходе жениха из материнского (женского) к отцовскому (мужского) пространство.

Ключевые слова: свадебный ритуал, Шугнан, жених, очаг, нар Бахрнех, женское пространство, мужское пространство.

Сведения об авторах: Шоинбеков Аловиддин - кандидат исторических наук, дотсент кафедры всеобщей истории и религиоведения Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева. Тел. 501071953. e-mail: aloviddinshoinbekov@jmail. com

Information about athor: Shoinbekov Aloviddin – candidate of Historical Sciences leading Tel. : 501071953; e-mail: aloviddinshoinbekov@jmail. com

ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ - ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 81’373:581. 9

ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКӢ РАСТАНИҲОИ ШИФОБАХШ АЗ ҶИҲАТИ ГРАММАТИКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА

Авазбекова Т.М.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Тавре маълум аст, ҳар як забон хусусияти хоси лексикию семантикии забонӣ дошта, ҳар як ашё, гиёҳ, ҳайвон ва набототу растанӣ мафҳуми алоҳидаи худро дорад. Лексикология як соҳаи махсуси илми забоншиносӣ буда, маънои калима, пайдоиши он ва мафҳуми онро мефаҳмонад. Бо он ки калимаҳо дар забонҳои мухталифи чаҳонӣ дар шакли алоҳидагӣ дорои маъноанд, хубтар назар афканем, гуруҳе аз калимаҳои дар забонҳо истифодашуда аз ҷиҳати шакл ниҳоят наздик ва қариб, ки маъноан низ дур нарафтаанд. Месазад, ки оид ба масъалаи лексикология тадқиқоти бештаре ба роҳ монда шавад. Соҳаи гиёҳшиносӣ ё худ растанишиносӣ низ яке аз соҳаҳои муфид мебошад, ки аз ҷониби олимон дар шакли зарурӣ омӯхта шудааст. Олимони тоҷик низ дар баробари кор кардани дигар соҳаҳо, ба соҳаи гиёҳшиносӣ низ аҳамияти ҷиддӣ дода, солиёни тулонӣ ба омӯхтани он пардохтанд. Дар ин соҳа баробари таҳқиқоти илми тиб, ки гиёҳҳо асосан барои ин соҳа заруранд, олимони забоншинос низ, аз ҷиҳати баррасӣ намудани маъною мафҳуми гиёҳҳои шифобахш ва ба дигарон пешкаш намудани он корҳои илмӣ бурдаанд. Растаниҳои шифобахш дар ҳар як фарҳанг ва забон мақоми хосса доранд. “Масалан, дар забонҳои форсӣ ва арабӣ, растаниҳои шифобахш бар асоси рамзҳои таърихӣ ва фарҳангӣ фарқ мекунанд” [5, с. 76].

Дар ин мақола тамоюлҳои асосии ташаккули истилоҳоти гиёҳҳои шифобахш баррасӣ карда мешаванд. Сатҳи маъноӣ маҷмуи маъноҳо набуда, балки системаи мураттаб аст, ки унсурҳои он дар муносибатҳои алоқамандӣ ва вобастагии ҳамдигар ҷойгиранд. Барои батартиб даровардани миқдори зиёди калимаҳои гетерогенӣ як қатор тавсифҳои гуногуни системавӣ сохта мешаванд, ки дар як вақт ё аз рӯи шакл ё аз рӯи маъно ва ё шаклу маъно асос ёфтаанд. Дар ин маврид на калимаҳои алоҳида, балки гурӯҳҳои калимаҳои ба ҳам алоқаманд омухта мешаванд. Ҷузъи маъноӣ ҳатман луғатро (лексикон) дар бар мегирад, ки дар бораи ҳар як калима, маънои он хабар медиҳад, яъне ҳар як калима бо маънои он дар забони додашуда муқоиса карда шуда, қоидаҳои ба ҳам пайвастани (таъсири мутақобила) маънои калимаҳо, ки мувофиқи онҳо маънои таркибҳои мураккабтар, пеш аз ҳама ҷумлаҳо сохта мешавад. Номи гиёҳҳои шифобахш ба тоҷикӣ ва англисӣ ҳамеша дар таваҷҷӯҳи муҳаққиқон будааст. Номгузории доруҳои гиёҳии дорои хосиятҳои шифобахш бо роҳҳои гуногун сурат гирифтааст [3.с. 64].

Дар забони тоҷикӣ, растаниҳои шифобахш дар шакли исмҳои ҳисобида, бо истифодабарии замонҳои мухталиф ва шаклҳои гуногуни грамматикӣ истифода мешаванд. "Растаниҳо дар забонҳои гуногун бо сохторҳои грамматикӣ ва маъниҳои гуногун вуҷуд доранд, ки вобаста ба хусусиятҳои марбут ба забон ва фарҳанг метавонад фарқиятҳои амиқ дошта бошад" [7, с. 212-214].

Вобаста ба грамматикаи ҳар як забон, калимаҳои марбут ба растаниҳо метавонанд шаклҳои мухталиф дошта бошанд, масалан, як растании шифобахш дар забони русӣ метавонад дар шакли ҳисобӣ ва номӣ пайдо шавад. "Грамматика ва морфологияи калимаҳое, ки ба растаниҳои шифобахш алоқамандand, вобаста ба хусусиятҳои марбут ба ҳар як забон ва интишори маънӣ дар онҳо метавонад фарқ кунад" [10, с. 43].

Ангат **–** (*лот-Hippophae, анг-SeaBuckthown*) ҷиҳати грамматикӣ исми сода буда, аз як реша иборат аст ва ба ду ҳиҷо ҷудо мешавад, аммо аз нуқтаи назари грамматикаи забони англисӣ “***SEABUCKTHOWN***” исми таркибӣ буда, аз ду исми сода ***SEA*** ва ***BUCKTHOWN*** иборат аст ва ба ҳамдигар бо ёрии суффиксу префикс пайваст шудааст. Калимаи ***SEA*** аз як ҳиҷо ва ***BUCKTHOWN*** аз ду ҳиҷо иборат аст.

Мисол: анг.: In our times we can find a Sea buckthorn only in villages [2. 122].

Тоҷ. Дар ҳоли ҳозир ангатро фақат дар дарёҳо ёфтан мумкин аст.

Бобуна – (лот-*Matricari, анг-HorseGown*) аз ҷиҳати грамматикӣ исми сода буда, аз се ҳиҷо бо-бу-на ва як реша иборат аст. Дар грамматикаи забони англисӣ «***HorseGown***» исми таркибӣ буда, аз ду исм ***Horse*** ва ***Gown*** иборат аст ва бе иловаи суффиксу префикс истифода бурда мешавад ва ду исми сода иборат буда, исми аввал аз як ҳиҷо исми дуюм аз ду ҳиҷо иборат аст. ***Horse go-wan***

Мисол: анг.: *A* doctor use a horsegown for different kind of illnesses.

Тоҷ: Духтурҳо бобунаро барои шифобахши дардҳои гуногун истифода мебаранд.

Канаалаф-(*лот-Bloginyaherba анг-sthump*) дар забони тоҷикӣ исми мураккаб буда, кана ва алаф аз ду реша ва чор ҳиҷо иборат аст ва бо ҳиҷои баста ба охир мерасад. Дар грамматикаи забони англисӣ бисёр тағйирот дидан мумкин аст. Масалан лексикаи канаалаф исми таркибӣ буда, ба воситаи истифодаи падежи соҳибияти «S» ва ду исми содда ба ҳам пайваст шудааст. Lady'sthumb.

Мисол: **Анг:** The ladys thumb flower is the most beautiful flower in the world

Тоҷ: Канаалаф яке аз гулҳои хушбуйтарин дар тамоми ҷаҳон мебошад.

Ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ низ калимаҳо шакл ва маъноящро тағир медиҳанд, масалан most beautiful ва гули хушбуйтарин.

Қаламфур(*лот-Persicariamaculosa анг-Clove pink*) Аз нигоҳи грамматикаи забони тоҷикӣ қаламфур исми мураккаб буда, аз ду реша ва се ҳиҷо иборат аст. Аммо дар грамматикаи забони англисӣ исми таркибӣ буда, бе ягон тағйиру иловаҳо оварда мешавад ва аз ду калимаи сода иборат буда, ҳар ду калимаи ҳам ***Clove*** ва ҳам ***Pink*** аз як реша иборат аст.

Мисол: **Анг:** I think the clove pink is a favourite tree of Indian people.

Тоҷ: ба фикри ман қаламфур яке аз дарахтҳои дӯстдоштаи мардуми Ҳинд мебошад.

Қоқу- (*лот-Taraxacum анг-Dandelion*) Аз нигоҳи назари грамматикаи забони тоҷикӣ исми сода буда, аз як реша, ду ҳиҷо ва чор овоз иборат аст.

Мақолаи мазкур ба таҳлили лексикии растаниҳои шифобахш дар забонҳои муқоисашаванда, бо диққат ба ҷиҳатҳои грамматикӣ, равона шудааст. Дар таҳқиқот муаллиф кӯшиш мекунад, ки истифодаи растаниҳои

шифобахш ва калимаҳои марбут ба онҳо дар забонҳои гуногун, азҷумла забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, аз нуқтаи назари грамматикӣ таҳлил кунад. Бахусус, мақола ба омӯзиши сохтори грамматикӣ, хусусиятҳои синтаксисии растаниҳо ва таъсири фарҳангии онҳо дар истифодаи забон меандешад.

Ҳадафи асосии мақола ошкор кардани фарқиятҳо ва шабоҳатҳо дар сохтмони грамматикӣ ва маънии калимавии растаниҳои шифобахш дар забонҳои муқоисашаванда аст. Дар раванди таҳлил, диққат ба истифодаи шаклҳо, замонҳо ва номҳои растаниҳо бо функсияҳои гуногун дар забонҳои интихобшуда ҷалб мешавад.

АДАБИЁТ:

2. **Вавилов, Н. И.** Центры происхождения культурных растений. Тип. им. Гутенберга (1926). - 32 с.
3. **Гречко, А.** Сопоставительное исследование грамматики в контексте ботанической лексики. Санкт-Петербург: – Санкт-Петербургский университет(2019). - 122-124 с.
4. **Давлатмамадов Ш., Ширинбек О., Мирзоев О.** Набототи дармонбахши Бадахшон ва истифодабарии онҳо. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 64 с.
5. **ЗоҳидовҲ.** Канзи Шифо. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 111-113 с.
6. **Наврузшоев А., Муҳаммадшерзодшоев Ш., ҶонбобоевН.** Фарҳанги набототи шифоӣ. – Хоруғ, 1993. – 76 с.
7. **Насриддинова З.** Культурные аспекты и использование лечебных растений в разных языках. Ташкент: – Тошкент Университети (2017). -76 с.
8. **Петрова, И.** Морфология и синтаксис растительных названий в русском языке. – Москва: Наука(2015). - 213-214 с.
9. **Раҳимов, Б.** Грамматикаи забони тоҷикӣ: Лексика ва семантика. – Душанбе: Мануҷеҳр (2013). - 65с.
10. **Хайдаров К.** Лечебные растения Таджикистана. –Душанбе Ирфон (1988). - 212 с.
11. **Ҷамшедов П.** Фарҳанги Тоҷикӣ ба Англисӣ. –Душанбе, Эҷод (2008). 34-36 с.
12. **Шоҳзодамуҳаммад М.** Тибби Шоҳзодамуҳаммад. – Хоруғ: (1993). -43 с.

ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКИИ РАСТАНИҲОИ ШИФОБАХШ АЗ ҶИҲАТИ ГРАММАТИКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА

Мақола ба таҳлили лексикии растаниҳои шифобахш дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, бахшида шудааст. Таҳқиқот асосан ба омӯзиши нақши грамматики калимаҳои марбут ба растаниҳои шифобахш ва таъсири онҳо ба маънӣ ва сохтори забонҳо муштамӣ мебошад. Дар мақола ба истифодаи растаниҳои шифобахш дар контексти грамматикӣ ва семантикии забонҳои гуногун, инчунин ба фарқиятҳо ва шабоҳатҳо дар ин забонҳо таваҷҷӯҳ шудааст. Мақсад фаҳмидани механизмҳои грамматикӣ ва лексикӣ дар истифодаи калимаҳои растаниҳо ва таҳлили таъсири фарҳангӣ ва таърихии онҳо дар забонҳои мухталиф мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки чӣ гуна унсурҳои грамматикӣ дар забонҳои мухталиф ба маънии растаниҳои шифобахш таъсир мерасонанд ва кадом шабоҳатҳо ва фарқиятҳо дар сохтори грамматикӣ ва лексикӣ вуҷуд доранд. Мақола кӯшиш мекунад, ки фаҳмиши амиқ ва муфассал дар бораи растаниҳои шифобахш ва мавқеи онҳо дар забонҳои муқоисашавандаро ба даст орад.

Калидвожаҳо: таҳлили лексикӣ, растаниҳои шифобахш, грамматика, забонҳои муқоисашаванда, семантика, морфология, синтаксис, фарқиятҳо, шабоҳатҳо, фарҳанг, таърих

Маълумот дар бораи муаллиф: Авазбекова Товус Мамаддодовна – Ассистенти кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи Давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Тел. : 938773337. Email: tovus. avazbekova@gmail. com

ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ НАИМЕНОВАНИЙ ЛЕКАРСТВЕННЫХ РАСТЕНИЙ В СОПОСТАВЛЯЕМЫХ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена лексическому анализу лечебных растений с грамматической точки зрения в сопоставляемых языках, включая таджикский, русский и английский. Исследование сосредоточено на изучении грамматической роли слов, относящихся к лечебным растениям, и их влиянии на значение и структуру различных языков. В статье рассматривается использование лечебных растений в грамматическом и семантическом контексте различных языков, а также выявляются различия и сходства в этих языках. Целью работы является понимание грамматических и лексических механизмов употребления слов, связанных с растениями, а также анализ их культурного и исторического влияния в разных языках. Анализ показывает, как грамматические элементы в различных языках влияют на значение лечебных растений и выявляет сходства и различия в грамматической и лексической структуре. Статья направлена на углубленное и подробное понимание лечебных растений и их роли в различных языках.

Ключевые слова: лексический анализ, лечебные растения, грамматика, сопоставительные языки, семантика, морфология, синтаксис, различия, сходства, культура, история.

Сведения об авторе: Авазбекова Товус Мамаддодовна – Ассистент кафедры английского языка Хорогкский годударственный университет имена М. Назаршоева Тел. : 938773337, Email: tovus. avazbekova@gmail. com

LEXICAL AND GRAMMATICAL ANALYSIS OF MEDICINE PLANT NAMES IN COMPARATIVE LANGUAGES

This article is dedicated to the lexical analysis of medicinal plants from a grammatical perspective in comparative languages, including Tajik, Russian, and English. The study focuses on examining the grammatical role of words related to medicinal plants and their impact on meaning and structure in different languages. The article explores the usage of medicinal plants in the grammatical and semantic context of various languages, highlighting the differences and similarities across these languages. The aim of the paper is to understand the grammatical and lexical mechanisms of using words related to plants, as well as to analyze their cultural and historical influence in different languages. The analysis demonstrates how grammatical elements in various languages affect the meaning of medicinal plants and identifies similarities and differences in grammatical and lexical structures. The article seeks to provide a deeper and more detailed understanding of medicinal plants and their role in different languages.

Keywords: lexical analysis, medicinal plants, grammar, comparative languages, semantics, morphology, syntax, differences, similarities, culture, history.

Information about the author: Avazbekova Tovus Mamaddodovna – English teacher of Khorog state universittet by name M. nazarshoev, Mob: 938773337. Email: tovus. avazbekova@gmail. com

УДК: 821.222.0

ШОИРИ ҲАММАРОМ ВА ҲАМАҲДИ УСТОД РЎДАКӢ

Анзурати М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Амир Абулҳасан Алӣ ибни Илёси Бухорӣ, ки бо лақаби Оғоҷӣ (Оғочӣ ё Ағачӣ) дар сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ зикр шуда, [8, с. 554] яке аз суханварони бузург ва хушқареҳаи адабиёти аҳди Сомониён будааст. Дар бораи ин шоир, ки бештар бо лақаби Оғоҷӣ маъруфият дошта, Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» дар радифи ҳафт шоири бузурги он даврон чун яке аз зинданигаҳдорандагони ному корномаи наҷибзодагони Сомонӣ бо ифтихор ёд кардааст [1, с. 52].

Шоири соҳибдевон ва ҳамзамони нисбатан ҷавони Устод Рӯдакӣ буда, [7, с. 46] бо ӯ дар дарбори Сомониён хидмат кардаву ҳамкориҳои судманде низ доштаанд [9, с. 33].

Зодгоҳи ӯ шаҳри Бухоро буда, соли таваллуди ӯ номаълум аст. Вафоти ӯ дар соли 968 иттифоқ афтодааст.

Абулҳасан куният, Оғоҷӣ лақаби ӯст, ки аз соҳибмансабон ва амирони Сомониён будани ӯ ишорат дорад. Маънии калимаи туркии Оғочӣ/Оғоҷӣ мерасонад, ки Абулҳасан раиси ғуломони дарбори Сомониён будааст. Аз он ки дар «Таърихи Байҳақӣ» ин вожа борҳо истифода шудаасту ду мавриди онро инҷо зикр менамоем: «… Вақти саҳаргоҳ

фарроше омад ва маро бихонд. Бирафтам. Оғоҷӣ маро пеш бурд. Амир бар тахти равон буд дар хиргоҳ, хидмат кардам …» [5, с. 200]. Ва мисоли дигар аз ҳамин китоб: «… Ва агар муҳим будӣ, ба ман додӣ, ин мулаттафа бардошту ба наздики Оғоҷии ходим бурд. Хоса. Ва Оғоҷӣ хабар кард пеш хонданд, даррафт …» [5, с. 387]. аён мешавад, ки ходим ва хидматгузори дарборро низ Оғоҷӣ мегуфтаанд.

Абулҳасани Оғоҷӣ дар дарбори Сомониён ба мансаби баланди хидматгори амир расидабудааст. Ӯ бародари амир Абӯалӣ Муҳаммад ибни Илёс буда, аз соли 322/934 м. то 356/967 м. ҳукмронии Кирмонро ба уҳда доштааст. Ин ду амир писарони Илёс ибни Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомонхудот буда, ба асосгузори ин силсила Амир Исмоил ибни Аҳмад пайванди наздики хешутаборӣ доштааст [8, с. 556].

Саид Нафисӣ андеша дорад, ки зоҳиран амир Абӯалӣ Муҳаммад ибни Илёс (бародари Оғоҷӣ) пеш аз он ки ба ҳукмронии Кирмон бирасад, сипаҳсолори Нишопур низ будааст [8, с. 557]. Ин муҳаққиқ аз рӯи ин ҳикояти Имом Ғаззолӣ, ки дар «Насиҳатулмулук», омада: «Бӯалӣ Илёс, ки сипаҳсолори Нишопур буд, ба наздики Бӯалӣ Даққоқ омад, ки олиму зоҳиди рӯзгор буд ва дар пеши ӯ ба ду зону бинишаст ва ӯро гуфт: «Маро панде деҳ».

Бӯалӣ Даққоқ ӯро гуфт: «Эй амир, масъалае пурсамат, бенифоқ ҷавоб диҳӣ?» Гуфт: «Диҳам». Гуфт: «Маро бигӯй, ки зар дӯсттар дорӣ ё хасм?». Гуфт: «Зар дӯсттар дорам». Гуфт: «Ин гуна аст, ки он чӣ дӯсттар дорӣ ва он зар аст, инҷо ҳаме бигзорӣ ва он чӣ дӯст надорӣ ва он хасм аст, бо хештан мебарӣ?». Амирро об дар чашм омад. Гуфт: «Нек панде додӣ ва ҳама панду ҳикмат андар ин суханат омад» [6, с. 44] ба чунин натиҷа расида, ки ин Абӯалӣ Муҳаммад ибни Илёс яқинан бародари Оғоҷӣ будааст [8, с. 557].

Абулҳасани Оғоҷӣ дар баробари мансабдори дарбор будан ҳамзамон чун шоири соҳибдевону бузурги дарбор низ маҳбубият доштааст. Ӯ марди шуҷоъу ширинсухан буда, шеъри порсӣ ва тозиро некӯ месуруда ва бино ба қавли Абӯмансури Саолабӣ дар китоби «Татимматул ятима», ки зайли «Ятиматуддаҳр»-и худ шарҳи ҳоли кӯтоҳе аз ӯ оварда, чунин гуфтааст: «Маъруфтарини шуарои порсӣ буд ва девонаш дар Хуросон мутадовил аст» [8, 555]. Дар паҳнаи Хуросон мутадовил будани девони ашъори ӯ шаҳодатест бар шоири бузурги замонаш будани Оғоҷӣ. Дар ду забон шоири бомаҳорат будани худро Абулҳасани Оғоҷӣ дар ин байт ифода намудааст:

Ману байғулагаке танг ба яксӯ зи ҷаҳон,
Арабивор бигӯям ба забони аҷамӣ. [4, с. 393]

Дар рикоби амирони хирадманди Сомонӣ мансабдорони бузурге чун Абулҳасани Оғоҷӣ даст ба кори шоирӣ бурдаву бо ду забон шеъри хубу мондагор офарида ва соҳибному соҳибмақом гардидаанд. Аз ашъори фаровони ба ду забон сурудаи Абулҳасани Оғоҷӣ имрӯз ҳамагӣ 56 байт боқӣ мондааст. Соли 1958 дар маҷмуаи ҳамасрони Рӯдакӣ ҳамагӣ 47 байт аз Оғоҷӣ зикр кардаанд [3, с. 122-127]. Аълохон Афсаҳзод ашъори боқимондаи Оғоҷиро 39 байт гуфтааст [2, с. 120].

Мазмуну муҳтавои асосии ашъори боқӣ мондаи Оғоҷӣ ишқ, мадҳ, панду ҳикмат, маъниҳои ғиноӣ ва тасвири табиат мебошад.

Абулҳасани Оғоҷӣ чунон ки аз як қитъашеъри ӯ пайдост, дар ҳунарҳои аспдавониву камонварӣ, шатранҷбозӣ, барбатнавозиву суханварӣ маҳорат ва огоҳии комил доштани худро бо ифтихор ёдрас шудааст:

Эй он ки надорӣ хабаре аз ҳунари ман,
Хоҳӣ, ки бидонӣ, ки наям неъматпарвард,
Асп ору каманд ору китоб ору камон ор,
Шеъру қаламу барбату шатранҷу маю нард.
Бал то ҷигарам хушк шавад об намонад,
Дар чашми ман обест, к-аз он Дақла тавон кард. [3, с. 126]

Дар ин ҳунарҳои маъмули замон соҳибмаҳорат будани як шоири мансабдори дарбор амри табиист, зеро ӯ бо тақозои вазифа ва ҳам тарбияи суннатии мардуми тоҷик дар он замон, ки бино ба қавли маъруфи мардум «ба як ҷавонмард чил ҳунар кам», ба воя расида

буд, ҳатман бояд дар якчанд илму ҳунар соҳибмаҳорат мебуд [4, с. 388].

Аз як қасидаи мадҳиявии Оғоҷӣ шаш байти зер боқӣ монда:

Аё нишаста ба андешагон ҳазину нажанд,
Ҳамеша ахтари ту пасту ҳиммати ту баланд.
Ду чашми ибратам аз қудрати ту чанд фароз,
Ду гӯши ибрати ман чанд сол монда зи панд.
Гуноҳ чанд кунам, чанд аҳди ту шиканам?
Бузургвории ту чанду ин вафои ту чанд?
Кунун Худоё, осит бо гуноҳи гарон,
Сӯи ту омаду уммедро зи халқ биканд.
На меҳнатеву на дарде, на сахтияст бар ӯ,
Ки рӯзгор чу шаҳд асту зиндагонӣ қанд.
Валек он ки Худованд чун ту ёфт карим,
Аз ӯ ба неъмати бисёр кай шавад хурсанд? [4, с. 388].

Дар ин абёт, ки яқинан аз қасидаи мадҳист, шоир аз мамдуҳи саховатманди хеш изҳори ризоят ва қаноатмандӣ намуда, мамдуҳро намунаи ибрат дар ҷуду карам дониста, сифатҳои ибратбахшиву бовафоӣ, бузургворӣ, зиндагии мардумро мисли «шаҳду қанд» ширин намудану ҳамдами онҳо будани мамдуҳеро ситудааст.

Муҳимтар аз ҳама банду баст, мазмуни баланд, мантиқи қавии ҳакимонаи сухан, таносуби лафзу маънӣ, вазну оҳанг ва мусиқии дилнишини шеър, интихоби калимаву таъбирҳои муносибу зебо дар ин порашеъри канда шуда шояд аз як қасидаи тӯлонии мадҳӣ намоёнгари қариҳаи баланд ва ҳунари зотии шоирии Оғоҷист. Ҳамчунин фасоҳати калом ва мавридшиносонаву дархури хислату хусусияти родии мамдӯҳ ба кор гирифташудани вожагони шеър дар ин жанри ҳокими адабиёти аҳди Сомонӣ ифодакунандаи он аст, ки Оғоҷӣ қасидаҳои зиёде дар мадҳи шоҳону амирони замонаш гуфтааст, аммо мутаассифона намунаҳои зиёди онҳо то ба мо нарасидаанд.

Тарзи ифодаи матлаби шеърӣ, расоии мантиқ ва ҳукми ҳакимона доштани мавзуи мавриди тасвири шоир ба сабки суханофаринии Устод Рӯдакӣ монанд мебошад. Сабки умумии шоирони аҳди Сомонӣ ҳамон сабки содабаёну ҳикматбунёди хуросонист, ки эҷоди онҳо ё офаридаҳои бадеии онҳоро бо номи равиши эҷодии «саҳли мумтанеъ» ёд мекунанд. Вежагии барҷастаи ин равиши эҷодӣ он аст, ки шоири ин аҳд ҷавҳари маъниро бо калимаҳои содаву бетакаллуф ва пургунҷоиши ҳакимона пуршукӯҳ баён менамояд. Ин хусусияти хосси шеъри рӯдакивор дар намунаҳои ками боқӣ монда аз Оғоҷӣ ба мушоҳида мерасад. Дар як байти Оғоҷӣ сухан аз ғурбату ғарибӣ меравад, ки зоҳиран муддати дурии корӣ ё масъулияти дарбориро дур аз зодгоҳ ба дӯш доштани ин суханвари мансабдорро ёдрас менамояд:

Дар гили ғурбат зи по бишлиданам,
Нест мумкин рӯи ёрон диданам. [4, с. 392]

Оҳангҳои тағаззулӣ аз мероси андаки бар ҷоймонда аз ин шоир эҳсос мешавад. Оҳанги ошиқонаеро, ки аз ҷудоии ёр, дурии ӯ шиква менамояд, дар ин байт шунидан мумкин аст:

Буто, то ҷудо гаштам аз рӯи ту,
Карошидаву тира шуд кори ман. [4, с. 392]

Дар қитъаи дигари ӯ низ ин оҳанги ҳазин бо шеваи некбинонаву умедворкунанда ба гӯш мерасад:

Гунҷишк чӣ гуна ларзад аз борон,
Чун ёд кунам туро, чунон ларзам.
Тарр аст замин зи дидагони ман,
Чун пай биниҳам, ҳаме фурӯ лағзам. [4, с. 392]

Тасвири ин қитъашери ошиқона наву тоза ва ташбеҳ низ ҳунариву диданӣ ва тасхиркунанда офарида шудааст. Таносуби сухан ва маъниву мантиқи калимаҳои шеър чун ларзидани гунҷишк аз борон, ба ёд овардани маҳбуба, тарии замин аз ашки дар ҳичрон рехтаи ошиқ ва аз он тарӣ лағзидани ӯ воқеан мутаносибу зебо, бамаврид ва ҳунарӣ

иттифоқ афтодааст, ки далели шоири нуктапарвар будани Оғоҷист.

Дар байти дигар низ маънии дур мондани қаҳрамони ғиноии шоир аз маҳбуба эҳсос мегардад, ки зоҳиран аз муддате бо масъулияти дарборӣ дур будани шоирро аз хонаву дар мерасонад:

Ба висол-андар эмин будам аз гашти замон,
То фироқ омаду бигрифтам чун бар хаф ҷо. [4, 386]

Дар манзаранигорӣ ва тасвири табиат низ Оғоҷӣ чун шоирони бузурги ҳамзамони хеш маҳорати тамом дорад. Дар тасвири барф чунин як қитъаи зебои тасвирӣ аз ӯ ба ёдгор мондааст:

Ба ҳаво дар нигар, ки лашкари барф
Чун кунад андар ӯ ҳаме парвоз.
Рост ҳамчун кабӯтарони сапед,
Роҳгумкардагон зи ҳайбати боз. [4, с. 390]

Боридани барфро ба лашкаре ташбеҳ медиҳад, ки кабӯтарони сапеди аз ҳайбати боз роҳгумкардаро мемонад. Пораҳои бешумори барфро ба лашкари муҳташам ва парвозкунон номутаносиб аз ҳаво омадани онро ба кабӯтарони сапеди аз ҳайбати боз роҳгумкарда шабоҳат додани шоир аз камолоти ҳунари шоирӣ ва тасвирсозиҳои бемонанди ӯ ба шумор овардан мумкин аст. Ин қитъа шеъри дар тасвири барф сурудаи шоир дар зоти худ беназир аст.

Аз ин гуна тасвиркорӣ ва манзаранигории Оғоҷӣ намунаҳои дигаре зикр кардан мумкин аст. Дар қитъаи зерини Оғоҷӣ, ки дар тасвири бода гуфта шудааст, чунин маҳорати тасвиргарӣ ва баёни воқеии ҳолати ашёи мавриди тасвир шоирона сурат гирифтааст:

З-он бодае, ки чун ба қадаҳ омад ӯ зи хум,
Ёқут з-ӯ ҳаҷар шуду бечора з-ӯ шарар.
Беруни ҷом бинӣ аз нури ӯ нишон,
Чун дар миёни абри тунук-андарун қамар. [4, с. 390]

Оғоҷӣ ҳолати бодаи дар дохил ва беруни қадаҳ ва ҷом бударо шоирона ва зебо тасвир кардааст. Дар қитъашеъри дигари Оғоҷӣ, ки гумон дорем, аз қасидаи мадҳиявии ӯст, низ дар бораи бодаву шодиҳои дунявӣ сухан меравад. Мазмуни он мерасонад, ки ин шеър аз ташбиби қасидаест, ки ба мамдуҳе бахшида эҷод шудааст:

Агар шаб аз дари шодисту бода хусравиё,
Маро нишот заиф асту дарди дил қавиё,
Шабо, падид наёяд ҳаме каронаи ту,
Бародари ғаму тимори ман магар тувиё?
Санои Ҳаррон некӯ ба сар тавонам бурд,
Ҳар он гаҳе ки ту ташбиби шеъри ман бувиё. [4, с. 386]

Дар ин қитъа табъи мадҳиясарои худро ба шоири араб – Ҳаррон баробар намудааст.

Аз ин намунаҳо аён мешаванд, ки Абулҳасани Оғоҷӣ аз назари дарки поэтикаи ҳунари шоирӣ, сабки баёну фасоҳати калом ва таъмин намудани шукӯҳу тавонмандии мадҳи мамдуҳ ва пургунҷоишии ҳакимонаи вожагони шеър, ки бори маъноии бештаре мекашанд, шоири ҳаммаром ва ҳамсабки Устод Рӯдакӣ мебошад. Ва барҳақ Оғоҷиро дар радифи Устод Рӯдакӣ Низомии Арӯзӣ яке аз зинданигоҳдорандагони ному корномаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабпарваронаи дудмони Сомониён номидааст.

Андешаҳои панду ахлоқӣ ва ҳакимонаи ҳосилшуда аз таҷрибаҳои воқеии рӯзгорро низ дар ашъори боқӣ мондаи Оғоҷӣ пайдо карда метавонем. Дар ин қитъашеър Оғоҷӣ хӯрдани нони нокасро бадтар аз марги фаврӣ ва зилли (хорӣ)-и туҳматро бадтар аз хории эҳтиёҷмандӣ таъбир кардааст. Дар байти дувум шитобкориро боиси пасмондагӣ ва ақибравии инсон медонад:

Нони нокас батар аз марги фаҷо
Зилли туҳмат батар зи зилли ниёз.
Ҳар кӣ биштофт, бозпастар монд,
Зуд бе тир монд тирандоз. [4, с. 391]

Хулоса, мазмуну мухтавои мероси андаки боқӣ монда аз ин шоири соҳибмақом ва соҳибқариҳаи даврaи Сомониён собит менамояд, ки ӯ дар баробари шахси масъул ва муҳимми дарбор будан инчунин дорои ду девони комили шеър ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ буда ва ин ду девон дар паҳнаи Хуросони бузург маълуму машҳур гардидааст. Ва зиндагиномаи ин шоир гувоҳи эътибор ва обруи баланд доштани суханвар дар замони ҳукмронии Сомониён мебошад!

АДАБИЁТ:

1. Арӯзӣ Низомиддин. Чаҳор мақола. – Душанбе: Ирфон, 1986. -160 саҳ.
2. Афсаҳзод Аълохон. Одамушшуаро Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2003. -304 саҳ.
3. Ашъори ҳамасарони Рӯдакӣ. -Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. -406 саҳ.
4. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. - 480 саҳ.
5. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 774 саҳ.
6. Ғазолӣ, Муҳаммад. Насиҳат-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 1993. -144 саҳ.
7. Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷилди I. – Душанбе: ҶММ “Ксерокс Ланд”, 2008. -590 саҳ.
8. Нафисӣ Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. -934 саҳ.
9. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷилди I. –Душанбе: Сарредакцияи илмии Энциклопедияи Советии Тоҷик,1988. -543 саҳ.

ШОИРИ ҲАММАРОМ ВА ҲАМАҲДИ УСТОД РӮДАКӢ

Дар мақола дар бораи яке аз шоирони камшинохташудаи ҳамаҳди Устод Рӯдакӣ – ҳаким Абулҳасани Оғоҷӣ ва ашъори ӯ маълумот дода шудааст. Муаллиф дар асоси маълумоти кӯтоҳи сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ зиндагиномаи мухтасари ин шоирро дар асоси далелҳои мантиқӣ барқарор, инчунин мазмуну мухтавои мероси андаки барҷоймондаи шоирро баррасӣ намудааст.

Мазмуну мундариҷаи асосии мероси барҷоймондаи Оғоҷӣ аз мадҳу санои амирони хирадпарвар, ишқу муҳаббати инсонӣ, панду андарз ва тасвири зебоиҳои табиат баҳс менамояд.

Абулҳасани Оғоҷӣ яке аз шоирони маъруфи охири асри X ва соҳибмансабони дарбори Сомониён буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва арабӣ девони шеър тадвин намудааст. Ин ду девони шеър дар паҳнаи Хуросони бузург маъруфу маҳбуб буда, номи шоирро берун аз зодгоҳаш шаҳри Бухоро бурдааст.

Ашъори ин шоир дилнишину сода ва нишондиҳандаи ғаномандии забони порсии нав ва гузашта аз ин, ҳамаҳд ва ҳаммаслаки Устод Рӯдакӣ будани ӯро собит менамояд.

Калидвожа: ҳамаҳд, ҳаммаром, соҳибмақом, дарбор, мансабдор, фасоҳат, балоғати сухан, мантиқи калом, саҳли мумтанеъ, ишқ, табиат, панду ахлоқ, мадҳия, қитъа, сабки баён.

Маълумот дар бораи муаллиф: Анзурати Маликзод – ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, Тел: (+992) 915 04 19 75; E-mail: anzuratm-2005@mail.ru

ПОЭТ-ЕДИНОМЫШЛЕННИК И СОВРЕМЕННИК УСТОДА РУДАКИ

В статье представлены сведения об одном из малоизученных поэтов эпохи Устода Рудаки, хакиме Абулхасане Агаджи и его творчестве. На основе кратких данных из литературно-исторических источников автор логически реконструирует краткую биографию поэта, а также анализирует содержание его немногочисленного сохранившегося наследия.

Основное содержание сохранившихся произведений Агаджи включает в себя восхваление мудрых эмиров, человеческую любовь, поучения и наставления, а также описание красоты природы.

Абулхасан Агаджи был одним из известных поэтов конца X века и высокопоставленным чиновником при дворе Саманидов. Он составил диваны (сборники стихов) на двух языках: таджикском и арабском. Эти два сборника были широко известны и любимы на просторах Великого Хорасана, прославив имя поэта далеко за пределами его родины, города Бухары.

Поэзия Агаджи отличается душевностью и простотой, демонстрируя богатство

новоперсидского языка. Его творчество доказывает, что он был современником и последователем литературной школы Устода Рудаки.

Ключевые слова: современник, единомышленник, высокопоставленный, двор, чиновник, красноречие, риторика, логика слова, «сахли мумтане» (обманчивая простота), любовь, природа, этика и наставления, панегирик, китъа, стиль изложения.

Сведения об авторе: Анзурати Маликзод – ведущий научный сотрудник Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ, Тел: (+992) 915 04 19 75; E-mail: anzuratm-2005@mail.ru

A LIKE-MINDED POET AND CONTEMPORARY OF USTOD RUDAKI

The article provides information about Hakim Abulhasan Aghaji, one of the lesser-known poets of Ustod Rudaki's era, and examines his poetic works. Based on brief accounts from literary and historical sources, the author reconstructs a concise biography of the poet through logical analysis and explores the themes and content of his surviving literary heritage.

The core themes of Aghaji's extant works consist of the glorification of wise emirs, human love, moral counsel, and vivid descriptions of the beauty of nature.

Abulhasan Aghaji was a renowned poet of the late 10th century and a high-ranking official at the Samanid court. He compiled poetry collections (divans) in two languages: Tajik (Persian) and Arabic. These two divans were famous and highly regarded throughout Greater Khorasan, carrying the poet's name far beyond his birthplace, the city of Bukhara.

The poet's verses are heartfelt and simple, showcasing the richness of the New Persian language. Furthermore, his work confirms that he was a contemporary and a follower of the school of Ustod Rudaki.

Keywords: contemporary, like-minded, high-ranking, court, official, eloquence, rhetoric, logic of speech, sahl-i mumtane (deceptive simplicity), love, nature, ethics and admonition, panegyric, qita, style of expression.

About the author: Anzurati Malikzod – Leading Specialist of the Rudaki Institute of literature and languages of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph: (+992) 915 04 19 75; E-mail: anzuratm-2005@mail.ru

ТДУ-82. 09(575. 3)
ТКБ-83. 3(0)5
Ғ43

МУРУРЕ БА ҶАНБАЪҲОИ ПОЭТИКИИ ШЕЪРИ СИРАТ

Ғаффорова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Абулфазли Сират бо афкори рангин, нигоҳи тоза ва навпардозиҳояш дар адабиёти охири асри XIX мақоми намоён дорад. Доир ба ҳаёт ва осори боқимондаи шоир аз тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба монанди «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-ш-шуарои ва-л-ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Тазкираи Шаръӣ»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳҳоҷаи Абдӣ маълумот гирифтан мумкин аст. Дар муқаддимаи девони Сират, ки ба қалами профессор М. Мирзоюнус мансуб аст ва китоби эшон "Аз таърихи адабиёти охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи ХХ" низ дар бораи ин шоир ва эҷодиёташ маводи арзишманд ҷой дорад. Вале дар хусуси вежагиҳои ҳунариву поэтикии ашъори Сират ҳанӯз таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом нарасидааст. Бинобар ин дар ин мақола кӯшиш ба харҷ рафтааст, то ҷанбаъҳои поэтикӣ ва унсурҳои оҳангсози ашъори Сират баррасӣ гардад. Зеро омӯзишу таҳқиқи ҷанбаъҳои поэтикии шеър барои муайян кардани ҳунари шоирӣ ва мақоми шоир хеле муҳим мебошад.

Абулфазли Сират барои нишонрас гардонидани сухан аз воситаҳои гуногуни бадеӣ истифода бурдааст. Инчунин унсурҳои гуногуни оҳангсоз ба монанди вазнҳои дилнишин, қавофиву радоиф, саноеи лафзиву маънавиро низ корбаст намудааст. Яке аз хасоиси фарқкунандаи шеъри Абулфазли Сират ин ҷилваи оҳангнокии шеър аст. Шоир бо истифода

аз вазни арӯз, санъатҳои бадеӣ, калимоту тарокиби мукаррар, мувофиқ овардани садоноку ҳамсадо оҳангнокии шеърро таъмин намудааст. Сират бо вазни арӯз бархӯрди вижа дошт ва бо арӯзи тоқикӣ ҳамчун ба суннати адабӣ муносибат мекард.

Бояд қайд кард, ки оҳанги шеър барои дар зеҳни хонанда ҷойгузин кардани ғояву мақсад ва инъикоси ҳусни зоҳирии шеър заминаи хубе фароҳам меорад. адабиётшинос Шафеии Кадканӣ дар китоби “Мусиқии шеър” гуфтааст: “Шеър, дар ҳақиқат, мусиқии калимаҳою лафзҳост ва ғино мусиқии алҳону оҳангҳо ва беҳуда нест агар Арасту шеърро зоидаи ду нерӯ медонад, ки яке ғаризаи муҳокот аст ва дигаре хосияти дарки вазну оҳанг” [4, с. 44].

Ҳам ҷавҳар ва ҳам сурати шеъри Сират омӯхтанӣ аст. Шоир барои адо намудани матлаб зеботарин қолабҳои шеъриро мавриди корбурд қарор додааст. Дар натиҷаи омӯзиши поэтикӣ маълум гардид, ки таркиби девони Абулфазли Сират аз жанрҳои ғазал, қасида, соқинома, қитъаҳои таърихӣ, маснавӣ, иборат буда, онҳо дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб, музореъ, муҷтасс, хафиф суруда шудаанд.

Чун дигар шоирон ба монанди Фахруддин Асъади Гургонӣ (мутаассифона осораш то замони мо омада нарасидааст), Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ Абулфазли Сират низ соқинома навиштааст. Ин жанри маъмули адабие мебошад, ки ба қавли адабиётшинос Шодимуҳаммад Сӯфиев аз батни хамрия арзи вуҷуд кардааст. Донишманди эронӣ Забеҳулло Сафо дар бобати ин жанри адабӣ чунин мегӯяд: «. . . соқиномаҳо ҳамчунон ҷавлонгаҳе бувад барои изҳори авотифи шоирона дар бораи нопойдорӣ ва беҳудагии ҷаҳон ва ҳастии он, оқибати дардангези мо-фарзандони одам. . . паноҳ бурдан ба олами мастӣ ва беҳушӣ барои раҳоӣ аз дардҳо ва ғамҳое, ки бори миннати ин ҳастии дурӯғин бар дӯши ҷони мо мениҳад» [9, с. 615].

Яъне дар соқинома шоир соқиро мухотаб намуда, афкори хешро дар перояи санооти бадеӣ иброз менамояд. Вазни соқинома дар адабиёт устувор аст. Яъне кулли соқиномаҳо, инчунин соқиномаи Сират ҳам дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф, ки латифтарин шакл аст, навишта шудааст:

Биё, соқӣ, ба ҷоме соз мастам,

Ба шаҳди бехудӣ кун пойбастам [11, с. 31].

v- - -/ v- - -/ v- -

Мафоӣлун/ Мафоӣлун/ Фаӯлун

Нахустин ғазали девони шоир “Чун соя агар бахт намояд мадади мо” буда, дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф навишта шудааст. Бояд гуфт, ки вазни ҳазаҷ аз сермаҳсултарин баҳрҳои арӯз ба ҳисоб рафта, дар луғат ба маънои тараннуми хушоянд омадааст. адабиётшинос Парвиз Нотили Хонларӣ ин баҳрро дар қатори бист авзони серкорбурди форсӣ ҷой додааст:

Чун соя агар бахт намояд мадади мо,

Хуршед ниҳад по зи карам бар намади мо [11, с. 53].

- - v / v - - v / v - - v / v - -

Мафъӯлу / мафоӣлу / мафоӣлу / фаӯлун

Сират дар яке аз камистеъмолтарин авзони шеъри форсӣ, яъне раҷази мусаммани махбуни мураффал низ шеър гуфтааст. Мисраъҳо тӯлонӣ буда, аз чаҳор рукни панҷҳиҷоӣ иборат аст:

Зиҳӣ фасоҳат дами такаллум, ки шаҳди лафзат шакар надорад,

Зиҳӣ малоҳат, гаҳи табассум, ки дурҷи лаълат гуҳар надорад [11, с. 60]

v- v- - / v- v- - / v- v- - / v- v- -

Мафоилотун / Мафоилотун / Мафоилотун / Мафоилотун

Инчунин шоир дар вазни мутантани мутақориб, ки хоси достонҳои ҳамосию қаҳрамонӣ буда, “Шоҳнома”-ву “Офариннома” ва “Бӯстон” бо ин вазн навишта шудаанд, маснавии “Чиҳил ҳол дар фароиз”-ро иншо намудааст:

Ба илми фароиз ба тақсими мол,

Чиҳил буда бар аҳли мерос ҳол [11, с. 96].

v - - / v - - / v - - / v ~

фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯл

Чунон ки маълум аст дар асрҳои XIX ва XX навиштани моддаи таърих ривоҷ пайдо мекунад. Дар қатори дигар шоирон Абулфазли Сират қитъаҳои таърихии зиёд навиштааст. Яке аз онҳо дар вазни зебои рамал навишта шудааст:

Дил ду таъри/хи мувофиқ /дид дар до/дугирифт,

Чун камол аз /боғи шоҳӣ (1919) / ёфт ғайрат/офарин [11, с. 83].

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~ ё - v –

фоилотун /фоилотун / фоилотун / фоилон ё фоилун

Дар ғазали “Мабанд аз сари имсок даст дар гардан” шоир хислати бади инсонӣ, яъне хасисиву бухлу ҳасудро мазаммат намудааст. Мувофиқи андешаи шоир инсон бояд саховатманду пурбардошт бошад. Эҳсону муруввату сидқро аз баҳри ризои Ҳақ дар вуҷуди хеш парвариш намояду шоиставу сазовору нек зиндагӣ намояд. Ин ғазал дар вазни зебою хушоянди музореи мусаммани мақбузи аслам навишта шудааст:

Мабанд аз сари имсок даст дар гардан,

Ки хислатест накӯҳида пеши аҳли ниё [11, с. 75].

v – v - / v v - - / v – v - / - -

мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаълун

Дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф, ки хоси маснависароии форсӣ буда, достонҳои “Ҷамшед ва Хуршед”-и Салмони Совоҷӣ, “Вис ва Ромин”-и Фахриддини Гургонӣ, “Гулу Наврӯз” ва “Камолнома”-и Ҳоҷуи Кирмонӣ, “Гулшани роз”-и Маҳмуди Шабистарӣ, “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ, “Ҳусн ва Дил”-и Яҳёи Себак, аксари “Юсуф ва Зулайхо”-ҳо ва ғайраҳо суруда шудаанд, ғазалҳои бисёр зебо ва дигар анвои шеър эҷод намудааст:

Биҳамдиллоҳ, ки аҷзам коргар шуд,

Дуоям зевари гӯши асар шуд [11, с. 37].

v - - - v - - - v - -

мафоилун / мафоилун / фаӯлун

Абулфазли Сират аз силсилаи дуюми баҳрҳои фаръӣ дар вазнҳои муҷтасси мусаммани махбуни мақсур, муҷтасси мусаммани махбуни аслам ва хафифи мусаддаси махбуни аслам шеър гуфтааст, ки он аз омезиши аркони солиму зиҳофии баҳрҳои Рамалу Раҷаз сохта шудааст:

Ба дастёрии иқбол, эй насими баҳор,

Ба он диёр агар афтадат зи бахт гузор [11, с. 42].

мафоилун/фаилотун/мафоилун/фаилон

- v - v / v v - - / v - v - / v v ~

Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур

Буд бераҳме аз муруввat дур,

Ба ҷафо толиб, аз вафо маъзур [11, с. 94].

v v - - / v - v - / - -

Хафифи мусаддаси махбуни аслам

Аз силсилаи аввали баҳрҳои фаръӣ бошад дар вазни Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур шеър сурудааст.

Дар дафъи ғам дуои вуҷуди шарифи ту,

Кибрити аҳмар аст, ки ман вирд кардаам [11, с. 74].

- - v / - v – v / v - - v / - v –

Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

Шаш рубоие, ки дар китоб омадааст, дар шаҷараи ахраб навишта шудааст. Як рубоӣ дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар, се рубоӣ дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар ва ду рубоӣ дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи маҷбуб навишта шудааст:

Умрест, ки дил завқи ҳавоят дорад,

Танҳо на забон барги саноят дорад.
Ҳам дида таманнои лиқоят дорад,
Ҷон низ нафас вақфи дуоят дорад [10, с. 80].
- - v / v - - v / v - - - / -
Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар

Дар натиҷаи тааммул ва диққате, ки ба шеъри Сират кардем, маълум гардид, ки басомади авзони шеър дар девони ӯ ба чунин шакл аст:

Р/Т	Номи вазн	Шумора
1.	Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф	4
2.	Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур	4
3.	Рамали мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур	4
4.	Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур	3
5.	Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар	1
6.	Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар	2
7.	Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи маҷбуб	1
8.	Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур	5
9.	Музореи мусаммани мақбузи аслам	1
10.	Рамали мусаммани мақсур ё маҳзуф	10
11.	Раҷази мусаммани махбуни мураффал	1
12.	Рамали мусаммани аслам	1
13.	Рамали мусаммани махбуни аслам	1
14.	Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур	1
15.	Хафифи мусаддаси махбуни аслам	1
16.	Муҷтасси мусаммани махбуни аслам	1
17.	Рамали мусаммани махбун	1

Қофияву радиф мусиқии берунии шеърро таъмин намуда, барои пурқувват кардани ҷанбаҳои оҳангнокии шеър нақши муҳим доранд. Қофияву радиф аз аносири муҳимтарини шеър ба ҳисоб рафта, ба пиндори Маяковский “банду басти шеър аст”. Дар хусуси қофия ва радиф дар китоби санъати сухан чунин гуфта шудааст: “Қофия ба мусиқии шеър обу ранги тозае мебахшад, вале вазифаи он на ба он дараҷаест, ки ягона пояи асосии шеър ҳисоб ёбад. Қофия фақат ба он дараҷа аҳамият дорад, ки мазмун шаклро таъйин кунад ҳам, шакл низ дар навбати худ воситаи ифодаи мазмун ва ба ин маънӣ фаъол аст” [3, с. 376].

Дар яке аз ғазалҳояш калимаҳои “бикушой, бисарой, бидарой, бинамой” вазифаи қофияро иҷро намудаанд. Инчунин шоир дар асоси санъати таҷнис калимаҳоро дар майдони сухан гӯё ба рақс дароварда, оҳанги зебоеро ҳосил намудааст, ба монанди “бибарою ба бар ой”, “ба дар ою бидарой”, “ба сар ою бисарой” ғазалро ба таври лузум мавзуну муассир намудааст:

Шиша пурмай куну соқӣ қадаҳ аз каф магузор,
Шаби васл аст, муғаннӣ, ба сар ойу бисарой [11, с. 73].

Аксарияти ғазалҳои Сират мураддаф мебошанд. Радиф барои муассир баён кардани матлаб нақши муҳим дорад. Ҳамчуноне ки адабиётшиноси эронӣ Шафеии Кадканӣ мегӯяд: “Радиф, дар ҳақиқат, барои такмили қофия ба кор меравад ва ба таври қатъӣ метавон иддао кард, ки ҳудуди ҳаштод дар сади ғазалиёти хуби забони форсӣ ҳама дорои радиф ҳастанд ва усулан ғазал бе радиф ба душворӣ муваффақ мешавад ва агар ғазал бидуни радиф зебоӣ ва лутфе дошта бошад, комилан ҷанбаи истисноӣ дорад” [4, с. 138]. Радифҳои ғазалиёти Сират аз ҷиҳати сохт гуногун мебошад. Масалан, радифи ғазали зер аз чаҳор калима иборат аст.

Ба майи шавқи ту паймона шудан аз ман бин,
Чист паймона, ки майхона шудан аз ман бин.
Турраи хам ба хами шоҳиди иқболи туро,
Ҳар яке дасти дуо шона шудан аз ман бин.
Назари ғайри ту силихури мижгони вафост,

Ошно душмани бегона шудан аз ман бин [11, с. 70].

Ба ғайр аз ин феълҳои рехт [58] карду рафт [59], надорад [60], дорад [61], бошад [62], кард [64], шуд [65], дорам [67] низ ба вазифаи радиф омадаанд.

Дар коргаҳи маъниофаринии Абулфазли Сират калимаҳо дар саҳни файзгустари андешаву пиндор бозӣ мекунанд. Дар пешу канори байт ҷойи хешро иваз намуда, маънии тозаеро бозгӯ месозанд. Ин суханбозӣ на танҳо ҳусни зоҳирӣ, балки баҳри ифодаи матлаби гӯянда ва инъикоси завқи эстетикии шоир воситаи хуб аст. Дар ҳақиқат, ин гуна шеърҳо маҷмуи зебоиҳост. Ба ин маънӣ Сергей Ожегов чунин мегӯяд: “Зебоӣ маҷмуи сифатҳоест, ки ба чашму гӯши инсон ҳаловат ато менамояд” [5, с. 538]. Сират бо истифода аз санъати иштиқоқ, яъне калимаҳои аз ҷиҳати шакл ба ҳамдигар монанд ва ё вожаҳои ҳамрешаро ба ҳам овардан мусиқияти шеърро фароҳам намудааст:

Пеши чашмам чанбари афлокро қадре намонд,

Чашм то ҳамчашми чашми ҳалқаи дар ёфтам [11, с. 81].

Ба андешаи мо чашм дар ин байт ба се маънӣ омадааст. Яке ба маънои ҳақиқии чашм ва дигар ба маънои сӯрохии ҳалқаи дар ва дигаре ба маънои калид корбаст шудааст. Яъне то он замоне, ки шоир ба сӯрохии дар калиди қулфкушои мувофиқ дарёбад, дар азобу ранҷ мондааст. Ҳатто ягон аҷроми осмониву ягон аҷсоми заминиро низ эҳсос намекард.

Дар байти дигар бошад вожаи “шикан” дар асоси санъати иштиқоқ оҳанги шеърро таъмин намудааст:

Шикани дил шикани тарфи кулоҳ аст маро,

К-ин шикан дар шикани зулфи шикан дар шикан аст [11, с. 57].

Шикан дар ин ҷо ба маънои маҷозии ранҷу азоб ва дар мавриди зулфи шикан дар шикан ба маънои зулфи печ дар печ омадааст. Яъне ин ранҷу азобҳои ман натиҷаи шикастани паймони орзуву умедҳои неки ман аст. Ҳамин дилбастагиву гирифториҳои ман, маҷзубияти ман ба зулфи печ дар печ аст, ки дар ин ҳолати низорам. Яъне шоир ошиқи ҷафодидаи вафонарасида ва шикастарӯҳ аст. Шоири ошиқ дар кӯраи ғаму ҳичрон месӯзад, то дар оташи сӯзони дарду аламу парешониву афтодагӣ пухта шавад. Ҳамин оҳангҳои исёнангезу ғамолуд риштаҳои эҳсосоти инсониро ба ларзиш медароранд.

Дар анҷом метавон хулоса кард, ки Абулфазли Сират дар қолаби вазнҳои латиф шеъру ғазал суруда, аз анвои гуногуни воситаҳои оҳангсоз истифода бурдааст. Корбурди қофияву радиф ва саноеи гуногуни бадеӣ мусиқияти шеърро таъмин сохтаанд. Радифҳои гуногунсохти шоир барои муассиртар баён кардани матлаби ӯ заминаи мустаҳкам гузоштаанд. Эҳсосот, шӯру исёну ғалаёнҳои ботинии шоир дар жанрҳои соқиномаву ғазалу қитъа, байту маснавиҳо бо перояи каломи пурсаноеъ ва зеботарин шакл баён шудааст.

АДАБИЁТ:

1. Абдӣ, Абдуллоҳҳоҷа. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Саҳобиддин Сиддиқов /Абдуллоҳҳоҷаи Абдӣ. – Душанбе: Дониш, 1983. – 291 саҳ.
2. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб: Матни интиқодӣ / Бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо; зери назари Абдулғанӣ Мирзоев / Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. – Душанбе: Дониш, 1977.
3. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан/ Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007, 396с.
4. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон, Огаҳ, 1373, -679с.
5. Марворид (роман, повест, ҳикояҳо, пйесаҳо). Тарҷумаи Абдуғаффори Абдуҷаббор. – Душанбе: Истеъдод, 2013.
6. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Камол Айнӣ / Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам. – Душанбе: Дониш, 1975. – 376 с.
7. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Вазни шеъри тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Мисбоҳиддин Нарзиқул, –Душанбе: Мега-принт, 2021. – 144 саҳ.

8. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор / Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.
9. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон (Ҷилди панҷум бахши аввал) / Забеҳуллоҳ Сафо. –Теҳрон: Фирдавс, 1369. - 633 саҳ.
10. Сират, Абулфазл. Девон. – Хазинаи дастхатҳои шарқии Институти забон, адабиёти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Шумораи 858.
11. Сират, Абулфазл. Девон / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Матлубаи Мирзоюнус / Абулфазли Сират. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – 100с.
12. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Вазни шеъри форсӣ /Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Интишороти Тус, 1367. -295с.
13. Ҳабибуллоҳ, Марҳамат. Маърифати шеър / Марҳамати Ҳабибуллоҳ. – Хуҷанд: – 1994. – 64с.

МУРУРЕ БА ҶАНБАЪҲОИ ПОЭТИКИИ ШЕЪРИ СИРАТ

Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳои гуногуни поэтикӣ, унсурҳои оҳангсози шеъри Сират ихтисос ёфтааст. Муаллифи мақола кӯшиш намудааст, ки вазнҳои ашъори Абулфазли Сиратро муайян карда, ҳунари шоирии ӯро баррасӣ кунад. Аз рафти таҳқиқоти муаллиф муайян гардид, ки Сират дар вазнҳои маъмулӣ ба монанди ҳазаҷ, рамал, раҷаз, муҷтасс, музореъ, хафиф, мутақориб шеър гуфтааст. Инчунин хусусиятҳои қофияву радиф, ки таъминкунандаи мусиқияти берунии шеър мебошанд, муайян карда шудааст. Ба андешаи муаллиф аксарияти ғазалҳои Сират мураддаф буда, сохти гуногун доранд. Зикр шудааст, ки феъл дар бисёр маврид ба вазифаи радиф омадааст. Шоир санъати иштиқоқро низ мавриди корбаст қарор дода, дар асоси ба ҳам овардани калимоти ҳамреша эҳсосоти ботинии худро иброз дошта, оҳанги шеърро таъмин намудааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки мусаббиби равонии калом ин истифодаи вазнҳои хушоянд, қофияву радиф, саноеи бадеӣ буда, истифодаи ин аносири шеърӣ ба шоир имконият додааст, ки хушоҳангии шеърро таъмин намояд.

Калидвожаҳо: Сират, қофия, радиф, мусиқии шеър, ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб, ғазал, санъатҳои бадеӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғаффорова Маҳина, докторанти МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

ОБЗОР ПОЭТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ПОЭМЫ СИРАТ

Статья посвящена изучению различных поэтических особенностей, музыкальных элементов поэзии Сирата. Автор статьи попытался определить размеры стихов Абульфазли Сирата и обсудить его поэтическое искусство. В ходе исследования автора было определено, что Сират писал стихи в таких общепринятых размерах, как хазач, рамал, раджаз, муджтасс, музоре, хафиф и мутакариб. Также были определены особенности рифмы, которые обеспечивают внешнюю музыку стихотворения. По мнению автора, большинство газелей Сирата являются мураддафами и имеют различную структуру. Упоминается, что глагол во многих случаях служит рифмой. Поэт также использовал искусство иштикак, выражая свои внутренние негодования на основе сочетания связанных слов, обеспечивая мелодию стихотворения. Автор приходит к выводу, что причиной эмоциональности слова является использовани приятных размеров, рифм, аллитерации и художественной звучности, а использование этих поэтических элементов позволило поэту обеспечить гармонию стихотворения.

Ключевые слова: Сират, рифма, радиф, поэтическая музыка, Рамал, Раджаз, Мутакариб, газель, изобразительное искусство.

Сведения об авторе: Гаффорова Маҳина, докторант Худжандского государственного университета имени академика Бобожана Гафурова

A REVIEW OF THE POETIC ASPECTS OF THE SIRAT POEM

The article is dedicated to the study of various poetic features, musical elements of Sirat's poetry. The author of the article tried to determine the meters of Abulfazli Sirat's poems and discuss his poetic art. During the author's research, it was determined that Sirat wrote poetry in such standart meters as hazaj, ramal, rajaz, mujtass, muzoreh, hafif, and mutaqarib. The features of rhyme and radif, which provide the external music of the poem, were also determined in the autor's opinion, most of Sirat's qhazals are

muraddaf and have different structures. It is mentioned that the verb in many cases serves as a rhyme. The poet also used the art of ishtiqaq, expressinq his inner rebellions based on the combination of related words, providing the melody of the poem. The author concludes that the cause of the emotional nature of the word is the use of pleasant meter, rhyme and alliteration, and artistic technique, and the use of these elements of poetry allowed the poet to ensure the harmony of the poem.

Keywords: Sirat, rhyme, radif, poetry music, hazaj, ramal, rajaz, mutaqarib, qhazal, fine arts. ***Information about the author: Gafforova Mahina a doctoral student at the Khujand State University named after academician Bobojan Ghafurov***

ТДУ: 811. 21 / 22

МУНОСИБАТҲОИ МАЪНОӢ ДАР НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ МЕЪМОРӢ

Даминзода М. З.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Муносибатҳои маъноӣ дар соҳаи маъношиносӣ яке аз ҷанбаҳои асосии таҳқиқи забоншиносӣ мебошад. Дар доираи он пажӯҳиши низоми истилоҳотӣ ҳамчун пажуҳиши забони илм ва фан маҳсуб меёбад. Истилоҳот ҳамчун воҳидҳои алоҳидаи лексикӣ дар забоншиносӣ як низоми комили маъноиро ташкил медиҳанд, ки байни ин воҳидҳо равобити маъноии гуногун вуҷуд доранд. Робитаҳои маъноӣ барои фаҳмиши дақиқи мазмуни истилоҳот, таҳлили матнҳо ва таҳияи луғатҳо аҳамияти калон доранд. Дар ин бора забоншиноси рус В. Н. Лексин хусусиятҳои низоми истилоҳотро омӯхта, таъкид мекунад, ки низоми мазкур инъикоси низоми мафҳумҳои соҳаи муайяни дониш буда, байни воҳидҳои он робитаҳои муайяни маъноӣ дида мешавад [8, с. 35]. Аз ин рӯ, муносибатҳои маъноии байни истилоҳҳо дар низоми истилоҳотӣ инъикоси худро дар маънои мафҳумӣ пайдо мекунанд, зеро миёни маъноҳои истилоҳҳо ва мафҳумҳо муносибатҳои махсус мавҷуд аст.

Боиси тазаккур аст, ки низоми истилоҳоти меъморӣ як низоми хеле ташаккулёфта ва бисёрҷанба буда, дар он равобити дохилии маъноӣ, ки аз маънои мафҳумии калимаҳо маншаъ мегиранд, нақши муҳимро мебозанд. Чунонки муҳаққиқи тоҷик Ж. Гулназарзода таъкид мекунад: “. . . калимаҳо дар заминаи дорои кадом маъно буданашон ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд ва ба таври умумӣ ва хулосавӣ ашё ва падидаи ҳақиқатро инъикос мекунанд”[3, с. 217]. Бинобар ин, низоми истилоҳоти меъмориро, ки аз воҳидҳои (калима ё ибора) бо ҳам мутаносиб иборатанд ва барои дақиқ тавсиф кардани унсур, объект, раванд ва ё маводе хизмат мекунад, метавон ҳамчун “забони махсуси касбӣ” номид. Ин низомро Ю. М. Лотман низ ҳамчун маҷмуи нишонаҳо номида, ба он андеша аст, ки онҳо дар шароите самаранок ҳисобида мешаванд, ки робитаҳои маъноӣ дар он ба низом дароварда шуда бошанд [9, с. 48].

Аз ин бар меояд, ки муносибатҳои маъноӣ дар истилоҳот танҳо барои дақиқӣ ва муайянсозии фаннӣ зарур набуда, балки барои таъмини ҳамоҳангии муошират касбӣ байни меъморон, тарроҳон, муҳандисон, сохтмончиён ва дигар шахсони масъули соҳа низ хеле муҳим арзёбӣ мешаванд.

Дар низоми истилоҳоти меъморӣ шаклҳои зерини муносибатҳои маъноиро метавон мушоҳида намуд:

Муносибати **сермаъноӣ (полисемия)** – муносибате, ки дар он як калима (истилоҳ) метавонад маъноҳои гуногун дошта бошад. Чунончи: *хона, қаср* ва ғайра.

Муносибати **гунанокӣ (омонимия)** – муносибате, ки дар он калима (истилоҳ) як шакл дошта, ба маъноҳои комилан гуногун истифода мешавад. Масалан: *гунбаз (купол) / dome* – сохтори гирд ва баланд, ки дар қисми болоии бино ҷойгир мешавад; *гунбаз (свод) / vault* – сохтори камоншакл (каҷшуда) аст, ки барои пӯшонидани толор ё роҳрав истифода мешавад, тоқҳои ҳамчаспи бисёрқабата.

Муносибати **муродифӣ (синонимия)** – муносибате, ки ду ё зиёда истилоҳ як мафҳумро ифода мекунанд. Масалан, “*долон/айвон*”, *“кох/қаср”, “майдон/саҳн”* метавонанд дар ҳолатҳои муайян муродифи якдигар бошанд.

Муносибати **мутазодӣ (антонимия)** – робитаи муқобилмаъноиро ифода мекунад. Масалан, *“баландошёна/пастошёна”*, “*гармхона/сардхона*” муқобили якдигаранд. Ин навъи муносибат метавонад ба навъҳои зерин ҷудо шавад, ки онҳоро дар истилоҳоти меъморӣ ба назар мерасанд: *контрарӣ, контрадикторӣ, комплементарӣ, градатсия*.

Муносибати **ҷузъиву куллӣ (гипонимия ва гиперонимия)**. Масалан, *масолеҳи сохтмон* ҳамчун гипероним ва *бетон / concrete, бетони сабук / lightweight concrete, хишт (охар) / brick, санг/ stone, чӯб / wood, металл / metal, полимер / polymer, хамир (малот) / mortar, гач / plaster, панели гачӣ / gypsum panels* ва ғайра ҳамчун гипонимҳо мебошанд. Ба ҳамин монанд, *антаблимент / entablature* (пойгоҳи секисмаи болои сутунҳо) ҳамчун гипероним ва *рав /архитрав* (поёни он, ки болои сутун меистад), *арақа / frieze* (қисми миёна бо нақш оро дода) ва *нижвон / cornice* (қисми боло, ки берун баромадааст) ҳамчун гипонимҳо мебошанд.

Муносибати **ассотсиативӣ** – муносибатест, ки байни истилоҳҳо робитаи озоди маъноӣ барқарор мешавад. Яъне, дар ин ҳолат робитаи онҳо на ба маънои мустақим, балки ба истифодабарӣ ва ё контекст вобаста аст.

Муносибатҳои маъноии дар боло номбаршуда дар низоми истилоҳоти меъморӣ пурра ба назар мерасанд, зеро, ба андешаи забоншиноси англис J. Sager, истилоҳҳо воҳидҳои ҷудогонаи лексикӣнабуда, балки ҷузъҳои як сохтори мураттаби мафҳумҳо мебошанд: “Terms are not isolated lexical units, but are elements in a structured system of concepts”[19, с. 56].

Фаҳмиш ва муайян кардани муносибатҳои мазкур дар низоми истилоҳотӣ ба мутахассисони соҳаи меъморӣ ва забоншиносӣ, аз ҷумла ба таҳиягарони луғатҳо ва тарҷумонҳо имкон медиҳад, ки истилоҳот дуруст гурӯҳбандӣ шуда, дар истифодаи амалии он, бахусус дар таҳияи луғатҳои махсус ё системаи автоматикии коркарди маълумот ва барои дақиқии илмӣ мавриди корбурд қарор гиранд. Муҳаққиқи тоҷик Ж. Гулназарзода хеле дуруст таъкид мекунад, ки: “Робита маҳз нишондиҳандаи маъноист, на маъно, зеро муносибати онҳо тавассути қонуни созгори маъноӣ сурат мегирад. Қонуни созгори маъноӣ талаб мекунад, ки калимаҳои ба ҳам мувофиқ ва созгоршуда бояд дар ифодаи маъноҳои худ ақалан як маъно (сема)-и умумӣ дошта бошанд” [3, с. 217].

Дар робита ба ин, дар зер мо муносибатҳои маъноиеро, ки дар боло номбар кардем, вобаста ба истилоҳоти меъморӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

1. Истилоҳоти сермаъно (полисемия)

Сермаъноӣ (полисемия) яке аз падидаҳои маъмули забон мебошад, ки тамоми қабатҳои онро фаро мегирад. Мусаллам аст, ки ҳамаи калимаҳои мустақилмаънои забон аз нигоҳи ифодаи маъноӣ ба якмаъно (моносемия) ва сермаъно (полисемия) ҷудо мешаванд. Тамоми калимаҳое, ки ба ҳайси истилоҳ истифода мешаванд, калимаҳои якмаъно (моносемия) мебошанд. Аз ин рӯ, аксари муҳаққиқон ба сермаъноии истилоҳот шубҳа доранд ва онро қабул надоранд. Дар ин маврид забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов таҳлили хеле дақиқе дорад. Ӯ бар он назар аст, истилоҳ танҳо якмаъно мешавад. Дар ҳолати ба истилоҳ табдил ёфтани калимаи сермаънои забон вай аз маъноҳои дигари худ дур шуда, бо онҳо дар муносибати омонимӣ қарор мегирад. Муҳаққиқи мазкур таъкид мекунад, ки: “Баробари ин гоҳҳо калимаҳои ҷудогонаи таркиби луғавӣ бо маъноҳои худ дар соҳаи мухталиф ҳамчун истилоҳ истифода мешаванд. . . Бо вуҷуди ин чунин калимаҳои ба истилоҳи соҳаҳаои гуногун мубаддалшударо сермаъно ҳисобидан дуруст нест. Калимаҳои номбурда бо маъноҳои алоҳидаи худ ба истилоҳи соҳаҳои ҷудогонаи илм табдил ёфтаанд. Мавриди истифодаи онҳо дар ин ё он соҳаи муайяни илм ё фан ҳамон маънои ягонаи интихобшудаи онҳо ба ҷунбиш меояд ва аз маъноҳои дигар сарфи назар карда мешаванд. ”[11, с. 148]. Аммо бархе аз забоншиносон сермаъноии истилоҳро қабул доранд. Чунончи, забоншиноси рус В. Н. Кудрявсев аз мавҷудияи сермаъноӣ дар истилоҳот таъкид намуда, бар он назар аст, ки «полисемия дар истилоҳоти техникӣ бояд идора шавад, то аз нофаҳмиҳо ва иштибоҳҳои амалӣ ҷилавгирӣ шавад»[7, с. 112].

Чунонки аз мулоҳизаҳои муҳаққиқон бармеояд, сермаъноӣ дар майдони “хушку холӣ” ба миён намеояд, балки бар асоси омилҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Забоншиносон

ин омилҳоро чунин номбар кардаанд: рушди маънои маҷозӣ; тағйири вазифаҳои иҷтимоӣ ва технология; истифодаи такрорӣ дар муҳитҳои гуногун; хусусиятҳои тафаккур ва эҳсоси инсон. Рушди маънои маҷозӣ ин интиқоли маъно аз як соҳа ба соҳаи дигар мебошад, ки Стефан Уллман маънии маҷозиро воситаи асосии васеъшавии маънои калимаҳо маънидод мекунад [20, с. 46]. Тағйири вазифаҳои иҷтимоӣ ва технологӣ, ки боиси тағйирёбии ҳаёт ва ихтироъҳои нав мегардад ва, ҳамзамон маънои калимаҳо васеъ мешаванд, омили дигари рушди сермаъноӣ мебошад. В. Виноградов ин нуктаро шарҳ дода, таъкид мекунад, ки вобаста ба рушди фарҳанг ва таҷрибаи инсон маънои калимаҳо низ инкишоф меёбанд [2, с. 87]. Омили дигари пайдоиши сермаъноиро муҳаққиқон дар истифодаи такрорӣ дар муҳитҳои гуногун маънидод мекунанд. Яъне як калима метавонад дар муҳитҳои гуногун бо маъноҳои гуногун ифода ёбад. Тафаккури инсонро, ки метавонад бо як калима ҳолатҳо ва чизҳои ба ҳам монандро ифода кунад, муҳаққиқон омили дигари пайдоиши сермаъноии калима медонанд.

Ҳамин тавр, маҷоз, технология ва ҷомеа, муҳити контекст, тафаккури инсон муҳимтарин омилҳои пайдоиши сермаъноӣ маҳсуб меёбанд. Дар соҳаи меъморӣ полисемия аз омилҳои зерин сарчашма мегирад:

- таърихи бисёрқабатаи калима (асли *суннатӣ* ва *воридшуда*);
- истифода дар соҳаҳои гуногун (*меъморӣ*, *шаҳрсозӣ*, *сохтмон*, *ҳуқуқ*).
- гузариш аз маънои аслӣ ба маънои маҷозӣ.

Чунончи, истилоҳотеро чанд аз номҳои биноҳо дар ҷадвали зер мисол меоварем, ки дар онҳо сермаъноӣ (полисемия) ба назар мерасад.

Англисӣ	**Тоҷикӣ**	**Маънои 1**	**Маънои 2**
House	Хона	бинои истиқоматии инфиродӣ	мафҳум дар маънои умумии "манзил"
Villa	вилла	хонаҳои боҳашамат дар наздишаҳр	меҳмонхонаҳои хурди сайёҳӣ
maisonette	мезонет	манзили дуошёна	як қисми бинои тиҷоратӣ бо тарҳи хос
Palace	Қаср	бинои шоҳона	бинои давлатӣ (масалан, қасри фарҳанг)

Шарҳи мисолҳои болоро бар асоси луғатҳо дида мебароем:

ХОНА - 1. маскан, як истиқоматгоҳ дар ҳавлӣ. 2. иморат, ҳавлӣ, ки чанд ҳуҷра дорад. 3. макон, ҷой, ошён; **хонаи бачагон** муассисаи нигоҳубини кӯдакон; кҳн. **хонаи маданият/фарҳанг** муассисаи маданият ва равшаннамоии байни мардум [13, с. 447].

ХОНА - 1) манзил, ҷои зист; 2) аҳли хона (оила); 3) замини кишт; 4) қуттии бозӣ (шахмат, нард); 5) бурҷ дар астрология; 6) макони ҳунар ё касб[1, с. 230].

HOUSE - 1) A building for human habitation, especially one that is lived in by a family or small group of people. 2) The people living in a house; a household. 3) A building in which people meet for a particular activity (e. g. opera house). 4) A religious community living together; 5) A business or institution (e. g. publishing house); 6) In astrology, one of the twelve divisions of the heavens. [22]

HOUSE-1) A building where people live, usually one family or group; 2) The people who live in a house; 3) A building used for a particular purpose (e. g. a house of worship). 4) A theatre, or the audience in a theatre. 5) One of the groups that students are divided into at some schools. [21]

Бояд зикр кард, ки ***хонаи истиқоматӣ, хонаи бачагон, хонаи маданият ё хонаи фарҳанг, хонаи омӯзгорон*** (*ба маънои ҳуҷра (кабинет)*) аз нигоҳи меъморӣ шаклу услуби хоси худро доранд, ки дар забон онҳо ҳамчун полисемия ифода мешаванд [4, с. 65]. Ё дар забони англисӣ *apartment buildings* (**хонаҳои бисёрхонагӣ**), ки ба муҳити шаҳр, ба маҷмааҳои баландошёна дахл доранд; *vernacular houses* (**хонаҳои суннатӣ**), ки ба муҳити

деҳот, ба меъмории маҳаллӣ ишора мекунанд ҳамчун полисемия мебошанд.

Ҳамин гуна, метавонем истилоҳи **“вилла/ villa”**-ро шарҳ диҳем. Баромади вожаи “**villa”** аслан аз забони итолиявӣ буда, маънои “қаср, хона, қитаъаи замин дар деҳа”-ро дорад ва он ба забони англисӣ иқтибос шудааст. Вилла ин “-хона бо боғ ё боғча берун аз шаҳр. Дар Рими Қадим – бинои истироҳатии шоҳона. Дар сохтмон, хонаҳо гирди як ҳавлӣ сохта мешуданд ва бо мозаика ва рангубор оро дода мешуданд. Вилла метавонад ибодатгоҳ, театр, канал ва ҳайкалҳои ороиширо дар бар гирад. Дар давраи Эҳё, виллаҳо тарҳи меҳварӣ (симметрӣ) бо айвони марказӣ гирифтанд (мисол: Вилла Мадама, Рим). Дар асрҳои XIX–XX – манзили якҳуҷрагии бароҳат бо боғ дар наздишаҳр ё минтақаҳои истироҳатӣ” [12, с. 123] ва дар замони муосир он ба маънои “меҳмонхонаҳои хурди сайёҳӣ” низ истифода мешавад.

Ҳамаи ин маъноҳо аз он далолат медиҳанд, ки онҳо дар тули таърих, ба гуфти муҳаққиқи англис Клайр (Claire)“қабат ба қабат” ба вуҷуд омадаанд: «*"Polysemy in architectural terminology is often rooted in historical layering of meanings, where an original functional term acquires figurative and broader urban uses over time* (Сермаъноӣ дар истилоҳоти меъморӣ аксар вақт аз қабат-қабат шудани таърихии маъниҳо сарчашма мегирад, ки дар он як истилоҳи аслии функсионалӣ бо мурури замон маънои маҷозӣ ва истифодаҳои васеътар дар муҳити шаҳрӣ пайдо мекунад). » [15, с. 59]

Ба монанди ҳамин сермаъноиро метавон дар дигар гурӯҳҳои мавзуии исилтоҳоти меъморӣ мушоҳида кард, ки дар зер онҳоро дида мебароем.

Истилоҳи **нақша** метавонад дар меъморӣ: 1) ба ҳуҷҷати техникӣ ишора кунад (**нақшаи ошёнаи аввал** / *first floor plan*); 2) ба ҳуҷҷати идоракунии шаҳр (**нақшаи умумӣ** / *master plan*); 3) ба барномаи корӣ ва марҳилаҳои иҷроиш он ишора кунад.

Чунин сермаъноӣ дар унсурҳои меъморӣ ва дар шаҳрсозӣ низ ба назар мерасад:

Фасад/ facade– 1) намои пеши бино; 2) маҷмуи намоҳои пайваста дар кӯча;

Гунбаз/ dome/vault – 1) пӯшиши берунии нимдоиравӣ; 2) сохтори дохилии камоншакл;

Айвон / portico – 1) сохтори сутундор дар пеши бино; 2) фазои нишаст дар ҳавлӣ;

Сафол / tile – 1) пӯшиши сақф; 2) унсури дохилии ороишӣ;

Бетон / concrete – 1) маънои умумии маводи сохтмонӣ дошта бошад; 2) як навъи хос (**бетони сабук / lightweight concrete**);

Минтақа / zone– 1) қисмати функсионалии шаҳр; 2) минтақаи муҳофизатӣ;

Марказ/ center – 1) маркази ҷуғрофии шаҳр; 2) маркази иқтисодӣ/идорӣ.

Ҳамин тавр, дар таркиби истилоҳоти меъморӣ калимаҳои зиёдеро метавон ҳам дар забони тоҷикӣ ва англисӣ пайдо кард, ки онҳо сермаъно буда, ба маъноҳои гуногун ифода шавад. Яъне калимае, ки дар ибтидо маънои аслӣ дошт (мисли «хона»ҷойи зист), бо гузашти вақт он маънои маҷозӣ (масалан «хона» ҳоло маъноҳои “оила” (дар забони англисӣ), ё “муассиса” (дар забони тоҷикӣ))гирифтааст. Бо пайдо шудани имкониятҳои нав вожаи “хона” маъноҳои иҷтимоӣ (масалан «хона»-и ҳунар, «хона»-и фарҳанг, «хона»-и бачагон, «хона»-и калонсолон ва ғайра) низ касб кард, ки ҳамаи инҳо муассисаҳои махсус буда, аз назари меъморӣ хусусият хоси худро доранд. Мисоли дигар, мо метавонем дар ин ҷо истилоҳи “***ошёна***”-ро оварем, ки агар дар биноҳои серошёна он маънои қабатҳои биноҳоро ифода намояд, вале он ҳамчунин ба маънои *хона* низ истифода мешавад.

2. Омонимия ва гунанокӣ дар истилоҳоти меъморӣ

Омонимия дар забоншиносӣ падидаи ҳамшаклӣ ва ҳамовозӣ аст, ки дар асоси он як вожа метавонад як шакл дошта, маъноҳои комилан гуногунро ифода кунад. Ҳ. Маҷидов омонимияро *калимаҳоиҳамовоз* номида, дуруст қайд мекунад, ки: “Баръакси ҳодисаи полисемия, ки ба системаи маъноии вожаҳои забон алоқаманд аст, ҳамовозии калимаҳо ба сохтори савтии онҳо вобастагӣ дорад. . . . дар ҳар як забон, аз ҷумла дар забони тоҷикии мо ҳам баробари калимаҳои аз бобати қиёфаи овозиашон аз ҳам фарқкунанда боз як миқдори муайни калимаҳое низ мавҷуданд, ки бо сохти овозии худ бо ҳам баробаранд ва ё наздикӣ доранд. Ин гуна вожаҳо калимаҳои ҳамовоз, ё омонимҳо номида мешавад. ”[11, с. 59]

Муҳаққиқ муносибати полисемия ва омонимияро нишон дода, якеро баръакси дигар маънидод мекунад, ки воқеан низ чунин аст. Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон истилоҳи омонимро бо калимаҳои "**омоним**", "таҷнис", "**калимаҳои ҳамовоз**, "**ҳамгун**", "**ҳамшакл**" ифода намудаанд [14, с. 17]. Боз ҳам ба ҳамон масъала ишора бояд кард, ки на ҳамаи забоншиносон хусусиятҳои маъноии истилоҳро эътироф мекунанд, яъне ба андешаи онҳо истилоҳ якмаъно буда, аз хусусиятҳои полисемӣ, омонимӣ ва синонимӣ орӣ мебошанд. Зеро ба андешаи забоншиноси англисзабон Ҷ. Лайонз (Lyons, J): «омонимҳо дар истилоҳоти фаннӣ метавонанд сарчашмаи ҷиддии нофаҳмӣ шаванд, агар контексти истифода ба таври возеҳ муайян нагардад» [17, с. 272]. Ҳамчунин, Ҷ. Клайр ҳамин андешаро тақвият дода, таъкид мекунад: «Architectural homonyms often cause cross-disciplinary misunderstandings if not clearly defined within context (Омонимҳо дар соҳаи меъморӣ аксар вақт боиси нофаҳмиҳо миёни соҳаҳои гуногун мешаванд, агар дар контекст равшан муайян карда нашаванд.)» [15, с. 59] Ҳамаи ин андешаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки маънои калимаи омонимиро танҳо дар контекст метавон дарк кард, зеро аз назари талаффуз ва навишт он яксон аст.

Дар меъморӣ омонимия метавонад дар робита бо истифодаи ҳамон калима дар соҳаҳои гуногун (масалан, меъморӣ ва ҳуқуқ, ё меъморӣ ва сохтмон) пайдо шавад [18, с. 124]. Чунин истилоҳҳоро дар зер ба ҳайси мисол дар забони англисӣ дида мебароем:

Section – 1) *дар меъморӣ*: буриши амудӣ/уфуқии бино; 2) *дар ҳуҷҷатнигорӣ*: бахши матни ҳуҷҷат;

Base - 1) *дар меъморӣ*: қисми поёнии сутун; 2) *дар геодезӣ* пойгоҳи геодезӣ;

Order- 1) *дар меъморӣ*: низоми сутунҳо (дорикӣ, ионӣ, коринфӣ. . .): 2) *дар ҳуқуқшиносӣ:* ҳукм ё дастури расмӣ

Terrace - 1) *дар меъморӣ*: платформаи кушод дар пеши бино; 2) *дар боғдорӣ*: қатори заминӣ

Vault – 1) *дар меъморӣ*: қубба/сохтори камоншакл дар бино; 2) *дар бонкдорӣ* анбори пул (сейф);

Bay – 1) *дар меъморӣ*: қисми ҷудошудаи меъморӣ (масалан: bay window); 2) *дар ҷуғрофия:* халиҷ;

Column – 1) *дар меъморӣ*: сутун дар сохтмон; 2) *дар рӯзнома:* сутуни матн;

Wing - 1) *дар меъморӣ*: қисми канории бино (масалан: hospital wing); 2) *дар зоология*: бол (боли паранда);

Panel – 1) *дар меъморӣ*: порчаи ҳамвор дар девор ё дар; 2) гурӯҳи мутахассисон (panel of experts)

Storey – 1) *дар меъморӣ*: қабати бино (third storey); *дар* адабиёт ривоят, ҳикоя (story).

Омонимҳо метавонанад дар дохили як соҳа (аз ҷумла меъморӣ) низ вуҷуд дошта бошанд. Чунончи, дар соҳаи меъморӣ чунин омонимҳоро метавон номбар кард:

Манеж / riding hall (manege) – 1) толори варзишии аспсаворӣ; 2) толори умумӣ;

Павилон / pavilion – 1) бинои намоишӣ; 2) бинои хизматрасонӣ дар боғ;

Курдонёр / cour d'honneur – 1) майдони пеши қаср; 2) ҷои ҷамъшавии меҳмонон;

Арка/ arch– 1) унсури меъмории қафасшакл; 2) сохтори ёдбудӣ (аркаи триумфалӣ)

Чунин омонимҳоро дар байни маводи меъморӣ ва унсурҳои ороишӣ низ метавон мушоҳида кард:

Сафол / tile– 1) пӯшиши сақф; 2) унсури ороишӣ;

Бетон / concrete – 1) маводи сохтмонӣ; 2) изҳороти қатъӣ (маҷозӣ);

Гилемча/ carpet – 1) пӯшиши фарш;2) пӯшиши деворӣ (дар баъзе контекстҳо);

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки омонимҳо дар соҳаи меъморӣ бештар дар забони англисӣ мавриди истифода қарор доранд, вале дар забони тоҷикӣ низ онҳо кам нестанд. Омонимҳо метавонанд боиси нофаҳмӣ дар байни мутахассисон мешаванд, зеро як калима дар соҳаҳои гуногун маънои комилан дигар дорад. Масалан:*сутун* метавонад ҳам унсури меъмориро ифода кунад ва ҳам қисми рӯзнома (*сутуни матн*)бошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин омонимҳо, агар дар контекст дуруст муайян

карда нашаванд, онҳо метавонанд дар муошрати байнисоҳавӣ (меъморӣ, шаҳрсозӣ, журналистика, фарҳанг ва ғайра) нофаҳмӣ ба вуҷуд оваранд.

3. Синонимия (муродифот)-и лексикӣ ва синтаксисӣ дар истилоҳот

Синонимияро муҳаққиқон падидае меноманд, ки дар он ду ё зиёда воҳидҳои лексикӣ як маънои наздик ё якхела доранд, вале аз ҷиҳати шакл аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Маҷидов таъкид мекунад, ки мафҳуми синонимия (муродифот) аз синоним (муродиф) васеътар буда, синонимия асосан ҳаммаъноӣ ва наздикмаъноии воҳидҳои сатҳои гуногуни забонро фаро мегирад. Муҳаққиқи мазкур синонимро ба тари зер тафсир мекунад: “Ба назари мо, ду ва зиёда калимаҳои бо яке аз маъноҳои луғавии худ ба ҳам наздик ва гоҳҳо баробар, ки мансуби як гурӯҳи лексикиву грамматикӣ буда, аз ҳам бо тобишҳои дигари маъноӣ, мавридҳои истеъмол ва рангубори мухталифи эҳсосотии худ фарқ мекунанд, бояд муродиф ё синонимҳои луғавӣ номида шаванд” [11, с. 75]. Яъне, муҳимтар аз ҳама он аст, ки калимаҳо бо маъноҳои асосии луғавии худ байни ҳам синоним мешаванд. Аммо вақте ки масъалаи синоним шудани истилоҳот ба миён меояд, боз дар ду ҷанба қарор гирифтани мутахасисонро мебинем. Зеро дар ин маврид фикри забоншиносон бо ҳам мувофиқ намеояд ва на ҳама муродифшавии истилоҳро дастгирӣ мекунанд. Чунончи Ҳ. Маҷидов таъкид мекунад, ки “Истилоҳоти илмиву фаннӣ, ки ифодакунандаи ягонаи мафҳумҳои соҳаи ҷудогона мебошанд, набояд, ки дар ифодаи он мафҳумҳо боз муродиф ҳам дошта бошанд” [11, с. 148]. Ин андеша дар асарҳои муҳаққиқони русу аврупоӣ низ хеле барвақт садо дода буд. Чунончи, забоншиноси маъруфи рус В. В. Виноградов бар он назар буд, ки синонимия дар забони умумӣ падидаи табиӣ буда, вале дар забони илмӣ (яъне дар истилоҳшиносӣ) истилоҳ бояд якмаъно ва устувор бошад. Он (яъне истилоҳ) бо дақиқӣ аз калимаи муқаррарӣ фарқ кунад ва як мафҳумро танҳо бо як воҳиди лексикӣ ифода намояд [2, с. 33]. Лотте Д. С., ки ба истилоҳшиносии русӣ асос гузошта буд, низ синонимияро дар истилоҳ ғайри қобили қабул мешуморид, зеро ба андешаи ӯ дар илм ва фан бояд “як истилоҳ = як мафҳум” бошад. Дар ҳолати баръакс: “Мавҷудияти синонимҳо дар истилоҳот боиси ихтилоф ва нофаҳмӣ мегардад»[10, с. 45].

Забоншиносони аврупоӣ, аз ҷумла забоншиноси олмонӣ Э. Вюстер, ки яке аз асосгузорони “стандартикунонии истилоҳот” маҳсуб меёбад, муродифшавии истилоҳро бар зарари соҳа мешуморад ва дақиқ будани истилоҳро шарти асосии он медонад. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, барои як мафҳум танҳо як истилоҳ истифода шавад [16, с. 112].

Забоншиноси англис Стефен Уллман синонимияро падидаи табиӣ дар луғат номида, истифодаи онро дар истилоҳ боиси “шикастани дақиқӣ” медонад. Ӯ эътироф мекунад, ки синонимия дар фаннҳо бояд маҳдуд шавад [20, с. 145].

С. Д. Катснелсон дар истилоҳот функсияи услубӣ доштани синонимияро таъкид мекунад. Яъне, барои ифодаи як мафҳум як истилоҳи илмӣ ва як истилоҳи оммафаҳм метавонанд вуҷуд дошта бошанд[5, с. 94].

Муҳаққиқони ғарбӣ, аз ҷумла S. Ullmann, Lyons ва дигарон низ синонимияро як падидаи табиӣ номида, таъкид мекунанд, ки агар ду истилоҳ маънои як мафҳумро диҳанд, ин, бе мулоҳиза, натиҷаи рушди иҷтимоӣ ва таърихии забон аст.

Ҳамин тавр, ба андешаи муҳаққиқони мазкур синонимия метавонад гузариш аз истилоҳи кӯҳна ба истилоҳи навро осон кунад; дарки истилоҳро барои мардум фаҳмотар ва осон гардонад.

Дар робита ба ҳамин андешаҳо мо муҳаққиқонеро, ки синонимияро барои истилоҳ зарур мешуморанд, ҷонибдорӣ намуда, дар зер синонимияҳои истилоҳоти соҳаи меъморирo мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Синонимия дар истилоҳоти меъморӣ падидаест, ки он асосан аз се манбаъ сарчашма мегирад:

- иқтибосшавии истилоҳҳо аз забонҳои гуногун (масалан, русӣ, арабӣ, лотинӣ, англисӣ);

- гузариш аз истилоҳи кӯҳна ба нав (таърих ва анъанаҳои меъморӣ).

- истифодаи услубҳои гуногуни ифода (лексикӣ ва синтаксисӣ).

1) Синонимҳои иқтибосииистилоҳҳо аз забонҳои гуногун

Истилоҳҳои наве дар соҳаи меъморӣ дар забони тоҷикӣ мачуданд, ки аз дигар забонҳо иқтибос шудаанд ва онҳо бо иқтибосҳои куҳна ва ё гунаҳои нави истилоҳҳо ҳамзамон мавриди истифода қарор доранд. Чунончи:

Архитектор (*аз русӣ ва лотинӣ*) / **меъмор** (*аз арабӣ*) – касе ки нақшаи сохтмонҳоро таҳия мекунад;

Фасад (*аз русӣ ва фаронсавӣ*) / **намои пеш**(*аз форсӣ*) – рӯйи пеши бино, қисми намоёни бино;

Портал (*аз русӣ ва лотинӣ*) / **даромадгоҳи асосӣ** – дари калон ё даромадгоҳи асосии бино;

Арка(*азарабӣ ва лотинӣ*) / **арк** – камоншакл, як навъ сохтори таърихӣ ё ороишӣ;

Капител (*аз русӣ ва лотинӣ*) / **сари сутун** - қисми болоии сутун;

Интернат (*аз русӣ ва лотинӣ*) / хобгоҳи хонандагон – иқоматгоҳи умумӣ дар назди мактаб барои хонандагон;

Интерер (*аз русӣ ва фаронсавӣ*) / **дохили бино**;

Дизайн (*аз русӣ ва англисӣ*)/ **тарроҳӣ**, **нақшакашӣ**;

Панорама (*аз русӣ ва юнонӣ*) / **манзараи васеъ** – манзарае, ки дар тасвирҳо ва нақшақашиҳо истифода мешавад;

Мозаика (*аз русӣ ва юнонӣ*) / **тарҳи рӯйи девор** – тарҳҳои аз резаҳо сохташуда дар девор ё фарш;

Балкон (*аз русӣ ва итолиёвӣ***)/ полкона, полигона, ғурфа** – сохтори берунбаромада аз девори бино.

Дар забони англисӣ:

Term (Borrowed)	Source Language	English Synonym(s)	Usage in Architecture
Façade	French	Front, exterior	The face or front of a building
Portico	Latin (via Italian)	Porch, entrance	A covered entrance supported by columns
Atrium	Latin	Lobby, hall	A central open area in a building
Cupola	Italian (from Latin)	Dome, roof turret	Small dome on top of a building
Arcade	French/Latin	Colonnade, passage	Series of arches or covered walkway
Colonnade	Latin	Row of columns	A row of columns supporting a roof
Château	French	Mansion, estate	Grand residence, sometimes castle-like
Mansard (roof)	French	Gambrel roof	Type of roof with two slopes
Loggia	Italian	Gallery, veranda	Roofed open gallery along a wall
Mezzanine	Italian	Intermediate floor	A partial floor between two main floors
Vestibule	Latin/French	Foyer, entryway	Small entrance hall or lobby
Pavilion	French/Latin	Detached structure, annex	Freestanding building or section
Rotunda	Latin/Italian	Circular hall	Round room, often with a dome
Foyer	French	Lobby, entry hall	Main entry area in a building
Niche	French (from Latin)	Recess, alcove	Hollow in a wall for statue or decoration
Pediment	Latin/Greek	Gable	Triangular upper part of building

Term (Borrowed)	Source Language	English Synonym(s)	Usage in Architecture
			front
Tracery	French	Stonework pattern	Decorative stone openwork in windows

Бояд қайд кард, ки дар забони англсӣ низ на ҳамеша истилоҳҳои дар ҷадвал оварда синоним мешаванд, балки онҳо дар муҳити ғайрикасбӣ дар гуфтугӯи рӯзмарра ҳамчун синоними истилоҳи касбӣ истифода мешаванд.

2) Синонимияи лексикӣ (калима ба калима)

Тоҷикӣ	**Англисӣ**
ҳавлӣ/ тавора	courtyard / patio
қаср/ кох	Palace
боргоҳ / кох	Palace
фасад / намо	Facade
сафол / керамик	tile / ceramic
майдон / саҳн	Square

3) Синонимияи синтаксисӣ (ибора ба ибора)

Тоҷикӣ	**Англисӣ**
анбори озуқа / сардхона	food storehouse / icehouse
бинои бисёрмақсадӣ/ маҷмааи биноҳо	multipurpose building / building complex
маркази шаҳрӣ / маркази маъмурӣ	city center / administrative center
нақшаи умумӣ / нақшаи асосӣ	master plan / general plan
минтақаи муҳофизатӣ/ ҳудуди муҳофизатӣ	protected zone / protected area
шабакаи нақлиёт /шабакаи роҳ	transport network / road network

4) Синонимияи функсионалӣ

Синонимияи функсионалӣ ҳолатест, ки дар он маъно ва вазифа як буда, сохтор гуногун бошад. Яъне як объект метавонад бо номҳои гуногун дар забонҳои гуногун ишора шавад. Ба ҳамин маъно забоншиноси англис Ҷ. Клайр таъкид намуда, бар он назар аст, ки“синонимияи функсионалӣ бештар дар муҳити бисёрзабона ва дар минтақаҳое, ки таъсири фарҳангҳои гуногунро дидаанд, вомехӯрад” [15, с. 63].

Тоҷикӣ	**Англисӣ**
манора /бурҷ	tower
хишт /охар	brick
масҷид /масҷиди ҷомеъ	mosque
боғ /гулгашт	park / promenade

Дар ҷадвали боло истилоҳҳои “манора” ва “бурҷ” дар забони тоҷикӣ бо ҳам синоним омадаанд. Чунончи дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: “**манора** –. . . 2. бино ё иншооти маноршакле, ки барои посбонӣ, дидбонӣ ва ё бо мақсадҳои

дигар аз гил, хишт, санг ё чӯб месозанд, бурҷ”[13, с. 755]; “**бурҷ** – бинои манорашакле, ки барои дидбонӣ ва ё ҳамчун нишони махсуси роҳ (-икиштигардӣ) месозанд; бинои манорамонанди мустаҳкам, ки дар гӯшаҳои қалъа ва ҳисор сохта мешуд”[13, с. 248]. Ҳарчанд, дар луғатҳо ин ду вожа “манора ва бурҷ” бо ҳам муродиф оварда шудаанд, аммо аз назари вазифаашон онҳо иморатҳои гуногун мебошанд. Вале ҳамчун синонимӣ функсионалӣ дар меъморӣ онҳоро метавон истифода кард. Ба ҳамин монанд, дигар истилоҳҳои дар ҷадвали боло оварда синонимӣ функсиоалӣ мебошанд.

4. Навъҳои муносибатҳои мутазодӣ дар истилоҳоти меъморӣ

Дар низоми истилоҳоти меъморӣ мутазодот(антонимия) яке аз муносибатҳои маъноии муҳим маҳсуб меёбанд. Г. Е. Крейдлин антонимияро тавсиф намуда, таъкид мекунад, ки он ба сохтори маъноии низоми истилоҳот устуворӣ бахшида, имкони таснифи дуҷонибаро фароҳам меорад [6, с. 156]. Дар забоншиносии тоҷик низ доир ба мутазод, мутазодот ва муносибати антонимӣ муҳаққиқон чун Н. Масъумӣ, М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, С. Сабзаев, Ҳ. Талбакова, М. Саломиён, Ж. Гулназарзода ва дигарон андешаронӣ намудаанд. Ҳ. Маҷидов мутазодҳои луғавиро яке аз ҳодисаҳои инкишофёфта дар забони тоҷикӣ таъкид мекунад. Доир ба муносибатҳои антонимӣ андешаи худро баён намуда, қайд мекунад, ки: “Муносибати антонимии калимаҳо ва маъноҳои онҳо, пеш аз ҳама, ҳодисаи забонӣ аст. Дар маъноҳои ба ҳам зидди калимаҳо аломату хусусиятҳои мухталифи шайъҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни воқеӣ акс ёфтаанд” [11, с. 82].

Мусаллам аст, ки антонимҳо дорои навъҳои худ мебошанд. Бар пояи тақсимоте, ки муҳаққиқи эронӣ Куруши Сафавӣ анҷом додааст, забоншиноси тоҷик Ж. Гулназарзода, низ 6 навъи антонимҳоро муайян намудааст, ки иборатанд аз: 1) тақобули мударриҷ (градуалӣ); 2) тақобули мукаммал (комплиментарӣ); 3) тақобули дусӯя (симметрӣ); 4) тақобули ҷиҳатӣ (директивӣ); 5) тақобули вожагонӣ; 6) тақобули зимнӣ (коннотативӣ) [3, с. 272-273].

Ба ҳамин монанд гурӯҳбандии антонимҳо дар забоншиносии англисӣ низ ба назар мерасад. Чунончи, F. R. Palmer (*complementaries, converses*), John Lyons (*gradable, complementary, converses*), Geoffrey Leech (*gradable, complementary, relational*), D. A. Cruse (*gradable, complementary, converses, reversives*), M. Lynne Murphy (*robust lexical relations*).

Бояд тазаккур дод, ки дар забоншиносии муосири англисӣ навъҳои зерини антонимҳо маълуманд

- Lexical antonyms (лексикӣ)
- Derivational antonyms (морфологӣ)
- Contextual antonyms (контекстӣ)
- Contrary antonyms/Gradable antonyms (градуалӣ/муқобилати нисбӣ)
- Contradictory antonyms/Complementary antonyms(мутлақ/ комил)
- Conversive antonyms(конверсионӣ)

Дар заминаи навъҳои антонимие, ки дар боло дида баромадем, дар истилоҳоти меъморӣ танҳо чанд навъи онҳо ба назар мерасанд, ки дар зер онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

1) Антонимҳои градуалии истилоҳоти меъморӣ

Антонимҳои градуалӣ ё контрарӣ навъи антоним мебошад, ки ду истилоҳ муқобили ҳам меистанд, яъне маъноҳои баръакс доранд, аммо байни онҳо ҳолатҳои миёна ё дараҷаҳои миёна вуҷуд дорад. Чунонки J. Lyons қайд мекунад, истилоҳҳо «gradable properties»-ро ифода мекунанд [17, с. 272]. Чунин навъи антонимҳо дар соҳаи меъморӣ дар ҷадвали зер нишон дода мешавад:

Тоҷикӣ	Англисӣ	Муқобил	Англисӣ
баландошёна	high-rise	пастошёна	low-rise
кушода	open	пӯшида	closed
равшан	light	торик	dark
гарм	warm	сард	cool
сабук	lightweight	вазнин	heavy

Бояд тазаккур дод, ки байни истилоҳҳои **“баландошёна”** ва “**пастошёна”** метавонанд шаклҳои миёнаи он вуҷуд дошта бошанд ё баландтарини он. Чунончи, истилоҳои **миёнаошёна** / *mid-rise*ва **осмонхарош (осмонбӯс)**/ *skyscraper*. Ҳамин гуна, дар байни истилоҳҳои дигар, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, низ истилоҳҳои миёнадараҷаи онҳо низ мавҷуданд.

Ба қавли Лотман, «градатсия воситаи муҳими ифодаи тавозун ва сатҳҳои байни ду нуқтаи муқобил аст» [9, с. 51].

Сатҳи 1	Англисӣ	Сатҳи 2	Англисӣ	Сатҳи 3	Англисӣ
Хурд	small	Миёна	medium	Калон	large
Кӯтоҳ	short	Миёна	medium	Баланд	tall
Паст	low	Миёна	medium	Баланд	high
Торик	dim	нимравшан	moderately lit	Равшан	bright

Ба ҳамин монанд истилоҳои меъмории **ноҳия** / *district* – **шаҳр** / *city* – **агломератсия** / *agglomeration*; **толори варзишӣ** / *sports hall* – **варзишгоҳ** / *stadium* – **амфитеатри бузург** / *grand amphitheater* антонимҳои гардуалӣ бошанд.

2)Антонимҳои контрадикторӣ (ё комплементарӣ)

Антонимҳои контрадикторӣ антонимҳое мебошанд, ки онҳо ду ҷуфти муқобили комиле мебошанд, ки мавҷудияти яке маънои набудани дигарро дорад. Дар байни онҳо ҳолати мобайнӣ вуҷуд надорад.

Чунончи:

Тоҷикӣ	Англисӣ	Муқобил	Англисӣ
сохташуда	Built	Вайроншуда	demolished
фаъол	Active	Ғайрифаъол	inactive
иҷозатдодашуда	permitted	Манъшуда	prohibited

Антонимҳои комплементарӣ метавонанд на ҳамеша муқобили пурра бошанд. Чунончи:

Тоҷикӣ	Англисӣ	Муқобил	Англисӣ
интерйер	interior	экстерйер	exterior
дарун	Inside	берун	outside
вуруд	entrance	баромад	exit
болопӯшдор	Cover	бе болопӯш	uncovered

Ҳамин тавр, муносибатҳои маъноӣ дар низоми истилоҳоти меъморӣ на танҳо як ҷузъи забоншиносӣ мебошанд, балки унсури калидии кори амалиимутахассисонбаҳисобмераванд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки **полисемия** (сермаъноӣ) аз қабатҳои таърихии лексикӣ, аз рушди маънои маҷозӣ, тағйири вазифаҳои иҷтимоӣ ва технология, истифодаи такрорӣ дар муҳитҳои гуногун, аз хусусиятҳои тафаккур ва эҳсоси инсонсарчашмамегирад. **Омонимия** дар соҳаи меъморӣ бештар дар натиҷаи ҳамшакл будани калимаҳо бо маъноҳои комилан ҷудо ва дар робита бо истифодаи ҳамон калима дар соҳаҳои гуногун пайдо шавад. Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки омонимҳо дар соҳаи меъморӣ бештар дар забони англисӣ мавриди истифода қарор доранд, вале дар забони тоҷикӣ низ онҳо кам нестанд. Омонимҳо метавонанд боиси нофаҳмӣ дар байни мутахассисон мешаванд, зеро як калима дар соҳаҳои гуногун маънои комилан дигар дорад. Омонимҳо, агар дар контекст дуруст муайян карда нашаванд, онҳо метавонанд дар муоширати байнисоҳавӣ нофаҳмӣ ба вуҷуд ояванд. **Синонимия** лексикӣ ва синтаксисӣ мешавад, ки онҳо забонро ташаккул медиҳанд, вале дар истифодаи касбӣ бояд бо назардошти дақиқии истилоҳот интихоб шавад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми синонимия он аст, ки он метавонад гузариш аз истилоҳи кӯҳна ба истилоҳи навро осон кунад, ҳамчунин, дарки истилоҳро барои мардум фаҳмотар ва осон гардонад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки синонимия дар истилоҳоти меъморӣ асосан аз се манбаъ сарчашма мегирад:иқтибосшавии истилоҳҳо аз забонҳои гуногун, гузариш аз истилоҳи куҳна ба нав (бар асоси таърих ва анъанаҳои меъморӣ), истифодаи услубҳои гуногуни ифода (лексикӣ ва синтаксисӣ). **Антонимия (мутазодот)** дар истилоҳот шаклҳои гуногун дорад, ки ба он метавон шаклҳои зерин: *контрарӣ* тақобули нисбӣ (баландошёна ↔ пастошёна), *контрадикторӣ*тақобули мутлақ (сохтмоншуда ↔ вайроншуда), *комплементарӣ* тақобули пуркунанда (интерйер ↔ экстерйер) ва *градатсия*тақобули дараҷавӣ (ноҳия – шаҳр – агломератсия) дохил шаванд.

Ҳамаи ин муносибатҳои маъноӣ, новобаста аз намуд, барои таъмини дақиқии истилоҳот ва ҳифзи возеҳии муошират касбӣ аҳаммияти калон доранд. Татбиқи дурусти онҳо дар соҳаи меъморӣ имкон медиҳад, ки низоми истилоҳӣ устувор ва ҳамоҳанг бо талаботи замон бошад.

АДАБИЁТ:

1. Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. дар 17 ҷилд / Деҳхудо А. – Теҳрон: 1373//1995. – 1250 с.
2. Виноградов В. В. Русский язык. (Грамматическое учение о слове). Учебное пособие 4-е изд. / В. В. Виноградов. – М. : Русский язык, 2001. – 720 с.
3. Гулназарзода Ж. Низоми маъноии феъл дар забони адабии тоҷикӣ (бар мабнои осори бадеии Абдураҳмони Ҷомӣ). Монография / Ж. Гулназарзода. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2023. – 332 с.
4. Даминова М. З. Низоми истилоҳоти лексикаи меъморӣ / М. З. Даминова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2025. – № 4. – С. 64-71.
5. Кацнельсон С. Д. Семиотика и лингвистика. Учебное пособие / С. Д. Кацнельсон – Ленинград: Наука, 1972. – 215с.
6. Крейдлин, Г.Е. Антропоцентрическая семантика: антонимия и бинарные оппозиции. Монография / Г. Е. Крейдлин – М: Языки славянской культуры, 2001. – 280 с.
7. Кудрявцев, В. Н. Терминология и систематика в архитектуре и градостроительстве. Учебное пособие / В. Н. Кудрявцев – Москва: Архитектура-С, 2005. – 245 с.
8. Лексин В. Н., Термин и слово. Учебное пособие / В. Н. Лексин – Москва: 1974. – 204с
9. Лотман, Ю. М. Семиосфера. Книга сочинений/ Ю. М. Лотман – Санкт-Петербург: Искусство-СПБ, 2000. – 704с.

10. Лотте Д. С. Основы построения научно-технической терминологии. Вопросы теории и методики. Учебник / Д. С. Лотте – Москва: АН СССР, 1961. – 158с
11. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ 1:Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов – Душанбе: Деваштич, 2007 – 243 с.
12. Партина А. С. Архитектурные термины. Иллюстрированный словарь / А. С. Партина – Москва, 1994. – 208 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Луғатнома Ҷ 2 / АМИТ; Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ – Душанбе: 2008 – 950 с.
14. Шарипов Т. Қайду ишораҳои Абдусалом Деҳотӣ дар бораи истилоҳ ва истилоҳгузинӣ / Т. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – № 4/2. – С. 16-19.
15. Claire, J. *Architectural Terminology: Clarity Across Disciplines* / J Claire – London: Routledge, 2010. – 345 p.
16. Eugen Wüster. Einführung in die allgemeine Terminologielehre und terminologische Lexikographie / E. Wüster – Wien, 1979. – 289 p.
17. Lyons, J. *Semantics* (Vol. 1) / J Lyons – Cambridge: Cambridge University Press, 1977. – 272 p.
18. Murphy, M. Semantic Relations and the Lexicon: Antonymy, Synonymy, and Other Paradigms / M. Murphy – Cambridge: Cambridge University Press, 2003. – 304 p.
19. Sager *J. C.,* A Practical Course in Terminology Processing / J. C. Sager – John Bejamin's Publishing, 1990. – 264p.
20. Stephen Ullmann. Semantics: An Introduction to the Science of Meaning / Ullmann S. – Oxford: Basil Blackwell, 1972. – 278p.
21. Electronic resource. URL: http://dictionary. cambridge. org Санаи мурочиат: (24. 02. 2025)
22. Electronic resource. URL: http://www. oed. com Санаи мурочиат: (24. 02. 2025)

МУНОСИБАТҲОИ МАЪНОЙ ДАР НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ МЕЪМОРӢ

Мақолаи мазкур ба муносибатҳои маъноӣ дар низоми истилоҳоти меъморӣ, ки яке аз ҷанбаҳои асосии таҳқиқи забоншиносӣ мебошад, бахшида шудааст. Дар мақола шаклҳои гуногуни муносибатҳои маъноӣ, аз ҷумла муносибати сермаъноӣ, муносибати гунанокӣ, муродифӣ, мутазодӣ, ҷузъиву куллӣ ва муносибати ассотсиативӣ дар низоми истилоҳоти меъморӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Боиси қайд аст, ки фаҳмиш ва муайян кардани муносибатҳои мазкур дар низоми истилоҳотӣ ба мутахассисони соҳаи меъморӣ ва забоншиносӣ, аз ҷумла ба таҳиягарони луғатҳо ва тарҷумонҳо имкон медиҳад, ки истилоҳот дуруст гурӯҳбандӣ шуда, дар истифодаи амалии он, бахусус дар таҳияи луғатҳои махсус ё системаи автоматикии коркарди маълумот ва барои дақиқии илмӣ мавриди корбурд қарор гиранд. Ҳамчунин дар мақолаи мазкур фикру ақидаҳои олимони барҷастаи ватаниву хориҷӣ оид ба робитаҳои маъноӣ ва намудҳои гуногуни он таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи ин муносибатҳои маъноӣ, яъне полисемия (сермаъноӣ), омонимия, синонимия(муродифот) ва антонимия (мутазодот) новобаста аз намуд, барои таъмини дақиқии истилоҳот ва ҳифзи возеҳии муошрати касбӣ аҳаммияти калон доранд. Татбиқи дурусти онҳо дар соҳаи меъморӣ имкон медиҳад, ки низоми истилоҳӣ устувор ва ҳамоҳанг бо талаботи замон бошад.

Калидвожаҳо: муносибатҳои маъноӣ, забоншиносӣ, истилоҳоти меъморӣ, сермаъноӣ, муродифот, мутазодот, муҳаққиқон.

Маълумот дар бораи муаллиф: Даминзода Мадина Зокир – н. и. ф., дотсенти кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Сурога: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф. Мухаммадиев 17/6. Тел. : (+992) 988709600. E-mail: madina. daminova@mail. ru

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В СИСТЕМЕ АРХИТЕКТУРНЫХ ТЕРМИНОВ

Статья посвящена семантическим отношениям в системе архитектурной терминологии, которые являются одним из основных аспектов лингвистических исследований. В статье анализируются различные формы семантических отношений, в том числе полисемические отношения, причинно-следственные отношения, синонимические, омонимические, детально-

целостные отношения и ассоциативные отношения в системе архитектурной терминологии. Стоит отметить, что понимание и определение этих отношений в терминологической системе позволяет специалистам в области архитектуры и лингвистики, в том числе лексикографам и переводчикам, правильно классифицировать термины и использовать их в практических приложениях, особенно при разработке специализированных словарей или систем автоматической обработки данных, а также для научной точности. В статье также анализируются и обсуждаются мнения выдающихся отечественных и зарубежных ученых о семантических отношениях и их различных типах. Анализ показывает, что все эти семантические отношения – полисемия, омонимия, синонимия и антонимия, независимо от их типа, – имеют большое значение для обеспечения точности терминологии и ясности профессионального общения. Их правильное применение в области архитектуры позволяет терминологической системе быть устойчивой и соответствовать требованиям времени.

Ключевые слова: семантические отношения, языкознание, полисемия, синонимия, антонимия, архитектурная терминология, исследователи.

Сведение об авторе: Даминзода Мадина Зокир – кандидат филологических наук, доцент кафедры английской филологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел. : (+992) 988709600. E-mail: madina. daminova@mail. ru

SEMANTIC RELATIONS IN THE SYSTEM OF ARCHITECTURAL TERMS

The article is devoted to semantic relations, in the system of architectural terminology, which are one of the main aspects of linguistic research. The article analyzes various forms of semantic relations, including polysemic relations, causal relations, synonymic, homonymic, detailed-holistic relations and associative relations in the system of architectural terminology. It should be noted that understanding and defining these relations in a terminological system allows specialists in the field of architecture and linguistics, including lexicographers and translators, to classify terms correctly and use them in practical applications, especially when developing specialized dictionaries or automatic data processing systems, as well as for scientific accuracy. The article also analyzes and discusses the opinions of prominent domestic and foreign scientists about semantic relations and their various types. The analysis shows that all these semantic relations – polysemy, homonymy, synonymy and antonymy, regardless of their type – are of great importance for ensuring the accuracy of terminology and clarity of professional communication. Their correct application in the field of architecture allows the terminology system to be stable and meet the requirements of the time.

Keywords: semantic relations, linguistics, polysemy, synonymy, antonymy, architectural terminology, researchers.

Information about the author: Daminzoda Madina Zokir– candidate of Philology, associate Professor of the English philology department of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 988709600. E-mail: madina. daminova@mail. ru

ТДУ: 820. 891. 550

ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ВА ВИЛЯМ ШЕКСПИР – ҒАЗАЛСАРОЁНИ ҶАҲОН

Ёрбекова З.М.

Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғи ба номи М. Назаршоев

Дар адабиёти ҷаҳон шоирони ғазалсаро кам нестанд, аммо аз миёни онҳо танҳо бузургтарини онҳо шинохта мешаванд. Ба радифи чунин шоирон Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир дохил мешаванд, ки бо эҷодиёти баландмазмун ва гаронарзиши худ, хоса ғазалиёт ва ғазалгунаҳо (сонетҳо) ҷойгоҳи вижаро ба даст оварданд. Агар дар Шарқ ғазал шеъри ишқу муҳаббат шинохта мешавад, дар Ғарб ин гуна шеърро сонет меноманд. Вобаста ба ин, сонетҳои Вилям Шекспир аз анвои ғазал ба шумор рафта, мазмунҳои гуногуни маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангиро дар бар мегиранд. Мавзуъҳои асосии ҳардуи ин анвои шеър (ғазал ва сонет)-ро ишқу муҳаббат ташкил дода, бо тарзҳои мухталиф офарида шудаанд.

Дар осори адибони ҷаҳон ишқу муҳаббат ба ҳар шакл тасвир шуда, ғаму андуҳ ва дарду алами садҳо нафарро аз байн мебарад. Шоирони Шарқу Ғарб – Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир мавзуъҳои мазкурро бо муштаракоти хос назм кардаанд. Аз ин рӯ,

ҷаҳониён ба осори Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир нигоҳи баробар доранд.

Тасвири ошиқу маъшуқ ва муносибати онҳо дар тасвир намудани мавзуи ишқ ҳам дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва ҳам сонетҳои Вилям Шекспир мавзуъҳои меҳварӣ ҳисоб меёбанд. Тасвири маъшуқа нисбатан нозуктару латифтар ифода ёфтааст. Зебогии маъшуқаро шоирон бо сифатҳои хос, чун рӯйи зебо, зулфи дароз, чашмони шаҳло, дандони садаф, забони ширин, андоми сарв ва ғайраро тасвир намудаанд:

Рухи ту дар дилам омад, мурод хоҳам ёфт,
Чаро, ки ҳоли накӯ дар қафои фоли накӯст.
На ин замон дили Ҳофиз дар оташи ҳавас аст,
Ки доғдори азал ҳамчу лолаи хулрӯст [4, с. 33].

Шоир рухи дилбарро муроди дил ва ҳоли накӯро фоли накӯи худ меҳисобад. Ӯ ҳаваси ботилро танқид карда, қисмати доғдорро ба лолаи худрӯ шабеҳ медиҳад.

Дар сонет чунин сифатҳои мавзун басо зиёданд (сонети 14):

But from thine eyes my knowledge I deriue,
And constant stars in them I read such art
As truth and beautie shal together thriue
If from thy selfe, to store thou wouldst conuert [15, с. 33].

Тарҷумаи таҳтуллафз:

Аз чашми ҳуш басо дар канор аст,
Ҷилои ситора нишони санъати хониш аст.
Чун рост асту зебо ҳамроҳ бо ҳам,
Аз будани худ ва аз ҳоли ӯ басо дур аст.

Шоир дурии худро аз канори маъшуқа кори душвор ҳисобида, шахси беишқро ба чашми бенур ва мағзи бедониш монанд мекунад. Дар канори ёр будан ва ҳамроҳ бо ӯ зиндагӣ кардан аз лаҳзаҳои хурсандӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳарчанд сохту шаклҳои зоҳирии мавзуи ишқ мафтункунандаву ҷолиб ба ҳисоб мераванд, амалу сифоти маънавӣ дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир ҷойгоҳи вижа доранд. Амалҳои ишқро шоирон бо зермавзуъҳои дурӣ аз ишқ, беэҳтиноӣ ба ошиқ, фироқи ёр, дар роҳи ишқ мурдан ва амсоли инҳо баён кардаанд. Дар ин бора Вилям Шекспир чунин андеша дорад:

How far I toyle, still farther off from thee.
I tell the Day to please him thou art bright,
And do’st him grace when clouds doe blot the heauen:
So flatter I the swart complexiond night [15, с. 41].

Тарҷумаи таҳтуллафз:

Чӣ қадар дурам, то ҳанӯз басо дур,
Рӯзро мунтазирам, то бигӯям нур диҳад
Зеботар аз он, ки абрҳо ҳам дур аз он,
Мунтазири он шаб, ки тираву торик дар ғами худ.

Дар ин ҷо шоир ранҷ ва нооромии дили ошиқро фироқ ва дурӣ аз маъшуқа медонад. Рӯзҳои дароз сӯхтанро шоир аз фироқи ёр будани нишон медиҳад ва пайдо шудани абрҳои сиёҳ низ шаҳодат аз онро дорад. Баъзе вақтҳо шаби торике, ки тираву тор аст он баробар ба маъшуқаи дар ғаму андуҳ буда монанд мекунад.

Шоирони бузург ҳарчанд дар навъҳои гуногуни шеър осори худро эҷод намуданд, дар ғазалсароиву сонетнависӣ мақоми вижаро низ ба даст оварданд. Мавзуи меҳварии *ғазал* ва *сонетҳои* Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспирро васфи ишқу муҳаббат ташкил медиҳад. Мавзуъҳои ишқӣ, лирикӣ ва ирфонӣ арзишҳои зоҳириву ботиниро ифода намуда, дар баъзе мавридҳо дуруст шарҳ додани онҳо басо душвор аст. Бо вуҷуди он ки дар *ғазал* ва *сонет* ишқу муҳаббат аз масъалаи меҳварӣ маҳсуб меёбад, масъалаҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ ва ҳаводиси таърихӣ низ мақоми вижа доранд.

Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир ғазал ва сонетҳоро дар шакл ва унвони мухталиф ва мустақил (ғазал ва сонет) офаридаанд, аммо моҳият ва ғояи онҳо якранг ба шумор меравад. Хусусиятҳои ғоявию мавзуии *ғазалиёти* Ҳофизи Шерозӣ дар алоҳидагӣ

мавриди пажуҳиш қарор ёфтаанд, аммо дар муқоиса бо осори адибони ҷаҳон, бавижа Ғарб то ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд.

Ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир дорои афкори баланди маъноӣ ва арзишҳои амиқи маънавӣ буда, аз насл ба насл интиқол меёбанд ва ҳамчун муқаддасоти маънавӣ сайри таърихӣ мекунанд. Ҳар як навъи ғазал ё сонет хоҳ ишқӣ бошад ва хоҳ ахлоқӣ, баёнгари фарҳанг ва маданияти миллат ба шумор мераванд.

Ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир дорои хусусиятҳои хоси ғоявию мавзуӣ буда, ба дили халқу миллатҳои гуногуни ҷаҳон роҳ ёфтаанд. Хусусиятҳои ғоявию мавзуии онҳо дар таҷассум ёфтани мавзуъҳои ишқу муҳаббат, панду ҳикмат, зебогии табиат ва дигар масоили воқеии ҳаёт ифода меёбанд.

Ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ бо мазмуни ишқ оғоз мешаванд, аммо бештари онҳо маънои ботиниро ифода мекунанд:

Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.
Ба бӯи нофае, к-охир сабо з-он турра бикшояд,
Зи тоби ҷаъди мушкинаш чӣ хун афтод дар дилҳо [4, с. 33].

Ишқи Ҳофизи Шерозӣ таъбири дигаре дорад, гаҳе осону гаҳе мушкил, гаҳе хушбахту гаҳе бадбахт, гаҳе мушкину гаҳе ғамгин ва гаҳе озоду гаҳе дар банд мебошад. Ҳадафи шоир дар хилофҳои пайдарҳамӣ дар ишқ роҳи ҳалли ҳама мушкилиҳоро мекушояд, то ошиқу маъшуқ ба ҳар ҳол таҳаммулпазириро пеша кунанд ва бехабар аз ҳоли ҳамдигар намонанд.

Сонетҳои Вилям Шекпир бошад чунин шуруъ мешавад:

From fairest creatures we desire increase,
That thereby beauties Rose might neuer die,
But as the riper should by time decease,
His tender heire might beare his memory [15, с. 4].

Тарҷумаи таҳтуллафз:

Аз Офаридгор мо васлро интизорем,
То гулҳо абадан шукуфон бошанд,
Ба ҳамаи ин вақт ғанимат аст,
Талоши ҳама идомаи ҳаёт аст.

Ҳангоми офаридани бархе аз ғазал ва сонетҳо муаллифон маънии аввли онҳоро нишон дода, анҷоми онҳоро пурра муайян накардаанд. Барои ин кор шоирон шахсро ба сабру таҳаммул нисбат ба ранҷу ғурбат ва фироқ даъват менамоянд ва аз Худованд барои васл бо маъшуқа илтиҷо мекунад. Барои ба дидори ҳамдигар расидани ошиқу маъшуқа вақт ғанимат аст. Шуъларо муаллиф ба маънои умеди дидор нишон дода додааст. Вилям Шекспир дар сонети дигар ин маъноро чунин тавзеҳ медиҳад:

Take all my loues, my loue, yea take them all,
What hast thou then more then thou hadst before?
No loue, my loue, that thou maist true loue call,
All mine was thine, before thou hadst this more:
Then if for my loue, thou my loue receiuest,
I cannot blame thee, for my loue thou vsest,
But yet be blam’d, if thou this selfe deceauest
By wilfull taste of what thy selfe refusest [15, с. 48].

Тарҷумаи таҳтуллафз:

Ишқамро бигиред, ишқамро абадӣ гиред,
Ишқамро пеш аз ин нафаҳмидам?
Не, нагир, ишқи ман фарёд мекунад маро,
Ҳама ҳастиям баҳри ту, гар ту ҳам ишқе дорӣ:
Пас, барои ишқам, ишқи ҳақиқатам қабул бикун,
Туро маломат карда наметавонам, зеро ту ҳастии манӣ,

Маломат кунӣ, агар ту ҳиссиёте надорӣ
Ба ҷони худ бичаш, ки агар нафсро рад мекунӣ.

Шоири англис барои ба висоли ёр расидан ҳатто ба додани ҷони худ розӣ аст, зеро ишқи ошиқ ин руҳу ҷони ӯст. Тамоми ҳастияшро ошиқ баҳри маъшуқа мебахшад ва сарзанишу маломати маъшуқа барои ошиқ амали нобахшиданист.

Дар мавриди ситоиши ишқ Вилям Шекспир зеботарин ва шевотарин суханҳоро лоиқ донистааст (сонети 113):

For if it sees the rudest or gentles sight,
The most sweet favour or deformed'st creature
The mountain or the sea, the day or night,
The crow or dove, it shapes them to your feature [15, с. 116].

Тарҷума: «Чашмҳои ман агар ноҳамвориву мулоимиҳо, зеботарин ё бадтарин чеҳраҳо, куҳу дарё, рӯзу шаб, зоғу кабутарро мебинад, ҳамаи онҳоро ба шакли ту (маъшуқа) дарк мекунад».

Мавзуи ишқу муҳаббатро ҳам Ҳофизи Шерозӣ ва ҳам Вилям Шекспир ба маънои зоҳириву ботинӣ ҷудо кардаанд. Ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ҳамеша дар муқоиса бо бузургтарин ғазалсароёни форсии тоҷикӣ, чун Саъдӣ, Саноӣ, Аттор ва дигарон мавриди пажуҳиш қарор доштааст. Аз ҷумла, адабиётшиноси маъруф А. Мирзоев дар натиҷаи сайри таърихии ғазалсароӣ дар миёни шоирони форсии тоҷикӣ ба чандин натиҷаву хулосаҳо расида, дар мавриди таҳлили муқоисавӣ ғазал чунин ибрози андеша намудааст: «Ғазал ҳамчун як шакли мустақили назм, аз нимаҳои асри XI шуруъ шуда, дар шакли тасаввуфӣ ва ғайритасаввуфӣ инкишоф ёфтааст» [1, с. 87].

Тақсимбандии адабиётшинос А. Мирзоев на танҳо дар муқоиса бо ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва шоирони форсии тоҷикӣ, балки дар муқоиса бо шоирони ҷаҳон, бавижа сонетҳои Вилям Шекспир арзиши баланд дорад. Ин ду шеваи ғазал ҳам ба ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва ҳам ба сонетҳои Вилям Шекспир тааллуқ дорад.

Ҳадафи асосии ғазалҳои тасаввуфиро масъалаҳои фалсафӣ ва ирфонӣ дар бар мегирад. Барои далели гуфтаҳои боло ғазали зеринро мисол оварда, дар муқоиса бо сонети Вилям Шекспир мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Асли руйи ту дар ҳар тариқ ҳамраҳи мост,
Насими муйи ту пайванди ҷони огаҳи мост.
Ба рағми муддаиёне, ки манъи ишқ кунанд,
Ҷамоли чеҳраи ту ҳуҷҷати муваҷҷаҳи мост.
Бубин, ки себи занахдони ту чӣ мегӯяд:
Ҳазор Юсуфи Мисрӣ фитода дар чаҳи мост.
Агар ба зулфи дарози ту дасти мо нарасад,
Гуноҳи бахти парешону дасти кутаҳи мост [5, с. 93].

Шоир маъшуқаро ҳамраҳи ҳаёт ва зулфи ӯро пайвандгари ҷисму ҷони ошиқу маъшуқа меҳисобад ва бо дидани ҷамоли чеҳраи маъшуқа тани беҷони ошиқ зинда мешавад. Барои ба ишқи маъшуқа расидан ҳазор Юсуфи мисрӣ (ошиқ) дар чоҳ афтиданд. Шоири ошиқбаён кучактарин лаҳзаҳоро андешамандона ба қалам додааст.

Ин далел дар сонетҳои Вилям Шекспир чунин баён шудааст (сонети 151):

Loue is too young to know what conscience is,
Yet who knowes not conscience is borne of loue,
Then gentle cheater vrge not my amisse,
Least guilty of my faults thy sweet selfe proue.
For thou betraying me, I doe betray
My nobler part to my grose bodies treason,
My soule doth tell my body that he may,
Triumph in loue, flesh staies no farther reason [15, с. 159].

Тарҷумаи таҳтуллафз:
Ишқи ҷавон пуртароват аст,
Ҷуз надонӣ ишқ ин вичдон аст,

Пас фиребгари нармӣ ё хатои манӣ,
Айби ман аст, эй ширини пурифтихор.
Гар ту ба ман хиёнат накунӣ
Басо дареғ ба хиёнати ҷисми ман,
Ҷонам ба баданам мегӯяд, то битавонад,
Ғалаба дар ишқ, ҷисм мадоре надорад.

Шоири англис ишқро бештар хоси ҷавонон меҳисобад ва ишқеро баҳрашон мехоҳад, ки дорои арзишҳои маънавию маърифатӣ бошад. Ишқ он гоҳ воқеӣ аст, агар дар он хиёнат набошад ва ишқи пурифтихор ва пурармони ҳар ду ҷониб бошад.

Ҳофизи Шерозӣ чун устоди ғазал ҳамеша волотарин маъноҳои зиндагиро дар ду мисраъ (як байт) ҷамъбаст кардааст. Барои далели фикр ғазалеро мисол меорем:

Акси руйи ту чун дар ойинаи ҷом афтод,
Ориф аз хандаи май дар тамаъи хом афтод.
Ҳусни руйи ту ба як ҷилва, ки дар ойина кард,
Ин хама нақш дар ойинаи авҳом афтод.
Ин ҳама акси маю нақши нигорин, ки намуд,
Як фуруғи рухи соқист, ки дар ҷом афтод.
Ғайрати ишқ забони ҳама хосон бибурид,
К-аз куҷо сирри ғамаш дар даҳани ом афтод? [4, с. 124].

Дар байти аввал шоир рӯйи ба оинаи ҷом афтодани маъшуқа ва аз ханда мондани майу ориф, ки сифати маҷозиро доранд, арз доштааст. Ва дар байти баъдӣ ҳусни вонамудаи маъшуқа дар ойина ва ба ваҳм афтодани нақшу нигорҳои атрофро шоири хушбаён хеле хуб тасвир кардааст, ки ин сухангӯиҳо танҳо хоси Ҳофизи Шерозӣ мебошанд.

Ҳамчунин, Ҳофизи Шерозӣ офаринандаи ишқи зоҳирӣ, яъне ишқи заминии ошиқу маъшуқа мебошад. Дар ин маврид чунин ба қалам додааст:

Эй фурӯғи *моҳи ҳусн* аз рӯи рахшони шумо!
Обрӯи хубӣ аз чоҳи занахдони шумо!
Азми дидори ту дорад фони барлабомада,
Бозгардад ё барояд, чист фармони шумо
Кас ба даври наргисат тарфе набаст аз офият,
Беҳ, ки нафрӯшанд мастурӣ ба мастони шумо.
Бахти хоболуди мо бедор хоҳад шуд магар,
З-он, ки зад бар дида обе рӯи рахшони шумо!
. . . Эй шаҳаншоҳи баландахтар, худоро ҳиммате,
То бибӯсам ҳамчу ахтар хоки айвони шумо [5, с. 70].

Ҳофизи Шерозӣ бештар *ишқ*ро ба сифати ишқи *воқеӣ* ва *ирфонӣ* мазмун додааст. Ӯ аз аввал то охири таълифоти хеш ишқу муҳаббатро дар оғӯши худ парварида, онро ба камол мерасонад.

Вилям Шекспир наққоши ишқ, дар сонетҳои худ зебогӣ ва ҳусну ҷамоли маъшуқаро чунин тасвир намудааст:

For what care I who calles me well or ill,
So you ore-greene my bad, my good alow?
You are my All the world, and I must striue,
To know my shames and praises from your tounge [15, с. 4].

Тарҷумаи таҳтуллафз:

Чаро маро дар роҳи ишқи ту, девона мехонанд?
Пас, ту бадиву некии маро мебинӣ?
Ту тамоми ҷаҳони ман ҳастӣ, ту инро бидон,
То оромишамро аз забони ту бинам,

Тасвири ошиқона дар сонетҳои Вилям Шекспир оҳанги хушиву хурсандӣ ва шодмониву хушбахтиро дорад. Шоир зебогӣ ва ҳусну ҷамоли маъшуқаро чунин тасвир намудааст (сонети 112):

You are my all the world, and I must striue,
To know my shames and praises from your tounge,
None else to me, nor I to none aliue,
That my steel’d sence or changes right or wrong [15, с. 4].

Тарҷумаи таҳтуллафз:
Ту тамоми ҷаҳони ман ҳастӣ, ту инро бидон,
То оромишамро аз забони ту бибинам,
На ҳеҷ каси дигар ба ман, на ман ба ҳеҷ кас,
Ҳиссиёти ман чун аст, гар хатост ё дурӯғ.

Интихоби сухани ноб тавассути вожаҳои махсус, чун «моҳи ҳусн» («beautiful moon»), «азми дидор» («heartful meeting»), «рӯйи рахшон» («blessed face») ва ғайра ба ғазалиёти шоир ҳусну таровати вижаро эҳдо кардааст.

Шоир дар сонети мазкур чунин ба қалам додааст:
In vain with love our bosoms glow:
Can all our tears, can all our sighs,
New luster to those charms impart?
Can cheeks, where living roses blow,
Where nature spreads her richest dyes,
Require the borrow'd gloss of art? [17, с. 46].

Тарҷумаи таҳтуллафз:
Андаруни раг ишқ меҷӯшад,
Ашки мо аз ишқи пурдардест,
Дурахши навро дар рӯйи ту мебинам?
Рухсораҳое, ки дар он садбарг зинда аст,
Табиат рангорангии худро пинҳон мекунад,
Оё шумо санъати ишқро талаб мекунед?

Мавзуъҳои ғазал ва сонетҳо гуногун буда, дар онҳо умеду орзуи шахси озордидаву пурдард, ки шоир шахсан ба ин ҳолатҳо рӯ ба рӯ шудааст, ба хубӣ инъикос ёфтаанд.

Аз ин рӯ, муҳтавои асосии ин ду байт бар озодии андешаи башарӣ ва озодии инсон барои ҳаққи таъйини сарнавишти хеш таъкид доранд. Шоир муътақид буд, ки яке аз омилҳои густариши таассубу хурофот намояндагони расмии дин мебошанд, ки ба хотири манфиатҳои шахсии хеш динро воруна тафсир менамоянд. Дар идомаи ҳамин ғазал шоири озодипараст мефармояд:

Ҳама кас толиби ёранд, чи ҳушёр, чи маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид, чи куништ [4, с. 117].

Ҳамин тариқ, осори Ҳофизи Шерозӣ ва Ҳофизи Шерозӣ аз ҷиҳати сохтору шакл саҳеҳ буда, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво бо ҳам қаробати ногусастанӣ доранд. Ҳар ифода ва вожаи дар осори шоирони Шарқу Ғарб истифодашуда тасвиреро меофаранд, ки дили инсонро мадюни лили ошиқу маъшуқаро месозанд. Зиндагӣ аз ишқ сарчашма мегирад ва аз ин рӯ маҳз ишқ нерӯ ва қувватдиҳандаи умед ва ормонҳои башарият маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ:

1. Мирзоев, А. Фонӣ ва Ҳофиз [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 167 с.
2. Рейзов, В. Г. Сравнительное изучение литературы [Текст]. / В. Г. Рейзов. – Москва: Наука, 1972 м. – 268 с.
3. Рейснер, М. Л. Основные этапы развития газельной лирики на фарси в X–XIV вв. : автореф. дис. канд. филол. наук [Текст] / М. Л. Рейснер. – М. : МГУ им. М. В. Ломоносова, 1980. – 20 с.
4. Ҳофизи Шерозӣ. Ғазалиёт. – Душанбе: 1985, – 338 с.
5. Ҳофизи Шерозӣ. Девон (бар мабнои дастнависҷои парокандаи Варазрӯд) (Таҳияи матн аз Масъуди Миршощь). – Душанбе: Истеъдод, 2024, – 743 с.

6. Ҳофизи Шерозӣ. Девон (Таҳияи матни Ш. Исрофилниё). – Душанбе: Адиб, 2015, – 480 с.
7. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. Ахтарони адаб. Ҷилди 29. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.
8. Шарифов, Х. Бузургтарин шоири лирик [Матн] / Х. Шарифов // Маориф ва маданият, 1971, 22 март. – С. 3.
9. Шарифов, Х. Ташаккули афкори адабӣ дар асрҳои X-XI [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2017. – 239 с.
10. Шекспир В. Сонетҳо / В. Шекспир. – Душанбе: Ирфон, 1965, – 79 с.
11. Шекспир, В. Сонетҳо (аз русӣ тарҷумаи Қ. Киром) [Текст] / В. Шекспир // Шарқи Сурх, 1964, № 4, – С. 75-76.
12. Шозиёева, Г. П. Фирдавсӣ ва Шекспир [Матн] / Г. П. Шозиёева. – Душанбе, 2020, – 300 с.
13. Шозиёева, Г.П., Ашурова Д. Б. Ҷиҳатҳои филологии ҷаҳон (дар асоси осори Фирдавсӣ ва Шекспир) [Матн] / Г. П. Шозиёева, Д. Б. Ашурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 2, 2024, С. 185-190.
14. Hafiz. Gazels from the Divan of Hafiz (translated by Huntly McCarthy [Text] / Hafiz. – London, 1893. – 342 p.
15. Shakespeare, William. Sonnets [Text] / William Shakespeare. – London, 1949. – 342 p.

ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ВА ВИЛЯМ ШЕКСПИР – ҒАЗАЛСАРОЁНИ ҶАҲОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи осори намояндагони барҷастаи Шарқу Ғарб, Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспирро, ки бештари осорашон ба мавзуъҳои ишқиву лирикӣ бахшида шудаанд, пажуҳиш намудааст. Маълум мегардад, ки муаллиф ба шоҳкориҳои ҳар дуи ин нобиғагони ҷаҳон баҳои сазовор додааст, зеро ҳам Ҳофизи Шерозӣ ва ҳам Вилям Шекспир ҳамчун ахтари тобандаи адабиёти форсии тоҷикӣ ва англис, афкор ва мавқеи умумибашарӣ ва умумифарҳангиро дороанд.

Бояд қайд кард, ки чунин таҳқиқотҳо дар марҳилаи рушди адабиёти ҷаҳон, бо васфу тавсифоти ишқу муҳаббат нисбатан мавқеи бештарро касб намудааст. Барои дарёфт намудани ин гуна масъалаҳо таҳлили амиқи мавзуи мазкур дар ғазалиёт ва сонет бештар пайдо хоҳем намуд.

Муқоисаи мавзуӣ ва ғоявӣ аз муҳимтарин масъалаҳои дар адабиёти муосир маҳсуб меёбад. Воқеан тавассути он ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмуни ғазалиёт ва сонет омилҳои зиёди илмиву пажуҳишӣ вуҷуд доранд.

Калидвожаҳо: Ҳофизи Шерозӣ, ишқ, гоя, муҳаққиқ, ғазалиёт, нобиға, лирика, сарчашма, таҳқиқот, шоир, ватандӯстӣ, адабиёти ҷаҳон, сонет, адабиёт, муқоиса, таҳлил.

Дар бораи муаллиф: Ёрбекова Заррина Мардонқуловна, унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. сурога кӯчаи Ш. Шотемур 109, Тел. : (+992) 50 184 26 52, E-mail: zyorbekova87@mail. ru

ХАФИЗ ШЕРАЗИ И УИЛЬЯМ ШЕКСПИР – МИРОВЫЕ ПОЭТИ ГАЗЕЛЯ

В этой статье автор исследует вопросы изучения наследия великих поэтов Востока и Запада – Хафиза Шерази и Уильяма Шекспира. Автор статьи оценовает ихдостоинства как шедевров мирового уровня имеющих общечеловеческие и общецивилизационное значение.

Следует отметить, что в процессе развития мировой литература исследования, связанные с воспеванием любви и личной привязанносты стали всё более значимыми. Для более глубинного понимания этого явления необходимо как следует проанализировать сокровенные смысло гаелей и сонетов.

Сопоставительное изучение в аспекте их тематического и идейного содержания является одним из актуальных вопросов современной литература.

Ключевые слова: Хафиз Ширази, любовь, идея, исследователь, газели, гений, лирика, источник, исследование, поэт, патриотизм, мировая литература:, сонет, литература, сопоставление, анализ.

Сведения об авторе: Ёрбекова Заррина Мардонкуловна, соискатель Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева. Адрес, улица Ш. Шотемура 109, Тел. : (+992) 50 184 26 52, E-mail: zyorbekova87@mail. ru

HAFIZ SHIRAZI AND WILLIAM SHAKESPEARE – FAMOUS POETS OF GHAZELS

In this article, the author explores issues related to the study of the heritage of the great poets of the East and the West – Hafez Shirazi and William Shakespeare. The author evaluates their works as masterpieces of world literature that possess universal human and civilizational significance.

It should be noted that in the process of the development of world literature, studies devoted to the praise of love and personal attachment have become increasingly important. For a deeper understanding of this phenomenon, it is necessary to carefully analyze the hidden meanings of ghazals and sonnets.

Comparative study of these works in terms of their thematic and ideological content is considered one of the important issues in modern literary studies.

Keywords: Hafiz Shirazi, love, idea, researcher, ghazals, genius, lyricism, source, research, poet, patriotism, world literature, sonnet, literature, juxtaposition, analysis.

Information about the author: Yorbekova Zarrina Mardonqulovna, Researcher of Khorog State University by name M. Nazarshoev. Address st. Sh. Shotemur 109 Phone: (+992) 50 184 26 52, E-mail: zyorbekova87@mail. ru

УДК: 070(575.3)

ҶОЙГОҲИ ЖАНРИ МАҚОЛА ДАР МАТБУОТИ МИНТАҚАВӢ (ДАР МИСОЛИ РӮЗНОМАҲОИ «НАВИДИ КӮЛОБ» ВА «КУЛЯБСКАЯ ПРАВДА»)

Исмоилова Ф.Қ.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Мақола яке аз маъмултарин жанри таҳлилӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар ҳама навиштаҳои одамонро но вобаста аз касбу кор мақола меноманд. Профессор М. Муродов дуруст гуфтааст, ки барои онҳое, ки аз рӯзноманигорӣ дуранд, тақриз, мухбирнома, ё жанри дигар мақола аст. Аммо барои мутахассиси рӯзноманигор мақола матнест, ки хусусияти худро молик буда, ҳамчун жанри мустақил аз дигар жанрҳои публитсистӣ фарқ мекунад [3, с. 45]. Мақола аз куҳнатарин жанрҳои матбуот ба шумор меравад, зеро ҳам хабар ва ҳам мақола баробари пайдо шудани матбуот ба вуҷуд омадаанд.

Мақоларо бештар рӯзноманигорони матбуот истифода мекунанд. Дар рӯзномаҳои мавриди таҳқиқи мо низ жанри мақола серистифода аст. Барои мисол ин ҷо чанд мақолаеро аз рӯзномаҳои «Навиди Кӯлоб» ва «Кулябская правда» мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар рӯзномаи «Кулябская правда» санаи 24-уми ноябри соли 2017 мақолае нашр шуд бо сарлавҳаи «Парчами миллиро бояд эҳтиром кард», ки дар он доир ба эҳтиром намудани ин муқаддасот, ифтихор аз парчаму нишон ва суруди миллӣ ва муҳиммияти парчамдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ сухан меравад. Мақолаи мазкур ҳаҷман хеле васеъ аст. Дар оғоз муаллиф мақоларо хеле хуб оғоз намудааст: «Парчам нишони истиқлолият, яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, яъне давлати муосир тавассути парчами он муаррифӣ мегардад». Дар аввал журналист доир ба муҳиммияти парчамдорӣ дар замони муҳорибаҳои иттилоотӣ ва ҷаҳонишавӣ суханҳои хеле хуб гуфтааст, аммо дар идома доир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули парчам, шарҳи рангҳои он, кай ва аз ҷониби кадом ширкат сохта шудани баландтарин парчам дар кишвар ва монанди ин маълумот додааст. Дар ин баробар баъзе суханҳои обшустаю маъмулӣ ҳусни мақоларо коста кардааст: «Парчами давлатӣ бар фарози биноҳои қароргоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Тоҷикистон, вазорату идораҳо, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру вилоят ва ноҳияҳо ва дигар ҷойҳо афрохта мешавад» [9].

Чунин маълумотҳои забонзадаву обшуста, ки он дар китобҳои ҳуқуқ дар мактаби миёна оварда шудааст, дар ин мақола як чизи зиёдатӣ ва нолозим аст. Аз ҷониби дигар одитарин шаҳрванди кишвар низ медонад, ки парчами давлатӣ дар кадом ҷойҳо гузошта мешавад. Дар баробари ин сарлавҳаи мақола мантиқан ба матни он мувофиқат намекунад. Сарлавҳа бояд дорои се хусусият бошад: иттилоърасонӣ, муҳтавои мавод ва диққатҷалбкунанда будан [5, с. 12]. Аммо дар мақолаи мазкур ҳам сарлавҳа хусусияти иттилоърасонӣ надораду ҳам диққатҷалбкунанда набуда, ҳамчунин бозгӯи муҳтавои мақола ҳам нест. Дар ин мақола ягон проблема ба миён гузошта нашудааст. Ҳол он ки муаллиф

метвонист доир ба гузошта шудани парчами миллӣ дар баъзе биноҳо, назди мағозаву дуконҳо ва дигар ҷойҳо, ки гузоштани он шарт ва зарур нест ва ё ба қадри парчами миллӣ нарасидани ҷавонони муосир, ё ин ки ифтихор аз парчаму парчамдорӣ ва соҳибдавлатӣ дар замони ҷаҳонишавиро чун як мушкили доғи рӯз дар арафаи таҷлили рӯзи парчам ба миён гузошта. атрофи он андешаҳояшро баён менамуд. Зеро ҳадафи дилхоҳ мақола доштани ақидаи нав доир ба мавзуъ, таҳлили фактҳои марбут ба як мавзуъ мебошад. Дар ин баробар, «Махсусияти фарқкунандаи мақола дар он аст, ки предмети таҳқиқи он масоили ҳалталаб аст ва муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ё ғояи умумиро ташккул медиҳад. Аз ин рӯ, дар мақола таҳлил, андеша, мулоҳиза мавқеи асосиро ишғол мекунад»[3, с. 45]. Аммо дар мақолаи мазкур муаллиф маълумоти умумиро овардаасту на мавзуъро таҳлил намудаву на роҳи ҳалли мушкилотро баррасӣ намудааст.

Новобаста аз оне, ки рӯзномаҳои мавриди таҳқиқи мо дар минтақа нашр мешаванд ва хонандаи онҳо аҳолии минтақаи Кӯлоб аст, аммо дар онҳо доир ба масъалаҳои ҳалталаби сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ низ мақола навишта мешавад.

Дар рӯзномаи «Навиди Кӯлоб» 26-уми декабри соли 2020 бо сарлавҳаи «Рисолати ватандорӣ аз масъулияти шаҳрвандӣ оғоз меёбад» мақолае нашр шуд. Мақолаи мазкур доир ба сафарбар намудани мардум ба сарфаву сариштакорона истифода бурдани қувваи барқ навишта шудааст. Муаллифи мақола мавзуъро ҳамаҷониба омӯхта, доир ба манфиати сарфакорона истифода бурдани неруи барқ андешаҳояшро баён намудааст. Бояд гуфт, ки интихоби мавзуъ саривақтӣ ва зарурӣ аст, зеро сарфаи неруи барқ на танҳо ба манфиати давлату ҳукумат, балки ба манфиати буҷаи ҳар як оила аст. Рӯзноманигор на танҳо мавзуъро ҳаматарафа таҳлил намудаааст, балки дар охири мақола якчанд роҳи ҳалли ин мушкилиро низ аз нигоҳи худ баён кардааст. Аз ҷумла муаллифи мақола менигорад, ки «Истифода аз технологияи каммасраф, махсусан лампаҳои каммасрафро ташвиқу тарғиб намуда, дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор ҷиҳати аз муомилот пурра гирифтани лампаҳои тафсон ва лампаҳои каммасрафи сифаташон паст, мусоидат намоянд. Ҷиҳати пешгирӣ аз пинҳонӣ кашидани хатҳои барқ ба манзилҳои истиқоматӣ ва беҳисобкунакҳои барқӣ истифода бурдани неруи барқ миёни ҷомеа корҳои тарғиботӣ пурзӯр шавад» [14]. Журналист барои рафъи ин мушкилот панҷ пешниҳод мекунад, ки ҳамаи онҳо қобили дастгирист. Дар ин баробар барои пурра баррасӣ намудани мавзуъ муаллиф аз донишу таҷрибаи худ ва мушоҳидаҳои шахсияш истифода мекунад. Мақолаи мазкур ҳаҷман хеле васеъ бошад ҳам, аммо мавзуъ дар он ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шудааст ва муаллиф аз уҳдаи мақсади дар пешгузошта баромада тавонистааст, зеро мазуъро ҳамаҷониба таҳлил намуда, хулосаҳои худро пешниҳод намудааст. Муҳаққиқон низ дуруст гуфтаанд, ки таҳлил хоси мақоланависӣ аст. Яъне ҷузъи мҳими ҳунари нигорандагӣ мебошад. Таҳлили мақола як мақсад дорад- факт, воқеа, амал ва рақамҳои истифодагардида дурустии фикри муаллифро ва ғалат будани фикреро, ки мақола дар муқобили он навишта шудааст, исбот мекунад [8, с. 61]. Мисолҳои овардашуда ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур дар ин мақола ва хулосаҳо дурустии фикри муаллифро тасдиқ мекунад.

Муаллифи мақола барои тасдиқи гуфтаҳояш метавонад аз сарчашмаҳои гуногун, васоити ахбори омма, мушоҳидаҳои шахсӣ ва ҷаҳонбинии худ истифода намояд. Зеро ҳамаи инҳо дар мақола омили тасдиққунандаи фикр ва дурустии ақидаи муаллиф мебошанд. Тасдиқи ин гуфтаҳоро дар мақолае, ки дар рӯзномаи «Кулябская правда» бо сарлавҳаи «Паймони фанд» санаи 31-уми январи соли 2020 нашр шуд, метавон дарёфт. Дар мақолаи мазкур дар бораи соли 2018 дар давлати Лаҳистон таъсис додани «Паймони Миллӣ» аз ҷониби намояндагони созмонҳои террористию экстремистии дар хориҷа паноҳбурдаи «Анҷумани озодандешони тоҷик», «Ҷунбишни ислоҳот ва рушд», «Ассосиятсияи муҳоҷирони Осиёи Миёна» ва собиқ Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон сухан меравад. Муаллифи мақола ҳар як суханашро бо мисолҳои мушаххас оварда, исбот мекунад, ки ҳадафи чунин созмонҳо ва гурӯҳҳои террористӣ ба ҷуз ноором кардани амнияти миллӣ, иғво андохтан ва пиёда намудани ҳадафҳои худашон дигар чизе нест. Аз ҷумла рӯзноманигор менависад, ки «Мақсаду мароми ин созмонҳову ҳаракатҳои хаёлӣ

танҳо ноором сохтани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давлату мардуми саодатманти Тоҷикистон асту хоҳиши ба сари ҳокимият омадани худашон» [11]. Муаллиф мавзуъро ҳаматарафа таҳлил намуда, барои тасдиқи андешаҳояш порчаҳои шеъриро низ истифода бурдааст. Агарчи муҳтавои мақола хеле хуб аст, аммо хулоса нисбатан ноқис аст. Журналист дар хулоса менависад, ки «Ҳарчи дар ин ҷо гуфтам аз бахилӣ набудаву аз дилсузӣ аст, агар қабул дошта бошед» [11]. Агар рӯзноманигор дар охир хулосаҳои пурмуҳтаворо меоварду роҳи ҳалли ин мушкилиро аз нигоҳи худаш нишон медод, мақола боз ҳам хубтар мешуд.

Дар ҳама давру замон васоити ахбори омма, махсусан, рӯзноманигорон нақши як қувваи раҳнамоикунандаро доранд. Иттилои журналист хоҳ мусбӣ бошад ё манфӣ ба тафаккури омма бетаъсир наемонад. Рӯзноманигорон метавонанд ҳам ба оташ равған резанд ва ҳам метавонанд ба оташ об резанд. Аксар вақт рӯзноманигорон доир ба мушкилиҳои доғи рӯз андешаҳои худро дар қолаби жанри мақола пешниҳод мекунанд. Махсусан, дар ҳолатҳое, ки мардум танҳо ба иттилои васоити ахбори омма таваҷҷуҳ мекунанд, сухани журналист таъсири бештар дорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки ибтидои соли 2020 дар саросари ҷаҳон бемории каронавирус пайдо шуда, тобистони ҳамон сол ин беморӣ хеле авҷ гирифт ва дар аксар мамлакатҳои дунё, махсусан Тоҷикистон карантин эълон шуд. Дар ин давра мардум дар хона бештар ба иттилои васоити ахбори омма эътимод доштанд. Дар ҳамин шабу рӯз дар рӯзномаи «Кулябская правда» мақолаи хубе бо сарлавҳаи «Чӣ гуна тоҷикистониён 95 сол қабл ба бемории малерия ғолиб шуданд» нашр шуд. Дар мақолаи мазкур муаллиф нахуст доир ба таърихи таъсиси вазорати тандурустӣ сухан гуфта, сипас масъалаи авҷ гирифтани бемории малерия охирҳои солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта дар кишварро баррасӣ менамояд: «Ибтидои солҳои 30-юм зиёд шудани гирифторони бемории малерия ҳам ба вазъи иқтисодии икшвар ва ҳам ба вазъи зиндагии одамон таъсири бузург расонид. Охирин мавҷи бемории малерия дар шаҳри Душанбе соли 1933 ба вуҷуд омада буд. Он сол қариб 90 фоизи аҳолӣ ба ин беморӣ гирифтор шуданд…Ҳамин гуна то соли 1935 он ба як бемории маъмулӣ табдил ёфт, аммо табибон барои пешгирии ин беморӣ ва наҷот додани одамони ба ин беморӣ гирифторшуда 10 сол мубориза бурданд» [13]. Муаллиф мавзуро хуб омӯхтаву аксҳои солҳои 30-юмро низ дар мақола ҷой додааст, ки он диққатҷалбкунанда аст. Дар ин баробар муаллиф дар бораи муборизаи табибони тоҷик ба бемории малерия дар солҳои 30-юм сухан гуфта, вазъияти он замонро бо вазъи имрӯзаи бемории каронавирус муқоиса мекунад ва бо итминон мегӯяд, ки дар ояндаи наздик табибон метавонанд роҳи наҷоти инсонҳоро аз ин беморӣ пайдо кунанд. Дар ҳамон шабу рӯз ин мақола барои тамоми табақаи ҷомеа, ки гирифтори бемории каронавирус буданд ва ё хавф доштан аз гирифтор шудан ба ин беморӣ, мақолаи мазкур як навъ «дармон» ва чун «доруи таскинбахш» буд. Аз ҷониби дигар чун мақола бо забони русӣ навишта шуда буд, онро намояндагони халқу миллатҳои дигар, ки дар кишвари мо зиндагӣ мекунанду аксарияташон забони русиро хуб медонанд, метавонистанд мутолиа кунанд.

Албатта, ҳадафи мақола баррасии мушкилоти ҷомеа, баёни ақидаи худ доир ба ин ё он мавзуи доғи рӯз мебошад. Дар рӯзномаи «Кулябская правда» мақолаи дигаре бо сарлавҳаи «Гражданское долг мужчини» нашр шуд. Мавзуи мақола даъвати ҷавонон ба ҳифзи марзу бум ва хизмати модар-ватан буд. Мақола хеле таъсирбахш буда, бо хондани он дар дили ҷавонписарон хоҳиши рафтан ба сафи қувваҳои мусаллаҳ пайдо мешавад: «Марди ҳақиқӣ касест, ки хизмати модар-ватанро ба ҷо овардааст. Ҷавоне, ки ба хизмат меравад бояд донад, ки ин як мактаби мардонагист ва шахс дар ин ҷо обутоб меёбад. Хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ қарзи фарзандии ҳар як инсон аст» [12]. Рӯзноманигор ҳар як сухани худро бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода, ҷавонорно ба хизмати аскарӣ даъват мекунад. Мақолаи мазкур хеле таъсирбахш навишта шудааст.

Хулоса, жанри мақола дар рӯзномаҳои «Навиди Кӯлоб» ва «Кулябская правда» серистифода аст. Аксарияти мақолаҳо проблемавӣ буда, дар онҳо на танҳо мушкилоти мардуми минтақа, балки мушкилоти доғи рӯзи ҷомеаи имрӯза мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Аммо проблемаҳои аҳолии минтақа дар мақолаҳо нисбатан камтар баррасӣ мешаванд. Агар шумораи мақолаҳои таҳлилӣ ва инъикоскунандаи мушкилоти аҳолии минтақа дар ин рӯзномаҳо зиёдтар навишта шавад, итминон дорем, ки шумораи

хонандагони ин рӯзномаҳо афзудаву эътимоди аудитория ба онҳо зиёд мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Исмоилова, Ф. Ҷойгоҳи жанрҳо дар матбуоти минтақа [Матн] / Ф. Исмоилова. – Душанбе, 2022. – 71 с.
2. Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз (Ҷилди II) [Матн] / мураттиб М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 372 с.
3. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика. Қ 2 [Матн] /М. Муродов. – Душанбе, 2008. – 88 с.
4. Сафарзода М. Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули васоити ахбори оммаи минтақаи Кӯлоб. / Сафарзода М. Н. Исмоилова Ф. Алишери А. – Кӯлоб: 2019. -127 с.
5. Сафаров Х. Стилистические особенности загаловка в газета [Текст] Х. Сафаров. - Душанбе, 2017. - 180 с.
6. Саъдулло, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] /А. Саъдулло, Г. Пайванд. – Душанбе, 1998. – 60 с.
7. Саъдуллоев, А. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист [Матн] / А. Саъдуллоев, Д. Давронов, М. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 128 с.
8. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: 2009. – 139. с
9. Кулябская правда. – 2017. – 24 ноябр.
10. Кулябская правда. – 2020. – 23 январ.
11. Кулябская правда. – 2020. – 31 январ.
12. Кулябская правда. – 2020. – 21 март.
13. Кулябская правда. – 2020. – 16 июн.
14. Навиди Кӯлоб. – 2020. – 26 декабр.

ҶОЙГОҲИ ЖАНРИ МАҚОЛА ДАР МАТБУОТИ МИНТАҚА
(дар мисоли рӯзномаҳои «Навиди Кӯлоб» ва «Кулябская правда»)

Мақола яке аз жанрҳои қадимаи журналистика ба шумор рафта, то ба имрӯз дар рӯзноманигорӣ он ҳамчун жанри асосӣ ба шумор меравад. Одамони касбу кори гуногун ҳама навиштаи рӯзноманигоронро мақола мегуянд, ки ин ақида хато аст. Ҳадафи дилхоҳ мақола доштани ақидаи нав доир ба мавзуъ, таҳлили фактҳои марбут ба як мавзуъ мебошад. Дар ин баробар, махсусияти фарқкунандаи мақола дар он аст, ки предмети таҳқиқи он масоили ҳалталаб аст ва муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ё ғояи умумиро ташккул медиҳад. Муаллифи мақола барои тасдиқи гуфтаҳояш метавонад аз сарчашмаҳои гуногун, васоити ахбори омма, мушоҳидаҳои шахсӣ ва ҷаҳонбинии худ истифода намояд. Зеро ҳамаи инҳо дар мақола омили тасдиққунандаи фикр ва дурустии ақидаи муаллиф мебошанд. Аммо мутаасифона, солҳои охир зимни омода намудани мақола рӯзноманигорон ба ин ҷанбаҳо камтар аҳамият медиҳанд.

Дар мақолаи мазкур то кадом андоза риоя шудани чорчубаи жанрӣ зимни навиштани мавод дар қолаби ин жанр таҳлил шудааст. Махсусан, дар матбуоти минтақавӣ риоя нагардидани талаботи жанрӣ зиёд ба назар мерасад. Дар мақола бо мисолҳои мушаххас таҳлил шудааст, ки чаҳорчубаи жанрӣ зимни омода намудани мақола риоя нашудааст. Муҳаққиқ барои тасдиқи андешаҳои худ назари муҳаққиқони соҳаро низ дар мавриди ин жанр овардааст.

Калидвожаҳо: жанр, мақола, рӯзнома, рӯзноманигор, маводи журналистӣ, муаллиф, сарчашмаи иттилоъ, минтақа, васоити ахбори омма.

Маълумот дар бораи муаллиф: Исмоилова Фарзона- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ, 735360, кӯчаи С. Сафаров-16. Тел: 985-99-52-46. E. mail: farzibonu @. mail. ru

МЕСТО ЖАНРА СТАТЬИ В РЕГИОНАЛЬНОЙ ПЕЧАТИ
(на примере газет «Навиди Куляб» и «Кулябская правда»)

Статья является одним из древнейших жанров и считается основным жанром в журналистике по сей день. Люди разных профессий называют статьей все написанное журналистами, что является ошибочным мнением. Желаемая цель каждой статьи – получить новое мнение по теме, проанализировать факты, относящиеся к той же теме. В то же время,

отличительная особенность статьи в том, что предметом ее исследования являются вопросы, требующие решения, и автор формирует общее мнение или представление на основе определенных фактов и событий. Автор статьи может использовать различные источники, СМИ, личные наблюдения и свое мировоззрение для подтверждения своих утверждений. Потому что все это в статье является фактором, подтверждающим правильность мнения автора. Но к сожалению, в последние годы при подготовке статьи уделяют этим аспектам все меньше внимания.

В данной статье анализируется, насколько соблюдаются жанровые рамки при написании материала в формате этого жанра. В частности, в региональной прессе много несоответствия жанровым требованиям. В статье на конкретных примерах показывается, как при подготовке статьи не были соблюдены жанровые рамки. В подтверждение своего мнения исследователь привел мнение исследователей области относительно этого жанра.

Ключевые слова: жанр, статья, газета, журналист, журналистский материал, автор, источник информации, регион, СМИ.

Сведения об авторе: Исмоилова Фарзона Каюмовна- кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистика КГУ имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ, 735360 г. Куляб, улица С. Сафаров. E. mail: farzibonu @. mail. ru. тел: (+992) 985-99-52-46.

THE PLACE OF THE GENRE OF THE ARTICLE IN THE REGIONAL PRESS
(on the example of the newspapers "Navidi Kulob" and "Kulyabskaya Pravda")

The article is one of the oldest genres of journalism and is considered the main genre in journalism to this day. People of different professions sametimes consider everything releted to journalist to be the main an article, which is an erroneous opinion. The desired goal of each article is to get a new opinion on the topic, to analyze the facts related to the same topic. At the same time, a distinctive feature of the article is that the subject of it study are issues that need to be addressed, and the author forms a general opinion or idea based on certain facts and events. The author of the article can use various sources, media, personal observations and his own worldview to support his statements. Because all this in the article is a factor confirming the correctness of the author's opinion. But unfortunately, in recent years, less and less attention has been paid to these aspects when preparing an article.

This article analyzes how the genre framework is observed when writing material in the format of this genre. In particular, in the regional press there is a lot of inconsistency with genre requirements. The article shows on specific examples how the genre framework was not observed during the preparation of the article. In support of his opinion, the researcher cited the opinion of the region's researchers regarding this genre.

Key words: genre, article, newspaper, journalist, journalistic material, author, source of information, region, mass media.

Information about the author: Farzona Ismoilova - candidate of philological sciences, senior lecturer of the journalism department of KSU named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT, 735360 Kulyab, S. Safarov street. Mob: 985-99-52-46. Email: farzibonu @ mail. Ru

УДК: 821.222.0-1

КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР АСРИ XIII (бар мабнои наввожаҳои услуби фардӣ дар ғазалиёти шоир)

Калонова М.Ҷ.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Таркиби луғавии забон манзараи умумии забонро инъикос намуда, зиёд будани калимаҳо дар забон нишонаи ғанӣ будани вожагони он аст. Таърихи забон бо таърихи халқ алоқаи ногусастанӣ дошта, дар ҳаёти ҷамъият ба сабаби инкишофи доимии он мафҳумҳои зиёде пайдо мешаванд, ки барои ифода намудани онҳо, мувофиқи таъкиди забоншинос М. Муҳаммадиев, “калимаҳои нав лозим мешаванд ва ин гуна калимаҳои нав “неологизмҳо” ном дошта, аксар аз калимаҳои худи забон сохта ё интихоб карда мешаванд” [Муҳаммадиев М. 1997, с. 59]. Пайдоиш ва рушди наввожаҳо дар таркиби ҳар як забон мавқеи хоса дошта, дар ташкили онҳо хизмати шоиру нависандагон басо зиёд аст.

Пажуҳиши мутуни осори адабӣ собит месозад, ки шоирону нависандагони форсу тоҷик дар тули таърихи пайдоишу рушди забону адабиёти форсии тоҷикӣ зимни таълифу

иншо ба иқтизои вазн ва дигар омилҳо ба эҷоди калимаҳои мураккаб, ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ ноил гаштаанд. Аз ҷумла, Камоли Хуҷандӣ низ дар иншои шеър на танҳо аз таркиби луғавии забон истифода кардааст, ҳамчунин, худ низ вожаҳое сохтааст, ки дар инкишофи фонди луғавии забон саҳми боризро соҳибанд. Барои муайян кардани наввожаҳои вижаи Камоли Хуҷандӣ мо ба "Девон"-и шоир, барномаи электронии "Ганҷури рӯйимизӣ" (ашъори шоирони форсӣ), фарҳангҳои форсӣ-тоҷикӣ, фарҳангҳои шомили сомонаи "vajehyab. com" ҷустуҷӯ намуда, ба хулосае омадем, ки Камоли Хуҷандӣ бо такя ба маърифату диди худ чунин вожа, таркиб ва ибораҳоро сохтааст, ки ба наввожаҳои услуби фардӣ шомиланд: ***майкадапарвард, риштакорӣ, лаби ниёзи суфӣ, ҳаййи Лайло, гулбарги таҳаммул, дидаи холӣ зи нур ва ғ.***

Натиҷаи ҷустуҷӯ аз ашъори шоирону фарҳангҳои муътабар равшан намуд, ки ибораи ***ҳаййи Лайлоро*** ба ҷуз Камоли Хуҷандӣ дигар соҳибони каломи мавзун истифода накардаанд. Шоир бо зикри ибораи «ҳаййи Лайло» ба санъати талмеҳ такя дорад ва дар маънӣ ба *тарзи зиндагии Лайло* ишора мекунад:

Ба нури ақл натвон рафт роҳи ишқ, эй оқил,
Зи Маҷнун пурс, агар дорӣ тариқи ***ҳаййи Лайлоро***

[Камоли Хуҷандӣ 2011, с. 45].

Ибораи **"лаби ниёзи суфӣ"** низ ба ҷуз Камоли Хуҷандӣ, дар ашъори дигар шоирон пайдо нашуд. Аз рӯйи байти шоҳид чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ибораи мазкур маънии «майлу хоҳиш доштани суфӣ»-ро ифода мекунад:

Чу маҷоли бӯса афтад ба ***лаби ниёзи суфӣ****,*
Тувву остини зоҳид, ману остини риндон

[Камоли Хуҷандӣ 2011, с. 395].

Бояд қайд намуд, ки Камоли Хуҷандӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки ҳам забоншиносон ва ҳам адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ ашъори Камоли Хуҷандиро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳанд. Аз ҷумла, Абдуманнони Насриддин дар асари худ [2013, с. 571] гурӯҳе аз вожаву ибораҳо (***ҳавасобод, остинкӯтаҳ, баргрезон, ҷони улвӣ***)-ро вижаи шоир шуморидааст. Натиҷаи пажуҳиши мо нишон дод, ки чунин воҳидҳои луғавӣ пеш аз Камоли Хуҷандӣ низ дар каломи манзуми Заҳири Форёбӣ, Саноии Ғазнавӣ, Низомии Ганҷавӣ ва Ҳофизи Шерозӣ ба кор рафтаанд, чунончи:

Бинои умр харобӣ гирифт, чанд кунам,
Зи рангу бӯйи касон хонаи ***ҳавасобод*** [Заҳири Форёбӣ, گنجور].
Дар ***баргрези умр*** адӯ сарсари аҷал,
Наврӯзро табиат фасли хазон диҳад [Заҳири Форёбӣ, گنجور].

Дар ин масъала дигар забоншиносон низ пешниҳоди худро доранд, масалан, М. Мирмуҳамедова қайд мекунад, ки "калимаи «майкадапарвард» низ аз вожаҳои вижаи Камоли Хуҷандӣ мебошад" [Мирмуҳамедова М. 2012, с. 57]. Андешаи М. Мирмуҳамедоваро ҷонибдорем, зеро натиҷаи ҷустуҷӯ нишон дод, ки исми мазкур аз ҷониби дигар шоирон ба кор нарафтааст. Мувофиқи шарҳи А. Шоҳаҳмад, он ду маъниро соҳиб аст: 1) *парвардаи майхона, шаробхора, майпараст*; 2) *аммо аз нигоҳи шоири ориф мурод аз солике, ки аз майи ишқи Илоҳӣ маст аст ва дар истилоҳи тасаввуф зери мафҳуми май «таҷаллиёти Илоҳиро гӯянд, аъм аз он ки осорӣ бошад, ё афъолӣ, ё сифатӣ, ё зотӣ ба қадри вусъи машраб бувад»* [ФК 2015, с. 381]. Чунончи:

Қадри маю маъшуқу харобот чӣ донад?
Он кас, ки чу ман ***майкадапарвард*** *набошад*

[Камоли Хуҷандӣ 2011, с. 178].

Инчунин, забоншинос А. Абдусатторов ибораи «чашми бемор»-ро моли Камоли Хуҷандӣ дониста, қайд мекунад, ки «…бемор, аслан, сифат аст, вале он дар натиҷаи рехта шудани маънои ибораи «каси бемор» ба исм гузаштааст ва дар назми Камоли Хуҷандӣ он дар вобастагӣ бо «чашм» маънои нави тавсифӣ пайдо кардааст. Ибораи *чашми бемор*ро бо ду шакл: *чашми бемор* ва *бемории чашм* дар абёти Камоли Хуҷандӣ ва ҳамасрони ӯ - Ҳофизи Шерозӣ ва Салмони Совачӣ низ пайдо намудем, ки чунинанд: "***Чашми бемори***

*маро хоб на дархӯр бошад… /**Бемории чашми** ту бубрид аз дастам*…[Ҳофизи Шерозӣ 1385, с. 313]". Дар байти Камоли Хуҷандӣ чунин омадааст: "***Чашми бемори** маро гар хоб мепӯшад назар…/ **Чашми бемор** бар аёдати туст…/ …Ба гӯши ӯ расонидӣ ҳадиси **чашми беморам*** [Камоли Хуҷандӣ 2011, с. 62; 196; 199]". ***Чашми бемори** ту дар хоб асту абру бар сараш…/**Чашми бемори** туро мирам, ки дар ҳар гӯшае…/…**Чашми бемори** маро одати шабпоие* [Салмони Совақӣ 1371, с. 58; 66; 167]. Аз мисолҳои боло маълум мегардад, ки ибораи мазкур дар абёти ҳар се шоири асри XIV ба чунин маъниҳо: 1*) чашми пурдард ва захмӣ, дидаи дардманд, 2) киноя аз чашми махмур, чашми пурхумор (дар мисраи дуюм) ва 3) дар истилоҳи суфия «сатри аҳволи мақомоти солики орифро гӯянд, ки аҳёнан бошад ва гоҳе ҷиҳати муҷовирати табъи унсурӣ ва муҳомилаи нишони башарӣ зоҳир шавад ва чун кам воқеъ мешавад, ба ҳасби авқот мутафовит аст»* [ФК 2015, с. 898] омадааст ва ин ҷо, дақиқан, гуфта наметавонем, ки "*чашми бемор"* ибораи вижаи кадоме аз ин адибон (Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Салмони Совақӣ) аст.

Мувофиқи таъкиди муҳаққиқ Н. Нуров, гурӯҳе аз ибораҳову таркибҳо, ки тавассути вожаи "гул, савсан ва сунбул" сохта шудаанд, монанди "*гулбарги тар, гулбарги рух, сарви гулбор, гулгунсавор, гулистони маърифат, гулистони рух, гулистони ҷамол, гулбӯён, аз шохи давлат гул чидан, гул бар сари гул рехтан, гулбез шудани бод, лоларухи савсанбӯй, сунбули тар, сунбули ғолиясо, сунбули гулбӯ, хатти сунбул, сунбули тоза, гули райҳон, хатти райҳон, турраи райҳон, бӯйи райҳон, барги раёҳин, гулу райҳони дӯстӣ бӯйидан* дар коргоҳи тахайюли худи шоир (Камоли Хуҷандӣ – К. М.) ҳузур пайдо кардаанд" [Нуров Н. 2016, с. 227-233].

Дар мавриди мазкур ба андешаи муҳаққиқ Н. Нуров ҳамфикр шуда наметавонем, зеро ҳангоми ҷустуҷӯ маълум гардид, ки вожаҳои мураккабу ибораҳои мазкур: "***гулгунсавор, гулбӯён, гулистони ҷамол, бӯйи райҳон, сунбули тар, сунбули гулбӯй, сунбули ғолиясо, хатти райҳон, гули райҳон, гулбарги тар, барги раёҳин***" дар ашъори шоирони пеш аз Камоли Хуҷандӣ, амсоли Вафоии Шуштарӣ, Воизи Қазвинӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саноии Ғазнавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва шоирони ҳамасри ӯ Хоҷӯи Кирмонӣ, Туркии Шерозӣ ба кор рафтаанд:

*Бӯйи мушку **бӯйи райҳон** лутфи мост,*
Рост гӯям, нури Яздон омада [Низомии Ганҷавӣ, گنجور].
Кокули мушкфишон бар маҳи шаб пӯш, мапӯш,
Сунбули ғолиясо, бар гули худрӯй масой [Хоҷӯи Кирмонӣ, گنجور].
*Гар аз он **сунбули гулбӯйи** суманфарсо нест,*
Чист ин бӯйи диловез, ки бо боди сабост [Хоҷӯи Кирмонӣ, گنجور].
*Арақ бар хеш чун аз тоби он **гулбарги тар** печид,*
Сиришк аз ғайратам дар дида чун оби гуҳар печид

[Воизи Қазвинӣ, گنجور].

*Суман **хатти райҳон**кашаш бар варақ,*
Чаман тоси наргисниҳиш бар табақ [Хоҷӯи Кирмонӣ, گنجور].

Ҳамчунин, ибораи "сунбули тоза" низ моли Камоли Хуҷандӣ ба шумор намеравад, чунки дар ашъори Низомии Ганҷавӣ ибораи "тозатарин сунбул" ба чашм расид, ки бо ибораи боло дар маъно ҳамвазифа аст, танҳо фарқ дар он аст, ки Низомии Ганҷавӣ дар сохтмони ин ибора аз дараҷаи олии сифат истифода карда, на ибораи изофӣ, балки ибораи ҳамроҳӣ сохтааст.

***Тозатарин сунбули** саҳрои ноз,*
Хосатарин гавҳари дарёи роз [Низомии Ганҷавӣ 2012, с. 28].
***Сунбули тоза** ба он орази гулранг туро,*
Хатти сабзест, ки бар дафтари хубон задаӣ

[Камоли Хуҷандӣ 2011, с. 461].

Вожаву ибораҳои боқимондае, ки Н. Нуров моли Камоли Хуҷандӣ меҳисобад, мо низ ҷонибдорем ва дар ашъори шоир ба маъниҳои зер омадаанд: ***гулбарги рух*** (мурод аз тароват, хушрангӣ, тозагӣ ва назокати чеҳра), ***сарви гулбор*** *киноя аз* нигори хушқад ва гулчеҳра), ***гулистони маърифат*** *мурод аз* олами ирфон, мақоми шинохти асрори Илоҳӣ),

гулистони рух (таҷаллигоҳи дидор (ин ҷо таҷаллигоҳи ҷамоли Худо мурод аст), ***гул бар сари гул рехтан, лоларухи савсанбӯй*** (зебоии ёр), ***хатти сунбул*** (мӯйҳои бисёр нозук ва зебои перомуни рӯю лаби наврасон).

Хулоса, Камоли Хуҷандӣ дар баробари дигар суханшиносону сухандонон дар офаридани калимаҳои нав дастболо буда, таҳқиқи боло нишон медиҳад, ки саҳми шоир дар ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ зиёд аст. Ҳамчунин, қобили таваҷҷуҳ аст, ки Камоли Хуҷандӣ на танҳо бо риояи қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ калимаҳои мураккаб сохтааст, ҳамчунин кӯшиш кардааст, ки бештар ибораву таркибҳо офарад ва ин албатта, хизмати бузург аст барои илми забоншиносии тоҷик.

АДАБИЁТ:

1. Мирмуҳамедова, М. Б. Хусусиятҳои луғавии ашъори Камоли Хуҷандӣ [Матн]: дисс. номз. илми филол. / М. Б. Мирмуҳамедова. – Душанбе, 2012. - 179 с.
2. Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик [Матн]: маводи таълимӣ. / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмаҳмадов. – Душанбе: 1997. - 190 с.
3. Насриддин, Абдуманнон. Куллиёти осор. Ҷ. 1. [Матн] /Абдуманнон, Насриддин. - Хуҷанд: Хуросон, 2013. 608 с.
4. Нуров, Н. Варақе аз дафтари гулвожаҳои «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ. [Матн]/ Н. Нуров. // Маводи конференсияи байналмилалии “Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ”. – Хуҷанд, 28-29 октябри соли 2016. - С. 227-233.
5. Совақӣ Салмон. Девон. Гирдоваранда: Карамӣ Аҳмад. [Матн]. Салмони Совақӣ. 1371. - 854 с.
6. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ. / Мураттиб: А. Шоҳаҳмад. – Хуросон, 2015. - 736 с.
7. Хуҷандӣ, Камол. Девон. [Матн]/ Камоли Хуҷандӣ/ Таҳия ва тасҳеҳи матн аз Шоҳаҳмад Абдуҷаббор ва Саидумрон Саидов. – Хуҷанд: Андеша, 2011. - 632 с.
8. Шерозӣ Ҳофиз. Девон. [Матн]/ Ҳофизи Шерозӣ (бар асоси нусхаи Халхолӣ ва муқобила бо нусхаи Бодлиёну Панҷоб бо тасҳеҳи Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ). – Теҳрон: Дӯстон, 1385. - 668 с.
9. https: //gangoor. net گنجور Санаи мурочиат: 11.12.2025

КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР АСРИ XIII (бар мабнои наввожаҳои услуби фардӣ дар ғазалиёти шоир)

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш кардааст, ки мавқеи Камоли Хуҷандиро дар ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ муайян намояд.

Тадқиқ нишон додааст, ки Камоли Хуҷандӣ на танҳо аз калимаҳои таркиби луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ суд ҷустааст, балки худ низ дар офариниши вожаҳо, ибора ва таркибҳои нав саҳми бориз гузоштааст.

Муайян карда шудааст, ки саҳми Камоли Хуҷандӣ дар ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ зиёд аст.

Ошкор гардидааст, ки Камоли Хуҷандӣ дар баробари сохтани калимаҳои мураккаб бо риояи қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ, ибораву таркибҳо офарада, барои илми забоншиносии тоҷик хизмати бузург кардааст.

Муайян гардидааст, ки вожаҳои мураккабу ибораҳои мазкур: “гулгунсавор, гулбӯён, гулистони ҷамол, бӯйи райҳон, сунбули тар, сунбули гулбӯй, сунбули ғолиясо, хатти райҳон, гули райҳон, гулбарги тар, барги раёҳин”, ки ба Камоли Хуҷандӣ мансуб дониста шудаанд, дар ашъори шоирони пешин низ чашмрасанд.

Калидвожаҳо: Камоли Хуҷандӣ, ғазал, девон, шеър, лексика, вожа, нав, неологизм, забони форсӣ-тоҷикӣ, таркиби луғавӣ, забони форсӣ-тоҷикӣ, суханшинос, вижа, назм, пажуҳиш.

Маълумот дар бораи муаллиф: Калонова Маҳина Ҷумабоевна - д. и. ф., профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, E-mail: m. kalonova@mail. ru. Тел: +992927283228

СОВЕРШЕНСТВО КАМОЛА ХУДЖАНДИ И РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА В XIII ВЕКЕ

(на примере индивидуальных неологизмов в газелях поэта)

В данной статье автор предпринял попытку определить роль Камола Худжанди в формировании персидско-таджикского языка.

Исследование показало, что Камол Худжанди не только стремился использовать лексический состав персидско-таджикского языка, но и внёс значительный вклад в создание новых слов, словосочетаний и структур.

Выяснилось, что Камол Худжанди, помимо создания сложных слов в соответствии со словообразовательными закономерностями таджикского языка, создавал словосочетания и соединения, внося тем самым большой вклад в науку таджикского языкознания.

Установлено, что следующие сложные слова и словосочетания: "гулгунсавор, гулбӯён, гулистони ҷамол, бӯйи райҳон, сунбули тар, сунбули гулбӯй, сунбули ғолиясо, хатти райҳон, гули райҳон, гулбарги тар, барги раёҳин"приписываемые Камолу Худжанди, встречаются и в стихотворениях предшествующих поэтов.

Ключевые слова: Камол Худжанди, газель, диван, поэзия, лексика, слово, новое, неологизм, персидско-таджикский язык, лексический состав, персидско-таджикский язык, оратор, специальность, поэзия, исследование.

Информация об авторе: Калонова Махина Джумабоевна – доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали Ибн Сино. E-mail: m. kalonova@mail. ru. Тел. : +992927283228.

THE PERFECTION OF KAMOLA KHUJANDI AND THE DEVELOPMENT OF THE TAJIK-PERSIAN LANGUAGE IN THE 13TH CENTURY (based on the example of individual neologisms in the poet's ghazals)

The study showed that Kamol Khujandi not only sought to use the vocabulary of the Persian-Tajik language, but also made a significant contribution to the creation of new words, phrases and structures.

It turned out that Kamol Khujandi, in addition to creating complex words in accordance with the word-formation laws of the Tajik language, created phrases and compounds, thereby making a significant contribution to the science of Tajik linguistics.

It has been established that the following compound words and phrases: "гуглунсавор, губӯён, гулистни ҷамол, бӯйи райҳон, сунбули тар, сунбули губӯй, сунбули ғолиясо, хатти райҳон, гули райҳон, губарги тар, барги раёҳин" attributed to Камол Худжанди, are also found in the poems of previous poets.

Key words: *Kamol Khujandi, ghazal, divan, poetry, vocabulary, word, new, neologism, Persian-Tajik language, lexical composition, Persian-Tajik language, orator, specialty, poetry, research.*

About the author:Kalonova Mahina Dzhumaboevna – doctor of Philology, Professor in the Department of Tajik Language at the Abu Ali ibn Sina Tajik State Medical University. Email: m. kalonova@mail. ru. Tel. : +992927283228.

УДК: 811.1+811.222.0

ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ПАСВАНД ДАР ЗАБОНҲОИ ОЛМОНӢ ВА ТОҶИКӢ

Камолова Б.Б.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ (аз ҷумла забони олмонӣ) дар ҷумҳурии мо хеле инкишоф ёфта истодааст. Ҳарчанд, ки диққати асосӣ ба омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ҷалб карда шуда бошад ҳам омӯзиши забони олмонӣ низ рӯз то рӯз вусъат меёбад. Аз ин рӯ барои беҳтару зудтар аз худ намудани чӣ забони тоҷикӣ аз тарафи олмониён ва чӣ забони олмонӣ аз тарафи тоҷикон омӯзиши муқоисавии ин ду забон пеш меояд, ки раванди азхудкунии онҳоро хеле осон мегардонад. Вобаста ба ин омӯзиши забон чӣ модарӣ ва чӣ хориҷӣ бе надонистани грамматикаи он натиҷа намебахшад, яъне ғайриимкон аст.

Масъалае, ки ҳоло мавриди пажуҳиши мо қарор дорад, хеле мубрам ва зарурӣ буда, хонанда ва омӯзандаи забони олмонӣ имрӯз ба он ниёзи беандоза дорад. Бештари

донишҷӯён ё омӯзандагони забони олмонӣ ҳангоми аз худ намудани луғат ба мушкилӣ дучор мешаванд, зеро пешвандҳо ва пасвандҳои калимасози забони олмонӣ як системаи мураккаб буда, ҳар яки он дорои тобишҳои гуногун ва ба худ хос аст. Таҳқиқи фарқияту умумияти вазифаҳои пешванду пасвандро дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ барои осон намудани раванди омӯзиши ҳарду забон басо муфид аст.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот ин пайдо кардани фарқияту умумиятҳои пешванду пасванд дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ мебошад ва он чунин вазифаҳоро дар бар мегирад:

- омӯзиши маводи назариявӣ доир ба пешванду пасванд;
- омӯзиш ва таҳлили пешванду пасванд дар ҳар ду забон;
- ҷамъоварии мавод аз адабиёти бадеӣ ва луғат;
-ҷобаҷокунии маводи ҷамъовардашуда;
- хулосабарорӣ ва натиҷабардорӣ

Мавзуи интихобнамудаи мо бамаврид буда, қадами аввалинест дар ин роҳ, зеро то ҳол аз тарафи забоншиносони ватанӣ ин мавзуъ хеле нокифоя коркард шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар забони олмонӣ корҳои чунин олимон ба монанди Шенделс Е., Флеммих В., Гетс, Шмидт В., Г. Хелбиг, И. Буша, В. Адмони, И. Эрбен ва дигарон арзиши худро доранд. Ин олимон масъалаи забони олмониро аз паҳлӯҳои гуногун таҳқиқ кардаанд ва то ҳол корҳои онҳо арзиши худро гум накардаанд.

Дар забони тоҷикӣ ба воситаи пасвандҳо сохта шудани сифат воситаи пурмаҳсул и калимасозии ин ҳиссаи нутқ ба ҳисоб меравад Дар забони муосири тоҷик бошад корҳои илмии олимон Н. Маъсумӣ, В. С. Расторгуева, А. А. Керимова, Р. Розенфелд, Д. Т. Тоҷиева, М. Н. Қосимова, Ш.Рустамова пураразишанд. [15, 182].

Олимоне, ки дар мавзуи калимасозӣ, маҳз пасванду пешванд дар забони тоҷикӣ саҳмгузоранд, инҳо: Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, Валиев Ҷамшед Абдурасулович мебошанд.

Пасвандҳои **-она, -ёна, -вона, -гона** ҳангоми истеъмол ва вариантҳои он чунин қонуният дида мешавад: ракамхои нӯҳгона, қуттиҳои ҷудогона, гиреҳҳои дувоздаҳгона. Пасванди **-она** дар калимасозии сифат пурмаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат месозад: мактаби духтарона, соддагии кудакона, аз исмҳои замон сифат месозад [13, с. 398].

Пасванди **-нок.** Ин пасванд хеле пурмаҳсул аст, бештар аз исмҳои маънӣ сифати аслӣ месозад, ки ба маънои решаи калима доро будани предметро мефаҳмонад: роҳи воҳиманок, оҳи аламнок, каси шубҳанок,

пашшаҳои хартумнок, марғзорҳои қамишнок, оши ҷурғотнок.

Пасванди **-манд.** Ин пасванд низ сермаҳсул буда, аксар аз исмҳои маънӣ сифатҳои аслие месозад, ки ба аломат, хислат ва хосият доро будани предметро мефаҳмонанд: кампири дардманд, марди аёлманд, мӯйсафеди хиратманд.

Пасванди **-ин** (пас аз садонок ва ҳамсадоҳои «ҳ» ва «м» -гин мешавад): ранги зумраддин, бачаи ғамгин, одами хашмгин, ҷавони шармгин, нигоҳи заҳрин, зулфи анбарин, дастпонаҳои нуқрагин, купруки сангин, мулоқоти аввалин, дӯсти дерин, мактуби охирин. Пасванди –**ина.** Ин пасванд дар сифатсозӣ пурмаҳсул аст: дастшӯи мисина, ресмони пашмина, меҳмони мардина: асрҳои баъдина, ҷӯраи дерина, кори фардоина, хӯроки пешина. Пасванди **-а(-я).** Ин пасванд нисбатан каммаҳсул буда, аз ҳиссахои гуногуни нутқ, сифатҳои аслию нисбӣ месозад, ки замон, ҷой ва ё аломати предметро ифода мекунад: боғчаи озода, тиллои нақдӣ, шаҳри қадима, чораҳои лозима, куртаҳои ранга, таассуроти имрӯза, сумкаи овеза, марди гуреза. Пасванди **-ак.** Ин пасванд дар сифатсозӣ каммаҳсул мебошад: пули пуччак, духтари хаппак, купруки ликқонак, лойи лағжонак.

Пасванди **-акӣ.** Ин пасванд аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат месозад, ки ба хосияте доро будани предмет ва ё воситаи ичрои амалро мефаҳмонад: созиши хомакӣ, хандаи дуруғакӣ, фармони даҳанакӣ, қандфурушии дастакӣ, сураткашии ҳавасакӣ, фармони рӯякӣ. Пасванди **-чак** аз сифат ва сифати феълӣ сифате месозад, ки аломат, ё ба амал ва ё ҳолате моил ё доро будани предметро мефаҳмонад: шафтолуи луччак, одами тарсончак, духтари

хандончак, гунчишки парронча к.

Пасванди **-они** каммаҳсул буда, аз исм ва сифат сифатҳои аслию нисбӣ месозад, ки ба аломат ва хосияти решаи калима молик будани предметро мефаҳмонад: пири нуронӣ, кори ҷисмонӣ, ҳаваси нафсонӣ, сухани ҳаққонӣ. Пасванди **-вар** низ каммаҳсул буда, аз исмҳо сифате месозад, ки ба аломат ё хислате соҳиб будани предметро мефаҳмонад: ҷавони суханвар, марди ҳунарвар, духтарони номвар, дили донишвар, дасти ҳунарвар. Пасванди **-вор** каммаҳсул буда, аз исм сифатҳои нисбӣ месозад, ки ба аломат ва хосияти дар реша номбаршуда аз ягон ҷиҳат муносибат дорад: ҳадяи сазовор, ошиқи умедвор.

Пасванди **-гун**. Ин пасванд каммаҳсул буда, аз исм ва сифат сифатҳое месозад, ки аз ягон ҷиҳат ба маънои дар реша баёншуда монанд будани ранги предметро ифода мекунад: рухсори лолагун, бар- ги алмосгун, шуои заргун, рӯи сафедгун. Пасванди **–гар** исмсоз бошад ҳам, дар баъзе ибораҳо бо исм омада, ба аломату хусусияте соҳиб будани предметро мефаҳмонад: одами иғвогар, кампири ҳилагар, марди ҳасратгар, котиби ҷавобгар, шамоли шӯришгар, дасти хиёнатгар, зани афсунгар.

Пасванди **-ам, -ук, -ик.** Ин пасвандҳо бемаҳсул буда, аз исм, сифат ва феъл сифатҳои аслие месозанд, ки ба аломату хусусияте доро будани предметро мефаҳмонанд: боди форам, куртаи шинам, замини корам, дастони нозук, шаби торик, миёни борик. Пасвандҳои **-огин, -осо (-со), -ваш, фом, -сор** бемаҳсуланд. Онҳо аз исмҳо сифат месозанд, ки ба маънои асоси калима монанд будани аломатро мефаҳмонанд: мӯи атрогин, одами дарвешваш, духтари париваш, нигоҳи барқосо, мӯи анбаросо, рухи гулфом, саҳрои зумрадфом, марди хоксор, зулфи сумансо. Пасвандҳои **-о, -он.** Ин пасвандҳо аз асоси замони ҳозираи феъл сифатҳои аслие месозанд, ки ба хислате доро будани предметро мефаҳмонанд: судхӯри гузаро, суханҳои бурро, бозуи тавоно, деги ҷӯшон, кураи тафсон, дарёи хурӯшон, қолини паррон.

Дар забони олмонӣ сифатҳо ба воситаи пасвандҳои сифатсоз сохта мешаванд. Аз ҳама бештар бо пасвандҳои зерин сифатҳои нав сохта мешаванд [50, с. 169]:

Пасванд	**Мисол**
bar	brauchbar, scheinbar, unsichtbar, wunderbar фоиданок, зоҳирӣ, ноаён, зебо
haft	ekelhaft, ernsthaft, sagenhaft, schmackhaft нафратангез, ҷиддӣ, афсонавӣ, хуштаъм
ig	häufig, holzig, nötig, sperrig зич, чӯбмонанд, зарурӣ, ноҳинҷор
isch	energisch, heidnisch, kindisch, technisch серҳаракат, бутпарастӣ, бачагона, техникӣ
lich	empfindlich, endlich, freundlich, natürlich ҳассосӣ, вопасин, меҳрубон, табиӣ
los	harmlos, mittellos, ratlos, spurlos безарар, бенаво, аздастдодашуда, бедарак
sam	aufmerksam, bedeutsam, langsam, wirksam бодиққат, муҳим, бешитоб, таъсирбахш

Пасванди **-bar** бошад бештар аз феълҳо сифат месозад:

Аз «trinken» ба «trink**bar**»-нушиданбоб

Аз «essen» ба «ess**bar**» хурданбоб

Аз «tragen» ба «trag**bar**» бурдашаванда, ҳаракаткунанда

Аз «spielen» ба «spiel**bar**» бозиданбоб

Чӣ хеле мушоҳида намудем, пасванди **-bar** дар забони тоҷикӣ чун пасванди **-боб** истифода шуд, ки боз оиди як пасаванди дигар сухан меравад.

Пасвандхо дар ҳар забон вобаста ба хосиятхои грамматикиашон вазифахои гуногуни худро доро мебошанд. Ҳамчунин пасвандхои шинохтаи забони олмонӣ инхоянд:

-bold, -chen, -de, -e, (er/ el)ei, -el, er, -heit/ -keit/ -icht/, -ian/ jan, -I, -in, -lein, -ler, -ling, -ner, -nis, -rich, -s, -sal, -schaft, -sel, -t, tel, tum, ung [50, 169]

sonnig — офтобӣ, russisch — русӣ, ernsthaft — ҷиддӣ, langsam — суст, оҳиста,

weise — доно, bitter — тунд, seiden — абрешимӣ, silbern — нуқрагӣ.

Дар забони олмонӣ пасвандҳои сифатсоз бештар истифода карда мешаванд. Дар байни онҳо маъмултарин инҳоянд: **-ig** (Sonn**ig** –солнечный офтобӣ), **lich** (mensch**lich** – человечный одамсурат), ин пасавандҳо ба решаи исм илова карда мешаванд. Инчунин пасвандҳои зерин мавҷуданд:**-isch** (politis**ch**-политический сиёсӣ), **-haft** (dauer**haft** – прочный устувор), **-bar** (dank**bar** –благодарный-сипосгузор), **-sam** (lang**sam** –медленный-сустҳаракат), пасванд-ҳо:**-voll/-reich/-arm/-los** (humor**voll** -полный юмора-пур аз шухӣ, kinder-**reich** –многодетный-серфарзанд, kalori**enarm** –низкокалорийный-камкало-рия, humor**los** – бесхарактерный- сустирода).

Аммо дар забони олмонӣ бархе сифатҳо худ метавонанд ба ҳайси пасванд истифода бурда шаванд.

voll (liebevoll, kraftvoll), los (sinnlos, endlos), fach (vielfach, zweifach) ва ғ.

Пасванди***–ig*** барои аз исмҳо сохтани сифат хизмат мекунад:

die Sonne + ig = sonnig (офтобӣ)

die Kraft + ig = kräftig (боқувват) Ин ҷо дар забони тоҷикӣ на пасванд, балки пешванд кор фармуда мешавад, он **қувватнок** низ тарҷума мешавад.

Пасванди ***–lich*** метавонад ба асоси калимаҳо пайваст шавад:

der Tag + lich = täglich (ҳар рӯз), kurz = lich = kürzlich (ба назидкӣ)

бо гирифтани ҳодисаи умлаут дар садоноки реша

vergessen + lich = vergesslich (фаромӯшхотир)

Пасванди ***–los*** бо исм омада, предмет ё аломати мавҷуд набударо ифода мекунад:

der Harm + los = harnlos (беозор)

die Arbeit + los = arbeitlos (бекор)

der Verlust + los = verlustlos (безарар)

Пасванди ***un***-бо сифат омада инкориятро ифода мекунад:

un + möglich = unmöglich (ғайриимкон)

un + gelesen = ungelesen (нохонда)

un + bestimmt = unbestimmt (номуайян)

пасванди ***–haft*** дороии ягон аломатро ифода мекунад, бештар бо исм меояд:

der Held + haft = heldenhaft (қаҳрамонона)

die Dauer = haft = dauerhaft (дарозмуддат) дар забони тоҷикӣ бошад, аз ду исм сохта шудааст,

der Schaden + haft = schadenhaft (зарардида), дар забони олмонӣ аз исму пасванд бунед шуда бошад, ин ҷо аз ду исм бе пасванд сохта шудааст.

Хулоса. Ба воситаи пасвандҳҳо сохтани феълҳо бештар хоси забони тоҷикӣ аст, дар забони олмонӣ ба таври истисно чанд пасванде мавҷуданд, ки аз забони форонсавӣ иқтибос шудаанд.

Забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ дар тӯли мавҷудияти таърихии худ ба бисёр таҳаввулот рӯ ба рӯ шудааанд, ки боиси иваз гаштани пасванду пешванд дар калимаҳои онҳо гаштааст. Агар дар забони олмонӣ ва тоҷикии бостон тартиби калима озод бошад, пас дар забони олмонӣ ва тоҷикии муосир тартиби калима устувор гаштааст. Ҳоло тартиби озоди калима танҳо бо мақсадҳои услубӣ дар забони муосири олмонӣ ва тоҷикӣ истифода мешаванд.

АДАБИЁТ:

1. Блох М. Я. Теоретические основы грамматики. – М.: 1986, – С.385
2. Буранов Д. Ж. Типологические категории и сравнительное изучение языков: автореферат диссертация на соискание учёной степени доктора филологии наук – М., 1979.
3. Грамматикаи забони тоҷикӣ, қ. 1, Фонетика ва морфология, китоби дарсӣ барои

мактабҳои олӣ. – Сталинобод, нашр. Давл. Тоҷ., 1956.
4. Гулыга Е. В. Курс лекций по теоретической грамматике немецкого языка: Часть 1: Морфология. – М., 1970
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷ. 1959.
6. Мирзоев А. Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи калимаҳои нумеративӣ. – Мактаби Советӣ. 1940, №1, с. 13-17.
7. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии тоҷикӣ. – Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. с. 37-45.
8. Brinkmann H. Die deutsche Sprache. Gestalt und Leistung. - Dusseldorf, 1962.
9. Der Große Duden. Grammatik der deutschen Gegenwartssprache. Hs. v. P. Grebe-Mannheim, 1959.
10. Eiben J. Deutsche Grammatik. Ein Abri. . 11. Aufl. Munchen, 1972.

ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ПАСВАНД ДАР ЗАБОНҲОИ ОЛМОНӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақола сухан дар бораи истеъмоли пасвандҳо дар забонҳои гуногунсохтор, яъне тоҷикӣ ва олмонӣ меравад. Дар он муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то фарқияту умумиятҳои пасвандҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муайян созад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар забони тоҷикӣ ба воситаи пасвандҳо сохта шудани сифат воситаи пурмаҳсули калимасозии ин ҳиссаи нутқ ба ҳисоб меравад Дар забони муосири тоҷик бошад корҳои илмии олимон Н. Маъсумӣ, В. С. Расторгуева, А. А. Керимова, Р. Розенфелд, Д. Т. Таджиева, М. Н. Қосимова пуразришанд.

Дар мақола зикр карда мешавад, ки пасвандҳои забони тоҷикӣ дар истеъмол тафовут ва вижагиҳои худро нисбат ба забони олмонӣ доро мебошанд. Ба воситаи пасвандҳо сохтани феълҳо бештар хоси забони тоҷикӣ аст, дар забони олмонӣ ба таври истисно чанд пасванде мавҷуданд, ки аз забони фаронсавӣ иқтибос шудаанд.

Забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ дар тӯли мавҷудияти таърихии худ ба бисёр таҳаввулот рӯ ба рӯ шудаанд, ки боиси иваз гаштани пасванду пешванд дар калимаҳои онҳо гаштааст. Агар дар забони олмонӣ ва тоҷикии бостон тартиби калима озод бошад, пас дар забони олмонӣ ва тоҷикии муосир тартиби калима устувор гаштааст. Ҳоло тартиби озоди калима танҳо бо мақсадҳои услубӣ дар забони муосири олмонӣ ва тоҷикӣ истифода мешаванд.

Калидвожаҳо: омӯзиши муқоисавӣ, забонҳои гуногунсохт, тафовут ва шабоҳат, тартиби калимаҳо, пасвандҳои сифатсоз.

Маълумот дар бораи муаллиф: Камолова Бибикалон Бобомулоевна-номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Нишонӣ: Тоҷикистон, 734019, Душанбе-17/6, куч. Муҳаммадиев, телефон: (+992 927530255) E-Mail bibijon@mail. ru

СРАВНИТЕЛЬНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ СУФФИКСОВ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается использование суффиксов в разноструктурных языках, а именно в таджикском и немецком. Автор предпринял попытку выявить различия и сходства суффиксов в таджикском и немецком языках. Следует отметить, что в таджикском языке образование прилагательных посредством суффиксов считается продуктивным способом словообразования этой части речи. В современном таджикском языке ценны научные труды учёных Н. Масуми, В. С. Расторгуева, А. А. Керимовой, Р. Розенфельд, Д. Т. Таджиевой, М. Н. Косимовой.

В статье отмечается, что суффиксы таджикского языка имеют свои отличия и особенности в употреблении по сравнению с немецким языком. Образование глаголов с помощью суффиксов более характерно для таджикского языка, тогда как в немецком языке суффиксов, заимствованных из французского, исключительно мало.

Немецкий и таджикский языки на протяжении своего исторического существования претерпели множество изменений, что привело к замене суффиксов и префиксов в их словах. Если в древненемецком и таджикском языках порядок слов был свободным, то в современных немецком и таджикском языках он стал фиксированным.

В настоящее время в современных немецком и таджикском языках свободный порядок слов используется только в стилистических целях.

Ключевые слова: сравнительное исследование, разноструктурные языки, различие и сходство, порядок слов, суффиксы образующие прилагательных

Сведения об авторе: Камолова Бибикалон Бобомулоевна–кандидат педагогических наук, доцент кафедры романо-германских языков Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода. Адрес: Республика Таджикистан, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел. (+992) 927530255 E-Mail bibijon@mail. ru

A COMPARATIVE STUDY OF SUFFIXES IN GERMAN AND TAJIK LANGUAGES

Abstract: This article examines the use of suffixes in languages with different structures, namely Tajik and German. The author attempts to identify the differences and similarities between suffixes in Tajik and German.

It should be noted that in the Tajik language, the formation of adjectives through suffixes is considered a productive method of word formation for this part of speech. In modern Tajik, the scientific works of scholars N. Masumi, V. S. Rastorguev, A. A. Kerimova, R. Rosenfeld, D. T. Tadjieva, and M. N. Kosimova are valuable. The article notes that Tajik suffixes have their own differences and usage patterns compared to German. Verb formation using suffixes is more characteristic of Tajik, whereas German has exceptionally few suffixes borrowed from French.

The German and Tajik languages have undergone numerous changes throughout their history, leading to changes in the suffixes and prefixes in their words. While word order was free in Old German and Tajik, it has become fixed in modern German and Tajik. Currently, in modern German and Tajik languages, free word order is used only for stylistic purposes.

Keywords: comparative study, languages with different structures, differences and similarities, word order, adjectival suffixes

Information about the author: Kamolova Bibikalon Bobomuloevna-candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of Romano-Germanic languages of the Tadjik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: Republic of Tajikistan, 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6, tel. (+992) 927530255 E-mail: bibijon@mail. ru

УДК: 811.222.0'373

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ СОХТОР ВА МАЪНОИ ЛУҒОТИ ПИЗИШКӢ ДАР ГӮЙИШИ МАРДУМИ ДАРВОЗ

Қодиров Д.С.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Тиб собиқаи бас куҳан дошта, ба назар мерасад, ки башар аз он рӯз, ки чашм ба ҷаҳон кушуд, бар асари хуруҷи бемориҳо ва ноҷурии тан рӯйи ниёз ба сӯйи ин илм овард. Инсони моқабли таърих ба ҳукми табиати ирсӣ-модарзодӣ ва, ҳамчунин, ба иллати гурез аз ҳар навъ хатар чун бемор мешуд ва ё ҷароҳате бармедошт, ба такопӯ мефитод ва ҳамвора саъй мекард, то ба хӯрдани гиёҳони мухталиф, баргу решаи дарахтон, нӯшидани обҳои маъданӣ ва ё молидани гилу лойи мурдобҳо рӯйи захмаш худро мудово кунад ва ба ҷароҳаташ илтиём бахшад. Бад-ин васила инсони моқабл гӯё барои амрозу ҷароҳатҳои бардошта нӯшдоруе меҷуст. Аммо маълум нест, ки ин вазъ то чанд ҳазор соле боқӣ буда, вале башар бар асари такрор ва пайгирии муттасили ин ҳама тадовӣ андак-андак ба ҳикмату хасисаҳои гиёҳон, обҳои маъданӣ ва гилу лойи мурдобҳо пай бурд. Он гаҳ ҳар насле самараи таҷоруби хешро бар дӯшу масъулияти наслҳои баъдӣ супориданд ва сипас коҳинону соҳирон, ки ҳамкораи ҷамоат буданд, аз рӯйи таҷриба ва бовару эътиқодоти хеш ба муолиҷаи беморон пардохтанд.

Аммо бо зуҳури тамаддуни тиббӣ дар даврони ҷадиди таърихӣ муолиҷаи бемориҳо дар миёни қавмҳо ранги дигар гирифта, ин ҳама қолабҳо шикаста шуданд ва тиб аз сурати эъҷозу сеҳр ва таҷрибаву боварҳои диниву мардумӣ ба сурати илмӣ даромад. Дар воқеъ, тамаддуни тиббӣ ҳамвора ба унвони яке аз нахустин заминаҳои илмӣ дар миёни ақвоми бузург аҳаммияти вижаеро бархурдор буд. Аз ҷумла, дар Чин, Ҳинд, Эрон, Миср ва баъдан – Юнон пажӯҳандагони барҷаста тибро аз зовияҳои гуногун баррасӣ карда, дар ин замина осори гаронмоя ва арзишмандеро ба ёдгор гузоштаанд, ки мо аз шарҳу тафсири он ҳама

таълифот худдорӣ намуда, танҳо ба зикри ҳамин нукта иктифо мекунем, ки истилоҳи *drustbed (drwistbed)* – сарвари пизишкон, ав. *drvā-* //*druva-*, ф. б. *duruva-*, ф. б. *drust* – дуруст, ҳамчунин, дар ф. м. *tandrust* – тандуруст; бо пасванди *-īh*: тандурустӣ, суғдӣ – *δr`wk* аз назари решашиносӣ таърихи куҳан дорад [8, с. 230]. Сайри таърихии ин истилоҳ бозгӯйи он аст, ки корбурди вожаи "*тандурустӣ*" дар забони тоҷикӣ шакли гуфториву омиёна набуда, балки он ҳамчун вожаи куҳани меҳвариву бунёдии форсӣ дар тавлиди як силсила вожагони гӯйиши дарвозӣ, аз қабили: *tanjurī, tansəhatī, tandərəstī* ва чанде дигар саҳм гузоштааст, ки пайванди дерина ба забонмодар доранд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми гӯйишшиносӣ, ки дар забоншиносии имрӯзи тоҷик мавриди таваҷҷуҳи забоншиносон камтар қарор гирифтааст, тавсифу таҳқиқи ҳамаҷонибаи қабати луғоти пизишкии он мебошад. Доир ба луғоти пизишкӣ танҳо дар осори мардумшиносони пешазинқилобӣ ва баъд аз он метавон ишораҳои парокандаеро дарёфту бас. Ҳол он ки дар луғоти пизишӣ ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ, бовару эътиқодот ва хусусиятҳои равонии маскунони ин ё он минтақа таҷассуми ҳақиқии худро ёфта, пажӯҳиш дар ин самт метавонад роҳҳои таҳаввули этногенези маскунони маҳалро сареҳан муайян намояд. Аз сӯйи дигар, дар тибби суннатӣ баъзе расму ойинҳое мавҷуданд, ки фарогирӣ ва таҳқиқи онҳо барои сойири улуми иҷтимоӣ (аз ҷумла, барои бахшҳои забоншиносӣ – забоншиносии қавмӣ, забоншиносии равонӣ ва улуми иҷтимоӣ: қавмшиносӣ, равоншиносӣ, таърих ва фарҳангшиносӣ) матолиби тоза дода, аз арзиши хоссе бархӯрдоранд. Дигар ин ки дар шароити муосир, ки хуруҷи бемориҳои нави сироятӣ ва ғайрисироятӣ маскунони сайёраро ба ташвишу таҳлука андохтааст, рӯй овардан ба тибби суннатӣ барои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар саросари кишвар андешаест бебаҳс.

Мо дар ин мақола тасмим гирифтем, ки дар заминаи осори мардумшиносӣ [2; 9, с. 258-272] ва забоншиносӣ [4; 5; 6; 7; 8; 10] луғоти пизишкии гирдовардаро дар марҳилаи аввал аз назари сохтор ва маъно ба риштаи таҳқиқ гирем. Зикри ин нукта бамаврид аст, ки маводи мавриди таҳқиқ дар бораи тамаддуни тибби суннатии мардуми Дарвоз ба ҷуз аз қайдҳои саҳроии муаллиф, аз китоби "Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз" (дар 3 муҷаллад), ки бо забони русӣ мунташир шуда, дар зоти худ арзишмандтарин осори мардумшиносии тоҷик ва боэътимодтарин манбаъ дар шинохти урфу одот ва маишати мардуми Дарвоз аст, баргузида шудаанд. Асари фавқ бо забони тоҷикӣ пурра баргардон шуда, дар радаи силсилаҷилдҳои "Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик" (ҷилди 6) нашр шудаанд [2].

Дар хусуси вазъи кунунии хизматрасонии соҳаи тандурустӣ дар миёни аҳолии Дарвоз таъкиди ин нукта зарур аст, ки ҳоло ҳам мардум аз тибби суннатӣ васеъ истифода бурда, ба *kampir* – мутахассиси соҳаи геникология ва устухонпизишкӣ, *ustoyi čukbər* – мутахассиси хатна эътимоду ихлоси қавӣ доранд. Гурӯҳи дигари табибони маҳаллӣ (мардон)-ро дар Дарвоз *ustoyi šəkastaband* ташкил медиҳанд [9, с. 258]. Табибони халқӣ ва маскунони маҳал аз ҳар гуна гиёҳу буттаҳои шифобахш ва анвои гуногуни шарбатҳо ба сифати дору ва даво дар баробари дорухати таъйинкардаи мутахассисони соҳа (*dəxtər* – духтур, доктор), ки дар шифохонаҳо ба фаъолияти расмӣ машғуланд, истифода мебаранд.

Луғоти пизишкии гӯйишварони дарвозиро дар марҳилаи аввал барои суҳулати баррасӣ шартан аз рӯйи се бахши мавзуӣ: истилоҳоти колбадшиносӣ (анатомӣ), истилоҳоти дорушиносӣ ва истилоҳоти ифодакунандаи номи амроз метавон аз назари сохтору маъно мавриди шарҳу тафсир қарор дод:

1. Истилоҳоти колбадшиносӣ (анатомӣ). Истилоҳсозии ин қабати мавзуӣ дар гӯйиши мардуми Дарвоз бо чанд роҳ сурат мепазирад: а) бо роҳи истифода аз истилоҳоти маъмулии колбадшиносӣ, ки бо тибби муосир муштараканд; б) бо роҳи маънии истилоҳӣ бахшидан ба вожаҳои мустаъмали забони меъёрӣ ва шевагӣ; в) бо роҳи сохтани истилоҳоти тиббӣ дар заминаи вожагони хосси гӯйиш; г) бо роҳи истилоҳгузинӣ аз забонҳои ғайр; ғ) аз тариқи вожасозӣ бар мабнои қолабҳои мавҷудаи вожасозии забони меъёр ва гӯйиш. Чунончи, бад-ин шарҳи муфассал:

а) Дар гӯйиши дарвозӣ истилоҳоти колбадшиносие мавҷуданд, ки дар тибби муосир низ роиҷ буда, дойираи корбурдашон дар байни гӯйишварон васеъ мебошад: *sar, můyi sar, mayzi sar, farqi sar, tori sar, toraki sar, joy, kom, jigar, kitf, růdayi borik, zonu, sari zonu, kəlčayi*

zonu, noxun, bozu, nof, mayna, gůš, panja ва ғайра. *«Бархе аз ин номҳо* (истилоҳоти колбадшиносӣ – Қ. Д. С.) *ҳамчун луғати бунёдии эронии бостон (дар мисоли забони "Авесто") дар омӯзиши муқоисавиву таърихии забонҳои қадими ҳиндуаврупоӣ якҷо бо забони ҳиндии бостон чандин бор аз ҷониби донишмандони забоншиносии ҳиндуаврупоӣ таҳқиқ ва арзёбӣ гардидааст»* [8, с. 81]. Ин гурӯҳи истилоҳоти колбадшиносӣ бидуни тағйири маъно дар гӯйиши дарвозиён бо ҳамон қиёфаи овозӣ ва маънои собиқаву азалӣ мустаъмаланд. *«Аксарияти калимаҳои асосии ин гурӯҳ,* – менависад профессор С. Хоркашев, – *барои забони адабии тоҷикӣ, шеваҳои забони тоҷикӣ ва, умуман, забонҳои эронӣ муштарак ҳисоб мешаванд»* [10, с. 115].

Теъдоди аъзами истилоҳоти колбадшиносӣ имрӯз дар таҳти таъсири қонунмандиҳои овоии гӯйиши дарвозӣ ба тағйироти савтӣ дучор гардидаанд: *dəl* – дил, *dahan//daan//daha//dan//daa* – даҳон, *noxu* – ноҳун, *kosaxunayi sar* – косахонаи сар, *pəšt* – пушт, *law* – лаб, *bənī – бинӣ, čəšm – чашм, astaɣu//astaɣun* – устухон, *avru* – абрӯ, *dandu* – дандон, *bəɣəm// bəɣum* – буғум, *garda* – гардан, *dəst* – даст, *dəm//dəmb* – дум, *dəmɣoza* – думғоза, ҷойи ба устухон часпидаи думи ҳайвонот ва парандагон, *zabu//zabun//zu//zun* – забон, узвест иборат аз порчаи гӯшти мутаҳаррик дар даҳон, *zabunča* – забонча, забонак, *bačadu//bačadun* – бачадон, заҳдон, нутфагоҳ, *zonī* – зону, *owxərak* – охураки китф, *mija//məža* – мижа, *miyun//miyu* – миён, *mana* – манаҳ, занах, *růdayi dəvozdaangušta* – рӯдаи дувоздаҳангушта, *sətunmura* – сутунмуҳра, *pušunī//půšunī* – пешонӣ, *šuna* – шона, *šīš//šəš* – шуш, *šəkam* – ишкам ва ғайра. Вобаста ба табиати овозии гӯйиш, овози *o* пеш аз ҳамсадоҳои димоғии *m* ва *n* ҳамеша ба *u* табдил ёфта, овозии ҳалқии *h* дар бештар маворид аз таркиби вожагон ҳазф мешавад. Умуман, таҳфифро метавон як ҳодисаи маъмулии гӯйиши дарвозӣ маҳсуб кард;

б) Дар гӯйиши дарвозӣ барои ифодаи мафоҳими тиббӣ вожаҳои маъмулии шевагӣ ва адабие дар гардиш қарор доранд, ки илова бар маънои бунёдӣ маънои нави истилоҳӣ гирифтаанд: *банди ало* – таноби рангаш сиёҳу сафед, *bandi dəst* – бозу, *навдаи каҷак* – навдаи фурӯхамида, *kajaki dəst* – оринҷи даст, *кундаи чинор* – чӯби ғафси чинор, *kəndayi sina* – қафаси сина, *муҳраи садафӣ* – навъе аз ороишот, *murayi gara(n)* – устухони гардан ва ғайра. Аз таҳлили вожагони боло маълум мегардад, ки истифодаи луғоти ғайриистилоҳӣ минҳайси истилоҳоти пизишкӣ яке аз роҳҳои асосии пайдоиши ин қабати луғот дар гӯйиши дарвозӣ ба ҳисоб меравад;

в) Падид омадани истилоҳоти тиббӣ дар заминаи вожагони хосси гӯйиш роҳи дигари зуҳури ин қабати мавзуист: *mak* – гардан, *parək* – қабурға, *arqa(n)* – шона, *gira* – милк, *sewjī* – сари рон, болои рон, *čəlik* – ангушти инсон, *narčəlik* – ангушти калон, *lik* – ангушти хурди инсон, *aloxša* – ҷоғ, *fəyak* – шонаи китф, *kərok* – жарфаки зери хекиртак, *siyalaw* – супурз, сипурз, *xəšək* – хамгашти рон, ҷое ки ронро ба тана мепайвандад, *kumaɣzək* – думғоза, *kalyak//kaliyak* – ҷоғ, манаҳ, занах, *qəməč* – рон, *kəndək* – сари (қафаси) сина ва ғайра. Роҳ ёфтани ин гурӯҳи истилоҳоти тибби суннатӣ ба осори илмии соҳа метавонад дар ғаномандии луғоти пизишкӣ нақши муассирро бар ҷой гузорад;

г) Бо роҳи вомгирӣ аз забонҳои бегона дар гӯйиши дарвозӣ як идда истилоҳоти тиббӣ арзи ҳастӣ карда бошанд ҳам, аз рӯйи теъдод миқдори камро ташкил медиҳанд: *me'da//meda//mehda//, želudka* ва ғайра. Метавон гуфт, ки ин роҳи ташакулли луғоти пизишкӣ барои гӯйиши дарвозӣ чандон хос нест ва эҳтимол меравад, ки дар таҳти таъсири тибби муосир дастае аз ин вожагон роҳ ба сӯйи тибби суннатӣ гирифта бошанд;

ғ) Тарзу тариқи истилоҳсозӣ дар гӯйиши дарвозӣ лоиқи таҳқиқ ва ҷолиби таваҷҷуҳ буда, луғоти пизишкӣ аз назари сохтори сарфиву наҳвӣ дар қолабҳои вожасозиву ибораороие падид омадаанд, ки комилан ба меъёрҳои вожасозӣ ва ибораорӯ дар гӯйиш мутобиқат мекунанд. Луғоти пизишкии марбут ба колбадшиносиро аз ин нуқтаи назар метавон ба чунин гурӯҳҳо тасниф намуд:

- Истилоҳоти содаи колбадшиносӣ: *awru, rag, astaɣu//astaɣun, gurda, čəšm, law, pəšt, půst, orinj, gůš, sina, jigar, noxu(n), bozu, bənī, nof, dəl, daha//daan//dahan//dan//daa, nůl, dandu, mak, bəɣum//bəɣəm, dəst, dəm//dəmb, lik, zabu//zabun//zu//zun, zonī//zonu, kətəf//kətf//kəft,*

mija//məja//miža, miyu(n), mana, me'da//mehda//meda, želudka, qəməč, aloxša, čəlik, kərok ва ғайра. Қаринанокии савтӣ аз вижагии хосси ин гурӯҳ ба ҳисоб меравад.

- Истилоҳоти сохтаи колбадшиносӣ: *dəmča, nayča, nara, xəčək, zabonča, xəšək, kəndək, talxa* ва ғайра. Ин дастаи истилоҳот бо усули сарфӣ сохта шуда, дар онҳо нақши пасвандҳои *-ča, -a, -ək//-ak* бузург аст. Ба пасванди *-ək, //-ak* сохта шудани 18 истилоҳи колбадшиносиро профессор С. Р. Раҳматуллозода дар осораш ёдовар шудааст [6, с. 74; 7, с. 69]. Аз таҳлили вожагони фавқ бармеояд, ки вожасозӣ аз манобеи асосӣ ва ҳамешагии такмил ва ташаккули луғоти пизишкӣ дар гӯйиши даврозӣ будааст. Сохти вожагон дар гӯйиши дарвозӣ рӯшан буда, пасвандҳо аз аҷзои кучактар бо маънии мушаххас ба дунболи решаи вожаистилоҳ пайванд меёбанд.
- Истилоҳоти мураккаби колбадшиносӣ: *narčəlik, dəmyoza//dəmbyoza, kuzapəšt, owxərak, siyalaw, kumayzək, kalyak//kaliyak, kərkərok* ва ғайра. Истилоҳоти мураккаби пизишкӣ бо усули вожасозии наҳвӣ-сарфӣ падид омадаанд. «*Ин усул дар забони тоҷикӣ* (ва, ҳамчунин, дар сохтани истилоҳоти колбадшиносии гӯйиши дарвозӣ – Қ. Д. С.) *басо сермаҳсул мебошад*» [3, с. 129].
- Ибораистилоҳоти колбадшиносӣ. «*Дар забони адабии тоҷик* (дар гӯйиши дарвозӣ низ – Қ. Д. С.) *ҳамчун калима бе ҳеч тағйирот истифода шудани таркибу ибораҳо мушоҳида мешавад*» [3, с. 129]. Ба ин падида лексиколизатсия шудани ибораҳо (калимагаройии ибораҳо) таъсири амиқ мегузорад. Дар гӯйиши мавриди таҳқиқ бахше аз истилоҳоти колбадшиносӣ дар заминаи калимасозии луғавӣ-наҳвӣ падид омадаанд. Чунончи*: mayzi sar, sari dəl, kosaxunayi sar, boloyi šəkam, růdayi borik, růdayi dəvozdaangušta, sari zonu, kəlčayi zonu, toraki sar, bandi dəst, kajaki dəst, kəndayi sina, murayi garda, kafki daha, owi daha* ва ғайра. Ин истилоҳоти колбадшиносӣ шакли яккалимаӣ надоранд ва мафҳуми тиббиро дар қолаби ибора ифода мекунанд.

2. Истилоҳоти дорушиносӣ. Дойираи истилоҳоти дорушиносӣ дар гӯйиши дарвозӣ нисбат ба сойири қабатҳои мавзуии луғоти пизишкӣ доманфарохтар аст. Гӯйишварон аз анвои зиёди гиёҳу алафҳо, буттаву мевачот, сабзавоту донвориҳо, хӯрданиву нӯшокиҳо дар тадовии анвои амроз истифода мебаранд, ки мо чанде аз онҳоро ин ҷо дар баррасӣ қарор медиҳем:

2.1. Номи гиёҳу алафҳо ва мевачоту сабзавот: *ka(h)* – алаф, растанӣ, гиёҳ, *anget* – як навъи буттаи хордори кӯҳӣ, ки гулаш ба гули ҷигда монанд аст ва рӯғани мевааш ба бисёре аз дардҳо давост, *zar(d)gəlak* – як навъи гул, *čoyka* – як навъи гиёҳ, *arzən* – навъе аз донворҳо, *vəlčak* ё *oxčayir* – як навъи растаниест, ки баргаш ба мушинг ва решааш ба качолу шабоҳат дошта, ширину муфид аст, *mumiyo* – мумиёӣ, як навъ моддаи сиёҳи мумшабеҳ, ки дар баъзе дараҳо пайдо шуда, ҳамчун дору барои шифо бахшидани ҷойҳои шикастаи бадан ва касалиҳои дарунӣ истифода мешавад, *sůzənka* – бо номи сӯзгиёҳ маъруф буда, барги он барои пайванддард ва тарбод даво бошад, *kavar* – навъе аз гиёҳ, *puplay* – як навъи гиёҳ, *kamol* – як навъи ферула, *širi xarak* – як навъи гиёҳи табобатӣ, *me'daka(h)* – як навъи алаф, *piyoz, bexpiyoz* – як навъи сабзавот, *rəšqayi lalma* – навъе аз алаф, *rəšqayi govak* – навъе аз алаф, *zuf, jif* – як навъи гиёҳ, *tuška* – як навъи сабзавот, качолу.

2.2. Анвои дарахтони табобатӣ: *šaftolī* – шафтолу, *amrut* – амрӯд, мурӯд, як навъи нок, *angur* – ангур, *anjir* – анҷир, *anor//nor* – дарахте, ки меваи донаӣ дорад, *sew* – себ, *kayun* – як навъи нок, *zardoli* – зардолу, *zardoliyi qoq* – меваи хушки дарахти зардолу.

2.3. Анвои моеъҳо, шарбат ва рӯғанҳои табобатӣ: *owi oliča* – шарбат аз меваи дарахти олубандак, *owi angur* – шарбат аз токи ангур, *owi nor* – шарбат аз меваи дарахти анор, *owi zardoli, zardoliyow* – шарбат аз меваи дарахти зардолу, *růyayi//růyani sayər* – моеъи ғафси аз чарби сағур ҳосилшуда, *růyayi//růyani xərs* – моеъи ғафси аз чарби хирс ҳосилшуда, *růyayi//růyani bodəm* – равғани ҳосилшуда аз меваи дарахти бодом, *šir* – моеъи сафеди аз сафеда бой, *asal* – маҳсулоти кишоварзӣ, ору. Дар тибби суннатии дарвозиён *širi asp, širi šətər, širi zan, nəməkow, owi boru(n)* ва ғайра барои табобати дардмандон васеъ истифода мешаванд. Таҳлили луғоти пизишкии мазкур бори дигар андешаи бебаҳси забоншинос С. Хоркашевро собит менамояд, ки нигоштааст: *«Нӯшокии асосӣ об аст ва дар*

ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ истифода шуда, дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бо тағйири савтии ***ов*** *мустаъмал аст»* [10, с. 91].

Истилоҳоти пизишкии мазкур ба василаи усулҳои маъмули вожасозии забони тоҷикӣ сурат гирифта, аз ҷиҳати таркиби сарфӣ ва наҳвӣ онҳоро метавон дар гӯйиш чунин тасниф кард:

- Истилоҳоти содаи дорушиносӣ: *alaf//'alaf, ка, anget, arzən, mumiyo, naxət, půdina, anjir, angur, nor, šir* ва ғайра.
- Истилоҳоти сохтаи дорушиносӣ: *vəlčak, sůzanak* ва ғайра. Ин дастаи истилоҳот бо усули сарфӣ сохта шуда, дар онҳо нақши пасванди *-ak* бузург аст. Дар тадқиқоти профессор С. Р. Раҳматуллозода ба сохта шудани 26 воҳиди луғавии марбут ба номи рустанӣ ва ақсоми он бо пасванди *-ək//-ak* ишораҳо меравад [6, с. 73; 7, с. 68].
- Истилоҳоти мураккаби дорушиносӣ: *bexpiyoz, kimyoalaf, kimyoka, zardoliyow, zarčůva, zargəlak, sadagəlak, sůzənka, tarbəz, nəməkow, me'daka* ва ғайра.
- Ибораистилоҳоти дорушиносӣ: *gəli kadu, gəli mahsar, pəčoqi nor, owi angur, owi nor, owi boru(n), růɣayi//růɣani saɣər, růɣayi//růɣani xərs, růɣayi//růɣani bodəm, širi asp, širi šətər, širi zan, rəšqayi lalma, rəšqayi govak* ва ғайра.

Ин бахши луғоти пизишкӣ дойираи хеле фарохи анвои моеъҳо, шарбатҳо, гиёҳҳо, наботот, ширу рӯған ва гушти ҳайвоноту ҷонварон, ағзияву доруворихои гуногунро фаро мегирад.

3. Истилоҳоти ифодакунандаи номи амроз. Чун дойираи истеъмоли истилоҳоти ин бахш хеле густурда аст, барои суҳулати таҳлилу баррасӣ метавон онҳоро дар бахшҳои зайл муттаҳид намуд:

3.1. Номгӯйи мушаххаси бемориҳо: *ayz//hayz* – ҳайз, хориҷшавии хун аз батни зан, *kůdakpartoyī* – исқоти ҳамл, *dardu sar//sardard* – як навъи дард, *xorəš* – як навъи бемории пӯст, *šəkamravī* – бемории маъмул, ки дар тибби муосир бо номи диарея машҳур аст, *joɣar* – ғуррӣ, *gəl* – гул, чечак, нағзак, обилаест, ки дар бадани кӯдакон барояд, ки хеле пурхавф аст, *gəli čəšm* – бемории чашм, ки ба тарзи доғ дар чашм пайдо шавад, *makdard* – гулӯдард, *damkůtayī* – бемории зиққуннафас, нафастангӣ, *dumana* – домана, тиф, арақи ҳасбадор, *kabutxəfa* – сурфакабудак, *kərmjigar* – навъе аз амроз, ки дар ҷигар пайдо шавад, *gərip* – зуком, тимоқ, *narək* – рихинак, гармича, *haqxərak* – захми хурде, ки дар нӯги забон барояд, *nəj//nəž* – як навъ касалии пӯст дар одаму ҳайвонот, ки онро озах низ гӯянд, *buɣma* – гулӯзиндонак, *pəčkak* – ҷароҳате, ки дар бадан барояд ва дохили он фасод дорад, *gumija//gəmija//gəmiža//gumiža*– гуммиҷа, говмижа, ҷароҳатест, ки бештар дар байни мижгон барояд, илтиҳоби пилки чашм, *gůšdard* – дарди гӯш, *zarparvin* – зардпарвин, зардча, зардпарма, заъфарма, *kəndabod* – варам кардани милки дандон, *ozax* – озах, севол, ағаз, *gazaki dandu* – илтиҳоби решаи дандон ва милки он, *šal* – фалаҷ, *širdun* – беморие, ки ба кӯдакон хос аст, *jigarsůzok* – зардаҷӯш, *xəfa* – сурфа, *xəfayi qoq* – сурфа бидуни балғам, *tawxol* – дар лаб пайдо шудани захм бар асари ноҷурии бадан ва таби баланд, *kůri* – пес, махав, *sagles* – як навъ беморӣ, ки осори он дар пӯст пайдо шавад, *daandard* – оқсил.

руи сиёх кардан - опозорить себя (сделать лицо черным)

ба гарди пои касе намерасидан - не годиться даже в подметки кому-либо.

Фразеологизмы, выражающие удивление/недоумение:

даҳон кушода мондан - разинуть рот от удивления (остаться с открытым ртом)

ҳайрон шудан - удивиться (стать удивленным)

ақл ба ҳайрат омадан - прийти в изумление (разум пришел в удивление)

сари ангушт газидан - кусать кончики пальцев (от сожаления или удивления).

Фразеологизмы, выражающие иронию/сарказм:

худро гирифтан - задаваться (брать себя)

аз мурча фил сохтан - делать из мухи слона

оби даҳони худро фуру бурдан - сдерживать себя, подавлять эмоции (глотать слюну) - может использоваться иронично, когда сдерживание дается с трудом.

худро ба кучаи дигар задан - делать вид, что не замечаешь, избегать разговора (повернуть на другую улицу).

Фразеологизмы, выражающие желание/надежду:

дил бастан - надеяться (привязывать сердце)

орзу доштан - мечтать (иметь мечту)

худо хоҳад - дай бог (если Бог захочет)

домони умедро аз даст надодан - не терять надежду (не выпускать подол надежды)

Особенности функционирования фразеологизмов в таджикском языке заключается в том, что они отличаются высокой степенью экспрессивности и образности, отражая особенности культуры и мировосприятия народа. Многие фразеологизмы связаны с традиционными занятиями, бытом, религиозными представлениями таджиков. Фразеологизмы имеют различную стилистическую окраску, от разговорной до книжной, что влияет на их употребление в разных ситуациях общения. Значение фразеологизма может варьироваться в зависимости от контекста.

Фразеологизмы являются важным и ярким средством выражения субъективной модальности в таджикском языке. Они позволяют говорящему передать широкий спектр чувств, оценок и убеждений, придать высказыванию эмоциональность и выразительность. Изучение фразеологизмов, выражающих субъективную модальность, является ключом к пониманию особенностей таджикского языка, культуры и мировоззрения.

Исследование роли фразеологизмов в выражении субъективной модальности в немецком и таджикском языках позволяет сделать следующие выводы.

Фразеологизмы в обоих языках выступают как эффективное средство выражения субъективной модальности, позволяя говорящему ярко и эмоционально передать свое отношение к сообщаемой информации, выразить широкий спектр чувств, оценок, убеждений, сомнений и других субъективных состояний.

Фразеологизмы обладают высокой степенью экспрессивности и оценочности, придавая высказыванию яркость, эмоциональность и убедительность.

В обоих языках можно выделить сходные типы фразеологизмов, выражающих уверенность / неуверенность, положительную / отрицательную оценку, удивление / недоумение, иронию / сарказм, желание/надежду.

Фразеологический фонд каждого языка отражает особенности культуры, истории, традиций и мировоззрения народа. Многие фразеологизмы связаны с традиционными занятиями, бытом, религиозными представлениями, историческими событиями, что придает им уникальный колорит.

Фразеологизмы имеют различную стилистическую окраску (разговорную, народную, книжную), что влияет на их употребление в разных ситуациях общения и в различных функциональных стилях речи.

Значение фразеологизма может варьироваться в зависимости от контекста, требуя от слушателя/читателя знания языковых и культурных особенностей.

Использование фразеологизмов способствует более эффективной и выразительной коммуникации, позволяя не только передавать информацию, но и оказывать эмоциональное воздействие на слушателя/читателя.

Дальнейшие исследования в этой области могут быть направлены на сопоставительный анализ фразеологизмов, выражающих субъективную модальность в немецком и таджикском языках, на выявление общих и специфических черт их семантики, прагматики и стилистики, а также на изучение их роли в формировании национальной идентичности и культурной коммуникации.

В заключение можно отметить, что фразеологизмы являются ценным и незаменимым средством выражения субъективной модальности, позволяющим носителям языка выразить свои чувства, оценки и отношения к миру во всем его многообразии.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Арутюнова Н. Д. Типы языковых значений. Оценка. Событие. Факт. – М. : Наука, 1988.
2. Виноградов В. В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке // Избранные труды. Лексикология и лексикография. – М. : Наука, 1977.
3. Ляпон М. В. Модальность. // Лингвистический энциклопедический словарь. – М. : Советская энциклопедия, 1990.
4. Телия В. Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты. – М. : Языки русской культуры, 1996.
5. Шанский Н. М. Фразеология современного русского языка. – М. : Высшая школа, 1985.
6. Раҳимов Р. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2000.
7. Шӯҳрат Исматиллоев. Фарҳанги мухтасари фразеологии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 2016.
8. Забурдияев В.И. Таджикско-русский фразеологический словарь. – Душанбе: Маориф, 1987.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1-2. – Москва: Советская энциклопедия, 1969.
10. Burger H. Phraseologie: Eine Einführung. – Erich Schmidt Verlag, 1010.
11. Dobrovol'skij D. Phraseologie: Theoretische Grundlagen und Anwendungsbereiche. – Westdeutscher Verlag, 1995.
12. Duden. Redewendungen: Wörterbuch der deutschen Idiomatik. – Dudenverlag, 2002.
1. 13. Fleischer W. Phraseologie der deutschen Gegenwartssprache. – Niemeyer, 1997.
13. Lyons J. Semantics. – Cambridge University Press, 1977.
16. Kühn P. Der Ausdruck der subjektiven Modalität im Deutschen. – Scriptor Verlag, 1983.
17. Klappenbach R., & Steinitz, W. Wörterbuch der deutschen Gegenwartssprache. – Akademie-Verlag, 1978.
2. 17. Schemann H. Deutsche Idiomatik: Wörterbuch der deutschen Redewendungen im Kontext. – Walter de Gruyter, 1993.

ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ КАК СРЕДСТВО ВЫРАЖЕНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ МОДАЛЬНОСТИ (НА МАТЕРИАЛЕ НЕМЕЦКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ)

В статье исследуется роль фразеологизмов в выражении субъективной модальности в немецком и таджикском языках. Фразеологизмы, обладая экспрессивностью и оценочностью, позволяют говорящему выразить свое отношение к сообщаемой информации, передать широкий спектр эмоций и оценок. В статье анализируются различные типы фразеологизмов, используемых для выражения субъективной модальности, рассматриваются особенности их семантики и прагматики, а также их стилистическая роль внемецком языке. Особое внимание уделяется влиянию контекста на интерпретацию фразеологизмов и их способности создавать определенный эмоциональный фон высказывания. Также рассматривается роль фразеологизмов в выражении субъективной модальности в таджикском языке, анализируются различные типы фразеологизмов, используемых для выражения субъективной модальности, рассматриваются особенности их семантики и прагматики, а также их стилистическая роль в таджикском языке.

***Ключевые слова**: фразеологизмы, субъективная модальность, немецкий язык, таджикский язык, экспрессивность, оценочность, идиомы, пословицы, поговорки, стилистика, контекст.*

Сведения об авторе: Махмудова Сайёра Сафаровна- ГОУ "Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали ибни Сино", доцент кафедры иностранных языков. Адрес: 734026, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Сино 29-31. E. mail: s. mahmudova. 82@mail. ru тел 009775056

PHRASEOLOGICAL UNITS AS A MEANS OF EXPRESSING SUBJECTIVE MODALITY (BASED ON THE GERMAN AND TAJIK LANGUAGES)

The article examines the role of phraseological units in the expression of subjective modality in German and Tajik. Phraseological units, being expressive and evaluative, allow the speaker to express his attitude to the information being communicated, to convey a wide range of emotions and assessments. The article analyzes various types of phraseological units used to express subjective modality, examines the features of their semantics and pragmatics, as well as their stylistic role in the German language. Special attention is paid to the influence of context on the interpretation of phraseological units and their ability to create a certain emotional background of utterance. The article also examines the role of phraseological units in expressing subjective modality in the Tajik language, analyzes various types of phraseological units used to express subjective modality, examines the features of their semantics and pragmatics, as well as their stylistic role in the Tajik language.

Keywords: *phraseological units, subjective modality, German, Tajik, expressivity, evaluativeness, idioms, proverbs, sayings, stylistics, context.*

Information about the author: Makhmudova Sayora Safarovna - SEI "Tajik State Medical University named after Abuali ibni Sino", Associate Professor of the Department of Foreign Languages. Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino str. 29-31. E-mail: s. mahmudova. 82@mail. ru phone 009775056

ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИФОДАИ МОДАЛИЯТИ СУБЪЕКТИВӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ЗАБОНҲОИ ОЛМОНӢ ВА ТОҶИКӢ)

Дар мақола нақши воҳидҳои фразеологӣ дар ифодаи модалнокии субъективӣ дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ баррасӣ шудааст. Воҳидҳои фразеологӣ хусусияти ифоданокӣ ва баҳодиҳӣ дошта, ба сухангӯ имкон медиҳанд, то муносибати худро ба иттилооти ирсолшуда баён намуда, доираи васеи эҳсосот ва баҳоҳоро ифода кунад. Дар мақола навъҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ, ки барои ифодаи модалнокии субъективӣ истифода мешаванд, таҳлил шуда, хусусиятҳои семантика ва прагматикаи онҳо, инчунин нақши услубиашон дар забони олмонӣ баррасӣ шудааст. Дар мақола ба таъсири контекст, тафсири воҳидҳои фразеологӣ ва қобилияти онҳо барои эҷоди заминаи муайяни эҳсосии баён таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Нақши воҳидҳои фразеологӣ дар ифодаи модалияти субъективии забони тоҷикӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифта, навъҳои гуногуни воҳидҳои фразеологии барои ифодаи модалии субъективӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои семантика ва прагматикаи онҳо, инчунин нақши услубии онҳо дар забони тоҷикӣ баррасӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, модалияти субъективӣ, забони олмонӣ, забони тоҷикӣ, ифоданокӣ, баҳодиҳӣ, идиомаҳо, зарбулмасалҳо, маколҳо, услубшиносӣ, контекст.

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳмудова Сайёра Сафаровна-МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроға:734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Сино 29-31. E. mail: s. mahmudova. 82@mail. ru тел 009775056

УДК: 398.2(574.5)

БОЗТОБИ ПАРӢ ДАР АФСОНАҲОИ СЕҲРОМЕЗИ ТОҶИКӢ

Носирова Л.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Эҷодкорону ровиён дар офаридани афсона, бахусус афсонаҳои сеҳромез паҳлуҳои мухталифи ҳаёти одамонро бо истифодаи сеҳру ҷоду ва чизҳои ғайриодӣ инъикос намудаанд. Ин хусусият арзиши афсонаҳои сеҳромезро нисбати дигар навъҳои афсона афзун гардонида, ҳаводорони зиёдеро соҳиб гардидааст. Тавре муҳаққиқон дар китоби "адабиёти гуфтории тоҷикон" дарҷ намудаанд: Дар афсонаҳои сеҳромез нақши тахайюл бармало ба чашм мерасад, ки воқеа, персонаж, чизҳои сеҳромез ва ғайраҳо дар муҳити ғайриодӣ қарор доранд [15, с. 161]. Барои обуранг гирифтан, ҷолибу шавқовар шудани он, нишон додани қуввaҳои некиву бадӣ ва тарбияи мардум афсонапардозон аз як қатор образҳои устуравӣ, аз қабили дев, аждаҳо, парӣ, аспи болдор низ истифода кардаанд. Дар афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ одатан қуввaҳои некиву бадиро бо истифодаи образу персонажҳои мухталиф, аз ҷумла фавқуттабиӣ тасвир намудаанд. Парӣ, Симурғ, аспи

болдор ва амсоли инҳо аз образҳоеанд, ки дар афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ ҳамчун персонажи ёрирасон ифода ёфтаанд. Ин образҳои дар қатори қуввaҳои некӣ шомил буда, барои ба мақсад расидани қаҳрамон амалиёти муҳимро ба сомон мерасонанд, яъне дар ҷараёни ба мақсад расидани қаҳрамони афсона фаъолияти онҳо бевосита ба мушоҳида мерасад. Маҳз бо кӯмаки персонажҳои хуб қаҳрамони афсона мушкилиҳоро паси сар карда, ғолибиятро ба даст меорад. Махлуқи афсонавие, ки бо рафтору хислатҳояш ҳамчун персонажи фаъол дар байни халқу миллатҳои гуногун маъмул аст, парӣ мебошад. Парӣ ҳамчун персонажи мусбат ва асосии бархе афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ буда, дар мақолаи фавқулзикр он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи образи баррасишаванда муҳаққиқони зиёде дар китобу мақолаҳояшон навиштаанд. Оид ба образи парӣ аз таҳқиқоти коршиносони русу тоҷик, аз қабили В. Я. Пропп, М. В. Попов, А. Н. Померанцев, В. А. Варонцов, А. Н. Афанасьев, Л. Н. Виноградова, Д. К. Зеленин, С. А. Токарев, О. А Сухарева, Н. Маъсумӣ, О. Муродов, Р. Амонов, Д. Обидов, Н. Шакармамадов, Г. Ризвоншоева, А. Раҳмонзода, С. Наим, Д. Раҳимӣ, Н. Қурбонхонова ва дигарон маълумоти саҳеҳтар гирифтан мумкин аст.

Сужети парӣ зоҳиран хеле қадимӣ буда, дар фолклори бисёре аз халқҳо мушоҳида карда мешавад. Ин образ бо ақидаҳои демонологии Эрони қадим алоқа дорад, ки худи истилоҳи парӣ авестоии «пайрика» ба ин далолат мекунад. Дар Маздоясно парӣ ба сони яке аз мазҳарҳои шар ва аз доҳиҳои аҳриманӣ ангошта шуда ва бозтоби ин ангора дар адабиёти зардуштӣ чунон аст, ки аз парӣ ҳамеша ба зиштӣ ёд рафтааст” [1, с. 237]. Бояд қайд кард, ки дар Авесто ба «пайрика» муносибати манфии дини зардуштӣ дида мешавад. Дар дигар адабиёти динии форси миёна ва дар навиштаҳои паҳлавӣ низ парӣ аз мавҷудоти аҳриманӣ аст, ки аз нерӯи ҷоду бархӯрдор аст ва метавонад ҳар он гоҳ ки бихоҳад намуд ва пайкари худро тағйир диҳад” [6, с. 45-47].

Аксари манбаъҳои таърихиву устуравӣ париро ба гунаи образи манфӣ нисбат додаанд. Тибқи маълумоти М. Р. Раҳимов он ба қатори рӯҳҳои бад дохил мешудааст: «Рӯҳҳои фавқуттабиа одатан бо истилоҳи рӯҳу арвоҳ, «ҷондор» ҷамъбаст карда мешаванд. Ба ин асосан персонажҳои демологӣ, ба монанди ҷин, аҷина, ғул, парӣ, шайтон, албастӣ, дев дохил мешаванд. Тамоми ин рӯҳҳо дар байни халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна рӯҳҳои бад ҳисоб меёбанд» [14, с. 92].

Чун миёни мардуми тоҷик ибораҳои «*паривара*», «*парӣ ёр шудан*» хеле маъмул аст. Одамон бар он назаранд, ки баъзе инсонҳо бо таъсири парӣ ба бемории рӯҳӣ гирифтор мешаванд. Гӯё ба ин гуна одамон парӣ ҳамроҳ шуда, онҳоро аз роҳ мебарорад ва ба ҳар куҷо мебарад. Ҳатто мувофиқи бархе ақидаҳо гӯё парӣ бисёртар ба ҷавонону духтарони зебо майл мекардааст. Вале мардум ба маънои луғавии парӣ таваҷҷуҳе зоҳир накарда, дар баробари шунидани калимаи парӣ зани зебову башораткунанда, ки қудрати ҷоду карданро доро мебошад, пеши назар меоранд. Аз сарчашмаҳо бар меояд, ки баъди густариши дини ислом симои парӣ аз нав зинда гашта, дар мадди эътиқоди мардум қарор гирифт. Чунки дар афсонаҳо образи парӣ ҳамчун махлуқи бахшандаи ганҷу дороӣ, зани зебои болу пардор, латифу ҷамил ва некӯкору ҷаззоб ва зани хубчеҳраву мададгор аст. Аммо хеле фаровон корбаст шудани маънои мусбати вожаи парӣ дар назми асримиёнагии форс-тоҷик низ ба мушоҳида мерасад ва асрҳо боз дар устураи тоҷикон он ҳамчун образи мусбат ҳифз шудааст [8, с. 287]. Дар афсонаву ривоятҳои халқӣ ҳам вай бештар ба сифати дӯсти одамизод баромад мекунад. Аз ин рӯ, образи парӣ ҳанӯз дар доираи ақидаҳои мардуми Эрони қадим объекти парастиши халқҳое буд, ки дини онҳо бар зидди зардуштия мубориза мебурданд. Миёни мардуми ориёитабор он ҳамчун образи зебою афсонавӣ ба таври густурда маъмул аст. “Дар фолклори тоҷик, дар бисёр афсонаҳои сеҳромез образи париҳо ба назар мерасанд, ки мувофиқи тасаввуроти асотирии мардуми тоҷик, махлуқи зансурати зебое мебошанд” [13, с. 128-129].

Парӣ, ки дар афсонаҳо одатан образи онро дар шакли духтари соҳибҷамоле нишон медиҳанд, дӯсти одамизод шуморида шудааст. Он дар бисёр маврид ба одам ёрӣ мерасонад,

роҳ нишон медиҳад ва мушкилоти ӯро осон менамояд. Дар фолклор, бахусус афсонаҳои мардуми славян низ ин образ бо номи «парии обӣ» (русалка) шинохта шудааст [11, с. 68-72].

Маълум аст, ки аксари муҳаққиқон, умуман мардуми дунё париро ҳамчун образи мусбат баҳо додаанд. Аз ҳамин лиҳоз, одамон онро ба як духтари зебову нозанин монанд кардаанд ва дар тасвирҳо бештар ба шакли зан (парипайкар) таҷассум ёфтааст. Вале қобили зикр аст, ки образи парии аз ҷисни мард ҳам ба мушоҳида мерасад. Ҳатто дар баъзе афсонаҳои тоҷикӣ бевосита аз аслу насаби париён (оилаву авлоди онҳо) сухан меравад. “Духтари шоҳи париён” [4, с. 5-11], “Духтари зебои парӣ” [17, с. 37-39] ва даҳҳо афсонаҳои дигари тоҷикӣ метавонанд далели ин гуфтаҳо бошанд.

Парӣ зоҳиран шабеҳи зани зебоест, ки беҳамто ва бисёр боҳушу зирак аст. Дар мавриди ба вуҷуд овардани образи парӣ мушоҳидакорӣ ва тахайюли ноқилон хуб ҳис карда мешавад. Пеш аз ҳама дар афсона хислатҳои табиии ин персонаж дуруст акс ёфтааст. Дар аксари афсонаҳои тоҷикӣ он ҳамчун зани соҳибҷамол тасвир шудааст. Яъне аз як тараф парӣ таҷассумгари образи устуравӣ бошад, аз тарафи дигар ба василаи он дар афсонаҳо тоифаи занони зебову ҳурлиқо ва ҷаззоб инъикос ёфтаанд. Аммо мазмуни афсонаҳои тоҷикӣ бисёртар бозгӯи парии устуравиянд, ки ба воситаи сеҳру ҷоду ба қаҳрамон кӯмак мерасонад. Аз ин лиҳоз, парӣ ҳамчун образи фавқуттабиӣ аз ҷониби ноқилон пурратару ҷаззобноктар ба риштаи тасвир кашида шудааст. Дар афсонаи “Шоҳ ва парии Тилоӣ” омадааст, ки гӯё шоҳ дар синни ҳафтсолагиаш ба парии Тилоӣ ошиқ мешавад ва бо мақсади бо ӯ издивоҷ кардан ҳама шоҳдухтарон, ҳатто дигар париҳоро рад мекунад. Вақте ки шоҳ ба ҷангали Мозандарон меравад ва дар баробари париро дидан дар ҳусну ҷамоли ӯ мафтун мешавад. Дар ниҳоят шавҳари парии Тилоиро, ки деви Тилоӣ буд, кушта худи париро ба занӣ мегирад [17, с. 105-107].

Бояд тазаккур дод, ки парӣ дар бисёр афсонаҳо аксар вақт имдодрас ва ғамхори одамон тасвир мешавад. Бо кӯмаки парӣ, бо зиракию ҳушёрӣ ва афсуну сеҳраш қаҳрамони афсонаҳо на фақат соҳиби молу мулк мешаванд, балки аз марг низ наҷот ёфта ба мақсад мерасанд. Дар афсонаи “Водареғ”, ки байни мардуми тоҷик хеле маъмул аст, кӯмаку меҳрубонии парӣ хеле возеҳ тасвир ёфтааст. Вай бо оқиливу таҳаммулпазириаш қаҳрамонро борҳо аз мушкилотҳо берун меорад ва ба воситаи сеҳру ҷоду ҳатто наздикони ӯро сиҳат мекунад. [4, с. 41].

Доир ба ин хусусияти образи парӣ муҳаққиқ Раҳимӣ Д. қайд намудааст, ки: “Дар афсонаҳо паридухтарон вафодор ва намакшиносанд, аммо баръакси онҳо ҷавони қаҳрамони афсона ва умуман, инсонҳо аҳдшикан мебошанд ва ин хислати нохуби одамон боиси сар задани моҷароҳои дигар мешавад” [12, с. 289].

Аз мазмуни афсонаҳо бар меояд, ки аксар вақт парӣ ба инсон ёрӣ мерасонад ва ё ӯро аз ягон фалокат наҷот медиҳад. Афсонаи тоҷикие (беном), ки аз Фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дастрас гардид, таҷассумгари хубии парӣ бар қаҳрамони афсона мебошад, ки дар ҳолати нобуд гардидани бача аз дасти падари худ париён ӯро аз мақсади падараш огоҳ карда, наҷот медиҳанд: *“. . . Бача рафт паси куи Қоф гуфтак, ки як гугирд те.*

Кампир (парӣ) гуфт чо мекунӣ?

Гуфтак ки отам яг чумчуқ задак, пухта хурем.

Баъд вай гуфтак ки отат тура ғайрати нест кардан дора(д). Биё ту қати ами чил парӣ гард.

Бача рози нашид.

Баъд кампир гуфтак ки: биё як пустаку як муза метиямта и пустак бари ягон ҷо рафтану муза бари аз дарё гузаштан” [21, с. 3547-3551].

Ровӣ ё ноқил бо овардани чунин эпизод нишон додааст, ки парӣ ҳатто аз як идда наздикони бадтинат ҳам меҳрубонтару ғамхортар аст. Барои аз ҳадафи нопоки падар эмин доштани бача модарпарӣ ба ӯ пешниҳоди ба дуриҳо рафтанро медиҳад ва бача қабул карда, ба як шаҳри ғайриодӣ меравад. Қобили зикр аст, ки барои мувофиқ кунонидани образи парӣ бо мазмуни афсона ноқилон онро бештар дар шаклҳои гуногун тасвир менамоянд.

Вале афсонаи фавқ париро дар сурати модари мушфиқу меҳрубон ва нисбати фарзандон ғамхор инъикос намудааст.

Парии дар афсонаҳо инъикосгардида, ки бунёдаш бисёртар устура аст, дорои қувваи сеҳру ҷоду буда, худро ба шаклу намудҳои гуногун табдил медиҳад. Муҳаққиқон аз рӯи таъйинот ва тағйири шакл кардан образи париро ба чор гурӯҳ: антропоморф – париҳое, ки дар сурати инсон тасвир ёфтаанд, зооморф – париҳои қиёфаи ҳайвон дошта, нимҳайвон ва нимодам, чеҳраи тимсолӣ – дар сурати ҳодисаву ягон чизи дигар тасаввур шудани париҳо тақсим кардаанд. Париҳое, ки ба гурӯҳи якум шомиланд, хеле барҷаста тасвир ёфтаанд, яъне онҳо аз ҳад зиёд зебо буда, нафосату дилчаспӣ, мафтункунандагӣ хусусияти хосси онҳо ба шумор меравад. Этнографи рус Снесерев Г. П. дар раванди омӯзиши устураи пешазисломии Хоразмиён париҳоро чунин нисбат додааст: “Париён одатан намоди антропоморф дошта, дар сурати духтар ва писари зебо тасвир ёфта бошанд ҳам, баъзан ба сифати ҷонвар, кабӯтар ё оташ низ дида мешаванд” [18, с. 28].

Дар фарҳанги мардуми тоҷик ҳам парӣ ҳамчун образи ғайритабиӣ дониста шуда, дар тасаввуроти одамон бо қиёфаҳои гуногун намудор мешавад. Ҳангоми тадқиқоти устураи мардуми Бадахшон Б. А. Литвинский дар ду тарз қой доштани образи парӣ дар тасаввуроти мардуми Помирро қайд мекунад: “Тибқи эътиқоди помириҳо париён ба неку бад, зану мард ва мусулмону кофир тақсим мешудаанд. Париҳои хуб дар сурати зооморф – паррандаи зебо (кабӯтар, тӯтӣ, лочин) ҳувайдо мешаванд, ҳамчунин дар шакли мори сафед ё зард ҳам даромаданашон мумкин аст. Париҳои бад бошанд, намуди мори заҳрнок, қурбоққа, сангпушт, йиртқич ҳайвонлар, хусусан юлбарсро дар худ мегиранд” [7, с. 94].

Муҳаққиқи дигари рус О.А. Сухарева мавҷуд будани парӣ дар намудҳои гуногун миёни мардуми Қаротегин ва Бадахшонро муайян кардааст. Парӣ дар тасаввуроти тоҷикони водинишин дар намуди мор (шояд ҳамин гуна ақидаҳо сабаб шуда бошанд, ки имрӯз низ мардум ба нек), сангпушт ва ғук вомехӯрад [20, с. 172-176]. Масалан: *«Бачаи хурдӣ ба лаби сангоб / лаби серсанги дарё рафт, тири камони худро дар дасти ғуке дид, ғукро гирифта ба хона омад. Ин ғук Холдонаи Паризода буд. Аз хушрӯгиаш лиқоба пӯшида буд»* [9, с. 76]. Намудор шудани парӣ ба гунаи мор, қурбоққа ё сангпушт дар афсонаҳои тоҷикӣ хеле кам дида мешавад. Шояд шароити офариниши афсонаҳо инро талаб намоянд. Аммо андешаи омезишёбии фарҳангҳо миёни халқу миллатҳо дида мешавад. Зеро дар сурати қурбоққа зоҳир шудан ва бо об рабт доштани парӣ дар фолклори русҳо бисёртар дида мешавад. Вариантҳои афсонаи болозикр ҳам шаҳодат аз он медиҳанд, ки мазмуни афсона ба варианти афсонаи русии “*Малика-қурбоққа*” [2, с. 201-205] шабоҳат дорад. Дар маҷмуъ овардани чунин персонажҳо дар афсонаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки қаҳрамони афсона вақте ба мушкилот дучор меояд ва чи кор карданашро намедонад, мехоҳад, ки парӣ барин махлуқ ба ӯ ёрӣ расонад то ба мақсадаш бирасад. Аз ҳамин хотир, онро дар ҳар навъ тасвир мекунад.

Бояд ёдовар шуд, ки образи парӣ бисёртар ба сурати кабутар тасвир мешавад, ки ин эпизод, яъне дар шакли кабутар ҳозир шудани парӣ қариб дар ҳама афсонаҳо якранг аст. Дар аксари афсонаҳо воҳӯрии парӣ бо қаҳрамон ва ё образҳои дигари афсона (одамон дар назар аст), як хел сурат мегирад. Паррандае аз ҷониби осмон парвоз карда меояд ва баробари ба замин фурӯд омадан ба сурати одамӣ табдил меёбад. Ё баръакс ҳангоми дар шакли инсон амал кардан хатар ё таҳдидеро эҳсос намуда, баъзан дар вақти фирор ба кабутар мубаддал шуда, дар як лаҳза ба осмон парида аз назар ғоиб мешавад. Парӣ бештар дар намуди паррандаи зебо – кабӯтар тасвир меёбад: *«Ногоҳ ба гирду атроф шунаҳ дода, паррандае аз болои сарашон гузашт. Нигоҳ карданд: чунон зебо, ки мислашро дар дунё ҳеҷ кас надидааст.*

Тур андохта, дошта гирифтанд.

Вай паранда не, парӣ, духтари шоҳи париён буд» [5, с. 5].

Раванди дастрас карда гирифтани ин парранда тавассути тур собит менамояд, ки дар ин афсона парӣ ба сурати кабутар зоҳир гаштааст.

Одатан париҳо дар намуди кабутар аз паси кӯҳи Қоф ба макони одамон меоянд (дар замонҳои пеш аз сабаби он ки одамон ҳар гуна паррандаву ҷонваронро хуб намешинохтанд

ва бо дидани онҳо дар тааҷҷуб мешуданд ва аксар вақт паррандаҳо аз паси кӯҳҳо гузашта баъд ба одамон намудор мешуданд, он одамон дар тасаввури худ мепиндоштанд, ки гӯё парӣ ё ягон махлуқи ғайритабиӣ аз паси кӯҳи Қоф – макони афсонавӣ меояд) ва бо як ғел задан ба шакли одамӣ даромада, ба ҷинси одамизод изҳори муҳаббат мекунанд:

“Дар афсонаҳо париҳо ҳамчун духтари зебову нозанин тасвир шуда, мамлакати онҳо дар пушти кӯҳи Қоф аст. Паридухтарон бештар ба назари паҳлавонон ё қаҳрамонҳо аён шуда, онҳоро бо итоату қабули ойини худ ҷалб мекунад ва ба мулки худ бурданӣ мешаванд ва ғайра” [13, с. 129].

Мазмуни бисёре аз афсонаҳо пушти кӯҳи Қоф будани макони аслии париҳоро нишон медиҳад: *«Модар ба андеша монду сонӣ гуфт:*

-Писарам, бидон, ки ман аз ҷинси парӣ мебошам, ҷинси мо-париҳо дар пушти кӯҳи Қоф зиндагӣ мекунанд» [10, с. 52].

Манобеи таърихиву адабӣ ва фолклории қадим ҳам бозгӯи ин андаше буда, дар аксари сарчашмаҳо кӯҳи Қоф, ки макони афсонавӣ ба шумор меравад, манзили париро ба он ҷо нисбат додан амри муқаррарист. Вале макони дигаре, ки бо ин образ ҳамбастагӣ дорад, кӯлу дарё ва ҳавзу обанборҳо мебошад. Тавре ки қайд гардид, бархе аз афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ бо афсонаҳои халқҳои дигар омезиш ёфта, мазмуни умумиро касб кардаанд. Обро бошишгоҳи парӣ ҳисобидан ҳам дар афсонаҳои халқҳои дигар зиёдтар дида мешавад. Дар афсонаи “*Қоқогулӣ*” низ аз қаъри об баромадани парӣ тасвир шудааст: “*Се кӯзая лаби ҳавз-ба монду яг кӯза-ба об гирам гуфт, ки ад даруни ҳавз яг паризода буромад. . . ”* [4, с. 125-138]. Ин афсона далел бар он медиҳад, ки париён одати дар дохили обҳо низ зиндагӣ карданро доранд.

Дар мавриди издивоҷи парӣ бо инсоният ва дигар махлуқоти ғайритабиӣ бисёр афсонаҳои сеҳромез эҷод шудаанд. Муҳаққиқоне чун Померанцев, Афанасев, М. Икромифар, С. Наим, Д. Раҳимӣ дар мақолаву рисолаҳояшон нисбати ин масъала андешаҳои ҷолиберо овардаанд. Ҳатто чунин андеша аз адабиёти гуфтории мардуми форсу тоҷик ба адабиёти хаттӣ роҳ ёфта, мавқеи муайянро соҳиб гардидааст.

Асосан афсонаҳо таҷаллигоҳи воқеии шодиву ғамҳои мардум аст ва бо таваҷҷуҳу бовар доштан ба онҳо инсонро дар зиндагӣ боумед мегардонад. *“Ман се писар доштам. Рӯзе ба болои боми мо, се кабӯтар омад. Кабӯтарон ба поён фуромада, дар рӯи хокистартӯда ғел зада, се парӣ шуданд ва ба писарони ман изҳори муҳаббат карданд. Писаронам ҳам бо розигии ман ба онҳо хонадор шуданд”*

Бояд қайд кард, ки эпизоди мазкур дараҷаи баланди инъикоси хислат ва характери париҳо мебошад. Пеш аз ҳама муҳаббат ва садоқати беинтиҳои парӣ диққатҷалбкунанда аст. Вай тамоми кори аз дасташ меомадаро мекунад, то ки ишқ ва муҳаббат ба нокомӣ дучор наояд. Маҳз ҳамин ишқ сабабгори ҳалокати падар мегардад. Чизи дигаре, ки дар ин афсона ба назар мерасад, аз дев рӯидани парӣ мебошад.

Дар раванди омӯзиши фарҳанги мардуми тоҷик мардумшинос О. А. Сухарева оид ба демонологияи халқи тоҷик низ маълумот гирдоварӣ кардааст. О. А. Сухарева тибқи мушоҳидаҳои худ дар мақолаи «Бозмондаҳои демонологӣ ва шамангарӣ дар байни тоҷикони водинишин» аз се тоифаи рӯҳҳо ёдовар шудааст, ки яке аз онҳо парӣ мебошад. “Ба тоифаи севум парӣ-махлуқе, ки бо инсон изҳори муҳаббат ва ҳатто муносибатҳои маҳрамона дошта метавонист, дохил мешуданд” [19, с. 45-47].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, дар байни париҳо дараҷаи махсус – париҳои обӣ мавҷуданд. Муносибати парӣ бо об хеле диққатҷалбкунанда буда, ҳамбастагии фарҳанги халқу миллатҳоро нишон медиҳад: «*Як рӯз дайрова ҳобозӣ када шиштагӣ вақташба писари подшоҳ, чилта кафтар мебиёд. Чилта кафтарам парӣ будан. Иноям ҳар рӯз ҳабозива меомадан. Якта а ҳама майда ин пошшобачая нағз мебинад. Як рӯз пошобача ҳабозива даромадагӣ вақтба ҳамун кафтар вая чизоша гифта рус мекунад. Бача мибурод, ки чизош нест. Ҳайрон шуда лаби дайрова ӯйла када шиштагӣ вақтба як кафтар мибиёду як ғел мезанаду як духтари хушрӯ мешуду чизи ин бачая бурорда митияд. Ҳамун ҷава ин паридухтар бачая нағз мебинад, бача паридухтара»* [3, с. 52].

Аз замонҳои қадим мардуми тоҷик дар бораи парӣ ва хислату характери он қиссаву

афсонаҳои гуногунро эҷод кардаву нақл намуда, то замони имрӯз аз даҳон ба даҳон интиқол додаанд, ки боиси арзи ҳастӣ кардани ин образи устуравӣ гардидааст. Албатта, дар ин марҳилаи тӯлонӣ (аз мавҷудияти андешаҳо оид ба пайдоиши парӣ то имрӯз) дар ҷаҳонбинии мардум дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайвастаанд, аммо парӣ дар афсонаҳо аҳамияту мавқеи худро аз даст надодааст.

Ҳодисаи бо об рабт доштан ва ба қаҳрамони афсона ошиқ шудани парӣ дар афсонаҳои дигар халқу миллатҳо низ дучор мешавад. Дар ин гуна тасвир парӣ ба парранда мубаддал намешавад, бисёртар ба сурати духтари зебо ва ё дар мавриди зарурӣ ба қурбоққа табдил мегардад. Омӯзиши афсонаҳои тоҷикӣ нишон дод, ки парие, ки дар қаъри об зиндагӣ мекунад, аксаран дар сурати духтари хушлиқо ва нозанин намудор мешавад.

Парӣ дар тасаввури мардум ҳамчун махлуқи мусбату ёрирасон аст. Аз ин лиҳоз, симои парӣ дар тахайюли онҳо зебову мафтункунанда акс ёфтааст. Образи парӣ дар афсонаҳо чун бароварандаи ҳоҷат ва амаликунандаи орзуву омоли мардум инъикос гардидааст. Дар ҳақиқат он чи ки одамон дар воқеият ба хостаҳояшон намерасанд, тавассути афсона ва образҳои мусбии он дастрасӣ пайдо мекунанд.

Афсонаҳои тоҷикие, ки образи парӣ инъикос шудааст, аз муҳимтарин афсонаҳо буда, барои ташаккули рӯҳияи инсон басо заруранд. Афсонаҳои парӣ дорои унсури муҳим ҳастанд, ки онҳоро аз дигар афсонаҳо ҷудо мекунад, чунки ин афсонаҳо ҳам аз ҷиҳати моҳият ва ҳам аз ҷиҳати шакли зоҳирӣ, ҳамчунин аз назари муҳтаво ва мазмун тафовут доранд. Ин қабил афсонаҳо ба кӯдакону наврасон рӯҳияеро мебахшад, ки мушкилоти зиндагиро чи тавр ҳал карданро омӯзанд. Вазъияту ҳолатҳои қаҳрамон, муносибати ӯ бо персонажҳо кӯдакону наврасонро ҷасорати махсус бахшида, онҳоро шӯҷоъ ва далер тарбият мекунанд.

Қаҳрамонони афсонаҳо асосан қаҳрамоне ҳастанд, ки маъмулӣ ва аз табақаи поёнии ҷомеа мебошанд. Бо талошу заҳматҳои зиёд ба мақсад мерасанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тавассути чунин қаҳрамонҳо мардумро огоҳ месозанд, ки талош варзанд, мебориза баранд, то ба хостаҳояшон бирасанд. Аз ин лиҳоз парӣ барин образҳо аз мушкилот чи гуна пирӯз шудан ва умед кардан ба зиндагиро ба онҳо ёд дода онро тақвият мебахшад. Дар охир худ тавоноию қудрати қаҳрамон мешаванд. Ҳадаф аз ин гуна афсонаҳои ахлоқӣ аз як тараф водор кардани мардум аз пиндоштани рафтори дуруст ва ё нодуруст мебошад. Аз тарафи дигар, омӯзиши мухотаб буда, хашс чунон зиндагӣ намояд, ки хурдтарин монеаро бинад ва аз он ибрат бигирад.

Хоҳ дар тасаввури мардум хоҳ дар афсона парӣ танҳо ба сурати зани ҷавону зебо ва хушқомат намудор мешавад. Одамон эътиқод бар он доранд, ки парӣ ҳамеша хайррасону мусбат ва мунису мададгори одамизод аст. Қаҳрамонони афсонаҳо дар бисёр маврид бо парӣ иртибот доштанд ва парӣ доимо онҳоро кӯмак мекард. Ин дар анҷомёбии афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ зоҳир гардида, рӯҳияи мусбате ба шунавандагон мегузорад. Аз ин хотир, хурду калон афсонае, ки дар он образи парӣ тасвир ёфтааст, меписанданд.

Дар шароити имрӯза дар тасаввуроти мардуми одӣ образи парӣ ҳамчун образи ғайривоқеӣ нақш баста, аз зиндагии воқеӣ берун аст. Решаи он ба эътиқоди қадим рафта мерасад, аммо дар афкори одамони муосир он на ин ки ба воситаи образҳои устуравӣ, балки бо намудҳои гуногуни санъат мунъакис мегардад, ки ҳар як шахс метавонад шоҳиди ин ҷараён бошад. Ақидаҳои асотири қадим нисбат ба образи париро ҳам дар фолклор ва ҳам дар адабиёти хаттӣ ташкил медоданд. Вале бо пеш рафтани ҷомеаи муосир ин қабил образҳо мавқеи худро аз даст дода, эътиқоди мардум оҳиста-оҳиста аз онҳо дур мешавад. Парӣ ҳамчун образи устуравӣ ба падидаи нави санъат табдил ёфта, на як унсури эътиқод, балки як тасвир дар ҳунари инсоният боқӣ мемонад.

АДАБИЁТ:

1. Авесто / тарҷумаи Ҷ. Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.
2. Афанасьев, А. Н. Народные русские сказки / А.Н. Афанасьев. – Том. 2. – М. : ТЕРРА – Книжный клуб, 2008. – 320 с.
3. Афсонаҳои Самарқанд / мураттиб Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1965. – 274 с.
4. Афсонаҳои Ӯротеппа / мураттиб Ҷ. Рабиев. – Душанбе: – Дониш, 1992. – 348 с.
5. Афсонаҳои халқи тоҷик / мураттиб Р. Амонов. – Душанбе: 1963, саҳ. 5.
6. Бундаҳиш / баргардонандаи Фарнбағ Додагӣ. – Душанбе: – Эҷод, 2006. - С. – 45-47. – 196 с.
7. Литвинский, Б.А. Семантика древних верований и обрядов памирцев / Б.А. Литвинский // Средняя Азия и ее соседи в древности средневековья. – М., 1981. – С. 94. 90-121.
8. Пари // Мифы народов мира. – Т. 2. – М., 1992. – 719 с.
9. Намунаҳои фолклори Дарвоз / Ҷамъкунанда ва тартибдиҳанда А.З. Розенфельд. – Нашрдавтоҷик, 1955. – 168 с. с. 76
10. Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ / Тартибдиҳандагон Р. Амонов, М. Шукуров. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 226 с. саҳ. 52.
11. Померанцев, Э.В. Мифологические персонажи в русском фолклоре / Э. В. Померанцев. – Москва: Наука, 1975. – 191 с.
12. Раҳимӣ, Д. Парӣ ҳамчун персонажи мифопоэтикии афсонаҳои тоҷикӣ / Д. Раҳимӣ // Суханшиносӣ, 2025. - №3 (52). – С. 286-297.
13. Раҳимов, Д. Фолклори тоҷик (дастурномаи таълимӣ) / Д. Раҳимов. – Нашри якум. – Душанбе: “Эҷод”, 2009. – 264 с.
14. Раҳимов, М. Р. Баъзе боқимондаҳои расму одатҳои тоисломӣ, дар Тоҷикистон ва роҳҳои бартараф намудани онҳо / М. Р. Раҳимов //. – Душанбе: 1967. – С. 92.
15. Раҳмонӣ, Р., Қосимӣ, С.А. адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷик, дастури таълимӣ) / Р. Раҳмонӣ, С.А. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – 352 саҳ.
16. Ризвоншоева, Г. Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон (Таҳқиқи ғоя ва образ) / Г. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2011. – 256 с.
17. Сказки и легенды горных таджиков. Сост., пер. с тадж. и коммент. А. З. Розенфельд и Н. П. Рычковой. Вступит. ст. А. З. Розенфельд. – М. : Наука. Главная редакция восточной литературы, 1990. – 238 с. – (Сказки и мифы народов Востока).
18. Снесарев, Г.П. Реликты домусульманских верований и обрядов у узбеков Хорезма / Г. П. Снесарев. – М. : Наука, 1969. – 338 с. С. 28.
19. Сухарева, О. А. Пережитки демонологии и шаманства у равнинных таджиков / О. А. Сухарева // Домусульманские верования и обряды в Средней Азии / Отв. Редакторы Г. П. Снесарев, В. Н. Басилов. – Москва: Наука, 1975. – 342 с. С. 5-93.
20. Сухарева, О. А. Пережитки анимизма у равнинных таджиков / О. А. Сухарева // Советская этнография 1940. – №3. – 238 с. С. 172-176.
21. ФФҲ. Гӯянда: Мерганов Савлатшоҳ; навиштагиранда: Мирзоев Иброҳим, соли 1959, Т з 4. қ. Фанфароқ. – 3547-3551.

БОЗТОБИ ПАРӢ ДАР АФСОНАҲОИ СЕҲРОМЕЗИ ТОҶИКӢ

Мақола фарогири хусусиятҳои умдаи яке аз персонажҳои фавқуттабиӣ – парӣ буда, ҷойгоҳи онро дар афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ муайян менамояд. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои фолклориву маҷмуаи афсонаҳои гуногуни тоҷикӣ мавқеъ ва манзалати образи париро дар афсонаҳои тоҷикӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Дар устураи мардуми тоҷик ба монанди дигар халқу миллатҳо образе мавҷуд аст, ки тибқи тасаввуроти одамон он дунёи воқеиро бо олами ғайр мепайвандад. Яъне ин образ бо вуҷуди

фавқулзикр будан тимсоли манбаи ҳаёт ва фаровонӣ дониста шудааст. Аз ин лиҳоз, парӣ дар муқоиса бо баъзе образҳои устуравӣ нисбат ба инсонҳо меҳрубон буда, озодона муносибат мекунад, барои ба мақсад расидани онҳо кӯмак мерасонад. Ин хусусияти асосӣ ва фарқкунандаи парӣ аз дигар образҳои гайритабиӣ мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани тасаввуроти гуногун нисбати мавҷудият ва амали он дар байни одамон гардидааст.

Дар афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ низ образи парӣ хеле возеҳу равшан ва густурда тасвир ёфтааст. Афсонаҳое, ки дар онҳо парӣ ҳамчун персонажи ёрирасон инъикос гардидааст, ҳама хусусияти сеҳромезиро касб кардаанд. Тасвири парӣ дар афсонаҳо нишон медиҳад, ки он тавассути бо инсон робита пайдо кардан аз образи эпизодӣ дар маркази ҳодисаву воқеа қарор мегирад. Яъне аз як персонажи тасодуфӣ ба образи барои қаҳрамон наздиктарин табдил меёбад.

Калидвожаҳо: фолклор, афсонаҳои сеҳромез, устура, образ, парӣ, адабиёти гуфторӣ, қаҳрамон, персонаж, тахайюл, сеҳру ҷоду.

Носирова Лайло Носировна – ходими хурди илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. Сурога: Н. Сино, кӯчаи Маяковский 70/2. Тел. : 931-21-20-17.

ОТРАЖЕНИЕ ФЕИ В ТАДЖИКСКИХ ВОЛШЕБНЫ СКАЗКАХ

Статья охватывает основные особенности одного из выдающихся персонажей то есть феи, и определяет её место в таинственных сказках таджикского народа. Автор, опираясь на фольклорные источники и сборники различных таджикских сказок, исследует роль и статус образа феи в таджикских сказках.

В мифологии таджиков, как и у других народов, существует образ, который, согласно представлениям людей, соединяет реальный мир с потусторонним. Этот образ, несмотря на свою сверхъестественность, считается источником жизни и изобилия. В этом смысле фея, по сравнению с некоторыми мифологическими персонажами, проявляет доброжелательное отношение к людям, свободно взаимодействует с ними и помогает достигать их целей. Эта основная черта отличает фею от других сверхъестественных образов, что вызывает разнообразные представления о её существовании и действиях среди людей.

В таинственных сказках таджиков образ феи также представлен очень чётко и широко. Сказки, в которых фея выступает как вспомогательный персонаж, приобретают все признаки таинственности. Образ феи в сказках показывает, что через взаимодействие с человеком эпизодический персонаж становится центральным в событиях и действиях. То есть она превращается из случайного персонажа в близкий образ для главного героя.

Ключевые слова: фольклор, таинственные сказки, миф, образ, фея, устная литература, герой, персонаж, воображение, магия.

Носирова Лайло Носировна- младший научный сотрудник отдела фольклора Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ. Адрес: г. Душанбе, ул. Маяковского, 70/2. Тел. : 931-21-20-17.

REFLECTION OF THE FAIRY IN THE ENCHANTED TAJIK TALES

The article explores the essential features of one of the outstanding characters the fairy and identifies its place in the enchanted tales of the Tajik people. The author, based on folklore sources and collections of various tales, examines the position and status of the fairy's image in Tajik storytelling. In Tajik mythology, as in other cultures, there exists an image that, according to people's beliefs, connects the real world with the supernatural. Despite its supernatural nature, this figure is considered a source of life and abundance. In this sense, compared to some mythological characters, the fairy treats humans kindly, interacts freely with them, and helps them achieve their goals. This key feature distinguishes the fairy from other supernatural figures and has led to diverse perceptions of its existence and actions among people.

In the enchanted tales of Tajik people, the image of the fairy is also depicted very clearly and extensively. Tales in which the fairy appears as an assisting character acquire all the features of enchantment. The depiction of the fairy in these tales shows that through interaction with humans, an episodic character becomes central to the events and actions. In other words, it transforms from a casual character into one closest to the hero.

Keywords: folklore, enchanted tales, myth, image, fairy, oral literature, hero, character, imagination, magic.

Nosirova Laylo Nosirovna- Junior Researcher at the Folklore Department of the Rudaki Institute of Language and Literature NANT. Address: N. Sino, Mayakovsky Street 70/2. Phone: 931-21-20-17.

УДК:821. 222. 8 (Т)
ББК 83. 3 (09)

МАВҚЕИ КОРБУРДИ НОМВОЖАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ОБЪЕКТҲОИ ОБӢ – ГИДРОНИМҲО ДАР «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»-И АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ ВА «АҶОИБ -УЛ-МАХЛУҚОТ ВА ҒАРОИБ УЛ-МАВҶУДОТ»-И АҲМАДИ ТӮСӢ

Рустамшозода Ш.Р.
Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ

Ҳаёти инсон бо об алоқамандии зич дошта, бунёд гардидани мавзеъҳои аҳолинишин, деҳу кучаҳо, шаҳрҳои калон дар канори кулу дарё дорои аҳамияти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву низомӣ мебошад. Об, пеш аз ҳама, барои инсон ҳамчун ғизо, баъдан воситаи муҳофизат, тақсимоти ҷуғрофӣ ва пайвандгари халқҳою фарҳангҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Таърих гувоҳ аст, ки дар тасвири ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ объектҳои гидронимӣ мавқеи махсусро ишғол менамуданд, ки он аз вазифаи муҳофизатӣ-низомии онҳо шаҳодат медиҳад. Ин омил нишон медиҳад, ки об муҳимтарин нигаҳдорандагони хотираи таърих буда, дар баробари объекти ҷуғрофӣ ҳамчун қисмати фарҳанг ва шуури халқу миллатанд. Таърихи қадимтарини маскуният, муҳоҷират ва робитаҳои фарҳангӣ ба воситаи объектҳои гидронимӣ низ инъикос гардида, ҳамчун «объекти воқеии таърихӣ» аз давраҳои пеш то инҷониб дар бораи онҳо маълумоти гуногун гирдоварӣ шудааст.

Осори қадимаи халқу миллатҳои гуногун оид ба объектҳои гидронимӣ маълумоти гуногунро дар бар мегиранд, ки халқу қавмҳои дар наздикии онҳо сукунатёфта кайҳо аз байн рафтаанд, аммо номи ин объектҳо то ба ин рӯз ёдрас мешаванд. Ин номҳо хотираи таърихиро дар худ нигоҳ дошта, аз воқеоти давраҳои қадим ба онҳо алоқаманд хабар медиҳанд.

Объектҳои калонҳаҷми гидронимӣ аз қабили дарё, кул ва баҳр дар баробари объекти табиӣ буданашон ҳамчун роҳу марз, рамз ва риштаи пайванддиҳандаи гузашта бо имрӯз хизмат мекунад. Ба воситаи онҳо роҳҳои қадимии савдо ва мубодилаи иқтисодиву фарҳангӣ ташаккул ёфта, дар сарчашмаҳои қадима он хуб нишон дода шудааст. Тавассути гидронимҳо ба ғайр аз муайян сохтани муҳиммияти ҷуғрофию таърихӣ, инчунин, маъноҳои маънавӣ ва фарҳангӣ низ ифода мегарданд. Номҳои қадимаи дарёҳо ва чашмаҳо қисми фолклор ва фаҳмиши миллӣ маҳсуб ёфта, дар баъзе фаҳмишҳои суннатӣ об ҳамчун унсури муқаддас парастиш гардида, шоҳиди хотираи миллӣ дониста мешавад.

Назар ба дигар топонимҳо – номи объктҳои маъмуриву ҷуғрофӣ, аз ҷумла гидронимҳо табиатан устувории фавқулода дошта, дарёҳо садсолаҳо ҷорӣ мешаванд ва номҳои онҳо ҳатто бо иваз шудани халқҳо, забонҳо ва фарҳангҳо боқӣ мемонанд. Бисёр солномаҳои қадим тавсифи рӯйдодҳои таърихӣ маҳз бо зикри дарёҳо низ сурат ёфта, онҳо баъзан ҳамчун меҳварҳои асосии фазои таърихӣ маҳсуб мешаванд. Маҳз ҳамин сабаб шуд, ки гидронимҳо аксар вақт ба қабатҳои «археологии» номҳои ҷуғрофӣ табдил ёфта, ба воситаи он марҳилаҳои қадимтарини маскунияти инсонҳо таҷассум мегарданд.

Таърихи Форс, ё худ Эрони қадим низ бо объектҳои обӣ пайванди ногусастанӣ дошта, маҳз дарёҳо ва чашмаҳои миёни саҳроҳои беканор, кӯҳҳо ва биёбонҳо ҷойгиршуда сабаби пайдоиши тамаддунҳо, фарҳангҳо ва афсонаҳо гардиданд. Онҳо дар ташаккули манзараи таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии ин минтақа нақши бузург бозидаанд. Иқлими гарм ва хушку биёбонӣ дар минтақаҳои тобеи Форс тақозо менамуд, ки об барояшон ҳамчун манбаи ҳаёт ҳамеша арзишмандтарин неъмат ба шумор мерафт. Пайдоиш ва ташаккули ин объектҳо ва номҳои онҳо ба шахсиятҳои таърихӣ – подшоҳон, амирон, роҳбарон, олимон ва муҳандисони Форс алоқамандӣ дошта, саҳми ин шахсиятҳо дар бунёд гузоштани иншооти обӣ, ташкили каналҳо ва обанборҳо назаррас мебошад. Кӯшишу заҳмати бунёдгузорони объектҳои обиро ба инобат гирифта, баъзе аз онҳо ба хотири шахсиятҳои барҷаста номгузорӣ гардидаанд. Сокинони ин сарзамин аз давраҳои пеш **системаҳои мураккаби обёрӣ,** яъне каналҳои зеризаминиро сохтаанд, ки тавассути онҳо об аз чашмаҳои кӯҳӣ ба водиҳо ва шаҳрҳо мерасид. Бештари аз ин каналҳо соҳиби номҳои

маҳаллии худ шуда, қисми ҷудонашавандаи гидронимияи маҳаллӣ маҳсуб меёфтанд.

Сарчашмаҳои зиёди таърихиву ҷуғрофӣ маълумоти зиёдеро дар бораи таърихи пайдошавии объектҳои гидронимӣ гирдоварӣ намудааст, ки дар худ нишонаҳои забонҳои қадима, номҳои қабилаҳо ва осори робитаҳои фарҳангӣ нигоҳ доштаанд. Гидронимҳои дар сарчашмаҳои қадимаи зардуштӣ, аз ҷумла Авесто ва сарчашмаҳои юнониву румии қадим ёдрас гардида, бо иваз гардидани шоҳигариҳои гуногуни Форс (аз Ҳахоманишиён то Сосониён, аз Хилофати араб то сулолаи Сафавиён) ин номҳо аз байн рафтаанд.

Объектҳои обии Форсӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ дарҷ гардида, на танҳо ҷузъи манзараи табиат, балки шоҳидони зиндаи таърих ва фарҳанги қадимаи Эрон мебошанд. Дар таърихи пайдоиши онҳо маълумот дар бораи муборизаи инсон бо табиат, арҷгузорӣ ба об ҳамчун манбаи ҳаёт ва саъю кӯшиши мардум ҷиҳати нигаҳдории мувозинат байни талаботи инсон ва унсурҳои обӣ хуб тасвир шудааст. Аз ин лиҳоз, ба воситаи омӯзиши объектҳои гидронимӣ на танҳо харитаи таърихии Форс, балки таъриху фарҳанги халқу миллатҳои он замон дар Форс сукунатдошта шарҳ дода шуда, рамзи абадият, покӣ ва хирад эътироф гардидани об аз тарафи онҳо хуб инъикос мегардад.

Сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофии «Таърихи Байҳақӣ»- и Абулфазли Байҳақӣ ва «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тӯсӣ намунаи барҷастаи осори таърихӣ-ҷуғрофии асрҳои XI-XII мебошанд, ки маводи мукаммалро дар бораи объектҳои гидронимӣ дар бар мегирад. Таҳқиқи маводи номбурда нишон дод, ки дар сарчашмаҳои таҳқиқшаванда мафҳумҳои иншооти гидронимӣ бо истилоҳоти махсуси: *об, дарё, наҳр, баҳр, кӯл, буҳайра, чашма, чоҳ (ғадир)* ифода гардида, миқдори умумии номи объектҳои обӣ дар осори таҳқиқшаванда ба зиёда аз 20 адад мерасад.

Вожаи *об* – моеъи шаффофи берангу бебӯй, ки дар ҳолати софӣ аз омезиши химиявии ҳидроген ва оксиген иборат аст [12, с. 882]. Дар сарчашмаҳои таҳқиқшаванда дар баъзе мавридҳо мафҳуми дарёро низ ифода мекунад: «*Нил обест азим. Аз паси хатти истиво ояд ва ба замини Ҳабаша бигзарад то ба Кулзум ва Ҳимёт ва Тиннис ва ба дарёи Мағриб резад»* [5, с. 97]; «*Хобур обест ибтидои вай аз Раъс-ул-ъайн»* [5, с. 101].

Дар «Таърихи Байҳақӣ»- и Абулфазли Байҳақӣ ва «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тӯсӣ номи дарёҳо – наҳрҳо зиёд ёдрас шуда, тавассути онҳо мавқеи ҷойгиршавии онҳо, хосияти табиӣ, таркиби кимиёвии онҳо ва баъзан ривоятҳои ба он алоқаманд оварда шудаанд: *«Ва дарёи Қустантиния дарёест азим, ба сарҳади Мадинат-ус-суфр, оби вай аз ҷониби Антокия ояд, то ҷониби Ҳабур биравад. Тули вай ду ҳазор фарсанг. Асли вай аз дарёи Муҳит ояд»* [5, с. 96]; «*Қайнаси Асам дарёест гирди олам даромада. Ва дарёҳои олам дар ҷанби вай чашмае бувад. Ва Баҳри Музлим аз Қайнас бузургтар аст, валекин торик бувад»* [5, с. 96].

Лозим ба ёдоварист, ки дар сарчашмаҳои мавриди таҳқиқ назар ба вожаи *дарё* калимаҳои *наҳр* зиёдтар ба кор бурда шуда, сифоти муайяни ин гидронимро нишон медиҳад. *Наҳр* – ҷӯй, ҷӯйи калон, дарё буда, дар осори таҳқиқшаванда зиёда аз 10-гидроним бо истилоҳи *наҳр* дар шакли таркибии зерин ба кор бурда шудаанд: «*Наҳри Убулла ба Басра аст. Тули вай чаҳор фарсанг. Бар ҳар ду сомон, қусур ва басотин: пиндорӣ, ки бар яке хат кашида аст. Чун мадди дарё бувад, ҳамаи наҳрҳо пуроб гардад. Чун ҷазр бувад, ҳама наҳрҳо ва бустонҳо тиҳӣ гардад. Аммо обе шӯр аст ва аҳли Абулла об аз Наҳри Маъқал оранд. Ва дар ин наҳр хавре азим аст бо хатар. Ва ба рӯзгори Билол, наҳрҳои Басра бишумурданд, сад ҳазору бист ҳазор наҳр буд, ки дар он заврақҳо мерафт, ҳар наҳреро номе буд* [5, с. 98].

«Наҳри Илок обе азим аст дар он моҳие бувад, ҳар ки аз он моҳӣ бихӯрад, як ҳафта мафлуҷ гардад, пас нек шавад. Ва ҳар ки бад-он об ғусл кунад, он шаб эҳтилом бинад» [5, с. 98].

«Арас наҳре азим аст ва дар ҳудуди Озарбойҷон ва ба дарёи Табария резад. Ҳар аспе, ки бар он бигзарад, раги хун бигшояд ва хуни фазла аз вай равон шавад. Ин хосияти ин наҳр аст» [5, с. 98].

«Наҳри Андалус обест, ки дар он киштӣ наравад, магар рӯзи шанбе, вақти фурӯ

рафтани Офтоб сокин гардад, он гаҳ киштӣ равон гардад. Бар лаби он буте миссин ниҳода. Гӯянд, ки аз замин рустааст, зеро ки дар макдури одамӣ наёяд, ин битавонад кардан. Бар пешонии ин бут набиштаанд, ки «Аз ин ҷо дар магзар, ки бознаёӣ» [5, с. 98].

Дар асари мавриди таҳқиқ гидронимҳои *наҳри Шуш* [5, с. 103]; н*аҳри халиҷи Санҷалӣ* [5, с. 103]; н*аҳри Табария* [5, с. 103]; *Наҳравон* [5, с. 103]; н*аҳри Возвоз* [5, с. 104]; н*аҳри Ҳиндманд* [5, с. 104]; *наҳри «Гарора»* [5, с. 102]; н*аҳри Кур* [5, с. 103]; н*аҳри Ҷайҳун* [5, с. 163]; наҳри *Андалус* [5, с. 95]; *наҳри «Кистито»* [5, с. 195]; *наҳри Итил.* [5, с. 201] истифода шудааст.

Дар ҷумлаи зерин номвожаи гидронимии Зиреҳ ҳамчун буҳайра ва ҳам дарёи кучак шарҳ ёфта, сарчашмаи пайдоишаш наҳри Ҳинманд нишон дода шудааст: «*Ва бузургтарин ҷӯйи он ҷо наҳри Ҳиндманд аст. Дар буҳайраи Зиреҳ ояд. Ва Зиреҳ дарёест кучак, се фарсанг гирд ба гирди вай. Ва дар он моҳӣ бошад бисёр»* [5, с. 201].

Дар ҷумлаи зерин номвожаи Зарринрӯд дар таркибашон вожаи *рӯд* дошта, дар шарҳи он гидроними мазкур наҳр номида шудааст, ки ҳар ду вожа барои зикри мавқею андозаи объекти муайяни гидронимӣ дар осори таҳқиқшуда баробар ба кор рафтаанд: «*Зарринрӯд наҳрест хуш. Махраҷи он аз деҳи Ниёкон. Масабби он ба деҳи Диз. Он гаҳ наҳре Аҷҷоҷ гардад ва ҷойе ба рамл фуру шавад ва ба Кирмон барояд. Ва аз он рамл то Кирмон шаст фарсанг аст. Заминҳои Кирмон аз он ободон бувад. Он гаҳ ба дарёи шарқӣ афтад. Ва чубе дар гаври он рамл афканданд, номи малике ба нуқра бар он нишонда, ба Кирмон бозёфтанд»* [5, с. 100].

Дар фарҳангномаҳо вожаи *дарё* ба маънои *баҳр* омада, дар осори мавриди таҳқиқ низ вожаи мазкур ин маъноро баъзан ифода мекунад: «*Тустар шаҳрест некӯ, бар лаби баҳри Масрукон ниҳода, дар ноҳияти Хузистон. Ва он наҳрест, ки Шопур Шодурвонро бино кард бар дари Тустар, зеро, ки шаҳри Тустар бар тале буд, то об бар он бигзарад»*. [5, с. 174]; «*Баҳри Қулзум ин аст, ки гуфтем Баҳри Форс аст. Се марҳала аст. Саре танг дорад то ба ҳадде, ки ба ҳар ду ҷониб дидор бошад ва саре дигар фарох бувад ва миён муаввақ. Дар он кӯҳҳои бисёр, ки киштиро бишкананд. Ба рӯз шояд киштӣ рондан. Ва миёни Кулзум ва Торон, давворае аст шум: касе аз он нараҳад. Ва ҳамеша ду боди мухолиф ояд аз ду шиъб ва киштиро чун осиёб гардонад. Ва ба вақти боди Ҷануб, касро дар он роҳ набувад, на ба рӯз, на ба шаб. Ва Фиръавн дар ин дарё ғарқ шуд* [5, с. 97]; «*Баҳри Муҳит ба Мағриб аст: дарёе бе мунтаҳо. Танҷа ва Андалус бар канори вай. Чун ба замини Булғор расад, онро «Уранг» хонанд. Пас ба Туркистони Машриқ расад ва ба заминҳои маҷҳула равад. Ва аз он сӯйи дарёи Машриқ, Чин ва Мочин аст, бероҳ. Баробари ӯ, Боргоҳи Уммон. То ба Шаҳр расад. Ниҳояти вай то баҳри Шимол* [5, с. 97].

Дар баробари ин, баҳрҳои *Нитис* [5, с. 97], б*аҳри Дарканд* [5, с. 97]; *баҳри Санҷалиро* [5, с. 98]; б*аҳри Ҳинд* [5, с. 98]; *баҳри Хазар* [5, с. 98] низ дар асари таҳқиқшаванда истифода шудааст.

Ифодаи номвожаҳои ифодакунандаи мафҳуми чашма– ҷойи ҷӯшидани об аз зери замин ва равон шудани он, сарчашмаю манбаъ, дар осори таҳқиқшаванда ба воситаи таркиби айн ва номи бевоситаи гидроним сурат ёфта, миқдорашон ба зиёда аз 10 адад мерасад, аз ҷумла: «*Чашмаи Бонг чашмаест ба Табаристон, бар кӯҳе. Агар бонге бар вай зананд, бозистад. Чун мард пинҳон шуд, равон гардад. Агар сад бор чунин кунанд, ки чунин бувад»* [5, с. 99]; «*Айни Сундук ва мисли ин чашмаест бар соҳили дарё. Сандуқе бар сари вай ниҳодаанд. Чу об кам шавад ҳиндувон он ҷо оянд ва ҳазор дарвешро таом диҳанд ва аз гуноҳҳо тавба кунанд аз он сандуқҳо об равон шавад, то ноҳиятро сероб кунад ва эшон гӯянд об аз шуми гуноҳ кам шавад* [5, с. 99]; «*Айни Чочарм чашмаест ҳар гаҳ Офтоб барояд, қатраи об дар он намонад. Чун Офтоб фурӯ равад, пуроб гардад»* [5, 99].

Инчунин, номи чашмаҳои *Айн-ул-ҳаёт* [5, с. 99]; *Айни Моъ-ул-хор чашмаест ба Толиқон.* [5, с. 100]; *Айн-уд-дам* [5, с. 100]; *Айн-ус-сабт* [5, с. 100]; *Айни Сулвон* [5, с. 101]; *Айн-ус-сам* [5, с. 101]; *Сурин* [5, с. 101]; *Шабдиз* [5, с. 103]; *Тайиба* [5, с. 103]; *Фориёт* [5, с. 103]; *Айн-ул-фарас* [5, с. 103]; *Файюм* [5, с. 103]; *Қирқисиё* [5, с. 103]; *Айн-ул-марзо* [5, с. 103]; *Айн-ул-муқаддаса* [5, с. 103]; *Айн-ул-майита* [5, с. 104]; *Айн-ул-яман* [5, с. 104]; *Ширхон* [14, с. 537]; *Мидрос* [14, с. 203]; *Уюн* [5, с. 122] ва *Янбуъ* [5, с. 323] истифода

шудааст.

Дар баробари номвожаҳои ифодакунандаи номи дарёву кулҳо ва чашмаҳо дар сарчашмаҳои таҳқиқшаванда, инчунин, номи чоҳҳо – ҷои ҷамъ омадани оби борон, обанбор, сардоба низ мавқеи корбурд доранд, ки ба пайдоиши онҳо нақлу ривоятҳои гуногун алоқаманданд. Дар ин бора худи муаллифи «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот» – Аҳмади Тӯсӣ мефармояд: «*Ва мо фасле дигар бигуем дар аҷоиби чоҳҳо. Ҳарчанд, ки онро касрате бошад. Аммо он чӣ дар он шигифтӣ бошад, бозгуем*» [5, с. 104]. Чунончи: «*Гӯянд дар қабилаи бани Омир чоҳест, ки Сулаймон (а) он ҷо расид ва лашкари вай нишаста буд ва замин хушк дид, дармонд, деверо дид, ки механдид, гуфт: «Мардум ташнаанд ва ту механдӣ?» Гуфт: «Зеро, ки об дар зери қадамҳои шумост ва намебинед». Фармуд, то бикананд. Тираст чашмаи об баромад* [5, с. 104.]; «*Ба Сомара чоҳест, обе хуш ва сокин. Чун хишти хом дар он афкананд, аз он овозҳо барояд азим. То се соат бигзарад ва об гарм шавад, пас сокин гардад* [5, с. 105]; «*Ва бар сари кӯҳи Сарандеб чоҳест, ҳар ки дар он нигарад, санге ба вай ояд монанди тир, вайро афгор кунад ва кас надонад, ки чист. Баъзе гӯянд маркади духтарест аз они Одам алайҳиссалом* [5, с. 105]; *«Бар кӯҳи Пушанг ду чоҳ аст: дар яке ҳар чи андозанд, бозпас андозад ва дар чоҳи дигар сад ҳазор кабутар ошён дорад, мепаранд ва боз чой меоянд ва ҳар расане, ки дар он гузоранд, ба ду пора шавад ва қаъри он нарасад, пиндорӣ, ки ба миқроз ду пора кардаанд* [5, с. 105].

Боиси қайд аст, ки дар сарчашмаҳои таҳқиқшаванда чоҳҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки номи онҳо бевосита ифода нагардида, бо нишон додани мавзеи ҷойгиршавиашон (топоним) фақат тасвири онҳо ба роҳ монда шудааст, ба монанди «*Бар кӯҳи Исфаҳон чоҳе аст қаъри он падид нест. Кудаке дар он афтод, ба рӯзгори Исҳоқи Симҷурӣ. Ва вай подшоҳ буд. Дилтанг шуд. Ва модари вай ҷазаъ мекард»* [5, с. 105]; «*Ба ҳадди Таҳоб ва Гаршистон чоҳест дар он гили сурх. Онро баркашанд ва бирезанд ва сари чоҳ устувор кунанд, то соли дигар: сари чоҳ боз кунанд, пур аз гили сурх бошад. Ва агар сари чоҳ бознапушанд, бод ояд аз он чоҳ, аҳли Таҳоб ба ранҷ оянд ва аз бонги вай занон бимиранд»* [5, с. 105]; «*Ба Ҳиндустон чоҳест равон шавад ва об ду шох гардад, ҳар шохе дар сулохе равад: яке самғи зард гардад, ва самме бувад қотил ва яке самғи кабуд гардад, тирёке бувад нофеъ. Ва ин нодир аст»* [5, с. 105].

Номвожаҳои ифодакунандаи номи кӯлу баҳри хурд – буҳайра дар осори таҳқиқшаванда кам ба назар расидаанд: «*Буҳайраи Зиреҳ буҳайрае азим аст, обе мухлиқ. Мавҷҳо ангезад азим. Ҷойест дар он ҷо «Фам-ул-асад» гӯянд, ҷойе саъб ва об дар хавре меафтад ва бонги вай то инони осмон меравад, аз понздаҳ фарсанг овози вай шунаванд. Гӯянд Кайхусрав он ҷо расид, гови обӣ дид ва мардуми обӣ, мӯйҳо дароз, ҳама тан пур аз пашм, сарҳо чун говмеш, дастҳо аз пас ва пойҳо аз пеш. Ва қавме чун моҳӣ ва чун наҳанг* [5, с. 322]; «*Водии Ҷайҳун ях бандад аз ноҳияти Хоразм то ҳадди кӯҳе, ки бар шатти Буҳайраи Хоразм аст то тобистон. Ва наҳри Ҷайҳун ва наҳри Шош дар ин буҳайра ояд»* [5, с. 188].

Ҳамин тариқ, объектҳои гидронимӣ фақат унсурҳои табиат набуда, дар онҳо кӯчбандии халқҳо, фаъолияти хоҷагидорӣ, афсонаҳо ва тасаввуроти рӯҳонии башарият инъикос меёбанд. Бо омӯзиши гидронимҳо дар баробари ҷуғрофия, таърихи ҳар номи дарёву кул, руду чашма ифода мегардад, ки замоне аз забони инсон берун омада, изи ӯро дар абадият боқӣ гузоштааст. Бо ҷорӣ шудани объектҳои обӣ – дарёҳо, хотира дар бораи сукунат доштани халқу қавму миллатҳои гуногун дар соҳили он низ зинда аст. Объектҳои гидронимӣ роҳнамои табиӣ ва пояи фарҳангиву таърихии сарзаминҳо буда, бо омӯхта шудани онҳо: куч кардани халқҳо, ташаккули шаҳрҳо ва минтақаҳои таърихиро пайгирӣ метавон кард. Гидронимҳо – «сарчашмаи обии таърихӣ» мебошанд, ки ҳар қатрааш изи таърихи инсонро дар худ нигоҳ медорад. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии гидронимҳо: асоси сохташавии шабакаҳои обёрӣ ва каналҳои муҳими таърихӣ, ифодаи арзишҳои рамзӣ ва таърихӣ ба воситаи номҳои объектҳои обӣ ва мероси таърихию ҷуғрофӣ будани гидронимҳо дар маводи таҳқиқшуда хуб ба назар расида, онҳо ҳамчун рамзи ҳаёт, тамаддун ва хотираи таърихӣ то ба имрӯз аҳамияти бузургро сазовор шудаанд.

АДАБИЁТ:

1. Абодуллоева, С. Ю. Ономастикаи “Форснома”-и Ибн Албалхӣ / С. Ю. Абодуллоева. – Душанбе: – РТСУ, 2012. – 130 с.
2. Абодуллоева, С. Ю., Собирҷонов С. Фарҳанги номвожаҳои осори хаттии асрҳои XI–XII (дар мисоли «Форснома»-и Ибн Ал-Балхи ва «Шоҳнома»-и Саолабӣ / С. Ю. Абодуллоева, С. Собирҷонов. – Душанбе: – КВД Матбаа, 2025. – 150 с.
3. Агаева, Р. А. Происхождение имён рек и озёр / Р. А. Агаева. –М., 1988. –118 с.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо / Алиакбар Деҳхудо. –Теҳрон, нашри мусалсал, 1258. – 1342.
5. Муҳаммад ибни Махмуд, ибни Аҳмади Тусӣ «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот» / Аҳмади Тусӣ Муҳаммад ибни Махмуд. –Душанбе; 2016. – 604 с.
6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ (бо забони форсӣ) / Бурҳон Муҳаммадҳусайн, Ҷ. 2, –Теҳрон: интишори хурди Эрон: – Нимо, 1200. –780 с.
8. Назарзода, Сайфиддин. Лингвистические особенности изучение классичесских письменных памятников (на примере «Аджоиб-ул- махлукот и гароиб-ул мавчудот» Асадии Туси) / Сайфиддин Назарзода. – Душанбе: 2004. – 332 с.
9. Розенфельд А. З. Гидрогеографические термины в топонимике Таджикистана /А. З. Розенфельд// Местные географические термины в топонимии. – М., 1976. – С. 184-187.
10. Сулаймонов, С. Лингвистические основы топонимики в трудах арабского средневекового автора Йкута Ал-Хамави (XШв.) / С. Сулаймонов: Автореф. дис. канд. фил. наук. – М., 1979. –20 с
11. Фарида, Доноӣ Фарҳанги номҳои Эронӣ /Доноӣ Фарида. –Теҳрон, 1987. – 334 с.
12. «Фарҳанги забони тоҷикӣ», Ҷ. 1, –М. : Советская энциклопедия, 1969. – 941с.
13. «Фарҳанги забони тоҷикӣ», Ҷ. 2, –М. : Советская энциклопедия, 1969. – 946с.
14. Хоҷа Абулфазл, Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ «Таърихи Байҳақӣ» / Ҳусайни Байҳақӣ Хоҷа Абулфазл Муҳаммад. – Душанбе: – 2014. –760с.
15. Хромов А. Л. Изучение географических названий Таджикистана в СССР и зарубежом / А. Л. Хромов // Известие АН Таджикской ССР. Отд. общ. наук, Вып. I(51). – 1958. – С. 68-76.
16. Шарипова, Ф. Х. Лексико-семантичесские особенности «Кашф-ул- махжуба» Али Худтвири Гезневи / Ф. Х. Шарипова: …афтореферат канд. дис. . . – Душанбе, 2002. – 22 с.
17. Этнография имён. – М.: 1971. – 263с.

МАҚЕИ КОРБУРДИ НОМВОЖАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ОБЪЕКТҲОИ ОБӢ – ГИДРОНИМҲО ДАР «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»-И АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ ВА «АҶОИБ -УЛ-МАХЛУҚОТ ВА ҒАРОИБ УЛ- МАВҶУДОТ»-И АҲМАДИ ТӮСӢ

Мақола ба таҳқиқи номвожаҳои гидронимӣ дар “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ ва “Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб ул-мавҷудот” – и Аҳмади Тӯсӣ бахшида шудааст. Таҳқиқи номвожаҳои мазкур дар ин сарчашмаҳои таърихӣ нишон дод, ки бунёд гардидани мавзеъҳои аҳолинишин, деҳу русто, шаҳрҳои калон дар канори кулу дарё дорои аҳамияти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву низомӣ буд. Дар тасвири ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ объектҳои гидронимӣ мавқеи махсусро ишғол намуда, он аз вазифаи муҳофизатӣ-низомии онҳо низ шаҳодат медиҳад. Тавассути номвожаҳои гидронимӣ маълумот дар бораи мавзеи ҷойгиршавӣ, иқлим ва сабаби номгузорӣ шудани он бо номи мухталифоварда мешавад.

Объектҳои калонҳаҷми гидронимӣ – дарё, кул, баҳр дар баробари объекти табиӣ буданашон, инчунини дигар, ҳамчун роҳу марз, рамз ва риштаи пайванддиҳандаи гузашта бо имрӯз хизмат менамоянд. Солномаҳои қадим тавсифи рӯйдодҳои таърихӣ маҳз бо зикри дарёҳо низ сурат ёфта, онҳо баъзан ҳамчун меҳварҳои асосии фазои таърихӣ маҳсуб мешаванд. Маълум шуд, ки дар пайдоиш ва ташаккули ин объектҳо – шахсиятҳои таърихӣ: подшоҳон, амирон, роҳбарон, олимон

ва муҳандисони Форс саҳми арзанда дошта, дар забоншиносӣ объектҳои бевоситаи ба номи ин шахсиятҳо гузошташуда бо вожаи антропогидроним метавон ёдрас шудан.

Калимаҳои калидӣ: номи дарёву наҳр, кулу буҳайра, чашмаву чоҳ, объектҳои гидронимӣ, руйдодҳои таърихӣ, шахсиятҳои таърихӣ, объектҳои калонҳаҷми гидронимӣ, қабати археологии ҷуғрофӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Рустамшозода Шаҳбоз – постдокторанти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи К. С. Сафаров-16. Телефон: 988491010. Почтаи электронӣ: rustamshoh-90@bk. ru.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАИМЕНОВАНИЙ ВОДНЫХ ОБЪЕКТОВ – ГИДРОНИМОВ В «ИСТОРИИ БАЙХАКИ» АБУЛФАЗЛА БАЙХАКИ И «АДЖОИБ-УЛ-МАХЛУКОТ И ГАРАИБ-УЛ-МАВДЖУДОТ» АХМАДИ ТУСИ

Статья посвящена исследованию гидронимических наименований в произведениях «История Байхаки» Абулфазла Байхаки и «Аджоиб-ул-махлукот и гараиб-ул-мавжудот» Ахмади Туси. Изучение этих названий в указанных исторических источниках показало, что возникновение населённых пунктов: деревень, поселений и крупных городов на берегах озёр и рек имело важное социально-экономическое, политическое и военное значение. В описании исторических событий гидронимические объекты занимают особое место, что также свидетельствует об их оборонно-стратегической функции. Посредством гидронимов раскрывалась информация о местоположении, климатических условиях и причинах присвоения объектам различных названий.

Крупные гидронимические объекты: реки, озёра, моря, помимо своей природной сущности, служили дорогами, границами, символами и связующим звеном между прошлым и настоящим. В древних летописях описание исторических событий часто сопровождалось упоминанием рек, которые иногда выступали как основные оси исторического пространства. Установлено, что в возникновении и формировании этих объектов значительную роль сыграли исторические личности – цари, эмиры, правители, учёные и инженеры Персии. В языкознании объекты, получившие названия в честь этих личностей, можно называть антропогидронимами.

Ключевые слова: названия рек и каналов, озёр и водоёмов, источников и колодцев, гидронимические объекты, исторические события, исторические личности, крупные гидронимические объекты, археологический географический слой.

Информация об авторе: Рустамшозода Шахбоз – постдокторант Института языка и литературы имени А. Рудаки НАН Таджикистана, доцент кафедры лингвистики и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. К. С. Сафарова, 16. Телефон: 988491010. Электронная почта: rustamshoh-90@bk. ru

THE USE OF WATER OBJECTS NAMES – HYDRONYMS IN “THE HISTORY OF BAYHAQI” BY ABDULFAZL BAYHAQI AND “AJAIB AL-MAHLUQAT AND GHARAIB AL- MAVJUDAT” BY AHMADI TUSI

The article is devoted to the study of hydronymic names in the works “The History of Bayhaqi” by Abulfazl Bayhaqi and “Aja’ib al-Makhluqat wa Ghara’ib al-Mawjudat” by Ahmadi Tusi. The analysis of these names in the mentioned historical sources has shown that the emergence of settlements: villages and large cities, along the banks of lakes and rivers had important socio-economic, political, and military significance.

In the description of historical events, hydronymic objects occupy a special place, which also testifies to their defensive and strategic function. Through hydronyms, information was revealed about the location, climatic conditions, and the reasons for assigning various names to these objects. Large hydronymic objects – rivers, lakes, seas, in addition to their natural essence, also served as roads, borders, symbols, and links connecting the past with the present. In ancient chronicles, the description of historical events was often accompanied by references to rivers, which sometimes acted as the main axes of historical space.

It has been established that in the emergence and development of these objects, significant roles were played by historical figures – kings, emirs, rulers, scholars, and Persian engineers. In linguistics, objects named after such individuals are referred to as anthropohydronyms.

Keywords: names of rivers and canals, lakes and reservoirs, springs and wells, hydronymic objects, historical events, historical figures, large hydronymic objects, archaeological and geographical layer.

Information about author: Rustamshozoda Shahboz – postdoctoral student at the Institute of language and literature named after A. Rudaki NAST Associate Professor, Department of Linguistics and History of Language, Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, K. S. Safarov Street-16. Tel. : 988491010. E-mail: rustamshoh-90@bk.ru

УДК: 398.2(574.5)

МАВҚЕИ МАДҲИЯ ДАР ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

Таваккал Ҳ.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Фолклор асоси фарҳанги шифоҳии оммаи мардум аст, ки сарчашмаи он аз гаҳвора ва аллаи модар шуруъ шуда, то охири умри инсонро фаро мегирад. Он ҳамчун ганҷинаи дурдонаҳои маънавӣ, ифодагари орзую омол ва муносибату эҳсоси зебоишиносӣ ва баёнгари ҳодисаҳои рӯзгори мардум мебошад. Ниёгонамон дар жанрҳои гуногун асарҳои фолклорӣ офарида, бо маданияти миллии қадима ва бойи худ дар рушди тафаккури башарият ҳиссаи муносиб гузоштаанд. Асрҳо боз дар дурдонаҳои халқӣ ғояҳои олии мардум ифода ёфтааст. Ҳар як ҳодисаи фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсие, ки дар ҳаёт рӯй медиҳад, ба зудӣ дар эҷодиёти шифоҳии мардум то ҷузъиёти хурдтаринаш бозтоби бадеӣ меёбад. Бояд тазакур дод, ки мусиқии қадимии мо комилан санъати шифоҳӣ буд, хат надошт ва танҳо аз сина ба сина ба таври шифоҳӣ интиқол меёфт.

Бархе аз мадҳияҳое, ки аз ҷониби мадҳиясароёни Бадахшон дар маросимҳои мухталиф сароида мешаванд, бо навъу намудҳояшон қолаби фолклориро гирифта, дар байни мардум чун сурудҳои фолклорӣ маҳбубият пайдо карданд. Барои намуна чанде аз матнҳо ба мисли “Дур зи дарёи ҳақиқат гавҳар андар кони туст”, “Олами доност Мавлоно Алӣ”, “Соқии бовафо манам”, “Хоҷа дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст” бо нусхаҳои зиёд ва мақомҳои гуногун дохили барномаи мадҳиясароёни навоҳии мухталиф гардидаанд. Барои тақвияти гуфтаҳои фавқуззикр яке аз ғазалҳои марбути мадҳ бо унвони “Дур зи дарёи ҳақиқат гавҳар андар кони туст”, ки ба Носири Хусрав нисбат дода ва аз ҷониби мадҳиясароёни навоҳии Бадахшон бо қаринаҳо ва оҳангҳои мухталиф сароида мешавад, чун намуна аз назар мегузаронем. Мавриди зикр аст, ки муаллифи рисола матнро аз гӯяндаҳои мухталифи навоҳиҳо ба мисли деҳаи Аличули ноҳияи Мурғоб Тиллоев Наврузмамад, Хуф (Рӯшон) Гадомамадов Назаршо, деҳаи Бароҷ (Роҷқалъа) Бобоҷонов Гулаҳмадшо, деҳаи Гарчашма (Ишкошим) Умеди Чоршанбезода, ноҳияи Дарвоз Иқболов Аслиназар бо вариантҳо ва оҳангҳои мухталиф дастрас намуда буд. Абёте аз матн:

Дурр зи дарёи ҳақиқат, гавҳар андар кони туст,
Ҳам туӣ ғаввоси маънӣ, дурри ҷон ҷонони туст.
Ташнаи оби бақо, то чанд бошӣ ташналаб,
Ҳозири худ бош, к-ин сарчашма дар айвони туст.
Андар он бӯстон, ки гул бо хор бо ҳам рустаанд.
Хору гул яксон шумар, к-ин ҳар ду дар бӯстони туст.
Андар он майдон, ки ҳар як дигареро афганад,
Гар ту худро афганӣ, майдони Ҳақ майдони туст.
Носири Хусрав, чӣ хуш гуфтӣ ба маънӣ ҳарфи рост,
Ҷони худ йсор кун, то ҷони ҷонон ҷони туст.

Аз матнҳои ҷамъовардашуда бармеояд, ки банди аввали он аз ҷониби гӯяндаҳои фавқ бо вариантҳои мухталиф сароида шудааст: Барои мисол, гӯянда Тиллоев Наврузмамад матнро дар мақоми “зеру бам” иҷро карда, дар мисраи сеюми байти дуввум “Ташнаи оби бақо”-ро истифода намудааст. Гадомамадов Назаршо онро дар мақоми “бам” дар мисраи сеюми байти дуввум “Ташнаи оби ҳаёт”, Бобоҷонов Гулаҳмадшо дар мақоми “ҳайдарӣ”, дар мисраи байти дуввум “Ташнаи оби сафо”, Умеди Чоршанбезода дар мақоми “ҳайдарӣ”

дар мисраи панҷуми байти охир “Ҷони худ нисор кун” Иқболов Аслиназар, дар мақоми “ҳайдарӣ” дар мисраи чоруми байти дуввум “К-ин чашма” мавриди истифода қарор додаанд. Ба гуфти мадҳиясароён матнҳои зикршуда на фақат аз ҷиҳати маъно ва равониаш мақбули мардум ҳастанд, балки онҳо аз як ҷиҳат агар мазмуни пандирро дар замир дошта бошанд, аз ҷиҳати дигар ба ҳар мақоми мадҳия низ хуб созгор буда, тавоҷҷуҳи мухлисонро ба худ ҷалб мекунанд. Решаи ин қабил мадҳияҳо ба қарнҳои X-XIII мутааллиқ аст, ки мо бо як назари иҷмол аз хусуси онҳо дар зер ҳарф мезанем.

Бояд тазаккур дод, ки дар асри X мадҳияҳои шоирон василае буд, ки мардумро бо сиёсату ҳадафҳои давлат ва хислатҳои ҳамидаи давлатмардон ошно мекард ва дар айни замон орзуву омоли мардумро ба мамдуҳон мерасонд. Намунаи барҷастаи чунин мадҳияҳои аҳди Сомонӣ қасидаҳои “Модари май” ва қасидаи “Бӯи ҷӯи мулиён ояд ҳаме”-и устод Рӯдакӣ мебошанд. Дар қасидаи “Модари май” Рӯдакӣ хирадмандиву ахлоқи поки Наср бинни Аҳмади Сомониро мавриди ситоиш қарор додааст, чунончи:

Боз ба ҳангоми доду адл бар халқ,
Нест ба гетӣ чун ӯ набилу мусулмон.
Дод бибояд заиф ҳамчу қавӣ з-ӯй,
Ҷавр набинӣ ба назди ӯву на удвон.
Неъмати ӯ густурида бар ҳама гетӣ,
Он чи кас аз неъматаш набинӣ урён [9, с. 38].

Дар мавриди қасидаи “Бӯи ҷӯйи Мӯлиён” ва таъсири он бошад, Низомӣ Арузии Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола” навиштааст: “Наср бинни Аҳмади Сомонӣ сафаре ба Бодғиз кард. Рудакӣ дар илтизом ва рикоби ӯ буд. Подшоҳ муддати зиёде дар он ҷо бимонд ва Бухороро фаромӯш кард. Мулозимони подшоҳ, ки ба ёди Ватан афтода буданд, ҷуръати мавзуъро ба арзи шоҳ бирасонанд, ногузир ба Рӯдакӣ мутавасил шуданд. Рӯдакӣ қасидае сохт ва субҳгоҳ ба сифати муноҷот, чунонки уди худро бардошт ва онро бо овози худ барои подшоҳ бихонд ва қасида чунин оғоз мегардад:

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳам.
Гӯянд ҳамин, ки байти зерро бихонд:
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.

Амир фавран аз тахт поин омад ва бар асп савор шуда ва рӯй ба Бухоро овард” [3, 21].

Перомуни тавъамии ғазали мазкур бо мусиқӣ андешаҳои муҳаққиқон аз ҷумла Э. Г. Браун [4, 13-17], С. Нафисӣ [11, 212-213], Муҳаммад Авфӣ [2, 202-203], Мирзозода Х. [8, 271], Раҷабов А. [14, 355], Абдуллоев С. [1, 202-844], фикрҳои ҷолиб гуфтаанд. Аксари фикрҳояшон такрори ҳамдигар бошанд ҳам, аз онҳо бармеояд, ки мазмуни баланди қасида ва оҳанги мувофиқ ба он тавонист дили подшоҳро тасхир созад ва ин таъсирро навъе аз таъсироти руҳонӣ ва равонии сухану мусиқӣ бояд шинохт.

Дар тақвияти гуфтаи фавқ муаллифи китоби “Рудакӣ ва исмоилия” Ҳоким Қаландаров байтеро аз Носири Хусрав, ки маъноях ба мидҳати Оли Расул бахшида шудааст, оварда мавриди таҳлил қарор додааст, чунончи: “Ин пири исмоилиёни машриқзамин вақте аз мидҳати Оли Расул (с) сухан мегӯяд, ба гунае ба Рӯдакӣ ишора мекунад ва аз ӯ дар канори Ҳассон ибни Собит, шоири асри Пайғамбар (с) ном мебарад. Ин матлаб баёнгари он маъност, ки вай барои Рӯдакӣ дар арсаи шеър ва шоирӣ мақоми воло қоил буда ва лозимаи ин бовар дидани осори ӯ ва хондани онҳо василаи Носири Хусрав бояд буда бошад:

Ҷонро зи баҳри мидҳати Оли Расул,
Гаҳ Рӯдакию гоҳе Ҳассон кунам” [5, с. 85].

Ин ишорот аз мавҷуд будани мадҳияҳои зиёде, ки то ҳол дар ситоиши Пайғамбар (с) ва аҳли байташ дар барномаи мадҳияхонҳои ноҳияҳои мухталифи Бадахшони Тоҷикистон ба чашм мерасанд, шаҳодат медиҳад.

Фолклоршинос Саъдӣ Қосимӣ роҷеъ ба сурудҳои хусусияти динидошта, ба хусус суруди нисбатан машҳур, ки дар нимаи аввали асри ХХ дар байни мардум бо номи “Қиссаи Муфлис” ва шаҳодати Ҳусейн машҳур буданд, ибрози назар намудааст. Муҳаққиқ аз ҷумла менигорад: “Суруди “Қиссаи Муфлис” беш аз 50 байт буда, дар мавлудҳо ва дигар маъракаҳо (бештар хатнасурҳо) суруда мешавад, ки дар он диловарӣ, караму саховатмандӣ ва ҷавонмардии Алӣ васф шудааст” [6, с. 162-163].

Аз тафсиру ташреҳи намунаҳо маълум аст, ки сурудҳои васфӣ хусусияти муноҷоту ниёиш дошта, ҷузви муҳими ҳаёти маънавии мардуми тоҷик мебошанд. Бояд гуфт, ки ба ин намуди сурудҳо марсияҳо ва навҳаҳо низ дохил мешаванд. Аз нақлҳои гуяндаҳои ноҳияи Дарвоз бармеояд, ки чунин навъи сурудҳо аз даврaҳои пеш суруда шуда дар айни ҳол ҳам мавқеашонро дар деҳаи Ёгеди ноҳияи Дарвоз нигоҳ медоранд. Дар ин бора дар поёнтари ҳамин мақола аз нақлҳои гӯяндаҳои деҳаи мазкур иқтибос мекунем. Муҳаққиқони рус Н. А. Кислякова ва А. К. Писарчик ҳамин ҳодисаро мушоҳида намудаанд ва зикр кардаанд, ки дар маросими мотами ноҳияи Дарвоз матни навҳаҳои зерин аз ҷониби ҳайдарихонҳо сароида мешаванд:

1

Бачаи кӯчагарди оча, бачам, бачам,
Бачаи ҷӯрадори оча, бачам, бачам,
Бачаи мактабхуни оча, бачам, бачам,
Бачаи нимколаи оча бачам, бачам.

2

Дар кӯҳи харобот касе мир наши, додар-е, додар-е!
Дар мурдани одамӣ замин сер наши, додар-е, додар-е!
Кас нест ки хабар барад ба устози аҷал, додар-е, додар-е!
Ай дасти аҷал ҳеҷ ҷавон пир наши, додар-е, додар-е! [17, с. 125-126].

Аз пажуҳиши бархе аз муҳаққиқони тоҷик бармеояд, ки чанде аз матнҳои марсияҳо аз замонҳои қадим дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон суруда шуда, дар айни ҳол чанде аз матнҳои он ба мисли “Эй дили дилдор, гум кардам туро”, “Дунё ба мо нашуд хеш”, “Шаб мешавад вақти хоб”, “Равон шуданд чор ҷавон”, “Дареғ аз зиндагониҳо” [15, с. 73], “Рафт аз дастам” Абдулмаҷидҷонам балам ” “Як гуле аз гулшани боғи ҷаҳон гум кардаам”, [16, 178], “Дод аз дасти аҷал, фарёд аз дасти аҷал”, Навниҳоли ҷӯйбор боғи ризвонам бирафт”, “Имшаб чӣ шаб аст, ситора зил -зил мезанад” Марсияи Ҳасан, марсияи Усмон, [10, 132]. “Дили пурхунам нанета иҷ кас намибина” [19, 117], Абдулмаҷидҷонам балам” [20, 117]. “Во бачем бачаҷонам бачем” Абдулмаҷидҷонам балам” [7, 40, 162], Марсияи “Усмон” [19, 118], то имрӯз боқӣ мондаанд.

Марсия худ ба муносибати вафоти касе навишта ё гуфта шуда, дар он ғаму андуҳ, нолаву фиғон ва таъзияи муаллиф ё ягон хешованди марҳум баён мешавад. Аз ин лиҳоз, воҷиби зикр аст, ки марсияҳо ба вазъи воқеии талафоти ҷонӣ алоқаи ногусастанӣ доранд ва то ҳатто қисме аз онҳо дар маросими “Чароғравшанкунӣ” аз ҷониби мадҳиясароён сароида мешаванд.

Аз рӯи мушоҳидаҳои мо маълум гардид, ки ки дар деҳаи Ёгеди ноҳияи Дарвоз марсияро яке аз намудҳои суруди ҳайдарӣ маҳсуб медонанд. Аз гуфтаи ҳофизони ҳайдарихон бармеояд, ки дар гузашта хондани марсия дар маросими “Чароғравшанкунӣ” ба таври васеъ расм будааст. Роҷеъ ба ин мавзуъ мо бо яке аз марсияхони номии ноҳияи Дарвози деҳаи Ёгед Собирамо ҳамсуҳбат шудем. Суҳбати мо ба таври зер шуруъ шуд:

Бо кадом сабаб шумо ба марсияхонӣ даст задед?

Мусоҳиби мо гуфт, ки бештари матнҳои марсияро аз кӯдакӣ аз модараш ёд гирифтааст ва дар айни ҳол ҳам онҳоро дар маросими мотам ба ҷо мебиёрад. Асосан ӯ марсияхониро аз замоне, ки бародараш вафот кардааст шуруъ намудааст. Ба гуфти Собирамо марсияхонӣ шуғли хайр буда, аз замонҳои пеш онро чун хизмати ифтихорӣ ба ҷо меоварданд. Ӯ хотиррасон намуд, ки дар деҳаи Ёгед ӯро асосан дар марсияе, ки дар пеши майит хонда мешавад, даъват мекунанд. Аз сухани ӯ бармеояд, ки дар шаби “Чароғравшанкунӣ” марсияи “Абдулмаҷидҷонам балам” аз ҷониби аксари ҳофизони

ҳайдарихон сароида мешавад. Як банди матн чунин аст:

Аз фироқат сухтам, эй нури чашмонам балам,
Чоки чок кардаст гиребон то ба домонам, балам.
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам!
Нозанинам қобилам, Абдулмаҷидҷонам балам!

Марсияи дигаре, ки Собирамо дар маросими мотам месарояд ин аст:

Э, гули гулзор гум кардам туро,
Э, гули бехор, гум кардам туро.
Навниҳоли тоза будӣ дар баҳор,
Кабки хушрафтор гум кардам туро.

Фолклоршиносони тоҷик Равшан Раҳмонӣ ва Саъдӣ Қосимӣ дар дастури таълимӣ [13, 104-106], роҷеъ ба фолклори тоҷик ва А. Маҷнунов дар рисолаи номзадии хеш аз хусуси таърих ва тарзи иҷрои марсияҳо, мавқеи марсия дар фолклор ва инчунин тарзи иҷроиши суруди “Абдулмаҷидҷонам балам” изҳори андешаҳои илмӣ намудаанд, ки ҷолиб ва қобили қабул мебошанд.

Қобили қайд аст, ки сароидани марсияи “Абдулмаҷидҷонам балам” на танҳо дар деҳаи Ёгед расм аст, балки дар водии Бартанг низ сароидани он зиёд ба чашм мерасад. Аз суҳбате, ки мо соли 2002 бо ҳофизи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадёри Хуҷамёр доштем, равшан шуд, ки ҳар вақте, ки ба маросими “Чароғравшанкунӣ” ӯро даъват мекарданд, ӯ марсияи “Абдулмаҷидҷонам балам”-ро бо хости мардум иҷро мекард.

Қобили зикр аст, ки агар дар байни ҷавонони имрӯза марсияхонӣ ташвиқу тарғиб нашавад, аз байн рафтани он аз эҳтимол дур нест. Дар марсияҳо одатан хислату сифатҳои неки марҳум, орзую омол ва нокомию маҳрумияти ӯ ёдоварӣ мешавад ва зимнан аз беадолатию бедодии тақдир, фалак ва ғайраҳо сухан меравад. Дар маросими мотам асосан занон марсияхонӣ мекунанд ва аз байни онҳо касоне ёфт мешаванд, ки дар овозандозию суханварӣ маҳорати махсус доранд. Ин қабил занҳоро дар аксарияти маҳалҳо овозандоз ё гӯянда меноманд. Нақши овозандозҳо, гӯяндаҳо дар маросим хеле бузург аст: онҳо ба хондани марсияҳои таъсирбахш азохонаро ба мотамкадаи пуршӯру пурҳаяҷон табдил дода, барои авҷ додани нолаю фиғон ба азодорон (модар, хоҳар, амма, духтар, завҷа, келин ва ғайра) ва дигар занони ҷамъомада ба воситаи овозандозии худ мавзуъ, мазмун, ҳатто сухану ибораҳо ёфта медиҳанд. Овозандозҳо, ки дар рӯзҳои мотам аз тарафи азодорон даъват мешаванд, суруд хонда, дигарон бошанд, бо овози баланд якбора “ҳуввв” гӯён ва гирякунон ба онҳо ҷӯр мешаванд. Чунончӣ:

Гӯянда:
Эй кошкӣ, мурғак шуда, дар ҳаво пар мезадаме,
Гӯеде, Умриҷоне. . . .
Умриҷон:
Дар кофтуковат худама ба ҳар ҷар мезадаме,
Баччаякаме, баччаякаме. . . .
Ҳозирон:
Ҳуввв! [22, с. 63-64].

Дар замони мо дар натиҷаи тараққиёти бемайлони илму техника, табаддулоти бузурги иҷтимоӣ дар маросими мотам низ тағироти калоне ба амал омада истодааст. Бисёр расму оинҳои ин маросим, ки асрҳо боз вуҷуд доштанд, аз миён рафтанд ва ба ҷои онҳо унсурҳои нав, ки нисбат ба марҳум иззату эҳтироми мардумро ифода менамоянд, ҷорӣ гардиданд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе оилаҳо дар шаклу намудҳои пешинааш гузаронидани маросими мотам ҳанӯз ҳам ҷой дорад.

Дар марсияи “Абдулмаҷидҷонам, балам”, ки яке аз марсияҳои машҳури халқӣ ба ҳисоб меравад, сӯзу гудози шахси гӯянда хеле пуртаъсир ва ҳаяҷонбахш ифода гардидааст, ки бандҳои зерини он ин гуфтаҳоро пурра тасдиқ мекунанд:

Аз фироқат сӯхтам, эй нури чашмонам, балам,
Соя будӣ бар сарам, сарви хиромонам, балам,
Чок-чок аст ин гиребон то ба домонам, балам,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам! [22, с. 65].

Мавриди таъкид аст, ки дар осори шифоҳии бадеӣ (шеърию мусиқӣ) бо ифода, образ ва маъниҳои ҷаззоби ҳаёт, сарнавишти ҳаррӯзаи мардум (таърих, асотиру достон, маросиму оинҳо) хеле муассир тасвир ёфтаанд. Навъҳои назми шифоҳӣ аз ҷумла намунаҳои шеърию мусиқӣ маҳсули эҷодии фардӣ ва дастаҷамъианд.

Ба мушоҳида гирифтем, ки дар Бадахшон, аз ҷумла, дар Шуғнону Рӯшон мадҳияро аз навъҳои мафҳуми суруд низ ифода мекунанд. Азбаски он на аз як матни суруд, балки аз маҷмуи матнҳо ва аз мақомҳои зинадору гуногуноҳанг таркиб ёфтааст, аксари ҳофизони солхӯрда, умуман, мардуми навоҳии Бадахшон онро дар шакли ҷамъ, яъне, маддоҳ (шакли дурусташ мадоеҳ аст, вале бо мурури замон шояд ҳарфи “е” аз калимаи мазкур ҷудо шуда, сипас мардум чун одат мафҳуми мадоҳро мавриди истифода қарор медиҳанд) истеъмол мекунанд. Бояд хотирнишон кард, ки дар байни сокинони Ғорону Вахони ноҳияи Ишкошими Тоҷикистон ва Ғорону Зебоку Султонишкошими Афғонистон нисбат ба ин навъи суруд низ шакли ҷамъи қасида, яъне, мафҳуми қасоидро истифода мебаранд, аммо дар байни пайравони тариқаи исмоилияи ноҳияи Дарвоз ин навъи сурудро ба унвони яке аз мақомҳояш “ҳайдарӣ” номбар мекунанд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки дар сурудҳо васфу ситоиши нахустимоми аҳли шиъа - Ҳазрати Алии Муртазо ва фарзандони ӯ Ҳасану Ҳусайн мақоми асосӣ дорад. Ҳамчунин, воҷиби қайд аст, ки ин навъи суруд дар навоҳии дигари Тоҷикистон, бахусус, дар Рашту Хатлон ба истилоҳи “наът” бо оҳанги махсусу забони соддаю равон аз тарафи ҳофизони наътхон, одатан, дар мавриди ёдбуди ягон шахси бузург ё имомону шайхҳои шаҳид ва дар маросими тӯй ҳам суруда мешавад. Дар ин гуна сурудҳо ба ғайр аз мазмунҳои динӣ фикрҳои панду ахлоқиро низ тарғиб мекунанд [19, с. 136].

Аксари сурудҳои мадҳӣ, ба мисли “Охирзамоннома”, “Дар сурати инсон чу гардад одамӣ пайдо”, “Мондаям аз ғофилӣ саргашта ҳайрон то ба кай” (Носири Хусрав), “Дод аз дасти фалак”. . . . . “Дурр зи дарёи ҳақиқат гавҳар андар кони туст”, “Андеша кун”, “Ай шуда ҳамду саногӯйи ту мурғу моҳӣ” ва ғайраҳо, ки дар Бадахшон маъмул ҳастанд онҳоро ба шуарои классик нисбат медиҳанд. Ин қабил матнҳо хусусияти фолклорӣ дошта, бо вариантҳои гуногун дар маъракаю маросимҳои мардум ба ҷо оварда мешаванд. Барои тақвияти гуфтаҳои боло сайри як ғазали “Андеша кун”-ро мушоҳида намудем, ки ба сифати андарз қариб дар тамоми навоҳии Бадахшон машҳур буда, аз ҷониби мадҳияхонҳо дар мавридҳои гуногун сароида мешавад. Фолклоршиноси тоҷик Баҳром Шермуҳамадов перомуни ин ғазал дар яке аз тадқиқоти бунёдиаш бо далелҳои муътамад ба исбот расондааст, ки агар дар Бадахшон – Помир онро ба Носири Хусрав нисбат диҳанд, дар навоҳии дигари Тоҷикистон ба Аҳмади Ҷомӣ ё Шамси Табрезӣ ва ё Соиб нисбат медиҳанд ва ҳатто аз эҷоди шоири узбек Амирӣ донистаанд. Муҳаққиқ барои далел абёти зеринро иқтибос овардааст:

Ин замину осмон дудеву гарде беш нест,
Аз духон, Соиб, маяндеш, аз ғубор андеша кун.

Аҳмади Ҷомӣ, агар ҷоме диҳад, бистон аз ӯ,
Ҷомро даркаш, валекин аз хумор андеша кун.

Шамси Табрезӣ, туро ҷоме диҳанд, ҳушёр бош,
Ҷомро даркаш, валекин аз хумор андеша кун.

Носири Хусрав, агар май мехурӣ мастона бош,
Май хуру аммо зи майхурон ҳаме андеша кун.

Ул парини ишқида зору нотавон булдим Амир,
Булмагил ошиқ, мани бемордин андеша кун [23, с. 134-135].

Муҳаққиқ Варқа Охониёзов чанд матнҳоро ба мисли “Охирзамоннома”, “Онро, ки надонӣ насабу нисбати олаш”, “Бечораему ҳайрон ё Қоимулқиёмат”, “Шабе дидам ба хоби хуш, ҷамоли соқии кавсар”, “Ҷаҳон пурдард мебинам даво ку”? ва ғайраҳоро мавриди таҳлил қарор дода, қайд мекунад, ки мутуни мадоеҳро асосан қасоид ва ашъори шоироне чун Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишобурӣ, Шамсиддини Табрезӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Сайидои Насафӣ, Ҳиротӣ ташкил медиҳанд. Ҳатто ашъори асли ин шоирон набошад ҳам, сурудаҳои ба онҳо нисбат додашуда дар миёни мардум интишори зиёд доранд [12, с. 259].

Хулоса, сурудҳои маросимҳои халқӣ муносибати одамонро нисбат ба ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият намудор сохта, нуқтаи назари эстетикии онҳоро ифода мекунанд. Ин гуна сурудҳо шоҳиди онанд, ки инсон чи дар лаҳзаҳои фараҳмандию хурсандиаш ва чи дар мавридҳои душвори зиндагиаш эҷодиёти даҳанакии худро ҳамчун як ҷузъи зарурии ҳаёти маънавиаш ба ифодаи ғояҳои худ истифода кардааст.

АДАБИЁТ:

1. Абдуллоев, С. Сомониён ва ташаккули адабиёти форсӣ – тоҷикӣ / С. Абдуллоев // Номаи оли Сомон. Маҷмуаи мақолот. Бо кӯшиши Алӣ Асғари Шеърдӯст – Қаҳрамон Сулаймонӣ. –Теҳрон: 1378. – С. 844.
2. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб -ул -албоб / Муҳаммад Авфӣ аз рӯйи чопи. Э. Браун ва Муҳаммади Қазвинӣ. – Теҳрон: 1335. –1085с.
3. Болдырев, А.Н. Бадахшанский фольклор / А. Н. Болдырев // Советское востоковедение, т. V. – М. - Л., 1948. – С. 275-295.
4. Brown, Edward A Literary history of Persia. / Edward Brown-vole 1, – London 1919. – 150 p.
5. Қаландаров, Ҳ. Рӯдакӣ ва Исмоилия / Ҳ. Қаландаров. – Душанбе: Эрграф, - 2012. – 236 с.
6. Қосимӣ, С. Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ / С. Қосимӣ. Зери назари Р. Раҳмонӣ; муҳарири масъул: В. Элбоев. – Душанбе: ҶДММ “Сифт -чоп”, 2024. – 296 с.
7. Қосимӣ, С. Сурудҳои халқии тоҷикӣ ва масъалаҳои таҳқиқи он / С. Қосимӣ. Зери назари д. и. ф., профессор Р. Раҳмонӣ. Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ – 2022 – 263 с.
8. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. – 777 с.
9. Муқаддасӣ, Маҳноз. Донишномаҳои эронӣ / Маҳноз. Муқадасӣ. – Теҳрон, 1384. – 670 с.
10. Намунаи диёри фолклрори Рӯдакӣ Тартибдиҳандагон: Р. Амонов, М. Шукуров. – Сталинобод: 1958. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 222 с.
11. Нафисӣ, С. Аҳвол ва ашъори Абуабдулло Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ / Саид Нафисӣ. – Теҳрон: 1309 шамсӣ. – 877 с.
12. Охонниёзов, В. Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон / В. Охонниёзов. Китоби аввал – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – 328 с.
13. Раҳмонӣ Р., Қосимӣ С. адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷик, дастури таълимӣ) / Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. –352 с.
14. Раҷабов, А. Суннат ва навоварӣ дар мусиқии аҳди Сомониён / А. Раҷабов // Номаи оли Сомон. Маҷмуаи мақолот. Бо кӯшиши Алӣ Асғари Шеърдуст -Қаҳрамон Сулаймонӣ. –Теҳрон, 1378. – С. 355.
15. Рубоиёт ва сурудҳои халқии Бадахшон. Ҷамъкунанда ва тартибдиҳанда Н. Шакармамадов Муҳарири масъул Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 119 с.
16. Сурудҳои мардуми Кулоб. Мураттибон: Д. Сафар, Г. Сафар Зери назари А. Раҳмонзода. – Душанбе: Адиб, 2015. – 240 с.
17. Таджики Қаратегина и Дарваза / Под редакцией Н. А Кислякова. А. К. Писарчик.

– Душанбе: Дониш, 1976. – 227 с.
18. Фолклори водии Қаротегин (Барои бачаҳои синни калони мактабӣ) Гирдоваранда ва муаллифи сарсухан Г. Сафиева. – Душанбе: Маориф, 1986. – 192 с.
19. Фолклори даризабони Афғонистон. Ҷамъкунанда ва мураттиб Сангин Норматов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 309 с.
20. Фолклори Панҷакент. Мураттибон: А.Маҷнунов, Б.Тӯраев, Ф.Исмоилов. – Душанбе: – Дониш, 2024. – 173 с.
21. Ҳодизода, Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода. М. Шукуров. Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: 1966. – 567 с.
22. Шерназаров, А. Эҷодиёти даҳанакии халқ / А. Шерназаров. – Самарқанд, 2016, – 162 с.
23. Шермуҳаммадов, Б. Рецепция произведеный таджикско-персидской поэзии / Б. Шермухаммадов. – Душанбе, 1994. – С. 326 с

МАВҚЕИ МАДҲИЯ ДАР ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

Мадҳиясарої яке аз суннатҳои қадимтарини тоҷикони Осиёи Марказӣ, хосса сокинони Кӯҳистони Бадахшон маҳсуб мешавад. Мардуми тоҷик аз даврaҳои пеш, дар ҳамаи лаҳзаҳои зиндагӣ аз шеъру мусиқӣ баҳра мебардошт ва онро дар маҷлису маҳфилҳои адабӣ, ахлоқию мавъизатӣ бо як завқи баланди эстетикӣ мавриди истифода қарор медод.

Бархе аз мадҳияҳое, ки аз ҷониби мадҳиясароёни Бадахшон дар маросимҳои мухталиф сароида мешаванд, бо навъу намудҳояшон қолаби фолклориро гирифта, дар байни мардум чун сурудҳои фолклорӣ маҳбубият пайдо карданд. Барои намуна чанде аз матнҳо ба мисли "Дур зи дарёи ҳақиқат гавҳар андар кони туст", "Олами доност Мавлоно Алӣ", "Соқии бовафо манам", "Хоҷа дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст" бо нусхаҳои зиёд ва мақомҳои гуногун дохили барномаи мадҳиясароёни навоҳии мухталиф гардидаанд. Муҳаққиқ дар мақола перомуни матнҳои мадҳияҳо ва марсияҳое, ки аз ҷониби мадҳиясароёни навоҳии Бадахшон суруда мешаванд сухан ронда онҳоро таҳлил қарор додааст.

Калидвожаҳо: маросим, суннат, маддоҳ, мадҳияхонӣ, қасидасарої, суруд, фолклор, марсия, ҳофиз, Чарогравшанкунӣ, оҳанг, маърака, муноҷот, , матн, ниёгон.

Маълумот дар бораи муаллиф: Таваккал Ҳайдармамад –номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. Почтаи электронӣ: haydar6060 @ mail. ru

THE ROLE OF PRAISE POETRY IN TAJIK FOLKLORE

Praise poetry (madhiyah) is one of the oldest traditions among the Tajiks of Central Asia, especially among the inhabitants of mountainous Badakhshan. Since ancient times, the Tajik people have enjoyed poetry and music in all aspects of life, using them in literary, moral, and spiritual gatherings with a refined aesthetic sensibility.

Some praise poems by singers fromperformed Badakhshan praise singers during various ceremonies have taken on folkloric forms and become popular among the people as folk songs. For example, texts such as "Far from the river of truth, the pearl is in your mine, " "The world is wise, O Mawlana Ali, " "I am the loyal cupbearer, " and "O Khwaja, know that the soul in the human body is adab (etiquette)" have been incorporated into the repertoires of praise singers in various regions, in multiple versions and musical modes. In this article, the researcher discusses and analyzes the texts of praise poems and elegies performed by praise singers from the Badakhshan region.

Keywords: ceremony, tradition, praise singer, praise poetry, qasida recitation, song, folklore, elegy, hafiz, lamp-lighting ritual, melody, ceremonial gathering, supplication, text, ancestors.

About the author: Tavakkal Haydarmamad – candidate of philology sciences of the Literature department of Khorog State University name after M. Nazarshoev. E -mail: haydar 6060 @ mail. ru

РОЛЬ МАДХИЯ В ТАДЖИКСКОМ ФОЛЬКЛОРЕ

Мадхия — одна из древнейших традиций таджиков Центральной Азии, особенно жителей Горного Бадахшана. С древних времён таджикский народ черпал вдохновение в поэзии и музыке во всех сферах жизни, применяя их в литературных, нравственных и духовных собраниях с утонченным эстетическим вкусом.

Некоторые мадхии, исполняемые бадахшанскими мадхиясаро на различных церемониях, приобрели фольклорные формы и стали популярными среди народа как фольклорные песни. Например, тексты вроде «Далеко от реки истины — жемчужина в твоём руде», «Мир мудр, о Мавляно Али», «Я — верный соконосец», «О Ходжа, знай: душа в теле человека — это адаб (этикет)» вошли в репертуар мадхиясароев из разных регионов в различных версиях и музыкальных интерпретациях. В статье исследователь рассматривает и анализирует тексты мадхия и марсия, исполняемых мадхиясароями (пенегирического песнопения) Бадахшана.

Ключевые слова: церемония, традиция, маддох, мадхия, касида, песня, фольклор, марсия, хафиз, ритуал зажигания свечей, мелодия, торжественное собрание, мольба, текст, предки

Сведения об авторе: Таваккал Хайдармамад – кандидат филологических наук, доцент кафедры литературы Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева. Электроная почта: haydar 6060 @ mail. ru

УДК: **811.222.0:811.111.0**

ЧАСТИ РЕЧИ В СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Фатхуллоева Ш.А.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино

Современное языкознание все активнее обращается к вопросам словообразования как к одному из ключевых направлений морфологического анализа, отражающего динамические процессы развития языка. Особенно актуальными в последние десятилетия становятся исследования, связанные с выявлением типологических сходств и различий в системе словообразования различных языков, в том числе на основе сопоставления языков с разной структурной типологией. В этом контексте представляется чрезвычайно важным сопоставительный анализ словообразовательных систем таджикского и английского языков частей речи, как центральных категорий грамматического уровня, определяющих структурные особенности деривационных процессов.

Таджикский и английский языки принадлежат к разным языковым семьям – индо – иранской и германской соответственно – и характеризуются различными средствами морфологической деривации. Несмотря на это, оба языка демонстрируют определённые параллели в использовании частей речи в качестве основы для образования новых слов, что позволяет говорить о наличии типологических закономерности в рамках словообразовательной системы.

Морфологические средства словообразования в таджикском и английском языках: роль частей речи.

Словообразовательная система каждого языка представляет собой динамичную совокупность средства и моделей, направленных на создание новых единиц на базе существующих. Морфологические средства, прежде всего, включают суффиксацию, префиксацию, конверсию, словосложение и усечение. Их использование тесно связано с грамматической категорией части речи, так как именно она во многом определяет характер и направление деривации.

В таджикском языке, как указывает А. Раҳимзода, «суффиксальная деривация является наиболее продуктивным средством образования новых слов, особенно в пределах существительных и прилагательных» [7, с. 212] Например, из корня дӯст (друг) посредством суффиксации образуются слова дӯстӣ (дружба), дӯстдор (дружелюбный), дӯстона (подружески). Эти процессы демонстрируют высокую степень зависимости от морфологических категорий и сохраняют грамматическую привязку к части речи исходного элемента. В то же время английский язык демонстрирует более гибкий подход к деривации, широко используя конверсию (переход одной части речи в другую без изменения формы), которая, как подчёркивает Р. Куинтли, является «одним из наиболее экономичных и частотных способов словообразования в современном английском языке

[19, с. 154]. Примером служат пары: to work (работать)→a work (работа), to answer (отвечать)→an answer (ответ). То В отличие от таджикского, где формальные маркеры обязательны, в английском возможно семантическое изменение без морфологической трансформации.

Согласно мнению Г. Назарзода, «таджикская деривация базируется на чёткой аффиксальной маркировке части речи, что делает морфологическую структуру слова более прозрачной» [4, с. 156] В то время как в английском языке, по наблюдению И. В. Арнольд, «граница между частями речи становится всё более размыта, особенно в разговорной и профессиональной лексике» [1, с. 384]

Такое сопоставление показывает, что морфологические средства в таджикском языке имеют более устойчивую структурную модель, тогда как в английском преобладает функционально- семантический подход. Однако в обоих языках существует активное участие существительных, глаголов и прилагательных в деривационном процессе, что указывает на наличие универсальных закономерностей.

Функциональные эквиваленты конверсии в таджикском языке.

В таджикском языке чистой конверсии в английском смысле нет, потому что язык относится к флективно-агглютинативному типу и имеет богатую систему аффиксов. Но существует функциональные эквиваленты, которые выполняют похожую задачу – переход слов из одной категории в другую.

1. Суффиксальная деривация

Часто переход из глагола в существительное или наоборот осуществляется при помощи суффиксов.

- хӯрдан (кушать) →хӯрок (еда)
-навиштан (писать) → нависанда (писатель)

2. Использование постпозитивных слов.

Иногда существительные приобретают значение прилагательных через сочетание.

- китоби дарсӣ (учебная книга)→ «дарсӣ» от «дарс» (урок).
- хонаҳои сангӣ (каменные дома)→(санг – камень → сангӣ – каменный).
- пулҳои тиллоӣ- золотые деньги (тилло – золото →тиллоӣ – золотой).
- мебели чӯбин деревянная мебель (чӯб-дерево→чубин – деревянный).
-барномаи таълимӣ- учебная программа (таълим – обучение → таълимӣ – учебный).
- асбоби мусиқӣ – музикальный инструмент (мусиқӣ - музыка → мусиқӣ в постпозиции – музыкальный).

3. Субстантивация прилагательных.

Прилагательные могут использоваться как существительные, особенно в собирательном значении:

- хубон (добрые, хорошие люди) ← хуб (хороший)
- бузургон (великие люди) ← бузург (великий)
- сафедон (белые) ←(люди, предметы) ← сафед (белый)
- тозаҳо – (чистые) ← (предметы) ← тоза (чистый)

4. Адъективация существительных

Существительные функционируют как прилагательные, уточняя другое существительное:

- сардори гурӯҳ - руководитель группы (гурӯҳ→ «групповой»)
- дӯкони китоб – книжный магазин (китоб → «кижный»)
- мизи корӣ – рабочий стол (кор→ «рабочий»

Таким образом, английская конверсия = таджикская аффиксация + функциональное использование частей речи без изменений формы, но в таджикском чаще все же используется суффиксальная деривация, а «чистая» конверсия, как в английском, встречается крайне редко.

Конверсия и её эквиваленты

Английский (конверсия)	Перевод	Эквивалент в таджикском	Перевод на русский
to hand → a hand	вручать → рука	**даст → даст додан**	рука →вручать
to bottle → a bottle	разлить → бутылка	**шиша → шиша кардан**	стекло → стекловать
to water → water	поливать → вода	**об → об додан**	вода → поливать
to call → a call	звонить → звонок	**занг → занг задан**	звонок → звонить
to love → love	любить → любовь	**дӯстӣ → дӯст доштан**	дружба/любовь →любить
to sleep → sleep	спать → сон	**хоб → хобидан**	сон → спать
to run → a run	бегать → бег	**дав → давидан**	бегать → бег
to find → a find	находить → находка	**ёфта → ёфтан**	находка → находить

В английском языке форма слова не меняется (water → to water). В таджикском языке в большинстве случаев используется аффиксация (-он, -ӣ, -дан, -кардан) или семантический перенос.

Систематическая схема Конверсии в английском языке и её эквиваленты в таджикском языке.

Тип конверсии в английском	Пример	Перевод	Эквивалент в таджикском	Способ реализации
Noun → Verb (ссуществительное → глагол)	a bottle→ to bottle→	бутылка →разливать	шиша →ба шиша рехтан	аффиксация (кардан
Verb→Noun (прилагательное →существительное)	To find →a find	находить → находка	ёфтан→ёфт	суффиксация (-т, -иш, -анда)
Adjective→Noun (прилагательное →существительное)	Poor → the poor	бедный → бедные	камбагал→камба-ғалон	суффиксация множественного числа (-он)
Noun→Adjective (существительное →прилагательное)	a stone → stone wall	камень →каменный	санг→девори сангин	аффиксация (-и, -ин)
Verb→Adjective (глагол →прилагательное/ причастие)	to run → a running man	бегать →бегущий человек	давидан→марди даванда	аффиксация (-анда, -ор).
Adjective →Verb (прилагательное →глагол)	empty → to empty	пустой→опустошить	холӣ→холӣ кардан	аналитическая форма (кардан)

Пояснения:

1. В английском языке форма слова остаётся неизменной (water→to water).
2. В таджикском для выражения тех же переходов применяются:

Суффиксы (-он, -ӣ, -ин, -анда, -т)

3. Таким образом, английская конверсия = таджикская деривация + аналитические конструкции.

Конверсия и их таджикские эквиваленты.

	Английский (конверсия)	Перевод	Таджикский эквивалент	Способ реализации
1	**to water → water**	поливать → вода	об додан→об	аналитическая форма
2	**to sleep→ sleep**	спать → сон	хобидан →хоб	деривация
3	**to walk→**	ходить → прогулка	гаштан гардиш	суффиксация

	a walk			(-иш)
4	**to hope → hope**	надеяться→надежда	умедвор шудан→умед	субстантивация
5	**to fight→ a fight**	сражаться→бой	ҷангидан→ҷанг	деривация
6	**to smoke → smoke**	курить→дым	тамоку кашидан→тамоку	семантический перенос
7	**to answer→ an answer**	отвечать→ответ	ҷавоб додан→ҷавоб	субстантивация
8	**to win → a win**	побеждать→победа	ғолиб шудан→ғалаба	деривация
9	**poor → the poor**	бедный→бедные люди	камбағал→камбағалон	суффиксация (-он)
10	**rich → the rich**	богатый→богатые люди	сарватманд→ сарватмандон	суффиксация (-он)

Как видно из этих примеров способ реализации конверсии были использованы разные способы:

1. **Аналитическая форма** – это способ выражения грамматического значения не с помощью изменения формы слова (окончаний, суффиксов) а через вспомогательные слова или конструкции.

Пример в английском языке:

- I am reading – аналитическая форма настоящего длительного времени (Present Continuous).
- more interesting – сравнительная степень прилагательного, образованная аналитически (через слово more).

В контексте конверсии: аналитическая форма может компенсировать отсутствие новых словоформ, сохраняя связь между частями речи.

Таджикский язык в целом более синтетический, но элементы аналитизма тоже есть: образование будущего времени с помощью частицы ме + инфинитив (ӯ мехонад – «он будет читать)

Сравнительная степень иногда выражается аналитически: бештар хуб («более хороший»).

2. Второй способ реализации это **деривация.** Деривация это процесс образования новых слов при помощи аффиксов (суффиксов и приставок).

Пример:

- happy→happiness (суффикс – ness)
- to modernize от modern (суффикс –ize)

В английском языке деривация часто конкурирует с конверсией. Например:

- to clean (чистить) →cleaning (уборка) – деривация (-ing).
- to run → a run – конверсия (без аффиксов).

В таджикском языке активно использует аффиксы (суффиксы и префиксы):

- дӯст (друг) →дӯстӣ (дружба)
- ҳақ (право) →ҳақиқат (истина)
- нав (новый) → навовар (наватор)

Оба языка широко используют деривацию, но в английском конкуренцию составляет конверсия, а в таджикском – больше морфологическое словообразование.

3. Третий способ реализации это **субстантивация** то есть переход других частей речи в существительные.

Пример:

- a native («местный») – от прилагательного native.
- the poor – ссуществительное со значением «бедные» от прилагательного poor.

Это один из частных случаев конверсии (обычно прилагательное→существительное).

Субстантивация также встречается:

- сафед (белый)→сафед как существительное «белый цвет»
- калон (большой)→калон как существительное «великий человек, старший».

Процесс аналогичен в обоих языках, но в таджикском он часто связан с переходом прилагательного в категорию «номи сифат» (существительное со значением качества или лица).

Следующий способ реализации это **семантический перенос.** Семантический перенос это способ словообразования, при котором слово получает новое значение без изменения формы.

Пример:

- head – «голова» → «глава организации» (метафорический перенос).
- branch – «ветка» → «отделение компании».

В английском языке семантический перенос может действовать параллельно с конверсией: однако и то же слово получает новое значение за счёт употребления в другой сфере.

Аналогично:

- сар (голова) → «саркори давлат» (глава государства)
- даст (рука) → «дасти ёрӣ» (помощь)

Семантический перенос универсален и активно проявляется в обоих языках, особенно в метафорических выражениях.

Таким образом Конверсия образование слова без формальных изменений (to work →work). Её эквиваленты = аналитическая форма, деривация, субстантивация, семантический перенос позволяют образовывать новые слова или значения, но разными путями: через грамматические конструкции, аффиксы, перенос значений или переход частей речи.

В таджикском преобладает деривация (морфологическое словообразование), а конверсия проявляется ограниченно.

Оба языка используют субстантивацию и семантический перенос.

Роль частей речи в процессе словосложения в таджикском и английском языках.

Словосложение является одним из универсальных способов словообразования, при присутствующим практически во всех языках мира. Однако структура, степень продуктивности и участие тех или иных частей речи в этом процессе существенно различаются в зависимости от типологических особенностей конкретного языка.

В английском языке словосложение (composition, compounding) представляет собой один из наиболее активных способов создания новых лексических единиц, особенно в научно-технической, юридической и разговорной лексике. Сложные слова обычно состоят из двух (реже трёх) компонентов, представляющих собой отдельные лексемы. Как подчёркивает Р. Куинтли, «наиболее частотными являются сочетания существительных с существительными а также прилагательных с существительными» [19, с.154].

Примеры:

- toothbrush (tooth+brush) – зубная щетка
- blackboard (black+board) – классная доска
- software engineer (software+ebgineer) – инженер по программному обеспечению.

Особенность английского словосложения заключается в том, что разные части речи могут комбинироваться свободно, при этом изменяется синтаксическая и семантическая функция полученного слова. Как отмечает И. В. Арнольд, «в процессе словосложения происходит не просто объединение форм, но и сдвиг лексико-грамматической характеристики компонентов» [1, с. 187]

В таджикском языке словосложение менее продуктивно, но сохраняет устойчивое присутствие в лексиконе. По мнению М. Шукурова, «словосложение в таджикском языке имеет ограниченное распространение чаще всего осуществляется по модели «определение + определяемое», как в сложносоставных терминах и профессиональной лексике» [9, с. 56]

Чаще всего используются существительные в сочетании с другими существительными или с прилагательными.

- обунасоз (обуна+соз)-подписчик
- донишҷӯ (дониш+ҷӯ)-студент
- боркаш (бор+каш)-носильщик, грузчик

Словосложение в таджикском языке нередко сопровождается **аффиксальной интеграцией,** то есть одна из основ подвергается морфологическим изменениям. Кроме того, по мнению А. Раҳимзода, «во многих случаях производные слова в таджикском языке сохраняют связь с грамматической категорией основной части речи и не утрачивают её в процессе деривации» [7, с. 67]

Если в английском языке сложное слово может менять часть речи по функции, в таджикском подобные изменения происходят значительно реже, что связано с флективной природой языка и жёсткой категоризацией по частям речи.

Примеры словосложения:

Язык	Компоненты	Слово	Перевод
Английский	tooth+brush	toothbrush	зубная щетка
Английский	black+board	blackboard	доска
Английский	sun+flower	sunflower	подсолнух
Английский	home+work	homework	домашнее задание
Английский	rain+coat	raincoat	дождевик, плащ
Таджикский	китоб+фурӯш	китобфурӯш	продавец книг
Таджикский	дониш+ҷӯ	донишҷӯ	студент
Таджикский	китоб+хона	китобхона	библиотека
Таджикский	об+шор	обшор	водопад
Таджикский	китоб+навис	китобнавис	писатель

Анализ различий и сходств в словообразовательной системе таджикского и английского языков.

На основе проведённого сопоставительного анализа можно выделить как общие черты, так и системные различия в словообразовательных механизмах таджикского и английского языков, обусловленные их генетической принадлежностью, типологическими характеристиками и структурно-морфологическим строением.

Сходства между двумя языками проявляются прежде всего в том, что в обоих активно функционируют все основные части речи – существительные, глаголы, прилагательные и наречия – как **деривационные базы.** И в таджикском, и в английском языках они служат для построения новых слов посредством продуктивных морфологических и неморфологических процессов.

Кроме того, оба языка используют такие общие способы деривации, как:

- **аффиксация** (суффиксация и префиксация);
- **сложение** (словосложение)
- **семантическое расширение** (в том числе метафорическое переосмысление)

Однако различия между ними гораздо более существенны и затрагивают как структуру процесса словообразования, так и функционально-грамматические особенности:

1. **Типологические особенности:**

Таджикский язык относится к флективно-агглютинативным языкам, где каждая морфема имеет выраженную грамматическую функцию. Английский же представляет собой аналитический язык с минимальной флективной морфологией, что обуславливает широкое использование конверсии и позиционных конструкций.

2. Конверсия аффиксация

В английском языке широко распространена конверсия, когда слово меняет свою грамматическую функцию без изменения формы (например, to book→a book). В таджикском языке такой переход невозможен без морфологической модификации: используются суффиксы или вспомогательные глаголы (напр., дӯст →дӯст доштан).

3. Словосложение:

В английском языке словосложение – один из наиболее продуктивных способов (напр., webpage, sunlight), причём могут комбинироваться различные части речи. В таджикском словосложение ограничено определёнными моделями, чаще всего в терминологии, с обязательным сохранением грамматических форм.

4. Степень деривационной свободы:

В английском языке наблюдается более высокая степень деривационной свободы, особенно в разговорной и технической речи. В таджикском же языке деривация жёстко регламентирована грамматической категорией слова и морфологическими нормами.

5. Продуктивность деривации:

В таджикском языке наибольшую продуктивность демонстрирует суффиксация, особенно в системе имён существительных и прилагательных. В английском продуктивны как аффиксация, так и конверсия, back-formation (обратное словообразование), сложение, а также заимствование с адаптацией.

Таким образом, можно утверждать, что обе системы словообразования активно задействуют части речи как центральный элемент в механизме деривации, но реализуют это различными структурными средствами, отражающими природу каждого языка.

Заключение

Проведённое исследование показало, что несмотря на типологические и морфологические различия, таджикский и английский языки демонстрируют ряд общих черт в организации словообразовательной системы. Обе языковые системы активно используют основные части речи в качестве производящих основ и реализуют универсальные модели деривации, такие как аффиксация и словосложение. Однако способы реализации этих моделей различны: таджикский язык опирается преимущественно на аффиксальные и аналитико-композитивные конструкции, в то время как английский активно использует конверсию и позиционные модели без морфологических изменений.

Выявленные различия в использовании частей речи при словообразовании обусловлены не только структурой языков, но и их культурным развитием, что придаёт особую значимость сопоставительным лингвистическим исследованиям в межъязыковом аспекте. Полученные результаты могут быть использованы в теоретической лингвистике, контрастивной грамматике, в преподавании иностранных языков, а также в области перевода.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Арнольд И. В. Лексикология И. В. Лексикология современного английского языка. – М. : Высшая школа, 2002. -384с.
2. Звягинцев В. А. Теория грамматической типологии. –М. : Наука, 1975. -192с.
3. Зыкова И. В. Практикум по стилистике английского языка. – М. : Академия, 2008. -256с.
4. Назарзода Г. Калимасозии муосир дар забони тоҷикӣ. –Душанбе: Ирфон, 2016. -156с.
5. Ахмедов С. Очерк по словообразованию в таджикском языке. –Душанбе: Ирфон, 1970. -145с.
6. Падучева Е. В. Семантические исследования. – М. :Языки славянской культуры, 2004. – 344с.
7. Раҳимзода А. Забони адабӣ ва воситаҳои калимасозӣ. –Душанбе: Маориф, 2008. -212с.
8. Сорокина И. В. Частеречная принадлежность и словообразование: проблемы

классификации //Вопросы языкознания. – 2019. -№6. -С. 112-124.
9. Шукуров М. Масоили калимасозӣ дар забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2004. -120с.
10. Зикриёев Х. Меъёрҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ. –Душанбе: Дониш, 2017. -140с.
11. Золотова Г. А. Части речи в системе языка. –М. : Наука, 2001. -288с.
12. Кубрякова Е. С. Части речи с когнитивной точки зрения // Вопросы языкознания. -2000. -№4. –С. 3-18.
13. Кибрик А. Е. Типология синтаксических и словообразовательных структур. – М. :Языки славянской культуры. 2006. – 367с.
14. Муросилова М. А. Суффиксальные модели словообразования в персидском и таджикском языках// Вестник Таджикского Национального Университета. Серия филология. – 2021. -№1(314). –С. 45-52.
15. Мизанова С. В. Деривационные процессы в английском языке: конверсия и словосложение// Вестник Южного федерального университета. Филология. -2018. -«2. -С. 72-78.
16. Лопатин В. В. Морфологические категории и словообразование. – М. : URSS, 2011/-214с.
17. Хоҷаев Т. Қоидаҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ. –Душанбе: Дониш, 2009. -168с.
18. Тугушева Л. В. Английское словообразование в типологическом аспекте//Вестник Челябинского государственного университета. – 2015. -№22(379). – С. 122-128.
19. Quirk R., Greenbaum S. A. Leech G., Svartvik J. A Comprehensive Grammar of the English language. –London: Longman, 1985. -P. 154.
20. Lieber R. Introducing Morphology. – Cambridge: Cambridge University Press, 2010/-305p.

ЧАСТИ РЕЧИ В СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье проводится комплексный сравнительно-типологический анализ словообразовательной системы таджикского и английского языков частей речи. Исследование охватывает морфологические особенности, структурные модели и основные способы деривации в обоих языках. Особое внимание уделяется тому, как различные части речи – существительные, глаголы, прилагательные и наречия – реализуют словообразовательный потенциал посредством аффиксации, конверсии, усечения и других продуктивных способов. В таджикском языке основным способом образования новых слов является суффиксация с чётко выраженной категоризацией по частям речи, тогда как в английском наблюдается активное использование как аффиксальных, так и не аффиксальных (например, конверсия) моделей. Статья также затрагивает вопросы лексико-грамматической адаптации производных единиц и влияния словообразовательной модели на синтаксическую функцию слова. Сравнение двух языков позволяет выявить как общие универсалии в деривационном механизме, так и национально – специфические особенности, что в свою очередь способствует более глубокому пониманию типологических характеристик таджикского и английского языков.

Ключевые слова: словообразование, части речи, таджикский язык, английский язык, деривация, морфология, аффиксация, конверсия, типология.

Сведения об авторе: Фатуллоева Шарофат Абдусаторовна «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино», кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков. *Адрес:* ***734026, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Сино 29–31. Тел. : 77 717 75 92***

ҲИССАҲОИ НУТҚ ДАР НИЗОМИ КАЛИМАСОЗИТИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили муқоисавӣ ва типологии низоми калимасозии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст, ки тавоҷасоба нақши ҳиссаҳои нутқ равона мегардад. Таҳқиқот

хусусиятҳои морфологӣ, моделҳои сохторӣ ва роҳасосии тавлиди вожаҳои навро дар ҳар ду забон фаро мегирад. Дар забони тоҷикӣ усули асосии калимасозӣ – иловаи пасвандҳо мебошад, ки тавассути он воҳидҳои луғавӣ бо назардошти ҳиссаи нутқи худ сохта мешаванд. Дар забони англисӣ бошад, конверсия (гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигар бе тағйири шакл) ва ҳамчунин афиксатсия нақши фаъол доранд. Мақола инчунин масъалаҳои мутобиқати луғавӣ – грамматикӣ ва таъсири модели калимасозӣ ба нақши синтаксии калимаҳоро баррасӣ мекунад. Муқоисаи ду забон имкон медиҳад, ки ҳам умумиятҳои универсалӣ ва ҳам хусусиятҳои миллӣ – махсуси механизми дериватсионӣ муайян карда шаванд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонад барои омӯзиши минбаъдаи хусусиятҳои типологии забонҳо ва фаъолияти таълимӣ муфид бошад.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, ҳиссаҳои нутқ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, дериватсия, морфология, афиксатсия, конверсия, типология.

Маълумот дар бораи муаллиф: Фатҳуллоева Шарофат Абдусаторовна -МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроға:734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Сино 29-31. тел 77 717 75 92

PARTS OF SPEECH IN THE WORD-FORMATION SYSTEM OF TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article presents a comprehensive comparative – typological analysis of the word-formation system of the Tajik and English languages, with a particular focus on the role of parts of speech. The study explores morphological features, structural models, and the primary derivational methods employed in both languages. Special attention is given to how various parts of speech –nouns, verbs, adjectives and adverbs – demonstrate their word-formation potential through affixation, conversion, and other productive strategies. In Tajik, suffixation is the dominant mechanism, with derivational patterns strongly tied to specific grammatical categories. In contrast, English exhibits a more balanced use of both affixational and non-affixational means, particularly through the productive process of conversion. The paper also examines the lexical-grammatical adaptation of derived units and the impact of word-formation models on syntactic function. By comparing the two languages, the study identifies both shared universals and language-specific features of the derivational process. The findings contribute to a deeper understanding of the typological characteristics of Tajik and English and other insights applicable to linguistic theory and language pedagogy.

Keywords: word formation, parts of speech, Tajik language, English language, derivation, morphology, affixation, conversion, typology.

Author information: Fathulloyeva Sharofat Abdusatorovna — State Educational Institution "Avicenna Tajik State Medical University, " Associate Professor of the Department of Foreign Languages. Address: 29–31 Sino Street, Dushanbe 734026, Republic of Tajikistan. Phone: +992 77 717 75 92

УДК: 398.2:821.222.0

ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ ФОЛКЛОРӢ ДАР ДОСТОНИ "ЛЕНИН ДАР ПОМИР"-И МИРСАИД МИРШАКАР

Худоёрбекзода Хосият

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

"Ленин дар Помир" яке аз достонҳои маъмултарини шоир Мирсаид Миршакар ба шумор меравад. Дар достон паҳлуҳои гуногуни ҳаёти мардуми оддии даврони кӯдакии шоир оварда шудааст. Достон дар асри гузашта, дар марҳилаи муайяни таърихи ватанамон, дар он солҳое, ки Тоҷикистон ҳудудан мутааллиқ ба ҳайати давлати собиқ Итиҳоди Шуравӣ буд, - соли 1954 -55 навишта шудааст. Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ достони номбурда ба барномаи таълимии муассисаҳои таълимоти миёна дароварда шуда, омӯхта мешуд. Дар он солҳо мавзуъи омӯзиши ин достон моҳиятан тибқи сохти давлатдории собиқ Иттиҳоди Шуравӣ – яъне нишон додани беадолатии даврони то инқилоби Октябр ва ҳамзамон муқоисаи сохти нави давлатдорӣ бо сохти то ғалабаи инқилоби коргару деҳқон ва нишон додани муҳаббат ва самимияти мардуми оддӣ нисбат ба доҳии пролетарит Ленин буд. Бештари эҷодиёти даврони Шуравии шоир - Мирсаид Миршакар талаботи давру замонро

таҷассум мекард ва сохти ҷамъиятиву давлатдории замонро вассоф буд, вале бо тавҳамӣ бо эҷодиёти даҳанакии халқ. Дар ин бора дар китоби “Фолкори тоҷик” бобати эҷодиёти Мирсаид Миршакар низ қайд шудааст, ки дар ашъори ӯ мавзуъҳои ба дили одами Советӣ наздик, асарҳои назмии халқии ба ҳаёти даврон мутобиқ эҷод мешуданд” [14, с. 7].

Албатта чунин мавзуъҳои доираи сиёсати замони шоир, ки дар бархе аз достонҳои ӯ омадаанд, моро бо ҷомеаи асри гузашта ва ҷодаҳои пешрафту рушду нумуъ, тарзи афкору пиндори гузаштагонамон ошно месозанд. Ин муҳим аст, вале боз мавзуъҳое ҳастанд, ки дар ҳар гуна сохти ҷамъиятӣ ва ҷомеаи гузарон муҳимияти худро аз даст намедиҳанд ва ҳамқадами рузгорон астанд. Инъикоси жанрҳои фолклорӣ, гуишҳои мардумӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ аз ҷумлаи чунин мавзуъҳое астанд, ки муаррифгари фарҳанги мардумӣ мебошанд. Имрӯзҳо дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба омӯзиши жанрҳои фолклорӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад, зеро эҷодиёти даҳонакии мардум худ ҳастии мардум аст. Фолклоршинос Равшан Раҳмонӣ чунин қайд кардааст: “Худшиносии миллӣ яке аз он равандҳое мебошад, ки ҳар миллат мавҷудияти худро дар қатори хонаводаи миллатҳои мухталифи ҷаҳон нишон медиҳад. Аз ин ру, гирдоварӣ ва ё аз шакли гуфторӣ ба шакли навишторӣ даровардани фарҳанги суннатӣ на фақат кори донишҷуён ва пажуҳандагон аст, балки ба ин кор бо тарҳҳои густурда давлат низ бояд ёрӣ бирасонад. Мақсад аз гирдоварӣ фақат мутолиаи фарҳанги мардумӣ нест. Мақсади аслӣ ин аст, ки он намунаҳои фарҳангӣ, ки буданд, ҳоло ба вуҷуд омадаанд, вале сабт нашудаанд, бояд сабту забт бишаванд. Чунки ин санадҳо барои худшиносии миллӣ муфид аст” [13, с. 22].

Ин аст, ки ҷанбаҳои фолклории достони “Ленин дар Помир” низ муаррифгари ҷавҳари аслии инсонии ниҳоди тоҷикони кӯҳистон, соддагиву диляқинии онҳо мебошанд. Ҷанбаҳои фолклории достон таҳлилталаб астанд. Бо таҳлили онҳо метавон бо рӯзгор, фикру заковат ва таҳаммулпазирии аҷдодони тоҷикони кухистон шинос гардид.

Дар достон ҳаёти як асри пеши гузаштагон, урфу одати онҳо, таърих, фарҳанг, фаҳмишу идрок, сатҳи маънавии мардум, тарзи зиндагонӣ, сатҳи иқтисодӣ, ҳатто вазъияти роҳу гузаргоҳҳо, дарёву оврингҳои касногузари минтақа ба қалам дода шудаанд. Назми достон бо ҳаёти мардум тавҳам аст, ки хоси эҷодиёти Мирсаид Миршакар мебошад. Муҳақиқи соҳаи адабиёти даврони Шуравӣ Н. Кладо дар ин бора қайд менамояд, ки “Назми Миршакар дар байни халқи тоҷик аз он сабаб машҳур аст, ки асарҳои вай руҳи тоза дошта ба халқ наздик аст, бо забони ба омма фаҳмо дар мавзуи ба одамон мароқовар навишта шудааст. Миршакар яке аз шоиронест, ки хонандаи чӣ калонсол ва чӣ хурдсоли тоҷик асарҳои ӯро бо шавқу ҳавас ва меҳру муҳаббат баробар мехонанд. Эҷодиёти ӯ инъикоси ҳаёти ҳаррузаи мост ва маҳз аз ҳамин сабаб шавқангез ва ҷолиби диққат аст”[12, с. 87].

Барҳақ чунин аст.

Инчунин бо омузиш ва таҳлили достон метавон се марҳилаи рӯзгори мардуми кӯҳистонро, ҳаёти то инқилоби Октябр, даврони Шуравӣ ва имрузи Ватан, ки шукуфотарин марҳилаи зиндагии мардуми бумӣ аст, яъне даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки ҳамзамон орзуву ормони Мирсаид Миршакар буд, муқоиса кард. Инак оғози достон:

Не хурусе ҷеғ зад шаб бемаҳал,
Не ситора бар замин афтода буд.
Не ба боми хонае ҷуғзе нишаст
Не касе дар хоб море дида буд.
Сол, аммо, соли ноором буд
Кори мардум бесару анҷом буд. . . [10, с. 209].

Аз оғози достон моҳияти он аён аст. Бидуни омилҳои нохуши ҳаёт, сол ҳамоно ноором маънидод мегардад. Оғози достон бо истифодаи фаҳмишҳои фолклорӣ хонандаро аз ҳодисаи нофаҳму нохуши дар пешистода огоҳ месозад. адабиётшинос Раҷаб Амонов низ ишора бар он намудааст, ки “Аз худи оғози достон гуфтори шоир ишораҳои нозукеро ба ақида ва ҷаҳонфаҳмии мардуми оддӣ (бемаҳал ҷеғ задани хурус, афтодани ситора, ҷуғз, мор, ки рамзи бадбахтӣ ва фалокатанд) дар бар карда, вазъияти давраи муайяни таърихию иҷтимоиро инъикос мекунад”[3, с. 123].

Достон бо забони басо содда ва оммафаҳм навишта шудааст ва оғози он такя бар гуишҳои мардумии минтақа ҳаст. “Не хурусе ҷеғ зад шаб бемаҳал” -мисраи аввали достон аст. Аслан хурус, табиатан барои ҷеғ задан соату вақти муайян дорад. Ҷеғ задани хурус тибқи ҳамбастагиҳои қонунҳои нонавиштаи табиат муайян кардашуда мебошад ва агар ногаҳон хурус, бе маврид, хусусан дар шаб, бемаҳал ҷеғ занад, ин нишон аз омадани ягон кулфат ё балое маънидод карда мешавад. Дар ҳаёти мардуми куҳистон қабул карда шудаст, ки ҳама чиз дар табиат рабти худро дорад ва чун ин рабт коста бигардад, пас аз пайи он низ вайроние хоҳад омад. Ҳатто дар хоб дидани бонги бемаҳали хурус низ таъбири дар пай доштани фалокатро дорад [6, с. 53].

Дар “Таърихи Табарӣ” низ дар ин бора омадааст; “Он хурус, ки ӯ (Каюмарс)-ро буд, намози шом бонг зад. Ва ҳаргиз бад –он вақт бонг нашунида будаанду гуфтаанд: “Чи шояд будан бонги ин мурғ чун?. Чун бингариданд Каюмарс мурда буд”. Пас аз он бонги хурус бад-он вақт ба фоли бад гирифтанд. . . ” [5, с. 17].

Бобати фалокатбор будани бонги бемаҳали хурус фолклоршинос Нуриҷаҳон Қурбонхонова низ дар китоби худ аз забони шоир чунин овардааст;

Саодат намонд, дар он хонадон,

Ки хурус бонг ҳамезад, бемаҳал [8, с. 105].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки дар халқ бемаҳал бонг задани хурус мусибатовар будааст ва шоир дар достон мегуяд, ки новобаста аз он ки чунин ҳолат рух ҳам надодааст, вале сол ҳамоно ноором буд.

Мисраи дуюми достон “Не ситора бар замин афтида буд” аст, ки боз бозгу аз мисоли дигари фолклорӣ мебошад. Дар гуишҳои мардумӣ бар замин афтидани ситора ба ду маъно меояд, яке фоли бад дониста мешавад; яъне канда шудани ҳаёти касе ва дигаре ба маънои ҷомаи амал пушидани ормону ният. Афтидани ситора бар замин қариб дар фолклори тамоми халқиятҳои дунё, бо маънову тобишҳои гуногун дида мешавад. Ситорашиноси Юнони қадим Птолемей менигоштаст, ки агар ахтар аз само биафтад, ин яъне Худоҳо ба Одамон нигоҳ мекунанд, ки айни ибрози орзу мебошад ва дар ин асно ҳаргуна ният ҷомаи амал мепушад. Ҳамзамон боз дар Юнони қадим бархе чунин мепиндоштанд, ки афтидани ситора бар замин – ин хашми Худоҳо аст ва бетавфиқиро меорад [16].

Афтидани ситора аз осмон як ҳодисаи ногаҳонӣ ба шумор меравад ва на бар ҳар кас дидани ин ҳолат муяссар мегардад. Ин ҳодиса низ дар фаҳмишҳои мардумӣ оварандаи кулфату маъюсӣ мебошад. Дар фолклори мардуми Руминия омадааст, ки афтидани ситора аз само ин руҳи касе аст, ки дунеро падруд гуфтааст. Дар фаҳмишҳои мардумии насрониён ба он маъно шарҳ дода мешавад, ки афтидани ситора нишон аз малоикаҳои роҳгумкарда мебошад. Дар ҷойи дигар ба маънои раҳо гардидани руҳи Одам аз дузах аст[16].

Ё омадааст, ки дидани ситораи афтон ба сони тумарест, ки барои расидан ба уфуқҳои комёбӣ кумак мерасонад. Баъзе одамон бар он ақидаанд, ки касе ки чунин ҳолатро бубинад, ба маънои он аст, ки руҳи шахси наздике, ки дунёро падруд гуфтааст, дар бари онҳост ва ғайра [16].

Дар рузгори мардуми куҳистон низ фаҳмиши ситора дар само ва канда шуда афтидани он бар замин мақеъи хоса дорад. Махсусан тоҷикони куҳистони ноҳияи Рушон ва Шуғнон, пештар тибқи ойини мазҳабии худ дар шаби сеюми фавти шахси наздик, тамоми шаб мадҳисаройӣ намуда, маъракаи Чароғравшанро дар дамидани ситораи нахустини субҳ адо мекарданд. Он ситораро равшанкунандаи роҳи руҳ медонистанд [17].

Инсони боҷуръату камолёфта ва уҳдабароро одами ситорабаланд мегуфтанд [18].

Дидани афтидани ситораро бо канда шудани ҳаёти яке наздикон ҳаммаъно медонистанд ва ё наздикшавии ягон фалокат [19].

Ҳамин тариқ Мирсаид Миршакар мегуяд, ки дар он рузҳо ситорае низ аз осмон наафтида буд, вале кори мардум бесару анҷом буд.

Мисраи сеюми достон чунин аст; “Не ба боми хонае ҷуғзе нишаст”. Ҷуғз аслан ба забони мардуми Шуғнонзамин, ки Мирсаид Миршакар зодаи ин диёр аст, бум гуфта мешавад. Бум паррандаест, ки дустдори торикист. Ӯро рузона кам касон мебинанд, ҷояш

дар вайронаҳо ҳаст, лекин шабона ба шикор баромада дар парвоз аст. Дар куҳистон мақоле ҳаст “бум дар буттаи ғам”. Касе, ки ҳамеша аз зиндагӣ норозист, ҳамеша дар фикру хаёл ғутавар аст, бо инсонҳо дар муомила набошад, ӯро айнан ба бум монанд карда, ин мақолро нисбаташ раво медонанд [20].

Аз руи гуишҳои мардумӣ, агар тасодуфан дар боми хонае ҷуғзе менишаст, мардум инро ҳамчун фоли бад муаррифӣ намуда, дар бими он буданд, ки аҳли хонаводаро касодӣ ё тасодуфе интизор хоҳад буд [21].

Бум парандаи чанголдори шабпари аз ҷуғз калонтар, ки байни мардум шум ва бехосият шумурда мешавад. Хонааш дар вайронаҳо мебошад [15].

Таъкиди шоир бар он аст, ки ҷуғзе ҳам ба боме хонае нанишаста буд, вале кори мардум ҳамоно бе тамизу бенизом гардида буд.

Мисраи чоруми оғози достон;- “Не касе дар хоб море дида буд” аст. Мор маъмултарин хазандаест, ки чӣ зинда дидани он, чӣ мурда дидани он ва чӣ дар хоб диданаш инсонро нороҳат месозад, зеро дар фолклори бештари халқиятҳои дунё ин хазанда баёнгари симои бадхоҳ ва душман мебошад, дар фолклори мардуми тоҷик ҳамчунин [6, с. 201].

Агар касе дар хоб мор бубинад, бояд ҳушдор бошад, ки нобасомоние ва ё худ бадхоҳе бо ниятҳои бад дар бедорӣ дар пайаш ҳаст [22].

Ҳамин чор мисоле, ки дар оғози достон оварда шудаанд, нишондиҳанда аз ҳодисаҳои нохуши пешомад астанд, вале шоир таъкид мекунад, ки новобаста аз он ки чунин ҳодисаҳои шум рух надода буданд, вале кору рузгори мардум рабте надошт, яъне дар оворагию саргардонӣ ва яъсу ноумедӣ ба сар мешуд. Таъкиди Миршакар бар он аст, ки новобаста аз он, ки чунин ҳолатҳо, ки мардум дар тули рузгорон ба онҳо боварӣ пайдо намуда буданд, ба вуқуъ напайвастанд, аммо ҳодисаи таърихӣ бидуни онҳо низ, ки тақозои давру замон буд, ба амал омад. адабиётшинос Х. Мирзозода бошад бобати оғози достон қайд намудааст: “Дебочаро аз радди ақидаҳои ғалати хурофотии урфу одатҳои куҳнаи халқ сар кадани шоир хонандаро зуд бо ҷаҳонбинии солими замони советӣ мусаллаҳ намуда, ба дуруст фаҳмидани воқеаҳои таърих ба ӯ роҳ мекушояд ва ба он равона мекунад”[9, с. 80].

Давоми достон гуфта мешавад, ки:

Раҳгузарҳову мусофирҳои раҳ,
Паҳн мекарданд ҳар гуна хабар.
Хурдакак будем, аммо кунҷков
Гуш медодем ба ҳар як раҳгузар.
Вақти бозӣ буд магар? Не! Хостем
Бохабар бошем аз ҳар “нек”- у “бад”
Маънии “Тақдири бад”- ро хостем.
Бишнавем аз нобаладҳо ё балад. [10, с. 209].

Дар ин ҷо ишора ба он аст, ки ба куҳистон ҳар гуна хабарҳо мерасиданд, ки як қисми мардумро хурсанд ва қисми дигари мардумро ноумед мегардониданд ва фазоро ваҳму тарс фаро гирифта буд. Калимаҳои “нек” ва “бад”, инчунин ибораи “Тақдири бад” низ аз забони соддаи мардум оварда шудааст.

Хурдакак будем лекин хостем
Бохабар бошем аз “Кори ҷаҳон”
Коргарбачча, ки Даврон ном дошт
Бар сари мо кунҷковон буд калон. . . . [10, с. 210].

“Кори ҷаҳон” низ ибораи мардумӣ ҳаст, яъне ки сокинон ҳодисаҳои шуданӣ ё рух додании ҳаёти гузаронро кори ҷаҳон мегуфтанд.

Раҳгузарҳову мусофирҳои раҳ,
Паҳн мекарданд ҳар гуна хабар.
Мардуми деҳ – марду зан, пиру ҷавон,
Гуш медоданд ба ҳар як раҳгузар.
Он яке мегуфт:
“-гӯё дар ҷаҳон
Қувваи нав –“Болшевой пайдо шудаст”

Дигаре мегуфт :”оре”, “Болшевой”-
Одам ҳасту номи вай Ленин будаст.
Ӯ худаш Рус асту мехоҳад диҳад
Подшоҳи русро, инак, ҷазо:
Дасти ӯро баста тахташ бишканад. . .
Бо замин яксон намояд тоҷро. . . . [10, с. 210].

Дар ин ҷо акнун маънои калимаҳои “нек”- у “бад” ва ибораҳои “тақдири бад” ва “кори ҷаҳон”- и дар байтҳои болотар зикр гардида, рушану возеҳ мегарданд. Яъне дар гуфтори мардум аз забон ба забон ҳар гуна гапҳо паҳн мешуданд. Мардуми деҳ, ки аслан соддаю зудбовар ҳастанд аз забони раҳгузарҳо ва мардикорҳои ба зодгоҳ баргашта калимаҳои “болшевой”, “Ленин”, “Рус”, “Петербург”- ро мешуниданд, вале маънои аслии онҳоро сарфаҳм намерафтанд. Ҳар гуна ҳодисаҳо аз забон ба забон гуфта мешуданд, вале асли кор номуайян ва норушан мемонд. Ин гуна, зуд шифоҳӣ расидани хабар ба умум, низ аз муносибати наздик доштани одамон бо ҳам шаҳодат медод. Дар он замон, ки бештари мардум ба хондану навиштан дастрасӣ надоштанд, маҳз бо чунин усул аз забон ба забон ҳодисаҳоро мебурданд ва борҳо одамон боз аз худ низ иловаҳоеро, ки лозим медонистанд, зам мекарданд.

Бояд гуфт, дар айёми наврасӣ ва ҷавонии Мирсаид Миршакар бештари маълумот аз ба забон рафта паҳн мегардид ки онро бештар раҳгузарон паҳн мекарданд. Дар ин бора адабиётшинос А. Абдулназаров низ таъкид намудааст, ки “Манбаи дигар барои гирифтани маълумоту хабари нав ин нақлу суҳбатҳои раҳгузарон буд. Ҳар мусофирро дар деҳа бошандагон бесаброна интизор буданд то ин ки аз суҳбати ӯ маълумотеро аз ҷаҳони берун аз Синдев пайдо на моянд. Ба ҳар ҳол зеҳни бурро ва ақли расои Мирсаиди хурдсол ба ӯ имкон дод, ки нисбати ҳар сухану ҳар суҳбат бодиққат бошад, дар хотироти хеш ҷой диҳад ва ба қадри фаҳмиши худ таҳлил намояд”[2, с. 96].

Ҳамин тариқ, гуишҳои мардумӣ ва нақлу ривоятҳо ғанӣ ва баъзе вақт тобишҳои навро низ мегирифтанд. Басо моҳирона гуфтугуҳо ба қалам дода шудаанд:

Дар Петербурге, ки ҳар майдони ӯ
Аз диёри мо васею паҳнтар,
Дар Петербурге, ки ҳар як хонааш
Мебарад, гуянд, то сесад нафар,
“Давлати шоҳ аст дар зери хатар”. . .
“. . . Бесабаб не ин хабарҳо! “Болшевой”
Зидди шоҳи Рус исён кардааст!”
“Омад он соат, -бигуфто дигаре, -
Давлати пурзури шаҳ ёбад шикаст!”[10, с. 211].

Як чизро бояд қайд намуд, ки дар Бадахшони онвақта таъсири Руссияи Подшоҳӣ басо чашмрас буд. Хонандаи закӣ огоҳ аз он бошад, ки дар солҳое, ки Инқилоби Октябр пируз шуд ва давлати Руссияи Подшоҳӣ аз байн рафт, дар Хоруғи кучаки он вақта отряди сарҳадӣ бо ҳузури аскарону афсарони Русияи Подшоҳӣ фаъолият дошт. Таъсири онҳо ба водии Шоҳдара – зодгоҳи шоир низ расида буд ва борҳо аскарону афсарони Русияи Подшоҳӣ мардуми қашоқу нодори водиро аз ҳучуму асорати ғосибон наҷот бахшида буданд. Ин ҳодиса дар мақолаи “Мазори шаҳидон”-и Мирсаид Миршакар низ таҳлили хуб карда шудааст[11, с. 14].

Мирсаид Миршакар нисбат ба ҳодисоти гирду атроф басо кунҷковона назар мекард ва шунидаҳои худро низ бо маҳорати баланд дар ёд нигоҳ медошт, ки дар ин бора дар мақолаи профессор Абдуллоев Карим низ таъкид шудааст; “Мирсаид Миршакар дили поки васеъ дошт. Вай ҳар як ҳаводиси атрофро дақиқ мушоҳида мекард. . . Устод Мирсаид Миршакар тафаккури холиси муъҷизавӣ дошт. Ӯ хеле барвақт ба ҳаводиси атроф назар мекард”[1, с. 5].

Дар байни мардум бобати давлати Русияи Подшоҳӣ, ки аскарони он пайваста ба имдоди мардум меомаданд, боварӣ ва фаҳмиши мукаммал арзи вуҷуд дошт, лекин

калимаҳои “Болшевой” ва “Ленин” фаҳмиши нав буданд. Мардум ҳар як шунидаро дар афкори худ таҳлил менамуд ва тибқи олами дарки худ ба он тобишҳои навро илова карда, ба дигаре нақл мекард. Ҳамин тариқ, як сухан метавонист дар аввал як маъно дошта бошаду аз гуфтугӯи чандин одамон гузашта, маънои тамоман дигарро касб намояд.

Давоми достон омадааст:

. . . Қозии қишлоқи мо ногаҳ шабе
Мезанад фаред, ки “Эй аҳли дин
Хоб дидам “Болшевой” бо лашкараш
Ҳамла овардаст бар Шуғнонзамин. . . [10, с. 211]

Дар мисраъҳои болозикр хоби Қозӣ оварда шудааст, ки ҳуҷуми “Болшевой”- ро ба Шуғнонзамин дида, онро фарёдзанон ба мардум нақл мекунад. Дар маҷмуъ хоб як фаҳмиши фолклорӣ ҳаст, ки дар байни мардум ба таъбири он таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешуд. Ва мардум:

Алғараз дар хобу дар бедорияш
Халқ машғули сиёсат гашта буд.
Буд равшан, ки ягон гап мешавад
Оташ, охир, гар набошад, нест дуд.
Буд равшан: ҳаст оташ!. Лекин он-
Дар куҷо ҳасту кӣ шуд ҳезумкашаш. . . [10, с. 212].

Мирсаид Миршакар мақоли мардумии “оташ бе дуд намешавад”- ро ба таври дигар, бо ҳамқофиягӣ, бо маҳорати баланд истифода намудааст. Оварда мешавад, ки мардуми одии куҳистон баҳри фаҳмидани ҳолати пешомад ҳатто фол медиданд. Фолу фолбинӣ ва фолнома дар умқи фаҳмиши мардуми одии куҳистон басо роиҷ буд. Ва дар ин маврид низ омадааст:

Дар дили ҳар кас саволи бешумор,
Вақти хобу вақти роҳат, вақти кор.
Фикр мекарданд, медиданд фол,
Одамони одии ин куҳсор.
Бо ҳамин раҳ бар саволу бар ҷавоб,
Ҷустуҷу мекард ҳар як кас ҷавоб. . . . [10, с. 213].

Сухан аз он меравад, ки номуайянии ҳодиса, нобоварӣ, гумонбарӣ мардумро басо нороҳат месозад. Рузе одаме, ки худаш аз шаҳри Хоруғ будаву дар Хуҷанд кор мекардааст, ба пеши фарзандонаш омада, бо хабари овардааш бобати “Дар Петербург инқилоб” ба ҳабс гирифта мешавад. Саргузашти ин мардро бачаи кунҷков бо номи Даврон ба дигар бачаҳо нақл мекунад.

Ногаҳон –ҳабс шуд.
Ӯ дузд не, ҷаллод не,
“Болшевой-ро ёвару ёрирасон :
Қисматашро муҳри қозӣ ҳал намуд:
“Зинда гуронанд он бечораро”[10, с. 213]

Давоми достон гуфта мешавад, ки ашрофзодагон коргарро маҷбур месозанд, то ба худ қабр биканад ва ӯро дар он зинда ба гур мекунанд. Ин ҳодиса ба тафаккури одамон боз таъсири зиёдтар мегузорад ва интизории мардум ба омадани “болшевой” бештар мегардад. Ин як мисоли одии таърихӣ аз ҳаёти мардуми куҳистони то соли 1917 аст, ки аз бечорагиву нодонии мардум, аз ҷаллодии замон, сохти арзи вуҷуддошта маълумот медиҳад.

Мисоли дигар низ дар ин мавзуъ аз ҷониби шоир оварда мешавад, ки муйсафеде номаш Атобек буд, пеши Қозӣ мардикорӣ мекард. Қозӣ бо истифода аз зуриву тавоноии худ ҳар бор муйсафедро масхара мекард ва номи ӯро аввал то “Ато” ихтисор карда, сипас, мегуяд, ки “А” ҳам барои ту чӣ лозим “То” бас аст. Ҳамаи ин бедодии замона боис шуд, ки мардуми оддӣ ва камбағал сохти нави ҷомеаро ҷонибдорӣ кунанд ва ин ҷонибдориҳо буд, ки То низ рузе ба ҳабс гирифта шуд.

Билохира, рӯзе, навиди сарнагун шудани лашкари Подшоҳ ва барпо гардидани сохти нав мерасад, ки мардуми оддӣ ва камбағалу нодорро неру мебахшад. Бойҳо, одамони

пулдор аз ҳар ҷиҳат монеи ин хурсандиву болидаруҳии мардуми оддӣ мегарданд ва ҳатто тарафдорони худро мусаллаҳ карда, роҳҳоро вайрон менамоянд, то ки одамони сохти нав ба диёр омадан натавонанд.

Тақозои давру замон буд, ки сохти нав ба диёри дурдаст низ расид. Зери шиори “мо бародар” мардуми маҳалл дар якҷоягӣ бо неруи инқилобчиён ин табодуллотро ба Помир низ оварданд. Дар ин ҷо қисмати якуми достони “Ленин дар Помир” ба анҷом мерасад.

Бояд гуфт. ки бештари ҳодисаҳо ва айёми рузгорони мардум то соли 1917 ро Мирсаид Миршакар аз забони мардум шунида ба қалам овардааст, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти ӯ таъсири амиқ расонидаанд. Дар ин бора дар мақолаи донишҷуи солҳои ҳафтодуми асри 20 Астахов В. Г низ чунин шарҳ дода шудааст: “Хотираҳо ва таассуроти сахти айёми бачагӣ, муҳтоҷӣ ва маҳрумиҳои тоқатшикани акнун кайҳо бебозгашт ва афсонаҳои латиф ва зебо ба М. Миршакар таъсири бузурге карда, дар ёди ӯ абадӣ мондаанд. Фақат худи халқ эҷодкунандаи бахти худаш аст ва Миршакар халқро ҳамчун эҷодкори ҳақиқии бахту саодат мадҳ мекунад”[4, с. 15].

Қисмати дуюми достон бобати даврони нав аст. Шоир ҳаёти куҳистониёнро баъди Инқилоби Октябр бо роҳбарии доҳии пролетариат –Ленин ва роҳандозии ободкориҳо тасвир мекунад. Хонаи урфии куҳистониён ба мактаб табдил дода мешавад. Насби сурати Ленин ва байрақи сурхи Ватан бо путку дос ҳамчун нишони эҳтиром ба ин сохти ҷамъятӣ маҳсуб меёфт. Фарзандони камбағалон бори нахуст китобро ба даст мегиранд ва ҳама баробар ба мактаб мераванд. Одамон озод ва баробарҳуқуқ мегарданд. Зиндагӣ зебо. Ба мардуми куҳистон ҳамаи ин, ки яквақтҳо муъҷиза ва орзу буд, кунун ба ҳақиқат табдил ёфт. Мардум бародар ва баробар. Дар якҷоягӣ заҳмат, молу ҳоли баробар.

Дар қисмати сеюми достони “Ленин дар Помир” парешонхотирии мардум ба қалам дода мешавад. Ба куҳистон хабари вафоти Ленин мерасад. Мардуми куҳистон, ки ҳамаи ободкориро бо номи Ленин медонистанд, кунун аз вафоти ӯ ноумед гардиданд. Фикр мекарданд, ки бо вафоти чунин инсони таърихӣ дари мактаб баста мешаваду дигар созандагиҳо манъ ва ҷомеа аз пешрафт боз мемонад ва ба ҳолати пештара бармегардад. Ҳамаи ин афкору таъбир барои мардум ва толибилмони мактаби нав даҳшатовар буд. Қозибача ва намояндагони табақаи дар гузашта дорову пурзур баръакс, хурсандӣ мекарданд.

Қисмати чоруми достон аз он иттилоъ медиҳад, ки муйсафед- То, ки номи ӯ аз ҷониби Қозӣ ихтисор шуда буд ва бо шарофати сохти нав ва ҳаёти нав аз ҳабс озод гардид, ба ҳайси посбони мактаб кор мекард. Бо шунидани марги Ленин, хонандагони мактаб, ки ҳеҷ ба ин хабар бовариашон намеомад, пеши То омада, арзи дурусти ҳолро аз ӯ пурсиданӣ шуданд. Худи То чун ҳақиқати ҳолро намедонист, дар назди чунин хабари мудҳиш маҳзун буд. Фардои дигар хабари расмии вафоти Ленин тасдиқ шуд ва рузи мотам эълон гардид. Бо ҳамин боварии мардум ба фардои нек коста шуд. Аз он метарсиданд, ки бо вафоти Ленин, бойҳо ва хоҷагон боз зимоми ҳокимиятро ба дасти худ хоҳанд гирифт. То бошад, чун анъанаи куҳистониён, рубоб ба даст гирифта, оҳанги мотамро менавохт.

Қисмати панҷум бобати он аст, ки бачаҳои мактабхон бар сари роҳи калон ҷамъ омада, нияти то Хоруғ рафтанро мекунанд, то ки аз ҳоли ҳодиса хабари аниқ биёбанд ва бидонанд, ки фардо чӣ хоҳад шуд.

Дар достон омадааст, ки мардуми куҳистон то ҳадде нисбати Ленин ихлос ва эҳтиром дошта буданд, ки дар ин рузи мотам вазидани тундбодро, беқарории Панҷи ноорамро, осмони абрноки ғуборолудро низ ба ин ҳодиса нисбат медоданд, ки гӯиё табиат ҳам аз ин шумхабар нороҳат ва норозист.

Мактаббачагони гурусна дар ними роҳ бо як гуруҳ одамони аспсавор дучор меоянд, ки дар байни онҳо То низ буд. Маълум гардид, ки То рузро интизор нашуда, шабошаб бо асп ба роҳ суи Хоруғ баромадааст. Чун дар роҳ бо гуруҳи аскарон дучор мегардад, бо онҳо ба деҳа бозпас меояд. Ин гуруҳро муаллим Сафар низ ҳамроҳӣ дошт. То чун бачаҳоро дид, ишора ба бори болои асп намуда гуфт, ки дар ин ҷо дафтару китобу қоғаз ва ҳам либоси нави мактабӣ ҳаст.

Додаанд амре, ки дар қишлоқи мо,
Тезтар созем мактабхонае.
Ки набошад мисоли он дар ҳеҷ ҷо.
Ҳам калону ҳам баланду ҳам сафед
Гарму равшан партаву тирезадор.
Ин бародарҷон зи номи аскарон
Медиҳад ёрӣ ба мо дар вақти кор. . . [10, с. 221].

Бо руҳияи болида изҳор медорад, ки номи ӯ дигар То набуда, балки Атобек аст. Дигар ҳеҷ касе наметавонад номи ӯро ихтисор кунад ва ба саволи зинда будани Ленин чунин ҷавоб медиҳад:

Мактаби нав. Дафтару хома,
Китоб. Ҳам либосу кавкаби сурх-
Ин ҳама, шоҳиди онанд, ки Ленин –падар
Зинда аст! [10, с. 223].

Дар ҳамин қисмати достон ҳадафи ниҳоӣ ошкор мегардад ва маълум мешавад, ки чаро номи достон “Ленин дар Помир” монда шудааст. Зинда будани Ленин дар намиранда будани марому кору пайкараш маънидод мегардад. Он мактабу ҳаёти осудае, ки сохти нав ба мардум оварда буд, давом меёбад. Зиндагии мардуми Помир руз аз руз зеботару ободтар мегардад ва ин абадан дар байни мардум зинда будани Ленинро маънидод менамояд.

Бояд гуфт, ки он чизе ки дар достони “Ленин дар Помир” омадааст, таърихи ин минтақа аст ва воқеият ҳаст. Моро Мирсаид Миршакар бо зиндагии мардум дар давраи то Инқилоби Октябр ва давраи баъди он, - дар сохти нав ошно месозад. Дар достон Помир гуфта, шоир фақат зодгоҳи худ – водии Шоҳдараро дар назар надоштааст, балки тамоми қисмати Шарқии Бадахшон ва Хоруғу дигар минтақаҳои куҳиро низ ба инобат гирифтааст, зеро вазъият дар он марҳилаи гузаштан аз як сохти ҷамъитӣ ба сохти дигар дар ҳама минтақаҳои Бадахшон айнан як хел буд. Одамон ба табақаи дорову нодор тақсим шуда, мардум замини корами кофӣ ҳам надошт. Бештари аҳолӣ камбағалу қашоқ буд. Рафтуомади байни минтақаҳои куҳӣ душвор ва дар баъзе маврид ҳалокатовар буд. Дар худи ин достон роҳҳои душворгузари аз зодгоҳи шоир то Хоруғ чунин тасвир карда шудаанд.

. . Он раҳе, ки то ба Хоруғ рафта буд,
Роҳ не вай, гарчи номаш “роҳ” буд.
Ағбаҳо, пусида - пулҳои қадим
Санглоху ғорҳои баднамуд,
Селҳои бемаҳал, дарёчаҳо,
Пиряхҳо, тундбоди беқарор
Бар мусофирҳои он роҳи хароб. . . . [10. С. 225].

Моҳияти достони “Ленин дар Помир” таърихӣ ҳаст. Шояд барои бархе аз насли наврасу ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки дорои беҳтарин шароити таҳсилу истироҳат ва зисту зиндагонӣ астанд, чунин достонҳо афсона тобанд, вале ҳамаи ин ҳақиқати талхест, ки бобоёну аҷдодони мо –тоҷикони куҳистон онро аз сар гузаронида буданд. Набояд фаромуш сохт ва бибояд таҳлил карду омухт ва панд гирифта, шукронаи ин ободиву озодиву ваҳдату якмаромии мардум кард.

Достон дар солҳои нахустэҷоди худ басо маъмулу машҳур гардида буд ва бо забонҳои ҷумҳурияҳои Иттиҳоди Шуравӣ тарҷума карда шуда, омухта мешуд. Худи Мирсаид Миршакар бо нияти зинда дидани қаҳрамонҳои ин достон, аз руи он ссенария навишта, дар ба наворгирии филм барои наврасон мушовирӣ намудааст. Дар ин бора киногар Борис Кимёгаров чунин навиштааст: “Бояд гуфт, ки асарҳои шоир сар то по хаклқист, худи шоир сарояндаи халқи тоҷик аст. Шоири боистеъдод иршакар серғайрат аст:гоҳ ҳамчун шоири лирик сурудҳои дилнавоз менависад, гоҳ барои бачагонг шеъру достонҳо менависад, гоҳ вай драматург, гоҳ киноссенарист. Ссенария навиштан орзуи деринаи шоир буд. Мехост қаҳрамонҳои яке аз достонҳои беҳтарини худ “Ленин дар Помир”-ро дар образҳои зинда бинад. Шоир на танҳо яке аз муаллифони ссенария, балки вай маслиҳатчӣ, таърихшинос, этнографи филм буд” [7, с. 67].

Достон бо чунин байтҳо анҷом мепазирад:
Аз ҳамон дам соли бисере гузашт,
Шуд дигар симои Помири азиз.
Шуълавар гардид дар боми Ҷаҳон
Бахт-овар офтоби ленинизм
Одамон, қишлоқҳову роҳҳо,
Зиндагонӣ низ дигар гаштааст
Хок ҳатто (ин масал машҳур шуд),
Дар кафи колхозчиен зар гаштааст [10, с. 232].

АДАБИЁТ:

1. Абдуллоев Карим “Шоҳини Шоҳи Тирандоз” // К. Абдуллоев. Шоҳини Шоҳи Тирандоз. – Чархи гардун. – № 37(473). -16. 09. 2005. саҳ 5
2. Абдулназаров. А. Синдев ва манзалати зодгоҳ барои шоир // А. Абдулназаров. - Масъалаҳои илмҳои гуманитаӣ. – 2021. – №3. -с 93-96 сомонаи маҷалла www. ign. tj
3. Амонов. Р. “Адабиёт ва бачагон” / Р. Амонов. адабиёт ва бачагон. – Душанбе: – Ирфон. -1989. -224 с.
4. Астахов. В Г. Дар бораи эҷодиёти Мирсаид Миршакар // В. Г. Астахов. – Шарқи Сурх. - № 3. -1950. - саҳ 12-18
5. Балъамӣ М. А. “Таърихи Табарӣ” / Муҳаммади Балъамӣ. – Душанбе: –Ирфон. - 1992. -655с
6. Вориси Салаф (гирдоваранда). Таъбири хоб / Вориси Салаф (гирдоваранда). Таъбири хоб. – Душанбе. - матбааи МИП Тоҷикистон. – 1992. -216 с.
7. Кимёгаров. Б. Мегуянд ки миршакар панҷоҳсола шуд // Борис Кимёгаров. Мегуянд ки миршакар панҷоҳсола шуд. – Шарқи Озод. -№9. . -1962. саҳ 67.
8. Қурбонхонова Н. Устураҳои ҳайвоноту парандагон дар фолклори Бадахшон. – Душанбе: – Сифат-Офсет -2020. 198 с.
9. Мирзозода. Х. “Мирсаид Миршакар” / Х. Мирзозода. Мирсаид Миршакар. - Комбинати Полиграфии Вазорати Маданияти РСС Тоҷикистон. – Душанбе: - 1962. -192 с.
10. Миршакар М. Асарҳои мунтахаб / М. Миршакар. – Душанбе: Ирфон, 1982. - 433 с.
11. Миршакар. М. “Айёми ҷавонӣ” / М. Миршакар. Айёми ҷавонӣ. – Душанбе: – Ирфон. -1972. -109 саҳифа
12. Н. Кладо. “Дар бораи маҳорат ва навигарӣ”// Кладо Н. – Шарқи Сурх. -1951. -№ 1. -С 87.
13. Раҳмонӣ Р. Кори майдонӣ: роҳнамо оид ба гирдоварии фолклори тоҷикон / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: ДМТ, 2023. -56 с.
14. Турсунзода. М, Болдырев А. Н. “Фолклори тоҷик”. / М.Турсунзода, А.Н., Болдырев. -Нашриёти давлатии Тоҷикистон. – Сталинобод. -1957. -453 с
15. URL: https://vozhaju. tj/word/лонаи бум (санаи мурочиат 21 октябр соли 2025).
16. URL:https://rcitt. by/padaushaia-zvezda-chto-ona-oznachaet-v-raznyh-mifologiiah. html (санаи мурочиат 21 октябр, соли 2025).

ГУЯНДАҲО

17. Абдулфайзова Сумбулмо. 1954. ноҳияи Шуғнон. Ҷамоати деҳоти Сучон. Деҳаи Танг. Собиқ омузгор. Нафақахур.
18. Алиёрова Соҳибҷамол. 1962. шаҳри Хоруғ. Маҳаллаи Дашти Боло. Собиқ корманди соҳаи тибб. Нафақахур.
19. Назаралиева Сифатмо. 1964. шаҳри Хоруғ. Маҳаллаи Дашти Боло. Собиқ корманди кудакистон. Нафақахур.
20. Сулаймонбекова Зарифабону. 1950. ноҳияи Шуғнон. Ҷамоати деҳоти Сучон. Деҳаи Барсем. Нафақахур. Собик ҳамшираи шавқат

21. Сулаймоншоева Давлатхотун. 1964. ноҳияи Шуғнон. Ҷамоати деҳоти Сучон. Деҳаи Танг. Собиқ омузгор. Нафақахур.
22. Худоёрбеков Юсуф. 1945. шаҳри Хоруг. Кӯчаи Ш. Шоҳтемур 142/4. Собиқ корманди соҳаи иқтисод. Нафақахур.

“ЛЕНИН ДАР ПОМИР”-ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ ФОЛКЛОРИИ ДОСТОНИ МИРСАИД МИРШАКАР.

“*Ленин дар Помир” достони таърихиест, ки бо истифодаи ғановати фарҳанги мардумӣ эҷод гардидааст. Дар солҳои 1954 -55 навишта шудааст, дар давроне, ки Тоҷикистон яке аз 15 ҷумҳуриҳои бародари давлати Иттиҳоди Шуравӣ маҳсуб меёфт. Дар достон паҳлуҳои гуногуни ҳаёти мардуми оддии айёми кудакии шоир оварда шудааст. Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ достони номбурда дар муассисаҳои таълимоти миёна омӯхта мешуд. Гарчанд бештари эҷодиёти даврони Шуравии шоир Мирсаид Миршакар талаботи давру замонро таҷассум мекард, вале бо ғояҳои худ ҳамеша аз эҷодиёти даҳанакии халқ маншаи мегирифт. Дар достони “Ленин дар Помир” низ мавзуъҳои доираи сиёсати замони шоир бо истифодаи гуфтаҳои мардумӣ басо ҷоллиб ва дилкаш эҷод гардидаанд. Имрӯзҳо дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба омӯзиши жанрҳои фолклорӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад, зеро эҷодиёти даҳонакии мардум –фарҳанг аст. Аз ин ру достони “Ленин дар Помир” низ омухтанист, зеро фарҳанги мардумии тоҷикони кӯҳистонро инъикосгар мебошад. Омузиши достон чанд ҷиҳати муҳимият дорад; дар он на танҳо фолклор васеъ истифода бурда шудааст, балки достон сатҳи иқтисодии рузгори тоҷикони кӯҳистонро дар марҳилаи гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигари ҷамъиятиро тасвир намуда, тафаккури сиёсӣ, таъсири ҳаракатҳои нави ҷамъияти ба ҳаёти кӯҳистониён ва ҳолатҳои ҷуғрофии минтақаро низ инъикос менамояд. Кулминатсияи муътавои достон дар анҷоми он аён мегардад; яъне дар Помир будани Ленин ба маънои зинда мондани кору пайкор ва таъкидҳои ин инқилобгар дар ҷомеаи Помир мебошад, аз ҷумла сохтмони мактабҳову ҷалби баробари ҳамаи кудакон ба хондан, таъмири насли наврас аз китобу дафтар ва таъмини шароити хуб барои илмомузӣ мебошад.*

Калидвожаҳо: Ленин, Помир, Мирсаид Миршакар, хурус, ҷуғз, ситора, мор, Боми Ҷаҳон, сол, ноором.

Маълумот дар бораи муаллиф: Худоёрбекзода Хосият Қамчибек – унвонҷуйи шуъбаи фолклор ва адабиёти Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови АМИТ. Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, Н. Қарабоев 5, 38. Тел: 93 588 23 60; Email: khosiyat. kh. k@gmail. com.

"ЛЕНИН НА ПАМИРЕ" - АНАЛИЗ ФОЛЬКЛОРНЫХ АСПЕКТОВ ПОЭМЫ МИРСАИДА МИРШАКАРА

«Ленин в Памире» — это историческая поэма, созданная с использованием богатства народной культуры. Написана в 1954–55 годах, в период, когда Таджикистан считался одной из 15 братских республик Советского Союза. В поэме приведены различные стороны жизни простого народа, периода детства поэта. В советское время упомянутая поэма изучалась в среднеобразовательных учреждениях. Хотя большая часть творчества Мирсаида Миршакара советского периода отражала требования времени, но по своим идеям она всегда исходила из устного народного творчества. В поэме «Ленин в Памире» также темы, охватывающие политику времени поэта, с использованием народных говоров созданы весьма интересно и трогательно. Сегодня, в период независимости Таджикистана изучению фольклорных жанров в различных регионах страны уделяется особое внимание, потому что устное народное творчество — это культура. Поэтому поэму «Ленин в Памире» также стоит изучать, поскольку она отражает народную культуру горных таджиков. Изучение поэмы имеет несколько значимых аспектов: в ней не только широко используется фольклор, но поэма описывает экономический уровень жизни горных таджиков в период перехода от одного общественного строя к другому, а также отражает политическое мышление, влияние новых общественных движений на жизнь горцев и географические условия региона. Кульминация содержания поэмы проявляется в её завершении; то есть пребывание Ленина на Памире означает живость его дела, борьбы и наставлений в памирском обществе, в частности, строительство школ, привлечение всех детей к обучению на равных условиях, обеспечение молодого поколения книгами и тетрадями, а также создание хороших условий для получения знаний.

Ключевые слова: Ленин, Памир, Мирсаид Миршакар, петух, сорока, звезда, змея, Крыша

Мира, год, тревожный.

Сведение об авторе: Худоёрбекзода Хосият Қамчибек –соискатель отдела фольклора и литературы Института гуманитарных наук имени академика Баходура Искандарова Национальной Академии Наук Республики Таджикистан. Адрес: 734003, г. Душанбе, ук Н. Қарабоев 5, 38. Тел: 93 588 23 60; Email: khosiyat. kh. k@gmail. com.

“LENIN IN PAMIR” — ANALYSIS OF THE FOLKLORIC ASPECTS OF THE POEM BY MIRSAID MIRSHAKAR

“*Lenin in Pamir” is a historical poem created using the rich tradition of folk culture. It was written in the years 1954–55, during a period when Tajikistan was considered one of the 15 brother republics of the Soviet Union. The poem presents various aspects of the life of ordinary people during the poet’s childhood. In the Soviet era, the mentioned poem was studied in secondary educational institutions. Although most of Mirsaid Mirshakar’s creative work during the Soviet period reflected the demands of the time, in its ideas it always originated from oral folk creativity. In the poem “Lenin in Pamir”, the themes covering the politics of the poet’s time are also created very interestingly and touchingly through the use of folk dialects. Today, in the period of independence of Tajikistan, special attention is being paid to the study of folklore genres in various regions of the country, because oral folk creativity is culture. Therefore, the poem “Lenin in Pamir” is also worth studying, as it reflects the folk culture of the mountainous Tajiks. Studying the poem has several important aspects: not only is folklore widely used in it, but the poem also describes the economic level of life of the mountain Tajiks during the transition from one social system to another, as well as reflects political thinking, the influence of new social movements on the life of mountain dwellers, and the geographical conditions of the region. The culmination of the poem’s content becomes clear in its conclusion; that is, Lenin’s presence in Pamir signifies the continuation of his deeds, struggle, and instructions in Pamiri society — in particular, the construction of schools, the equal inclusion of all children in education, providing the younger generation with books and notebooks, and ensuring good conditions for learning.*

Keywords: Lenin, Pamir, Mirsaid Mirshakar, rooster, magpie, star, snake, Roof of the World, year, restless.

About the author: Khudoyorbekzoda Khosiyat Kamchibek – applicant of the department of folklore and literature Institute of Humanities named after Academician Bakhodur Iskandarov of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Dushanbe city, N. Karaboev 5, 38. Тел: 93 588 23 60; Email: khosiyat. kh. k@gmail. com.

УДК: 811.222.0'373

ТАҲҚИҚИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Ҷамшедов П., Раҳимзода Ш.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Падидаи калимаҳои такрорӣ, ки дар адабиёти забоншиносӣ бо истилоҳоти «редупликатсия», «дупликатсия» ва «плеоназм» зикр мегардад, аз ҷумлаи усулҳои серистеъмол ва қадимии забонҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути ин падида воҳидҳои луғавии нав тавлид гардида, имкониятҳои ифодаи эҳсосот, таъкид ва такрори амал фароҳам мегарданд. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳарчанд механизми такрор умумиятҳое дорад, фарқиятҳои сохторӣ ва функсионалӣ низ назаррас мебошанд. Мақсад аз ин таҳқиқ таҳлили илмии назариявӣ, таърихӣ ва муқоисавии ин падида дар доираи забоншиносии муосир мебошад.

Калимаҳои такрорӣ, ки дар адабиёти илмии забоншиносӣ бо мафҳумҳои «редупликатсия», «дупликатсия» ва «плеоназм» маъруфанд, яке аз усулҳои қадимӣ ва муассири ташаккули воҳидҳои луғавии нав дар забонҳои табиӣ маҳсуб меёбанд. Ин падидаи забонӣ, ки бо воситаи такрори пурра ё қисмии реша, ҳиҷо, ё калима амалӣ мегардад, имкониятҳои ифодасозӣ ва маънофаринии забонро дар самтҳои гуногун аз ҷумла эҳсосот, таъкид, таъсир ва таъбири такрорӣ тавсеа мебахшад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳарчанд падидаи редупликатсия аз ҷиҳати маншаи таърихӣ ва сохтори умумитипологӣ умумиятҳое дорад, фарқиятҳои сохторӣ, семантикӣ ва функсионалӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ, калимаҳои такрорӣ

бештар хислати услубшиносӣ ва эҳсосӣ доранд, дар ҳоле ки дар забони англисӣ, онҳо бештари вақт ҳамчун унсури риторикӣ ва фонетикӣ дар забони гуфтугӯйӣ ё адабиёти кӯдакона истифода мешаванд.

Мақсади таҳқиқоти мақолаи мазкур дар он аст, ки бо такя ба таҳлилҳои назариявӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ, моҳият ва нақши калимаҳои такрорӣ ҳамчун воситаи луғавию грамматикӣ ва услубии забон дар доираи забоншиносии муосир ва муқоисавӣ равшан карда шавад.

Истифодаи истилоҳот: Ин порча дуруст ва мувофиқ бо истилоҳоти забоншиносӣ навишта шудааст, вале такмили фаҳмондадиҳӣ дар бораи се истилоҳи зикршуда зарур аст. Барои мисол:

Редупликатсия: такрори пурра ё қисмии реша ё калима;

Дупликатсия: бештар дар фонология ва биозабоншиносӣ истифода мешавад;

Плеоназм: такрори маънои барзиёд дар сатҳи фразеологӣ ё услубӣ (барои ҳамеша абадан).

Усулшиносӣ: Ҷоиз мебуд дар ҷумлаи аввал ишора шавад, ки ин падида на танҳо дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ, балки дар аксари забонҳои ҷаҳон ба гунаҳои хос ҳузур дорад.

Таркиби ҷумлавӣ: Истифодаи ибораҳои «мақсад аз ин таҳқиқ» бо ибораҳои услуби илмӣ, мисли «мавриди баррасии ин таҳқиқ қарор гирифт. . . » ё «ҳадаф дар таҳлили. . . » иваз шуд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ҳамин порча мухтасаран ишора шавад, ки калимаҳои такрорӣ на танҳо вазифа, балки категорияи услубии фаъол мебошанд.

Пешниҳод мешавад, ки мафҳуми механизми такрор тавзеҳ дода шавад: оё ба морфология, фонетика, ё лексикология дахл дорад?

Калимаҳои такрорӣ (редупликатсияҳо), ки дар адабиёти забоншиносӣ бо истилоҳоти гуногун аз ҷумла «редупликатсия», «дупликатсия» ва «плеоназм» ном бурда мешаванд, яке аз усулҳои қадимӣ ва пурқуввати ташаккули маъно ва воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои табиӣ маҳсуб меёбанд. Тавассути такрори пурра ё қисмии калима, реша ё ҳиҷо, ин падида имкони афзудани таъсир, эҳсосот, таъкид ва иқтидори ифодаи нутқро муҳайё месозад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳарчанд падидаи редупликатсия дар сатҳҳои лексикӣ ва услубӣ ба таври умумӣ шинохта шудааст, тафовутҳои назарраси сохторӣ, грамматикӣ ва функсионалӣ зоҳир мегардад. Калимаҳои такрорӣ дар забони тоҷикӣ бештар ҳамчун унсурҳои тасвирӣ ва маънои услубӣ амал мекунанд, дар ҳоле ки дар англисӣ хусусан дар шаклҳои аллитеративӣ ва рифмсозӣ дар услуби гуфтору шеърӣ ба таври фаъол истифода мешаванд.

Таҳқиқоти мазкур ҳадаф дорад, ки бо такя ба таҳлили назариявӣ, таърихӣ ва муқоисавии ин падида, ҷойгоҳ ва аҳаммияти калимаҳои такрориро дар сохтори забони табиӣ ва забоншиносии муосир муайян ва рӯшан созад.

Истилоҳи «редупликатсия» (аз лот. reduplicatio «такрор кардан») дар забоншиносӣ ба раванд ё натиҷаи такрор шудани воҳидҳои решавӣ, ҳиҷоҳо ва ҳатто калимаҳои пурра дахл дорад. Омӯзиши илмии ин падида ба таҳқиқоти Э. Сепир [1921], Ҷесперсен [1933], А. А. Реформатский [1970] ва дигарон рост меояд. Дар забоншиносии тоҷикӣ бошад, ин масъала аз ҷониби муҳаққиқоне чун М. Шукуров, Ф. Қ. Зикриёев, Ш. Исмоилов ва Д. Тоҷиев мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз нигоҳи истилоҳот, «такрор» ва «редупликатсия» дар бархе мавридҳо синонимӣ, вале дар дигар ҳолатҳо дорои хусусиятҳои таҳлилии гуногун мебошанд. Дар корҳои А. Марчанд ва Арнолд редупликатсия ба таври мустақил ҳамчун механизми калимасозӣ ва воситаи ифодаи эҳсосот ба шумор меравад.

Редупликатсияҳоро метавон ба се навъи асосӣ тақсим кард:

Редупликатсияи пурра: "зуд-зуд", "go-go", "wishy-washy";

Редупликатсияи нопурра (рифмӣ ё аллитеративӣ): "flip-flop", "ding-dong", "чил-пал";

Редупликатсияи грамматикӣ: такрори афзояндаи грамматикӣ ё тақлиди маънӣ.

Дар забони тоҷикӣ, истифодаи такрор бештар дар лексикаи гуфтугӯӣ, шеъри классикӣ ва нутқи тасвирӣ мушоҳида мешавад. Масалан: «дурдасту дурдид», «ором-ором»,

«гашта-гашта».

Дар забони англисӣ, сохторҳои такрорӣ ба воситаи рифмҳо ва аллитератсия бештар дар услуби бадеӣ ва шабеҳсозии овоз истифода мешаванд: "super-duper", "boo-boo", "hodge-podge", "heebie-jeebies".

Калимаҳои такрорӣ ҳамчун воситаи филологӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

Таъкид ва шиддат: "ба-ба", "very very", "really-really";

Ифодаи эҳсосот: "ора-ора", "ha-ha", "boo-hoo";

Қувваи тасвирӣ дар насри бадеӣ ва фолклор;

Тақвияти маъно ва услуб дар шеъру мусиқӣ.

Функсияҳои мазкур дар таҳқиқоти Шукуров, Кукушкина ва С. Ю. Липатова дар асоси намунаҳои адабӣ таҳлили васеъ ёфтаанд.

Таҳқиқи муқоисавӣ нишон медиҳад, ки калимаҳои такрорӣ дар тарҷума ҳамеша мушкилоти интерпретативӣ ба бор меоранд. Забони англисӣ на ҳамеша имкони тарҷумаи сохторӣ (literal translation) -и такрорҳои тоҷикиро фароҳам меорад.

Мисол (тоҷикӣ)	Тарҷумаи англисӣ	Шарҳ
"аста-аста"	slowly, gradually	тарҷумаи функционалӣ
"гашта-гашта"	again and again	тарҷумаи семантикӣ
"зуд-зуд"	frequently	тарҷума бо синоним
"ҷон-ҷон"	no equivalent	тарҷумаи шарҳдиҳанда

Аз ин рӯ, тарҷумаи калимаҳои такрорӣ на танҳо истеъдод, балки маҳорат ва донишҳои семантикӣ талаб мекунад.

Падидаи калимаҳои такрорӣ ё редупликатсия яке аз намудҳои равшани сохторӣ ва маъноии луғат дар ҳама гуна забон аст, ки бо хусусиятҳои филологӣ, услубшиносӣ ва тарҷумашиносӣ тавъам мебошад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳарчанд дар сохтор ва типология фарқ доранд, аммо тавассути редупликатсия имкониятҳои сермаҳсули ифодаи маъно ва ҳиссиёт фароҳам меоранд. Омӯзиши системавии ин падида барои тарбияи тарҷумонҳо, таҳияи луғатҳо, ва таълими грамматикаи муқоисавӣ зарур ва фоиданок мебошад.

Ҷадвали таснифи типологии калимаҳои такрорӣ (редупликатсия)

№	Навъи редупликатсия	Намунаҳо (тоҷикӣ)	Намунаҳо (англисӣ)	Вижагӣ ва вазифа
1	Редупликатсияи пурра	аста-аста, тез-тез	go-go, no-no	Такрори пурраи реша барои таъкид
2	Редупликатсияи нопурра	хап-хоп, гур-гир	flip-flop, zig-zag	Тағйири овозӣ, рифмсозӣ
3	Редупликатсияи маъноӣ	ором-ором (таъкид), дер-дер	wishy-washy, hodge-podge	Ифодаи эҳсос, номуайянӣ
4	Редупликатсияи грамматикӣ	гашта-гашта, рафта-рафта	again and again	Ифодаи такрори амал
5	Редупликатсияи тақлидиовозӣ	ках-кӯх, лап-луп, гап-гуп	quack-quack, ding-dong	Садоҳо ва тасвири аксуламал
6	Редупликатсияи муродифӣ	хастаю заҳматкаш, калон-дағал	big and large, rough and rude	Тақвияти маъно
7	Редупликатсияи услубӣ	базеб-базеб, покиза-покиза	super-duper, tip-top	Услуби бадеӣ, муғлаксозӣ

Мисолҳои шеърию бадеии тоҷикӣ бо калимаҳои такрорӣ

Аз осори классикӣ:

Оҳиста-оҳиста (Ҷомӣ)

Оҳиста-оҳиста аз ин ҷо бирафтам,

Оҳиста-оҳиста ба ҷонон бипайвастам.

Аста-аста дилам аз ғам ҷудо шуд,

Аста-аста ба рухи ёр шино шуд.

Такрори «оҳиста-оҳиста» дар мисраи аввал на танҳо таъкидро мерасонад, балки шиддати эҳсоси ниҳонӣ ва фориғболии зоҳириро ифода мекунад.

Гашта-гашта (Бедил)

Гашта-гашта ба сари кӯйи ту расидам боз,

Гашта-гашта дили саргашта ба ту шуд ҳамроз.

Шарҳ: «Гашта-гашта» амалеро бо такрор ва бенатиҷа будани он таъриф мекунад. Вожаи такрорӣ шиддати маънавии ҷустуҷӯи маънӣ ва ишқро пурқувват мекунад.

Зуд-зуд (Саъдии Шерозӣ)

Зуд-зуд ба ёди рӯят афтам, эй нигор,

Зуд-зуд дилам шавад ба ишқи ту қарор.

Шарҳ: Такрори «зуд-зуд» ифодаи бисёркарата ва шитобнокии амалро нишон медиҳад.

Мисолҳои адабии англисӣ бо калимаҳои такрорӣ

1. William Shakespeare:

"And again and again, he knocked upon her door. . . "

(Othello)

Ифодаи red. «again and again» амалеро бо шиддат ва исрор нишон медиҳад.

2. Lewis Carroll (Through the Looking-Glass):

"He did his dozy-dozy dance, and sang a mimsy song. . . "

Вожаҳои сохташуда бо редупликатсия ("dozy-dozy", "mimsy") дар адабиёти кӯдакона хислати фонетикӣ, мусиқоият ва шодии забонро ифода мекунанд.

3. Dr. Seuss (Oh, the Thinks You Can Think!):

"You can think think-think. . . if only you try!"

Такрори амдии вожаҳо ҳамчун воситаи риторикӣ барои ташвиқ ва таҳрикоти кӯдакон истифода мешавад.

Ҷадвали тарҷумаи таркибии вожаҳои такрорӣ

Вожаи тоҷикӣ	**Тарҷумаи имконии англисӣ**	**Навъи тарҷума**	**Эзоҳ**
ором-ором	slowly, calmly	функсионалӣ	бо истифодаи синонимҳо
рафта-рафта	gradually, step by step	муодили контекстӣ	гузориши амалӣ
дер-дер	seldom, from time to time	бо фраза	тарҷума бо изофаи маънӣ
гап-гап	random talk, chitchat	услубӣ	бо ҷанбаи мусиқоият
базеб-базеб	overly-decorated, too stylish	фаҳмонда	бо шарҳ тарҷума мешавад

Таҳқиқи калимаҳои такрорӣ (редупликатсия) дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ равшан месозад, ки ин падида на танҳо як воситаи экспрессивии нутқ, балки механизми муҳими калимасозӣ, таъсиррасонӣ ва маънофарӣ мебошад. Редупликатсия, ҳамчун шакли забонӣ, дорои заминаи таърихии амиқ ва системаи сохтории мураккаб буда, дар забонҳои гуногун бо вижагиҳои маҳсули функсионалӣ ва услубӣ зуҳур мекунад.

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои такрорӣ бештар дар шеъру фолклор, сухани эҳсосӣ, тарзи гуфтугӯйӣ ва таъкиди маъно истифода мешаванд. Онҳо тавассути такрори пурра, қисмӣ ё овозӣ имкони расонидани эҳсосот, таъсир ва тасвири ҳолатҳоро фароҳам меоранд. Масалан, чунин воҳидҳо мисли "аста-аста", "зуд-зуд", "гашта-гашта" дар адабиёти классикӣ ва муосир ҳамчун абзорҳои услубӣ ва риторикӣ ҷойгоҳи барҷаста доранд.

Дар забони англисӣ низ, гарчанде падидаи редупликатсия нисбат ба тоҷикӣ камтар сохтори калимасозии мустақил дорад, аммо он дар забони гуфтугӯйӣ, адабиёти кӯдакона ва таркибҳои шуниданишин (ear-catching) ҳамчун воситаи таъсиррасонии овозӣ, мусиқоият ва риторика ба кор меравад. Ифодаҳои мисли flip-flop, go-go, wishy-washy, super-duper на танҳо маънӣ, балки як шеваи тарҷумаи эҳсосот ва ҳадафмандии услубиро дар бар мегиранд.

Бо таҳлили типологии сохтор ва семантикаи редупликатсия, мушоҳида мегардад, ки онро метавон ба навъҳои пурра, нопурра, грамматикӣ, маъноӣ, услубӣ ва овозӣ тақсим

кард. Ин таҳлил имконият фароҳам овард, ки сохторҳои фонетикӣ ва морфологии вожаҳои такрорӣ бо назардошти муҳити луғавӣ ва контексти коммуникативӣ тадқиқ карда шаванд.

Фарқият ва умумиятҳои забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ дар сатҳи редупликатсия нишон медиҳанд, ки ҳарчанд механизм умумитарин шакли такрорро дорост, вале таъсири фарҳангӣ, услубшиносӣ ва эстетикӣ дар интихоби шаклҳо ва корбурдҳо фарқ мекунанд. Ҳамин ҷиҳати лексикӣ ва услубӣ ба ин падида хусусияти универсалӣ ва ҳамзамон маҳаллисозишуда мебахшад.

Аҳаммияти тарҷумашиносӣ низ ба ин таҳқиқ дучанд аст. Азбаски сохторҳои такрорӣ на ҳамеша тарҷумаи мустақими сохторӣ доранд, корбарии онҳо дар забонҳои ҳадаф усулҳои махсуси интерпретатсия, фаҳмониш, иваз ва шарҳи иловагиро талаб мекунад. Ҷадвалҳои таҳлилӣ ва корпуси адабии пешниҳодшуда дар мақола саҳми амалӣ дар омӯзиши муқоисавӣ ва таълими грамматика ва фразеологияи тарҷумашиносиро пурзӯр месозад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқ нишон медиҳад, ки калимаҳои такрорӣ ҳамчун як падидаи мураккаби забонӣ қобили омӯзиши амиқ бо равишҳои гуногуни лингвистӣ мебошанд. Онҳо аз марҳалаи тасвирӣ то семантикӣ, аз воситаи гуфтор то абзори шеър, аз фолклор то тарҷума нақшофарини фаъол доранд ва омӯзиши минбаъдаи онҳо метавонад дар таҳияи луғатҳои шарҳӣ, дастурҳои тарҷумонӣ ва омӯзиши забонҳои муқоисавӣ самти нави пажӯҳишро фароҳам оварад.

АДАБИЁТ:

2. Сепир Э. Забон: Введение в изучение речи. – М. : Прогресс, 1993. С. 342.
3. Ҷесперсен О. Основы грамматики английского языка. – М. : Высшая школа, 1958. С. 291.
4. Реформатский А. А. Введение в языкознание. – М.: Аспект Пресс, 2004. С. 383.
5. Шукуров М. Забони адабии тоҷик: масъалаҳои услубшиносӣ ва грамматика. – Душанбе: Ирфон, 1982. С. 296.
6. Зикриёев Ф. Қ. Лексикологияи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. С. 340.
7. Исмоилов Ш. Мафҳум ва сохтори калимаҳои такрорӣ дар забони тоҷикӣ. // Забон ва адабиёт, №4, 2012. С. 52;57.
8. Тоҷиев Д. Вижагиҳои семантикии калимаҳои такрорӣ дар адабиёти бадеӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. С. 214.
9. Marchand H. The Categories and Types of Present-Day English Word-Formation. – München: Beck, 1969. P. 348.
10. Arnold I. V. The English Word. – M. : Высшая школа, 1986. P. 284.
11. Lipatova S. Yu. Reduplicative Constructions in English and Russian: A Contrastive Study. // Vestnik of Moscow State Linguistic University, №2, 2020. – P. 103;112.
12. Кукушкина Е. М. Стилистика английского языка. – М. : Просвещение, 1984. С. 220.
13. Crystal D. The Cambridge Encyclopedia of the English Language. – Cambridge: CUP, 2010. – 499 p.
14. Воҳидов Ҳ. Калимасозӣ дар забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1989. С. 280.
15. Carroll L. Through the Looking-Glass and What Alice Found There. – London: Macmillan, 1871.
16. Seuss Dr. Oh, the Thinks You Can Think! New York: Random House, 1975.

ТАҲҚИҚИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Мақола ба баррасии назариявӣ ва филологии падидаи калимаҳои такрорӣ (редупликатсия) дар забоншиносӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои сохторӣ, семантикӣ ва услубии калимаҳои такрориро таҳлил намуда, масъалаҳои назариявии баҳсталаб ва манбаъҳои таърихии омӯзишро шарҳ медиҳад. Дар мақола ба таври мушаххас имкониятҳои экспрессивӣ, грамматикӣ ва фразеологӣ-ифодаии калимаҳои такрорӣ нишон дода шуда, аҳаммияти ин падида дар тарҷумашиносӣ ва лексикологияи

муқоисавӣ барҷаста мегардад.

Бо таҳлили типологии сохтор ва семантикаи редупликатсия, мушоҳида мегардад, ки онро метавон ба навъҳои пурра, нопурра, грамматикӣ, маъноӣ, услубӣ ва овозӣ тақсим кард. Ин таҳлил имконият фароҳам овард, ки сохторҳои фонетикӣ ва морфологии вожаҳои такрорӣ бо назардошти муҳити луғавӣ ва контексти коммуникативӣ тадқиқ карда шаванд.

Фарқият ва умумиятҳои забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ дар сатҳи редупликатсия нишон медиҳанд, ки ҳарчанд механизм умумитарин шакли такрорро дорост, вале таъсири фарҳангӣ, услубшиносӣ ва эстетикӣ дар интихоби шаклҳо ва корбурдҳо фарқ мекунанд. Ҳамин ҷиҳати лексикӣ ва услубӣ ба ин падида хусусияти универсалӣ ва ҳамзамон маҳаллисозишуда мебахшад.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ҳамин порча мухтасаран ишора шавад, ки калимаҳои такрорӣ на танҳо вазифа, балки категорияи услубии фаъол мебошанд.

Калидвожаҳо: калимаҳои такрорӣ, редупликатсия, калимасозӣ, таҳлили типологӣ, тарҷумашиносӣ, фразеология, услубшиносӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

Маълумот дар бораи муаллифон: Ҷамшедов Парвонахон - д. и. ф., профессори кафедраи забонҳои хориҷии АМИТ суроға: проспект Рудаки 33 Душанбе, Тоҷикистон тел: 919002053, E-mail: pjam07@mail. ru

Раҳимзода Шаҳло Дилшод, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ барои ихтисоси ҳамгирои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, суроға: Муҳаммадиев 17/6, Душанбе, Тоҷикистон тел:918796968, E-mail: shahlorahimova1993@mail. ru

ИССЛЕДОВАНИЯ ПОВТОРЯШИХСЯ СЛОВ В ЯЗЫКОЗНАНИИ

Статья посвящена теоретическому и филологическому анализу феномена редупликации (повторяющихся слов) в лингвистике. Автор, опираясь на сравнительные и типологические исследования таджикского и английского языков, анализирует структурные, семантические и стилистические особенности повторяющихся слов, освещает спорные теоретические аспекты и исторические источники изучения данного явления. В статье чётко обозначены экспрессивные, грамматические и фразеологические функции редупликаций, подчеркивается их значение в переводоведении и сопоставительной лексикологии.

Ключевые слова: повторяющиеся слова, редупликация, словообразование, типологический анализ, переводоведение, фразеология, стилистика, таджикский язык, английский язык.

Свединие об авторах: Парвонахон Джамшедов – доктор филологических наук, профессор кафедры иностранных языков Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Адрес: проспект Рудаки 33, город Душанбе, Тоҷикистон, Телефон: +992 919 00 20 53, E-mail: pjam07@mail. ru

Шахло Дилшод Рахимзода – старший преподаватель кафедры иностранных языков интегрированной специальности Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода. Адрес: улица Мухаммадиев 17/6, город Душанбе, Таджикистан Телефон: +992 918 79 69 68, E-mail: shahlorahimova1993@mail. ru

THE STUDY OF THE WORD DUPLICATION IN LINGUISTIC

The article presents a theoretical and philological analysis of the phenomenon of reduplication (repeated words) in linguistics. Relying on comparative and typological research of the Tajik and English languages, the author examines the structural, semantic, and stylistic characteristics of reduplicated forms, elucidating controversial theoretical issues and historical sources of the study. The article clearly highlights the expressive, grammatical, and phraseological functions of reduplication and emphasizes its importance in translation studies and comparative lexicology.

Keywords: reduplicated words, reduplication, word formation, typological analysis, translation studies, phraseology, stylistics, Tajik language, English language.

Parvonakhon Jamshedov – Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Foreign Languages at the Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, Tajikistan, Phone: +992 919 00 20 53, E-mail: pjam07@mail. ru

Shahlo Dilshod Rahimzoda – Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages for Integrated Specialties at the Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода. Address: 17/6 Muhammadiyev Street, Dushanbe, Tajikistan, Phone: +992 918 79 69 68, E-mail: shahlorahimova1993@mail. ru

УДК: 821.222.0:82-92

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ЁДДОШТ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС

Шамшоди Ҷ.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Жанри ёддошт дар адабиёти тоҷику форс реша дар бунёдии пояҳои фарҳанги хаттӣ ва шифоҳии мардуми ориёинажод дорад. Ҳарчанд навиштани ёддошт ба маънои классикӣ, яъне баёни хотирот, таҷрибаи шахсӣ ва мушоҳидаи мустақими воқеият дар асрҳои миёна ин тараф бештар шакл гирифтааст, пояҳои фикрӣ ва зеҳнии он аз асрҳои хеле қадимтар, ҳатто қабл аз ислом, дар навиштаҳои расмӣ, матнҳои динӣ ва шоҳномаҳои таърихӣ падид омадаанд. Он замонҳо ифодаи шахсият бештар дар шакли баёни ғояҳои динӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ зоҳир мегардид, вале оҳиста-оҳиста ҷой барои таҷрибаи шахсӣ ва нигоҳи инфиродӣ низ пайдо шуд, ки дар ниҳоят заминаи пайдоиши жанри ёддоштро фароҳам сохт.

Нишонаҳои аввалини ёддошт дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ бештар дар осоре зоҳир мешаванд, ки дар онҳо муаллиф муносибати шахсии худро бо ин рӯйдодҳо баён мекунад. Чунин равиш нахуст дар навиштаҳои таърихӣ, тазкираҳо, сафарномаҳо ва осори ирфонӣ падидор шуд ва тадриҷан аз шакли ифодагари таърих ё таълим, ба шакли таҷрибавӣ ва шахсӣ табдил ёфт. Ба ҳамин васила, ёддошт ҳамчун жанре, ки дар худ ҳам воқеият ва ҳам субъективизмро ҷамъ мекунад, бо гузашти замон аз дохили жанрҳои дигар рӯ ба худшиносӣ оварда, дар роҳи ташаккул ва рушди худ қарор гирифт. адабиётшинос Худойназар Асозода дар ин бора ёдоварӣ карда, баён доштааст, ёддоштҳо баробари ҳифзи хотирот ва таҷрибаи шахсӣ, вазифаи маърифатӣ ва ахлоқӣ низ доранд, ба хонанда таҷриба, сабақ ва андешаҳои муаллифро интиқол медиҳанд. Яъне, замина ва ё омили таълифи ёддоштҳоро, пеш аз ҳама, он масъалаҳое ташкил медиҳанд, ки “ба ақидаи нависанда барои имрӯзу фардо арзишнок, ибратангез ва қобили таваҷҷуҳ бошад; ёддошт ба хотири ҳадафи муайяни муаллиф арзи вуҷуд мекунад” [2, с. 216].

Ёддошт дар доираи навиштаҳои шахсӣ ҳамчун абзори муҳимми ифодаи таҷриба, мушоҳида ва тафаккури фардӣ мақоми хос дорад. Аз дидгоҳи таҳлилӣ, ин шакли навиштор дар баробари хусусиятҳои адабӣ, ҳамзамон дорои аҳаммияти иттилоотии таърихӣ ва иҷтимоист. «Ҳар як нависандаи бузург, – қайд кардааст адабиётшинос Ю. Салимов, – баробари адиби давраи худ будан, дар айни замон хислатҳои умдаи маданияти гузаштаи халқи худро низ ифода менамояд. Чунки осори эҷодкори ҳақиқӣ давоми мантиқии тафаккури бадеии чандинасраи халқ мебошад» [9, с. 11]. Маҳз ҳамин омезиши хусусиятҳо боис мегардад, ки ёддоштҳо дар таҳқиқоти адабӣ ва фарҳангшиносӣ ҳамчун ойинаи замон ва бозгӯи муҳити зиндагии муаллифон пазируфта шаванд.

Таҳлили таърихи шаклгирии ёддоштнависӣ дар фазои фарҳангии эронӣ-тоҷикӣ аз ҳадди як пажуҳиши жанрии адабӣ фаротар рафта, ба баррасии руҳия, ҷаҳонбинӣ ва низоми арзишии ҷомеа мусоидат мекунад. Чунин таҳқиқот бояд ба воситаи истинод ба матнҳои аслӣ, ёддоштҳои таърихӣ ва натиҷаҳои пажуҳишҳои бостоншиносӣ сурат гирад, то заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии пайдоиши он равшан гардад. Ба андешаи адабиётшинос Раҳим Мусулмониён хусусияти нодири ёддошт дар он аст, ки бо рушди саводнокӣ ва афзоиши имкониятҳои паҳнсозии асарҳо, имкони таълифи чунин осор зиёд гардид ва жанри ёддошт тавонист нақши муҳими худро дар ташаккули ҳофизаи таърихӣ ва фарҳангии ҷомеа нишон диҳад. Тавре қайд кардааст: «Барои характеристикаи моҳияти сохти иҷтимоӣ, мафкураи ҷамъиятӣ, вазъияти илму маданият ва амсоли инҳо ёддошт назар ба ҳар як жанри дигари адабӣ бештар имконият дорад» [6, с. 152].

Раванди пайдоиш ва ташаккули ёддоштнависӣ ба ду марҳала ҷудо мегардад: давраи пеш аз ислом, ки бештар ба мероси шифоҳӣ ва матнҳои мазҳабии қадим такя дошт ва давраи баъд аз ислом, ки дар он бо рушди хатт ва густариши илму маърифат, ёддошт ба як падидаи нисбатан устувори иҷтимоӣ ва адабӣ табдил ёфт. Тасифити давраҳои мазкур дар асару мақолаҳои муҳаққиқон ба таври иҷмолӣ қайд шудааст. Аз ин ҷиҳат, арзбии муфассал

ва мукаммали он аҳаммияти калони илмӣ дорад. Чунки дар ин марҳала, ёддошт шакли муташаккили ҳуҷҷатгузории зиндагии шахсӣ ва муосирсозии нигоҳи таърихӣ гардид.

Агар ба оғози таърихи ёддоштнависӣ дар тамаддуни башарӣ назар афканем, яке аз равшантарин мисолҳоро метавон дар фарҳанги қадимии Шумер пайдо кард. Ин тамаддун, ки дар водии ҳосилхез ва серобу сернағми байнидарёии Месопотамия рушд ва такомул ёфта буд, нахустин намунаҳои хаттӣ ва сабти маълумотро дар бар мегирад. Яке аз маъруфтарин ва муҳимму қадимтарини ин давра санади ёддоштӣ аз як вазири сумерӣ Алвоҳ Глин маҳсуб мешавад, ки намунаи ибтидоии ёддошт арзёбӣ мегардад. Ин алвоҳ, ки бо хатти мехӣ рӯи гил навишта шудаанд, зери назорати як намояндаи маъмурияти Шумер таҳия гардида, бештар хусусияти расмӣ ва маъмурӣ доштаанд, аз қабили сабти ҳисобу китоб, танзими корҳои ҷамъиятӣ ва назорати идорӣ [4, с. 20]. Бо вуҷуди мазмуни асосан маъмурии ин навиштаҳо, дар онҳо нишонаҳои равшани изҳори эҳсосоти шахсӣ ва андешаи фардӣ низ ба назар мерасад. Баъзе навиштаҷот аз марзи расмият гузашта, ба таҷассумгари ҳолатҳои шахсӣ табдил ёфтаанд. Ин гуна навишта, ки эҳтимолан яке аз аввалин намунаҳои сабти таҷрибаи шахсии инсон аст, оғози зуҳури унсури фардиятро дар фарҳанги хаттӣ нишон медиҳад ва заминаи ташаккули ёддоштҳои шахсиро фароҳам месозад.

Дар тӯли таърихи қадим, ниёз ба сабти маълумот ва муошрати хаттӣ дар тамаддунҳои гуногун эҳсос мешуд. Дар қаламрави Эрони бостон низ шаклҳои ибтидоии ёддоштнависӣ мавҷуд будаанд, ки далели ин раванданд. Бо гузашти замон ва такомули шуури фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ҳам шакл ва ҳам муҳтавои ин ёддоштҳо таҳаввул ёфтанд. Системаҳои навиштан мураттабтар гардиданд ва мавзуъҳои дар навиштаҳо инъикосёбанда низ гуногунтар шуданд. Ҳамин тавр, навиштаҳо танҳо ба масъалаҳои иқтисодӣ маҳдуд намонда, ба соҳаҳои дигар чун таърих, ахлоқ, урфу одат ва ҷаҳонбинӣ роҳ ёфтанд. Ин раванд натанҳо зарурати иҷтимоии сабти донишро нишон медиҳад, балки оғози ташаккули ҳофизаи хаттии тамаддуни эронии қадимро ҳам ба намоиш мегузорад.

Дар раванди ташаккули фарҳанги хаттӣ ва суннатҳои зеҳнии Эрони бостон, дини зардуштӣ нақши бунёдӣ бозидааст. Бо ташкили ин низоми мазҳабӣ дар паи муҳоҷирати қавмҳои ориёӣ ба Эрон, аввалин шаклҳои мураттаби ёддоштнависӣ пайдо шуданд. Ба таъкиди Алиакбари Ҷаъфарӣ: “Эрониёни зартуштӣ он чиро, ки аз фарҳанги куҳану бостонии худ доштанд, бар сурудҳову гуфтаҳои Зартушт ва ёрону ҷонишинони онон афзуданд ва ҳамаро чун адаби гаронбаҳои худ неку дуруст нигоҳ доштанд” [13, с. 6]. Китоби муқаддаси «Авасто», ки мароми таълимоти зардуштиро таҷассум мекунад, танҳо як манбаи динӣ нест, балки дорои паҳлуҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва фикрии фаровон аст. Қисматҳои қадимтарини он, ба монанди «Готҳо», аз сурудҳое иборатанд, ки ба худи Зардушт мансубанд. Дар ин сурудҳо таълимоти ахлоқӣ ва динӣ бо таҷрибаи ботинии муаллиф ва дидгоҳи ӯ нисбат ба ҷомеа омехта гардида, шакли хоси изҳороти шахсиро фаро гирифтаанд. Ҳамин ҳамоҳангии мазмунҳои фардӣ ва арзишҳои иҷтимоиву маънавӣ боиси он мегардад, ки «Готҳо» ба унвони намунаи равшани ёддошти шахсӣ дар қолаби андешаҳои динӣ ва фарҳангӣ шинохта шаванд.

Ҳарчанд тамоми «Авасто» дорои хусусияти мазҳабист, қисматҳое аз он, ба вижа «Готҳо» ва «Яштҳо», ба таври равшан ҷанбаи шахсии гуфтор ва фикрро дар худ доранд. Дар ин бахшҳо, Зардушт ҳамчун паёмбар иртиботи мустақими ботинии худро бо Худо, эҳсоси шубҳа, ҷустуҷӯи ҳақиқат ва таҷрибаи шахсии руҳониашро бозгӯ менамояд. Ӯ ба унвони як шахс бо воқеият рӯ ба рӯст ва ин равандро бо забоне суфта ва пурмуҳтаво сабт мекунад. Ба ин тартиб, Авасто ва, хусусан «Готҳо», оғози шаклгирии ёддошти абстракт ва андешавии шахсӣ дар фарҳанги форсӣ маҳсуб мешавад, ки дар он тафаккури фардӣ, ҳассосияти иҷтимоӣ ва таҷрибаи динӣ дар ҳамбастагӣ ва ҳамзистии маъноӣ сабт шудаанд.

Дар асри VI пеш аз милод, бо ташкили давлати мутамарказ ва пуркудрати Ҳахоманишӣ, сабти рӯйдодҳо шакли мураттаб ва расмӣ касб кард. Дар ин давра, ки бо рушди ниҳодҳои сиёсӣ ва густариши таъсири ҳокимият тавсиф мешавад, навиштани ёддоштҳо аз марҳалаи ҳисобу китоб ва сабти иттилооти маъмурӣ берун рафта, ба василаи баён ва ҳифзи воқеаҳои муҳими таърихӣ табдил ёфт. Катибаҳои дарборӣ, ки бо хатти мехӣ ба се забони форсии бостон, эламӣ ва баблӣ навишта мешуданд, бештар хусусияти сиёсӣ ва

таърихӣ гирифта, бар ташаккули тасаввуроти умумӣ дар бораи ҳокимият ва рӯйдодҳо таъсир мерасонданд. «Катибаи Бесутун», ки ба фармони Дорои Кабир таҳия шудааст, намунаи барҷастаи чунин ёддоштҳост. Дар он шоҳ ба таври дақиқ ҷараёни ба тахт нишастан, ҷангҳо ва ғалабаҳои худро баён карда, бар аҳдофи сиёсӣ, душманон ва ҷаҳонбинии шахсии худ низ ишора менамояд.

Хусусияти фарқкунандаи ин гуна навиштаҳо дар он аст, ки овози шахсӣ ва нуқтаи назари инфиродӣ, яъне шеваи ба худ хос баёни воқеаҳо дар онҳо равшан эҳсос мешавад. Ин навиштаҳо танҳо сабти хушк ва бетарафи рӯйдод нестанд, балки дид ва дарки муаллифро низ инъикос мекунанд. Подшоҳон дар чунин катибаҳо худро ташреҳгари он нишон медиҳанд. Ба илова, ин навиштаҳо дорои сохтори муназзам ва тарҳи андешидашуда мебошанд, онҳо макон, замон, шахсиятҳои калидӣ, сабаб ва натиҷаи рӯйдодҳоро дақиқ нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, катибаҳои давраи Ҳахоманишӣ намунаи ибтидоии ёддоштҳое ҳастанд, ки дар онҳо таҳлили сиёсӣ, таҷрибаи шахсӣ ва ҳадафҳои ҳокимият дар як қолаби муҳтавошинос ва ҳадафманд ҷамъ омадаанд.

Аз аҳди Ашкониён (250 п. м. -224 м.) то ба замони мо асноди хаттии фаровон нарасидаанд, вале эҳтимол меравад ки сабт ва интиқоли иттилоот бештар ба таври шифоҳӣ ва дар қолаби ривоятҳо сурат мегирифт. Бо фаро расидани давраи Сосониён (224-651 м.) ин раванд шакли нави рушдро касб кард ва ба марҳилаи тозае аз ташаккул ворид шуд. Дар баробари ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, навъҳои адабии нав ба миён омаданд, ки хусусияти ахлоқӣ, таълимӣ ва ёддоштӣ доштанд. Осоре чун «Андарзи Хусрави Анушервон», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Ёдгори Бузургмеҳр» ва «Худойнома» намунаи ин навъ навишторҳо ҳастанд. Ин асарҳо таҷрибаи ҳаёт, мушоҳидаҳои иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии шахсиро бозгӯ мекунанд ва ҳамчун оинаи арзишҳои замон хизмат мекунанд.

Яке аз намунаҳои барҷастаи ин анъана «Худойномаҳо» мебошанд, ки таърихи подшоҳонро ба тарзи нигораҳои ёддоштӣ бозгӯ мекарданд. Гарчанде ин навъ асарҳо баъд аз ислом дар шакли арабӣ ва сипас ба форсӣ таҳрир шуданд, муҳтавои онҳо нигоҳи шахсии нависандагони он даврaро нисбат ба таъриху ҷомеа инъикос мекард. Ин раванд минбаъд ба таълифоти минбаъда, аз ҷумла «Шоҳномаи Мансурӣ» ва махсусан «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, роҳ кушод. Ба ин тариқ, анъанаи ёддоштнависии шифоҳии пешин тадриҷан ба як шакли расмӣ ва адабии мукаммал табдил ёфт, ки то дергоҳ ба рушди адабиёти форсӣ таъсири амиқ гузошт.

Пас аз нуфузи ислом ба қаламрави Эрон, заминаҳои нави тамаддунӣ ва фарҳангӣ ба миён омаданд, ки яке аз самтҳои муҳимми он шаклгирии анъанаи ёддоштнависӣ дар қолаби забони форсӣ буд. Ҳарчанд қабл аз ислом низ шаклҳои ибтидоии сабти воқеаҳо вуҷуд доштанд, пас аз густариши ислом ва пазириши хатти арабӣ, ин раванд ба як ҷараёни мураттаб ва таъсиргузор табдил ёфт. Дар оғоз, сабки ёддошт бештар дар доираи таърихнигорӣ ва ахлоқнигорӣ зоҳир мешуд, ки ҳадафашон ҳифзи хотираи ҷамъиятӣ ва арзишҳои маънавӣ буд. Осори нахустини ин замина, ки бештар хусусияти омехтаи таърихӣ ва шахсӣ доштанд, нишон медиҳанд, ки муаллифон ба ғайр аз воқеанависӣ, тасвирҳои муҳитӣ ва дидгоҳҳои инфиродӣ низ пешниҳод мекарданд.

Дар тӯли таърих, жанрҳои ёддоштӣ шаклҳои гуногуни худро пайдо карданд ва ҳар кадом ба талаботи маънавӣ ва иҷтимоии давра ҷавоб медод. Аз тазкираҳое, ки ба шинохти адибон ва донишмандон ихтисос ёфтаанд, то сафарномаҳои муфассал, ки зиндагии шахсӣ ва мушоҳидаҳои руҳии муаллифонро дар бар мегирифтанд, ин навъи навиштор бозтоби шинохти фард ва ҷомеа буд. Ҳамчунин, намудҳои дигар чун зиндагоинома, эътирофнома ва ё осори ирфонӣ, ки унсурҳои ёддоштиро бо андешаи фалсафӣ ва таҷрибаи ботинӣ мепайванданд, нишон медиҳанд, ки ёддоштнависӣ дар фарҳанги эронӣ-тоҷикӣ бо тарҳрезии шахсияти таърихӣ ва ҳувияти фарҳангӣ иртиботи амиқ дорад. Ин навъи эҷоди хаттӣ дар тӯли асрҳо ҳамчун оинаи фикр ва эҳсоси инсон барҷо мондааст ва дар таҳаввули тафаккури ҷомеа нақши муассир бозидааст.

Боиси ёдоварист, ки пайдоиши ёддошт дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба даврaҳои ибтидоии исломӣ бармегардад, ки дар он замон сабти рӯйдодҳо, зиндагиномаи шахсиятҳо

ва изҳороти инфиродӣ асосан дар қолаби китобҳои таърихӣ, ахлоқӣ ва ирфонӣ сурат мегирифт. Ин навъи эҷоди хаттӣ тадриҷан ба як жанри мустақил табдил ёфт ва дар шаклҳои мухталиф, аз сафарнома то тазкира, густариш ёфт. Дар ин росто, тазкиранависӣ ҳамчун шохае аз ёддоштнависӣ ҷойгоҳи муҳими илмӣ ва фарҳангӣ пайдо кард, зеро он ба сабти хотироти таърихӣ ва зиндагиномаи адибон машғул буда, дар баробари воқеанависӣ, дидгоҳу мушоҳидаи шахсии муаллифро низ инъикос менамуд.

Муҳаммад Авфии Бухороӣ аз чеҳраҳои тобнок дар рушди ин раванд буд ва бо тазкираи «Лубоб-ул-албоб» ба ёддоштнависӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ заминаи илмӣ бахшид. Ин асар намунаи равшани ёддоштҳои таҳлилӣ ва шахсиятшиносона мебошад. Муҳаммад Авфӣ тавассути шеваи сабт ва тартиб додани маълумот, аз рӯйи замон, мазмун ва аҳамияти адабӣ, ба навишти ёддошт моҳияти тадқиқотӣ бахшида, сабки мураттаби ёддоштнависиро дар қолаби тазкира поягузорӣ намуд. Ӯ бо сабти шиносоии мустақим бо баъзе аз шоирон ва нақли дидгоҳҳояш дар бораи онҳо, ба ёддоштҳо ранги шахсӣ ва фарҳангӣ бахшидааст, ки ин яке аз вижагиҳои муҳими жанри ёддошт мебошад. Чунончи, дар сифати Сафиюддин ном ҷавон, ки ба шеъру шорӣ майл дошт, чунин менависад: «Ҷавоне ба сурат, пире ба сират, латифтабъ, ки айёми куҳул бад-ӯ муфохир ва тақаддуми ӯ бар акрон зоҳир. Дар Нисо ӯро дидам ва аз ӯ фавоид иқтибос намудам» [1, с. 292].

Ҳамчунин, «Лубоб-ул-албоб» муаллиф тавассути шеваи таҳлил, муқоиса ва шарҳ, тарзи тафаккури худ ва замонаашро баён намудааст. Ин амр ба тазкира хусусияти ёддоштие медиҳад, ки дар он муҳити иҷтимоӣ, адабӣ ва равонии адибон низ бозтоб ёфтааст. Аз ин ҷиҳат, асари Авфӣ намунаи барҷастаи ҳамгароии ёддошт бо таърихнигорӣ, адабиётшиносӣ ва шахсиятшиносӣ мебошад, ки дар рушди минбаъдаи ёддоштнависӣ, бахусус дар фарҳанги эронӣ-тоҷикӣ, таъсири амиқ гузоштааст.

Дар маҷмуъ, Муҳаммад Авфӣ бо тахайюл, дониши фарох ва сабки таҳлилиаш як марҳилаи нави ёддоштнависиро дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ оғоз намуд. Вай жанри тазкираро аз сатҳи рӯйхатнависӣ боло бурда, ба он шохаҳои фикрӣ ва муаррифии шахсияти адибонро ворид кард. Асари ӯ оинаи андешаи инфиродӣ ва таҷрибаи иҷтимоии як мутафаккири аср мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, саҳми Муҳаммад Авфӣ дар таърихи пайдоиш ва рушди ёддоштнависӣ наметавонад кам арзёбӣ шавад, ӯ ин жанрро бо дониш, усул ва диди фарҳангӣ такмил дод.

Ёддошт ҳамчун як шакли адабӣ, ки воқеаҳои таҷрибашудаи шахсро сабт мекунад, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо зуҳури жанри сафарнома ба таври возеҳ зуҳур ёфт. Нахустин намунаҳои ёддошти шахсӣ, ки дар онҳо шахсият ва диди мустақими муаллиф эҳсос мешуд, маҳз дар матни сафарномаҳо падид омаданд. Аз ин нигоҳ, сафарномаҳо ҳамчун заминаи ташаккули жанри ёддошт дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ хидмат карданд.

Сафарнома жанрест, ки дар таърихи адабиёт ҳамчун василаи пурмазмун ва муассири ифодаи таассурот ва таҷрибаҳои шахсӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Он аз ҳадди танҳо як гузориши сафари зоҳирӣ фаротар рафта, ба оинаи возеҳи шинохти ҷомеа, табиат ва инсон табдил меёбад. Нависанда тавассути насри равону пуртаъсир андешаҳо, эҳсосот ва таҳлилҳои шахсии худро дар матн ҷой медиҳад. Сафарнома ба хонанда имкон медиҳад, ки аз диди як шоҳиди мустақим ба муҳити ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақаҳои гуногун назар андозад ва дарёбад, ки ҳар сафари ҷисмонӣ дар баробари худ як ҷаҳони маънавӣ ва фикриро низ мепаймояд. Ин таҷрибаи шахсӣ ба ҷаҳонбинии нависанда ранги тоза мебахшад ва онро бо забоне равшан ва таъсирбахш дар ихтиёри хонанда мегузорад.

Аз ҷумлаи асарҳои барҷастаи ин жанр, ки ҷойгоҳи устувор дар адабиёти ҷаҳонӣ доранд, метавон ба «Сафарнома»-и Носири Хусрав, таълифоти Ибни Батута ва ёддоштҳои Марко Поло ишора кард. Ҳар яке аз ин асарҳо дар баробари бозгӯи манзараҳои зебо ва маконҳои гуногуни ҷуғрофӣ, ба хонанда имкони шиносоӣ бо урфу одат, муносибатҳои иҷтимоӣ, равобити сиёсӣ ва равандҳои фарҳангии замонро низ фароҳам меоранд.

«Сафарнома»-и Носири Хусрав аввалин намунаи мураттабу барҷастаи ёддошти сафарӣ дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ мебошад. Муаллиф сафари ҳафтсолаи худро бо диди таҳлилӣ ва ривоятӣ сабт намуда, дар баробари нақли рӯйдодҳо, инчунин шарҳи вазъи ахлоқӣ, мазҳабӣ ва сиёсиро пешниҳод кардааст. Дар ин асар вижагиҳои шахсӣ, омӯхтани

ҷаҳони атроф ва таҳлили муҳит дар ҳам омехта шудаанд, ки ин услуб заминаи ташаккули ёддошти таҳлилӣ ба шумор меравад.

Воқеан, «Сафарнома»-и Носири Хусрав манбаи боэътимоди таърихӣ, мардумшиносӣ ва ҷуғрофист. Мушоҳидаҳои муаллиф дар бораи тарзи зиндагии мардум, сохтори иҷтимоӣ ва шаҳрсозӣ, сиёсати ҳокимон ва фарҳанги маҳаллӣ бо он сатҳи дақиқ сабт шудааст, ки имрӯз низ барои муҳаққиқон арзишманд аст: Аз ҷумла, дар бораи шаҳри Миср чунин менигорад: «Шаҳри Миср бар канори Нил ниҳодааст ба дарозӣ. Ва бисёрии кӯшкҳо ва манзараҳо чунон аст, ки агар хоҳанд, об ба ресмон аз Нил бардоранд. Аммо оби шаҳр ҳама саққоён ованд аз Нил, баъзе ба шутур ва баъзе ба дӯш. Ва сабуҳо дидам аз биринҷи димишқӣ, ки ҳар як сӣ ман об гирифтӣ ва чунон буд, ки пиндоштӣ заррин аст» [8, с. 104]. Ин нишон медиҳад, ки ёддошти шахсӣ метавонад ба як ҳуҷҷати муҳимми таърихӣ табдил ёбад.

Носири Хусрав бо диди интиқодӣ ба воқеаҳо менигарад. Дар боби «Умраи ҷиръона», ки дар он машаққати сафар ва гурӯснагию муҳтоҷии муаллифи асар низ нақл мешавад, мо намунаи равшани ёддошти иҷтимоиро мебинем: «Чун ҳамроҳони мо сусморе медиданд, мекуштанд ва мехӯрданд ва ҳар куҷо араб буд, шири шутур медӯшиданд. Ман на сусмор тавонистам хӯрд ва на шири шутур ва дар роҳ ҳар ҷо дарахтаке буд, ки боре дошт, миқдоре, ки донаи моше бошад, аз он чанд дона ҳосил мекардам ва бад-он қаноат менамудам» [8, с. 139]. Ва ё: «Арабе гуфт: «Ман туро ба Басра мебарам». Ва бом ан ҳеҷ набуд, ки ба киро бидҳам. Ва аз он ҷо то Басра дувист фарсанг ва кироии шутур як динор буд, аз он ки шутуре неку ба ду-се диноре мефурӯхтанд. Маро чун нақд набуд ва ба насия мебурданд, гуфт: «Сӣ динор дар Басра бидиҳӣ, туро барем». Ба зарурат қабул кардам ва ҳаргиз Басра надида будам» [8, с. 141]. Ин воқеаҳо бо забони сода ва воқеъӣ сабт шудааст ва муносибати ноодилонаи ҷомеа бо камбизоатонро инъикос мекунад. Чунин бахшҳо ёддоштро аз як навъ ривоят ба як таҳлили иҷтимоиву ахлоқӣ табдил медиҳанд.

Сафарномаи Ибни Батута, ки дар ҷаҳони исломӣ шуҳрати зиёд дорад, идомаи мантиқии равияи Носири Хусрав дар жанри ёддошти сафарист. Ӯ дар тӯли 22 сол зиёда аз 40 кишварро тай карда, мушоҳидаҳои худро бо диди фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ сабт намудааст. Ин нигоштаҳо бо тавзеҳоти мураттаб ва дақиқ, намунаи равшани таҳаввулоти ёддошти шахсӣ ба шакли таҳқиқӣ мебошанд.

Бар хилофи навиштаҳои фаврии рӯзмарра, ёддоштҳои Ибни Батута баъд аз анҷоми сафар навишта шудаанд. Ӯ бо баррасии дақиқ ва ба тартиб овардани хотирот, ёддоштҳои худро ба як навъ асари таҳқиқӣ табдил медиҳад. Ин равиш барои рушди ёддошти илмӣ ва таҳлилӣ дар адабиёти исломӣ ва форсӣ намунаи омӯзанда гардид: «Сухани сафир гарму дилнишин буд ва аз рӯҳи баланд ва ҷони саршор моя мегирифт. Ҳаргиз гумон намебурдем сиёсат ба ҳамон маънӣ маълуми он битавонад, то ин поя бо одамшиносӣ рӯҳияи инсонӣ даромезад ва то ин ҳад талтифу тасъид шавад. Қаламрави кори хеш имон пайдо карда буд. Ин имкон бепарво аз мулоҳизакориҳо ва рангомезиҳои дунё сиёсат аз жарфҳои як шинохти ҷонона моявар мешуд ва аз пуштивонии дилгармкунандаву шаффоф бархурдор буду дар умқи ҷони одамӣ русуб мекард. Пайдо буд, ки бо ҳамаи вуҷуд ба кори худ дил дода ва бартар аз чорчӯбаи муайян дипломатӣ тан ба залоли дамхӯрии фарҳангӣ раҳо кардааст». …. [5, 170].

Ҳам Носири Хусрав ва ҳам Ибни Батута бо забони равон, воқеъбин ва шахсӣ менависанд. Баёни содда ва самимӣ, ки дар асарҳои онҳо дида мешавад, ба ёддошти шахсӣ як навъ эътимод ва таъсир мебахшад. Ин хислат имрӯз ҳам дар навишти ёддоштҳо муҳим ба ҳисоб меравад.

Сафарномаҳо як мактаби воқеии таълим барои ёддоштнависон буданд. Муаллифон бо такя ба таҷрибаҳои шахсӣ, мушоҳидаи мустақим ва навишти таҳлилӣ, намунаи як равиши нави адабиро ба вуҷуд оварданд. Ин равиш ба тадриҷ ба як жанри алоҳида, ёддошти шахсӣ ва иҷтимоӣ, табдил ёфт.

Хусусияти хоси ёддошти адибони форсизабон дар он аст, ки онҳо ёддошти шахсиро бо таҳқиқ ва таҳлили муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ меомезанд. Сафарномаҳои мазкур

ин омезишро бо сабки равон ва тафаккури мутафаккирона пешниҳод мекунанд. Аз ин нигоҳ, ёддошти форсӣ-тоҷикӣ ба як василаи омӯзиш ва шинохти иҷтимоиву инсонӣ табдил ёфтааст.

Дар ҳоле ки сафарномаҳои Носири Хусрав ва Ибни Батута намунаи равшани ёддошти таҳлилӣ дар доираи исломӣ ва форсӣ мебошанд, сафарномаи Марко Поло аз ҷиҳати таърихӣ ва ҷуғрофӣ як дурнамои ҷаҳонии ин жанрро нишон медиҳад. Гарчанде асари ӯ бештар хусусияти ривоятӣ ва тасвирӣ дошта, ба муҳити форсӣ-тоҷикӣ таъсири мустақим нагузоштааст, вале дар боз шудани равияи сафарнома ҳамчун василаи шинохти ҷаҳон дар адабиёт саҳм дорад.

Хулоса, жанри сафарнома, дар худ заминаҳои равшани ёддошти шахсӣ, таҳқиқоти фарҳангӣ ва таҳлили иҷтимоиро ҷамъ кардааст ва дар ташаккули фикри адабӣ ва ҷомеашиносии мардуми форсизабон нақши мондагор доштааст.

Дар маҷмуъ, ёддошт ва сафарнома ҳар ду жанрҳои сабти таҷрибаҳои фардӣ ҳастанд, аммо хусусиятҳои мухталиф ва мақсадҳои фарқкунанда доранд, ки онҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд. Ёддошт асосан ба таҳкими равиши шахсӣ ва зеҳнӣ нигаронида шуда, ҷузъиёти руҳӣ ва эҳсосоти нависандаро бо тарзи ҳассос ва субъективӣ инъикос менамояд. Дар ёддошт нависанда кӯшиш мекунад, ки таассуроти ботинии худ, шиддати эҳсосот ва фикрҳои шахсиро равшан ва бо забони самимӣ баён намояд. Ин жанр бештар барои худтанзимкунӣ ва нигоҳ доштани ёдҳо хизмат мекунад, ки аксаран шакли муттасил ва ҳамоҳанг надорад ва боҳавсалагӣ ва озодии бештар дар навиштани андешаҳо фарқ мекунад.

Сафарнома, баръакс, жанре аст, ки бо манзури ҷустуҷӯи маълумоти объективӣ ва баррасии систематикӣ таҳия мешавад. Он таҷрибаи шахсиро дар чорчӯби таҳлили муҳити ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсӣ қарор медиҳад. Дар сафарнома нависанда вазифадор аст муҳити атрофро бо назари васеъ ва танзимшуда таҳлил намояд. Сафарнома бештар як асари ҳуҷҷатӣ ва илмӣ мебошад, ки барои афкори ҷамъиятӣ ва таърихи миллӣ манбаи арзишманд маҳсуб меёбад. Мавзуи он васеъ ва тақсимшуда буда, барои фароҳам овардани тасвири воқеӣ ва пурраи саёҳат хизмат мекунад.

Аз нигоҳи сохторӣ, ёддошт одатан шакли озод ва субъективӣ дорад, ки дар он нависанда бо озодии фикр ва тарзи хоси худ фикрҳоро ифода мекунад. Сафарнома бошад, тартиби мантиқӣ ва маҳзуб дорад, ки дар он рӯйдодҳо ва мушоҳидаҳо дар шакли систематикӣ ва бо таҳлил пешниҳод мешаванд. Умуман, ёддошт ҳамчун жанре шинохта мешавад, ки таҷрибаи шахсӣ ва эҳсосоти равонии муаллифро инъикос мекунад, дар сурате ки сафарнома бештар ба мушоҳида ва баррасии муҳити ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Дар миёни навъҳои гуногуни адабиёт, шаклҳое вуҷуд доранд, ки ба таҷрибаҳои шахсии инсон бахшида шудаанд ва бештар ба ифодаи диди фардӣ ва эҳсосоти ботинӣ тамаркуз мекунанд. Зиндагинома дар баробари ёддошт аз ҷумлаи ҳамин гуна шаклҳои навиштор маҳсуб меёбад. Агарчи ҳар ду ба баёни ҳаёти шахсӣ рабт доранд, дар сатҳи сохтор ва ҳудуди мавзуот бо ҳам тафовут доранд. Зиндагинома тамоми даврaҳои умри як шахсро фаро мегирад ва ба тасвири пайдарпайи рӯйдодҳои ҳаётӣ мекӯшад, дар ҳоле ки ёддошт бештар ба сабти ҷузъиёти инфиродӣ, хотираҳои ҷудогона ва мулоҳизаҳои шахсӣ тамаркуз мекунад.

Пайдоиши чунин навишторҳо дар фазои таърихии фарҳангҳои қадим низ мушоҳида мешавад. Ҳанӯз дар даврaҳои пеш инсон мекӯшид, то худро дар рӯйдодҳои замона зинда нигоҳ дорад. Дар тамаддуни Миср, ба воситаи сангнавиштаҳои қабрӣ ва дар тамаддуни эронӣ тавассути санадҳои подшоҳон, ин тамоюл зоҳир мегардид. Чунин воситаи ҳифзи шахсияти таърихӣ буда, роҳи муаррифии иҷтимоӣ ва сиёсии шахсиятҳо низ будааст. Аз ин назар, зиндагиномаҳои ибтидоӣ бештар дорои вижагиҳои расмӣ ва намодини қудрат буданд.

Бо гузашти вақт, навиштани ёддошт аз як амали хоса ба таҷрибаи шахсии васеътар табдил ёфт. Дар марҳилаҳои баъдӣ, ин навъи баён хусусияти худшиносоёна ва равоншиносиро касб кард. Сабти эҳсосот, хотираҳо ва фикрҳои ботинӣ як намуди ниёзмандии маънавии инсон гардид. Муосирон ин амалро ҳамчун раванд барои шинохти

амиқи худ арзёбӣ мекунанд. Дар ҳолатҳое ки чунин сабт аз ҷониби худи шахс анҷом намеёбад, афроди наздик, пажуҳишгарон ё пайвандон метавонанд ин фазоро пур кунанд ва саргузашти шахсро дар шакли навишта мураттаб созанд.

Дар таърихи адабиёти тоҷику форс, сабки зиндагиномановисӣ ва ёддошт аз қадим дар шаклҳои гуногун зуҳур кардааст. Шарҳи ҳол, тазкира ва ёдномаҳо шаклҳои маъмули чунин баён мебошанд, ки ҳар кадом дар доираи хоси худ рисолатеро иҷро менамоянд. Ёддошт бештар ба сабки озод ва беқоида наздик аст, дар ҳоле ки зиндагинома метавонад сохтори муайян ва пайдарпай дошта бошад. Агар ин гуна навиштаҳо аз маҳорати адабӣ ва диди фарохи муаллиф бархурдор бошанд, онҳо аз сатҳи иттилоотӣ гузашта, ба асарҳои таълифии адабӣ табдил меёбанд.

Бо ин ҳама, метавон гуфт, ки тафовут миёни зиндагинома ва ёддошт пеш аз ҳама дар дараҷаи умумият ва хусусияти баён қарор дорад. Ёддошт метавонад танҳо як порчаи кӯтоҳ аз ҳаётро фаро гирад ва ба як лаҳзаи эҳсосӣ бахшида шавад, дар ҳоле ки зиндагинома бар пайванди умумии тамоми рӯйдодҳо ва марҳилаҳои ҳаётӣ такя мекунад. Ҳарду шакл, бо вуҷуди ин тафовут, нақши калидӣ дар бозтоби шахсияти инсон ва дарки муҳити иҷтимоии замон бозӣ мекунанд.

Дар маҷмуъ, зиндагинома ва ёддошт манбаи муҳим барои пажуҳиши фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб мешаванд. Онҳо дар шинохти шахс ва замона кумак карда, заминаи арзишманд барои таҳлили равандҳои ботинии инсонӣ ва тарҳрезии тафаккури ҷамъиятӣ фароҳам месозанд.

Боиси ёдоварист, ки жанри ёддошт дар адабиёт ба шакле аз нигориш мансуб аст, ки дар он шахсияти муаллиф, хотирот, мушоҳидаҳои шахсӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ ба таври мустақим ва рӯшану ошкор баён мешаванд. Ин навъи нигориш асосан баёнгари дидгоҳҳои муаллиф нисбат ба воқеаҳо, шахсиятҳо ва муҳити иҷтимоиву фарҳангии ӯст. Гарчанде ки ёддоштҳо аксаран ба таҷрибаи шахсӣ ва баёни зиндагиномаҳо мансуб мешаванд, бисёре аз асарҳои адабӣ низ метавонанд дорои чунин хусусият бошанд, ҳатто агар ба таври расмӣ чунин унвон нагирифта бошанд. Асари «Гулистон»-и Саъдӣ яке аз намунаҳои равшани ин падида аст, ки дар он ҷанбаҳои таълимӣ, таҷрибавӣ ва ахлоқӣ тавассути ҳикояҳои кӯтоҳ ва пурмуҳтаво интиқол ёфтаанд.

Яке аз вижагиҳои муҳимми «Гулистон» дар он аст, ки муаллиф дар он фазоҳои гуногуни зиндагӣ, аз ҷумла сафарҳо, мулоқот бо афроди иҷтимоии табақаҳои мухталиф ва муомила бо аҳли фарҳангу давлатро ба таври зинда ва дорои хусусияти мушоҳидавӣ баён намудааст. Ҳарчанд ривоятҳо ва ҳикояҳои овардашуда бештар шакли панду масал доранд, онҳо дар асл ба лаҳзаҳои воқеие такя мекунанд, ки муаллиф аз сар гузаронидааст. Таъкиди доимӣ ба воқеияти зиндагӣ ва нигоҳҳои ҷиддӣ ба масоили ахлоқиву иҷтимоӣ, бо ҳамроҳии баёни шахсӣ ва таҳлили ботинӣ, асарро аз доираи анъанавии ҳикоявӣ берун оварда, ба навъе ёддошти таҷрибавӣ табдил медиҳад. Чунончи, дар боби дуввуми китоб - «Дар ахлоқи дарвешон» ӯ ҳикояе меорад, ки мегӯяд: «Пиёдае сарупобараҳна бо корвони Ҳиҷоз аз Куфа бадар омаду ҳамроҳи мо шуд ва маълуме надошт, хиромон ҳамерафту мегуфт:

На ба астар-бар саворам, на чу уштур зери борам,
На худованди раийят, на ғуломи шаҳрёрам,
Ғами мавҷуду парешонии маъдум надорам,
Нафасе мезанам осудаву умре мегузарам.

Уштурсаворе гуфташ:

- Эй дарвеш, куҷо меравӣ? Баргард, ки ба сахтӣ бимирӣ!

Нашунид ва қадам дар биёбон ниҳоду бирафт.

Чун ба нахлаи Маҳмуд даррасидем, тавонгарро аҷал фаро расид. Дарвеш ба болинаш фароз омад ва гуфт:

- Мо ба сахтӣ намурдему ту бар бухтӣ бимурдӣ:

Шахсе хама шаб бар сари бемор гирист,
Чун рӯз омад, бимурду бемор бизист» [10, с. 67].

Ҳамин ҳикоя таҷрибаи шахсӣ, ҳолати руҳии муаллиф ва тафовути нигоҳи дунявӣ ва

ирфониро дар шакли як мушоҳидаи зинда пешниҳод менамояд. Ин хусусият маҳз ба шеваи ёддоштнависӣ наздик аст.

Хусусияти дигари муҳимми асар дар он аст, ки муносибати Саъдӣ бо мавзуъҳо хеле шахсӣ ва беғаразона мебошад. Вай аз нуктаҳои ибратомӯзи рӯзгор, лаҳзаҳои нороҳатии шахсӣ, иштибоҳҳо ва дарсҳои ҳаётӣ бо руҳи интиқодӣ ва бо самимият ёд мекунад: «Ёд дорам, ки шабе дар корвоне ҳама шаб рафта будаму саҳаргоҳ дар канори бешае хуфта. Шуридае, ки дар он сафар ҳамроҳи мо буд, наърае баровард ва роҳи биёбон гирифту як нафас ором наёфт.

Чун рӯз шуд, гуфтамаш:

- Он чӣ холат буд?

Гуфт:

- Булбулонро дидам, ки ба нолиш даромада буданд аз дарахту кабкон аз кӯҳу ғукон дар об ва баҳоим аз беша. Андеша кардам, ки мурувват набошад, ҳама дар тасбеҳу ман ба ғафлат хуфта» [35, с. 74]. Чунин хусусият хонандаро бо муаллиф робитаи эҳсосӣ ва маънавӣ низ барқарор месозад. Сабки содаву равон, тарзи нақли воқеоти ҳаёт ва иштироки мустақими муаллиф дар матн аз вижагиҳои хоси ёддошти адабӣ мебошад, ки дар «Гулистон» бо шеваи махсуси худ ифода ёфтааст. Ҳар ҳикояи ҷудогона пардае аз зиндагии дохилии муаллиф ва шарҳи андешаҳои шахсии ӯст.

Дар муқоиса бо дигар осори дорои хусусияти ёддоштӣ, масалан, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ё «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ, ки таҷрибаҳои сиёсӣ ва руҳонии муаллифонро бозгӯ мекунанд, «Гулистон» бо мазмуни бештар омехта бо ҳаёт ва забони мутадовилу ҳикматомез фарқ мекунад. Агарчи Низомулмулк дар асараш таҷрибаи идоракунии давлатро бо ҳадафи таълим баён мекунад, Саъдӣ таҷрибаи зиндагии худро ҳамчун инсоне аз миёни мардум, бо диди ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ба хонанда пешниҳод менамояд. Ин ба «Гулистон» хусусияти умумфаҳм ва аз назари равонӣ наздик ба хонандаро медиҳад. Ҳар як ҳикояи ӯ, бо вуҷуди кӯтоҳӣ, ҷанбаҳои амиқи шахсӣ ва таҷрибавӣ дорад, ки ба ҷойи мавъиза ё фармон, хонандаро бо роҳу равиши тафаккур ва андеша бармеангезад.

Муҳимтар аз ҳама, шеваи баёни Саъдӣ дар ин асар хеле озод, беолоиш ва дур аз таърифу тамаллуқ мебошад. Ӯ ошкоро аз камбудии хеш ё дигарон мегӯяд, гоҳе танқид мекунад ва гоҳе бо шӯху табассум ҳақиқати талхро баён менамояд. Масалан, дар боби панҷум - «Дар ишқ ва ҷавонӣ» ӯ мегӯяд: «Дар унфувони ҷавонӣ, чунонки афтаду донӣ, бо шоҳиде сару сире доштам ба ҳукми он, ки хулқе дошт… чун моҳи шаби чаҳордаҳ, ба ҳангоме ки тулуъ мекунад… Иттифоқан ба хилофи табъ аз вай ҳаракате бидидам, ки написандидам, доман аз ӯ даркашидам ва меҳр барчидам» [10, с. 135]. Ин порча, ки ҳамчун ҳикояи шахсӣ ба назар мерасад, дорои мазмуни амиқи эҳсосӣ, ахлоқӣ ва ёддоштӣ мебошад, ки муносибати муаллиф бо зиндагӣ ва одамонро тавассути таҷрибаи мустақим баён мекунад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки «Гулистон» бо вуҷуди он ки зоҳиран китобест аз ҳикояву масал, дар асл як анбори нодири таҷрибаи шахсӣ, дониши иҷтимоӣ ва андешаи фалсафии як адиби баландандеш мебошад. Хусусиятҳои ёддоштӣ дар ин асар дар шакли таҳлилҳои зиндагишиносона, тавсифҳои равонии шахсиятҳо ва шарҳи ҳолатҳои гуногун зоҳир мегарданд. Ин ҳама далолат бар он доранд, ки Саъдии Шерозӣ дар ин асар соҳибназаре буд, ки таҷрибаи ҳаётро бо услуби бадеӣ ва ба манфиати тарбияи маънавии инсон мураттаб намудааст. Аз ин лиҳоз, арзишмандии «Гулистон» танҳо дар зебоии забон ва мазмуни ахлоқии он нест, балки дар он аст, ки он таҷрибаи зинда ва андешаи шахсии муаллифро дар қолаби осори адабӣ ҷовидона гардондааст.

Хулоса, жанри ёддошт дар адабиёти тоҷику форс дар натиҷаи таҳаввулоти тадриҷии адабиёт ба вуҷуд омадааст. Нахустин решаҳои он дар осори таърихӣ ва ахлоқӣ ҷой дошта, тавассути асарҳое мисли катибаҳои подшоҳон, таърихнигориҳо ва сафарномаҳо рушд ёфтааст. Ин навъҳо, ки бештар воқеият ва шахсиятҳои маъруфро тавсиф мекарданд, заминаи гузариш ба насри шахсӣ ва таҷрибавиро фароҳам оварданд. Дар тӯли вақт, муносибат ба воқеият ва шахсият дар адабиёт тағйир ёфта, баёнгарии эҳсос, таҷриба ва хотираи фардӣ ҷойгузини тасвири рӯйдодҳои умумӣ гардид. Ёддоштҳо аз воситаи ҳифзи

таърих ва ахлоқ ба оинаи ботини инсон ва таҷрибаҳои шахсӣ табдил ёфтанд. Ин раванд ба ёддошти муосир имкон дод, ки ба воситаи диди инфиродӣ рӯйдодҳоро арзёбӣ намояд.

Метавон гуфт, ки ташаккули ёддошт дар адабиёти тоҷику форс равандест, ки дар он адабиёт аз нақли воқеият ба сабки шахсӣ ва эҳсосотӣ мегузарад. Аз таърихи умумӣ ва ахлоқи оммавӣ, ёддошт ба воситаи баёни ботини инсон ва таҷрибаи рӯзгор ба жанре мубаддал мегардад, ки воқеиятро аз диди нав ва шахсӣ инъикос мекунад. Чунин ҳолатро мо дар асарҳои баъдина, ки дар шакли ёддошти мукаммал таълиф шудаанд, басо равшан эҳсос мекунем.

АДАБИЁТ:

1. Авфӣ, Муҳаммад. Лубобу-л-албоб. Ҷ. 2 / Муҳаммад Авфӣ. – Душанбе: 2019. -470 с.
2. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
3. Бобоев, Ю. Муқаддимаи адабиётшиносӣ / Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 240с.
4. Давлатов, У. М. Убайд рақаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик / У. М. Давлатов // Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10. 01. 00 - адабиётшиносӣ (10. 01. 01 – адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Хуҷанд: 2023. – 162с.
5. Ибни Батута, Муаҳаммад ибни Абдулло. Сафарнома Ҷ. 1 (тарҷумаи Муҳаммадалӣ Муваққит). / Муаҳаммад ибни Абдулло ибни Батута. –Теҳрон: Огоҳ, 1376. –645с.
6. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334с.
7. Низомулмулк. Сиёсатнома. (Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов). – Душанбе: Адиб, 1989. – 200с.
8. Носири Хусрав. Сафарнома. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 285с. 28
9. Салимов, Ю. Оид ба анъанаи насри ривоятӣ дар насри устод С. Айнӣ / Ю. Салимов // Ҷашнномаи Айнӣ. Қ. 4. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 11-21.
10. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 232с.
11. Теория литературы. Основные проблемы в историческом освещении. Роды и жанры. – Москва: –Наука, 1964. – 486с.
12. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. – Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188с.
13. Ҷаъфар, Алиакабар. Фишурдаи “Дебоча”-ву “Пешгуфтор”-и чопи нахуст // Гузориш ва баргардони “Стут-ясн” дорои Готҳо (сурудҳои поки Зартушти Спентамон ва Ҳафтҳот ва дигар гуфтаҳои ёрон ба порсии равон аз Алиабар Ҷаъфарӣ) // Баргардон ба хатти кирилӣ Муаззамаи Диловар. – Эрон: Асотир, 182. – 137с.
14. Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ЁДДОШТ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи жанри ёддошт ҳамчун яке аз падидаҳои муҳими адабиёти тоҷик ва форс бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ, адабӣ ва таҳқиқоти илмӣ, марҳилаҳои асосии пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули жанри ёддоштро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар мақола нишон дода мешавад, ки адабиёти тоҷикӣ-форсӣ дар заминаи омезиши унсурҳои таърихӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва бадеӣ шакл гирифта, барои зуҳур ва рушди ёддошт ҳамчун шакли баёни таҷрибаи шахсӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Муаллиф аз ибтидои таърихнигории қадим, катибаҳо, солномаҳо ва навиштаҳои расмии подшоҳон оғоз намуда, то осори ирфонӣ, сафарномаҳо, тазкираҳо ва навъҳои гуногуни насри таърихӣ, раванди тадриҷии ворид шудани унсурҳои шахсӣ ва субъективиро ба матнҳои адабӣ пайгирӣ мекунад. Таъкид мегардад, ки анъанаи ривояти шифоҳӣ, ҳамзамон бо рушди хатту

китобат ва густариши таърихнигории расмӣ, дар ҳамбастагӣ бо таъсири тасаввуф ва тафаккури ирфонӣ, ба ташаккули диди инфиродӣ дар адабиёт мусоидат намудааст.

Дар натиҷаи таҳаввулоти мазкур, ёддошт тадриҷан аз воситаи сабти рӯйдодҳои таърихӣ ва интиқоли арзишҳои ахлоқӣ ба жанре табдил ёфтааст, ки ҷаҳони ботинии инсон, таҷрибаҳои шахсӣ, андешаҳо ва эҳсосоти муаллифро инъикос менамояд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки ин раванд заминаи ташаккули ёддошти муосирро фароҳам оварда, имкон дод, ки воқеият аз назари инфиродӣ ва таҳлилӣ арзёбӣ гардад.

Калидвожаҳо: жанр, ёддошт, пайдоиш, адабиёт, тоҷику форс, хотирот, ёддоштнависӣ, ташаккул, хусусият, таърихӣ, сафарнома, зиндагинома.

Дар бораи муаллиф: Шамшоди Ҷамшед, доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Адрес: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. E-mail: mr. shamshod93@mail. ru, тел: +992 918906365

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЖАНРА МЕМУАРОВ В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Настоящая статья посвящена исследованию жанра мемуаров как одного из значимых явлений таджикско-персидской литературы. Опираясь на исторические и литературные источники, а также на научные исследования, автор рассматривает основные этапы возникновения, формирования и эволюции жанра мемуаров. В статье показано, что таджикско-персидская литература, сложившаяся на основе синтеза исторических, нравственных, мистико-ирфанских и художественных элементов, создала благоприятные условия для становления и развития мемуаров как формы выражения личного опыта.

Автор прослеживает постепенный процесс проникновения личностных и субъективных элементов в литературные тексты, начиная с древней историографии, надписей, летописей и официальных царских документов и заканчивая суфийскими произведениями, путевыми заметками, тазкирами и различными видами исторической прозы. Подчёркивается, что традиция устного повествования, наряду с развитием письменности и расширением официальной историографии, в сочетании с влиянием суфизма и ирфанского мировоззрения, способствовала формированию индивидуального взгляда в литературе.

В результате указанных процессов мемуары постепенно трансформировались из средства фиксации исторических событий и передачи нравственных ценностей в жанр, отражающий внутренний мир человека, его личный опыт, размышления и чувства. Автор приходит к выводу, что данный процесс заложил основы формирования современного жанра мемуаров и создал возможность оценки действительности с индивидуальной и аналитической точки зрения.

Ключевые слова: жанр, мемуары, происхождение, литература, таджикско-персидская литература, воспоминания, мемуаристика, формирование, особенности, историчность, путевые заметки, биография.

Об авторе: Шамшоди Джамшед, доктор философских наук (PhD) по специальности филология, доцент, зав. кафедрой таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абу Абдуллахи Рудаки. Адрес: Республики Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. E-mail: mr. shamshod93@mail. ru, тел: +992 918906365

A GLANCE AT THE HISTORY OF THE EMERGENCE OF THE MEMOIR GENRE IN TAJIK-PERSIAN LITERATURE

This article is devoted to the study of the memoir genre as one of the significant phenomena in Tajik-Persian literature. Relying on historical and literary sources as well as scholarly research, the author examines the main stages in the emergence, formation, and evolution of the memoir genre. The article demonstrates that Tajik-Persian literature, shaped through the integration of historical, ethical, mystical (irfanic), and artistic elements, provided a favorable foundation for the development of memoirs as a form of expressing personal experience.

The author traces the gradual introduction of personal and subjective elements into literary texts, beginning with ancient historiography, such as inscriptions, chronicles, and official royal records and continuing through mystical works, travelogues, biographical anthologies (tazkiras), and various forms of historical prose. It is emphasized that the tradition of oral narration, together with the development of writing and the expansion of official historiography, combined with the influence of Sufism and irfanic thought, contributed to the formation of an individual perspective in literature.

As a result of these developments, memoirs gradually evolved from a means of recording historical events and transmitting moral values into a genre that reflects the inner world of the individual, personal experiences, thoughts, and emotions of the author. The author concludes that this process laid the groundwork for the formation of modern memoir writing and enabled reality to be interpreted from an individual and analytical perspective.

Keywords: genre, memoir, origin, literature, Tajik-Persian literature, recollections, memoir writing, formation, characteristics, historical aspect, travelogue; biography.

About the author: Shamshodi Jamshed, ɗoctor of Philosophy (PhD), majoring in philology, associate professor of the Department of Tajik Literature at Abu Abdullahi Rudaki Kulyab State University. Address: Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street 16. E-mail: mr. shamshod93@mail. ru, tel: +992 918906365

УДК: 81’42:811.161.1

К ВОПРОСУ ОБ ЭКВИВАЛЕНТНОМ И АДЕКВАТНОМ ПЕРЕВОДЕ

Шарипов В. А.
Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова

Введение

Известно, что в современной теории перевода ведущими оценочными категориями являются *эквивалентность и адекватность* перевода. Оба термина служат для оценки результата переводческой деятельности, но подходы к применению этих терминов при оценке качества перевода (ОКП) разнятся. Одни специалисты оперируют лишь понятием *эквивалентный перевод*, другие – термином *адекватный перевод*, третьи, учитывая прагматические цели переложений, используют оба термина.

Ограниченные рамки статьи не позволяют нам углубиться в историю вопроса, поэтому мы остановимся лишь на некоторых исследованиях последних десятилетий.

Аналитическая часть

Так, В. Н. Комиссаров, Н. К. Гарбовский, И. Н. Артемьева и многие другие исследователи ведущим понятием теории перевода считают термин *эквивалентность*. При этом некоторые из них признают необходимость отказаться от термина *адекватность*. «Следует заметить, - пишет В. Н. Комиссаров, - что оценочная трактовка эквивалентности делает излишним употребление термина «адекватность» [4, с. 118]. Широко и многоаспектно разрабатывая проблему эквивалентности, в своей теории эквивалентности он исключает возможность тождества подлинника и перевода, что, по его мнению, «отнюдь не препятствует осуществлению межъязыковой коммуникации. Дело не только в неизбежных потерях, связанных с трудностями передачи особенностей поэтической формы, культурных или исторических ассоциаций, специфических реалий и других тонкостей художественного изложения, но и в несовпадении отдельных элементов смысла в переводах самых элементарных высказываний» [4, с. 117]. Так, по данным наших исследований, в переводе второй строки фрагмента из «Шахнаме» А. Фирдоуси переводчиком была допущена смысловая неточность. В ней (во второй строке) у А. Фирдоуси речь идет о психологическом состоянии Исфандиара. Именно его лицо покрылось румянцем после метко нанесенного им удара мечом. В переводе же речь идет о гриве льва, которая обагрилась кровью.

А. Фирдоуси

Чу нар андаромад, яке теғ зад,
Бишуд ранги рӯяш чу ранги бусад [2, с. 255].

В. Державин

Разящий меч блеснул, самец упал,
И грива обагрилась, как коралл [9].

Правомерность нашей точки зрения о лице Исфандиара подтверждает перевод той же строки, выполненный Ц. Б. Бану-Лахути:

Ц. Б. Бану-Лахути

Булатом самца поразил Исфендьяр

И вспыхнул от радости - меткий удар [10, с. 164].

В современной теории перевода В. Н. Комиссаров выделяет три подхода к определению термина эквивалентность, к числу первого относится подмена переводчиками эквивалентности тождественностью. С их точки зрения, перевод должен сохранить в себе план содержания. В. Н. Комиссаров, подвергнув анализу другие оценочные понятия, как альтернативу термину *эквивалентность*, например, термин *полноценность*, используемый А. В. Фёдоровым для «исчерпывающей передачи смыслового содержания подлинника», утверждает, что фактами эмпирического анализа они не подтверждаются, что «его сторонники вынуждены прибегать к многочисленным оговоркам, которые фактически выхолащивают исходное определение» [4, с. 119]. Подтверждая свою мысль, он приводит точку зрения Л.С. Бархударова, утверждающего «неизменность плана содержания», но оговаривающегося при этом, что понятие неизменности носит относительный характер. «Отсюда, - пишет В. Н. Комиссаров, цитируя оппонента, - Л. С. Бархударов делает закономерный вывод, что «текст перевода никогда не может быть полным и абсолютным эквивалентом текста подлинника», однако остается непонятно, как это совместить с тем, что «неизменность плана содержания» была указана в качестве единственного определяющего признака перевода» [Там же]. Как видим, противоречия и здесь.

Второй подход, описанный В. Н. Комиссаровым при решении проблемы эквивалентности – это стремление переводчиков обнаружить в содержании подлинника инвариантную часть, сохранение чего в переводе достаточно, чтобы перевод считать вполне *эквивалентным*. И в качестве подобного инварианта берется либо функция, выполняемая подлинником, либо ситуация, описанная в тексте. На конкретных примерах исследователь опровергает дееспособность и данного подхода.

Мы сторонник третьего подхода к выявлению степени эквивалентности переведенного текста, согласно которому сравнительному анализу с подлинником подвергается ряд переводов одного и того же произведения с последующим выявлением эквивалентных частей. При этом они могут быть разными. Известно, что переводом «Шахнаме» на русский язык были заняты М. Лозинский, Ц. Б. Бану-Лахути, С. Липкин, В. Державин, И. Сельвинский и мн. др. Анализ их переводов и переложения некоторых других переводчиков показал, «что степень смысловой близости к оригиналу у разных переводов неодинакова, и их эквивалентность основывается на сохранении разных частей содержания оригинала» [4, с. 120]. Как по В. Н. Комиссарову, мы выявили ряд переводов, наиболее близких тексту «Шахнаме», но и установили в других переводах определенную отдаленность от оригинала. Причины здесь многообразны, о чем конкретно было сказано нами в статьях: «Пример сравнительного анализа русских переводов «Шахнаме А. Фирдоуси (Ц. Бану и И. Сельвинский)» [11], «Синтаксис и стиль подлинника и русского перевода «Шахнаме» А. Фирдоуси» [12], «Лексические стилистические средства в русском переводе «Шахнаме» Фирдоуси», «Шахнаме» Фирдоуси в русских переводах Михаила Лозинского» и др. [14].

Эквивалентность подобных переводов В. Н. Комиссаров видит в речевой функции, являющейся целью коммуникации, и в сохранении ее цели.

Опираясь на свой опыт изучения и исследования теории эквивалентности, говоря о переводе, как об «основном признаке и условии существования перевода», В. Н. Комиссаров приходит к выводу: 1. понятие *эквивалентности* должно быть составной частью понятия *перевод*. В этом смысле он приводит определение перевода, данное Дж. Кэтфордом и Ю. Найдой. 2. отмечая оценочный характер термина *эквивалентный*, он заключает, что таковым может быть назван лишь *хороший* или *правильный* перевод. 3. признавая эквивалентность условием перевода, В. Н. Комиссаров говорит о необходимости постановки задачи, которая и должна определить данное условие, «указав, в чем заключается переводческая эквивалентность, что должно быть обязательно сохранено при переводе» [4, с. 118].

Многоуровневая теория эквивалентности В. Н. Комиссарова так была охарактеризована Н. К. Гарбовским: «Эта теория, получившая название «теории уровней

эквивалентности», позволила приблизиться к решению центральной проблемы перевода – проблемы эквивалентности продукта, создаваемого переводчиком, тому объекту, с которым он производит многообразные и сложные трансформационные операции» [3, с. 239]. Здесь же Н. К. Гарбовский говорит о «комплексной модели синхронного перевода», предложенной А. Ф. Ширяевым [Там же, с. 140].

И. Н. Артемьева, называя адекватность *критерием* ОКП, в рамках этого понятия выделяет «*эквивалентность, соблюдение норм переводящего языка, прагматику перевода»* [1, с. 26]. При этом, как и многие другие исследователи, она признает, что «эквивалентность – это центральная категория переводоведения для обозначения верности перевода» [Там же]. Она, как Н. К. Гарбовский, В. Н. Комиссаров, А. Д. Швейцер и некоторые другие исследователи, отмечает органичную связь прагматики с семиотикой. **«Семио́тика**, или **семиоло́гия** (греч. σημειωτική < др. -греч. σημεῖον «знак; признак») - общая теория, исследующая свойства знаков и знаковых систем [16]. «Согласно Ю. М. Лотману, под семиотикой следует понимать науку о коммуникативных системах и знаках, используемых в процессе общения»[5, с. 6]. Так, Н. К. Гарбовский считает, что в процессе репрезентации переводчик сталкивается с субъективным смыслом, вкладываемым автором подлинника в комбинацию знаков. В процессе же творчества он пытается расшифровать их, «оперируя общими, т. е. объективными смыслами знаков. Но его интерпретация также субъективна. Она подчинена его собственному когнитивному опыту, его умению понять частное, субъективное через общее и объективное» [3, с. 272]. Что, по мнению автора, становится причиной разного восприятия одного и того же произведения разными читателями. Этим объясняется и причина разности большого числа переводов одного и того же произведения. Данная мысль в полной мере относится и к разным переводам «Шахнаме». Более того, по этой причине критики перевода весьма часто имеют противоположную точку зрения на вопрос о переводе одного и того же текста.

«Прагматическая адаптация текста перевода, - пишет И. Н. Артемьева, - изменения и дополнения, вносимые в текст перевода, чтобы максимально облегчить его восприятие Рецептором и добиться искомого коммуникативного эффекта. Это может быть как опущение непонятной для получателя перевода информации, которая коммуникативно нерелевантна (не обязательна для понимания основного содержания), так и замена непонятной информации более понятной и значимой и т. п. » [1, с. 27].

Широтой охвата многоаспектной проблемы эквивалентности, глубиной проникновения в её суть характеризуется фундаментальное исследование Н. К. Гарбовского «Теория перевода» [3]. Начав с исследования словарного значения термина *эквивалентный, эквивалентность*, уловив противоречие в семантике слова и в практике его применения, Н. К. Гарбовский переходит к вопросу о том, в каком отношении текст перевода может оказаться равнозначным (равноценным, равносильным) исходному тексту. «Действительно, - пишет он, - если рассматривать эквивалентность как основное свойство текста перевода в его отношении к тексту оригинала, то именно неабсолютный характер этого отношения позволяет избежать максимализма в оценке возможностей перевода» [3, с. 265]. Таким образом, по Н. К. Гарбовскому, характер отношений между текстами подлинника и перевода является значимым в деле определения «верности» перевода и разумности предпринятых переводчиком действий.

Рассматривая понятие *эквивалентности* в математике и логике, Н. К. Гарбовский утверждает невозможность знака равенства между текстами перевода и подлинника. В своей теории *эквивалентности* он соотносит это понятие с терминами *адекватный, верный, точный*. Наконец, исследователь подчеркивает, что термин *адекватный* пришел вместо понятия *точный.*

А. В. Фёдоров предлагал заменить иноязычное слово *адекватный* понятием *полноценный.* «Полноценность перевода, - по А. В. Фёдорову, - состоит в передаче специфического для подлинника соотношения содержания и формы путем воспроизведения особенностей последней (если это возможно по языковым условиям) или

создания функциональных соответствий этим особенностям. Это предполагает использования таких языковых средств, которые, часто и не совпадая по своему формальному характеру с элементами подлинника, выполняли бы аналогичную смысловую и художественную функцию в системе целого» [7, с. 125-126].

Н. К. Гарбовский предостерегает, что замена термина *адекватный* русским *полноценный* приведет к возникновению новых вопросов. Ученый предлагает отказаться от него. Вместо него, считает Н. К. Гарбовский, в теории перевода появляется термин *равноценный*, который В. Н. Комиссаров включил даже в определение понятия *перевод*.

Неотъемлемой частью теории эквивалентности Н. К. Гарбовский считает и проблему «ложных друзей переводчика».

В науке о переводе неоднократно подвергалась анализу теория закономерных соответствий Я. И. Рецкера. Данная теория была пополнена и совершенствована самим Я. И. Рецкером, по поводу нее были высказаны критические замечания, на наш взгляд, существенно не снижающие её научную ценность. «Теория закономерных соответствий, - писал Я. И. Рецкер, - должна устанавливать определенные параметры, внутри которых может осуществляться выбор вариантов перевода» [6, с. 8]. В ней рациональным зерном являются указанные выше параметры, право переводчика на выбор вариантов перевода, «закономерности переводческого процесса, основанные на функциональной зависимости», и мысль о том, что при переводе следует брать во внимание «действия одних и тех же факторов логико-семантического порядка для передачи одного и того же смыслового содержания» [Там же]. Какое место отводится в теории Я. И. Рецкера вопросу об эквивалентности? Главное в этой теории классификация соответствий, что следует взять во внимание в процессе переводческой деятельности: «1) эквиваленты, установившиеся в силу тождества обозначаемого, а также отложившиеся в традиции языковых контактов; 2) вариантные и контекстуальные соответствия и 3) все виды переводческих трансформаций» [Там же, с. 9]. Первым пунктом, как видим, указаны эквиваленты. Под ними имеются в виду постоянные соответствия, для которых контекст не играет никакой роли.

Оценочной категорией для Я. И. Рецкера является термин *адекватный*. «Поскольку критерием адекватности может быть лишь соответствие частице действительности, описанной в оригинале, равноценность средств определяется, если не тождеством, то максимальным приближением полученного результата к воздействию оригинала. Анализ любого перевода, выполненного на высоком уровне мастерства, показывает, что основа установления равноценности языковых средств может быть только функциональная, а не формальная» [Там же] Из цитаты вытекает, что Я. И. Рецкер признает функциональную, а не формальную основу установления равноценности.

Выводы:

Таким образом, мы пришли к выводу о том, что проблема эквивалентности и адекватности перевода относится к разряду наиболее сложных, что до сих пор среди теоретиков и практиков перевода нет единого мнения на вопрос об оценочных категориях теории перевода. Каждый из приведенных авторов заложил основы собственной концепции адекватности и эквивалентности перевода. Вероятно, нужно время, чтобы оно само сделало теоретический выбор, а практика подтвердила какой из предложенных вариантов определения качества перевода наиболее эффективный и дееспособный.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Артемьева И. Н. Теория и практика перевода: учеб. пособие. – СПб. : РГГМУ, 2020. – 130 с.
2. Ахтарони адаб. Ҷилди 8. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 6 – Душанбе: Адиб, 2008. - 480 саҳ.
3. Гарбовский Н. К. Теория перевода. – Издательство Московского ун-та, 2007. -543 с.
4. Комиссаров В. Н. Современное переводоведение. Курс лекций. – М. : ЭТС. - 1999. -192 с.

5. Лотман Ю. М. Люди и знаки. / В кн. Лотман Ю. М. Семиосфера. – СПб. : Искусство-СПБ, 2010. – 551 с.
6. Рецкер Я. И. Теория перевода и переводческая практика: Очерки лингвистической теории перевода. – М. : Международные отношения, 1974. - 216 с.
7. Фёдоров А. В. Основы общей теории перевода. – М., 1983. - 400 с.
8. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома: Иборат аз нӯҳ ҷилд. Ҷилди II – Душанбе: Адиб, 1987. – 320 с.
9. Фирдоуси А. Шах-наме. т. 1-2, пер. В. В. Державина и С. И. Липкина. Вступ. ст. И. С. Брагинского, подгот. текста и прим. М. -Н. О. Османова, – М., 1964. Электронный ресурс: https://vk. com/@-220134873-abulkasim-firdousi-biblioteka. (Дата обращения: 28. 04. 2024).
10. Фирдоуси. Шахнаме. Том четвертый. От царствования Лохраспа до царствования Искандера. Пер. Ц. Б. Бану-Лахути, коммент. В. Г. Луконина, ред. текста А.А. Азер. Второе издание, исправленное. Научно-издательский центр «Ладомир» - Наука. М., - 1994. – 464 с.
11. Шарипов В. А. Пример сравнительного анализа русских переводов «Шахнаме А. Фирдоуси (Ц. Бану и И. Сельвинский). / В кн. : Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики: Материалы Международной научно-практической конференции. – Душанбе: РТСУ, 2023. – 373 с.
12. Шарипов В. А. Синтаксис и стиль подлинника и русского перевода «Шахнаме» А. Фирдоуси. // «I Международное книжное издание стран Содружество Независимых Государств / «ЛУЧШИЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ – 2024»: I международная книжная коллекция научных работ ученых – Астана, 2024 г. – 119 с. С. 24-29.
13. Шарипов В.А. Лексические стилистические средства в русском переводе «Шахнаме» Фирдоуси. //Вестник РТСУ. №3 (85) – 2024 г. С. 210-219.
14. Шарипов В. А. «Шахнаме» Фирдоуси в русских переводах Михаила Лозинского. «Вестник ТГУПБП», выпуск 2 (103) 2025 г. С. 78-90
15. https://studfile. net/preview/8951595/page:33/ (Дата обращения: 29. 08. 2025 г.)
16. https://ru. wikipedia. org/wiki (Дата обращения: 07. 08. 2025).

К ВОПРОСУ ОБ ЭКВИВАЛЕНТНОМ И АДЕКВАТНОМ ПЕРЕВОДЕ

Статья посвящена аналитическому рассмотрению категорий эквивалентный и адекватный перевод, носящих оценочный характер. В деле оценки качества перевода подавляющая часть специалистов в области теории и практики перевода и переводческой критики обращается к этим понятиям. Объем статьи не позволил автору углубиться в историю вопроса, однако на примере изучения теоретических воззрений ученых последних десятилетий он приходит к мысли, что А. В. Фёдоров, Я. И. Рецкер, В. Н. Комиссаров, Н. К. Гарбовский, И. Н. Артемьева, Л. С. Бархударов и некоторые другие заложили основы собственной концепции адекватности и эквивалентности перевода. Вероятно, нужно время, чтобы оно само сделало теоретический выбор, а практика подтвердила, какой из предложенных вариантов определения качества перевода наиболее эффективный и дееспособный.

Ключевые слова: адекватный, эквивалентный перевод, оценка качества перевода, А. В. Фёдоров, Я. И. Рецкер, В. Н. Комиссаров, Н. К. Гарбовский, И. Н. Артемьева, Л. С. Бархударов

Сведения об авторе: Шарипов Васид Абдухаликович, канд. пед. наук, доцент кафедры русской и зарубежной литературы ГОУ «ХГУ имени академика Бабаджана Гафурова» (Худжанд, Таджикистан), E. mail: saripovvosid@mail. ru, тел. 92-770-02-30

ОИДИ ТАРҶУМАИ ЭКВИВАЛЕНТӢ ВА АДЕКВАТӢ

Мақола ба таҳлили категорияҳои тарҷумаи эквивалентӣ ва адекватӣ, ки хусусияти арзёбонӣ доранд, бахшида шудааст. Дар арзёбии сифати тарҷума қисми зиёди мутахассисон дар соҳаи назария ва амалияи тарҷума ва интиқоди он ба ин мафҳумҳо мурочиат мекунанд. Ҳаҷми мақола ба муаллиф имкон надод, ки бо таърихи масъала амиқ шиносӣ пайдо кунад, аммо дар натиҷаи омӯзиши назарияҳои олимони даҳсолаи охир ӯ ба хулоса мерасад, ки А. В. Фёдоров, Я. И.

Ретскер, В. Н. Комиссаров, Н. К. Гарбовский, И. Н. Артемева, Л. С. Бархударов ва баъзе дигарон асосҳои консепсияи адекватӣ ва эквивалентии тарҷумаи худро гузоштаанд. Шояд, вақти лозим аст, то ки он худаш интихоби назариявиро кунад ва амалияи тарҷума тасдиқ кунад, кадом варианти пешниҳодшудаи таърифи сифати тарҷума самаранок ва қобили иҷро мебошад.

Калимаҳои калидӣ: адекватӣ, тарҷумаи эквивалентӣ, арзёбии сифати тарҷума, А. В. Фёдоров, Я. И. Ретскер, В. Н. Комиссаров, Н. К. Гарбовский, И. Н. Артемева, Л. С. Бархударов

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипов Васид Абдухалиқович, н. и. п., дотсенти кафедраи адабиёти рус ва хориҷаи МДТ "ДДХ ба номи акад. Бобоҷон Ғафуров" (Хуҷанд, Тоҷикистон), E. mail: saripovvosid@mail. ru, тел. 92-770-02-30

ON THE QUESTION OF EQUIVALENT AND ADEQUATE TRANSLATION

The article is devoted to an analytical examination of the categories of equivalent and adequate translation, which have an evaluative nature. In assessing the quality of translation, the overwhelming majority of specialists in the field of translation theory and practice and translation criticism turn to these concepts. The volume of the article did not allow the author to delve into the history of the issue, but using the example of studying the theoretical views of scientists of recent decades, he comes to the conclusion that A. V. Fedorov, Ya. I. Retsker, V. N. Komissarov, N. K. Garbovsky, I. N. Artemyeva, L. S. Barkhudarov and some others laid the foundations of their own concept of the adequacy and equivalence of translation. It probably takes time for it to make a theoretical choice itself, and for practice to confirm which of the proposed options for determining translation quality is the most effective and efficient.

Keywords: adequate, equivalent translation, translation quality assessment, A. V. Fedorov, Ya. I. Retsker, V. N. Komissarov, N. K. Garbovsky, I. N. Artemyeva, L. S. Barkhudarov

Information about athor: Sharipov Vosid Abdukholikovich, candidate of pedagogy, associate professor of Russian and Foreign Literature department under the SEI "KhSU named after academician B. Gafurov" (Khujand, Tajikistan), E. mail: saripovvosid@mail. ru, тел. 92-770-02-30

УДК: 811.222.0'282:811.222.0'373

ЛАҲҶАВУ ГӮЙИШҲО ҲАМЧУН МАНБАИ РУШДИ ТАКМИЛИ ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОН

Шердилова С.Ф.

Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Лаҳҷаҳову гӯйишҳо хусусан, шеваҳо бо мавҷудият ва таърихи чандҳазорсолаи худ барои забони ҳар халқу миллат мисли ганҷи бебаҳо арзиш дошта, ҳамчун мадраки забонӣ сарчашмаи мардумшиносӣ ва таърихӣ хизмат менамоянд. Лаҳҷаву гӯйишҳо ин забону сарнавишти воқеии мардум ба шумор рафта, дар мисоли вожаҳо зоҳир гардида, таърихи соҳибони шева ва чигунагии рӯзгории мозии онҳоро равшан месозанд. Ҳар як вожаи шева ёдгории беназири забони ниёгони куҳан ба шумор рафта, чун як ганҷи бебаҳо арзишманд ҳастанд. Ин ганҷи бебаҳо ва ин вожаҳои шеваву гӯйишҳои забон бояд мисли ёдгории осорхонаҳо мавриди нигаҳдорӣ барои ояндаҳо барои таърихи забон нигоҳ дошта шаванд.

Яке аз омилҳои муҳими ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон-лаҳҷаву гӯйишҳо мебошанд, ки ҳамчун пояи ибтидоии ташаккули забони адабӣ нақши калидӣ доранд.

Лаҳҷаву гӯйишҳои забони тоҷикӣ таърихи зиндаи халқи тоҷик маҳсуб ёфта, дар онҳо тамоми таҳаввулоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиву маишии мардум инъикос меёбад. Аз ин рӯ, дар лаҳҷаву гӯйишҳо роҷеъ ба ҳама самту паҳлуҳои зиндагии одамон калимаву ибораҳое ба кор мераванд, ки талаботи соҳибони худро дар ҷодаи муошират дар давоми садсолаҳо таъмин менамоянд. Гӯйишҳои забони тоҷикӣ аз манбаъҳои муҳими ташаккул ва рушду нумӯи забони адабии тоҷик маҳсуб меёбанд.

Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маърӯзаи худ бахшида ба Рӯзи забон чунин менигорад: «Лаҳҷаҳо яке аз муҳимтарин манбаъҳои такмили забон буда, адибони гузашта ва муосири мо бо истифода аз захираҳои ин ганҷина луғату истилоҳоти фаровонеро ба забони меъёр ворид карданд. Аз ин рӯ, забоншиносон ва лаҳҷашиносон бояд ин сарвати бебаҳоро мавриди омӯзишу баррасии

ҷиддӣ қарор диҳанд ва забони адабиро аз дурдонаҳои он такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд» [Эмомалӣ Раҳмон 24. 07. 2008]. Ҳамин дастури Президент водор намуд, ки луғати ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ дар алоҳидагӣ ба таври мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирад.

Ҳақиқатан ҳам имконияти захираи луғавии луғати лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ хеле фаровон буда ва лаҳҷаҳову гӯйишҳо дар ҳар мавриди мусоид метавонанд вожаҳои софи таркиби худро ба ихтиёри забони адабӣ гузоранд.

Алалхусус, ҳоло ки забони тоҷикӣ дар Тоҷикистони мо мақоми давлатӣ гирифта ва бахши адабии он эҳтиёҷ ба меъёрҳои худӣ дорад ва тақозо менамояд, ки луғати ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ ба таври алоҳида мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқи амиқ қарор гирад ва ба ин восита калима ва таркибу ибороти худӣ ҷойгузини унсурҳои нодаркори иқтибосӣ, воҳидҳои услубан ба меъёр номувофиқ ва дурушт ва аз нигоҳи бадеӣ хароб ба забони адабӣ бештар ворид карда шаванд.

Зеро лексикаи лаҳҷаву гӯйишҳо аз вожаҳои қадимӣ, куҳнашуда, ки дар онҳо тарзи зиндагӣ, расму оин, анъана, урфу одат таҷассум ёфтаанд, саршор аст ва ба ин восита ба таъриху этнографияи халқи тоҷик шинос кардани мардум, бахусус аҳли илм, аз аҳаммият холӣ нест.

Масъалаи таҳқиқи лексикаи гӯйишҳои ин ё он шева дар лаҳҷашиносии тоҷик аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарра маҳсуб мешавад. Шеваҳои забони тоҷикӣ, ки дар асоси лаҳҷаю гӯйишҳои алоҳида сар мезананд, яке аз сарчашмаҳои асосии рушди таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ ва таҳкурсии он ба шумор мераванд, зеро онҳо бо ҳаёт ва таърихи халқи тоҷик алоқаи ногусастанӣ доранд. Забони адабӣ ҷойи холигии таркиби луғавии худро ҳамеша аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи шеваҳо пурра мекунад, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам ривоҷ дорад. Ин як воситаи асосии ба меъёрҳои солим табдил ёфтани воҳидҳои шевагӣ дар забони адабист. Дар луғати лаҳҷаҳо, ба қавли Ф. П. Филин, “таърихи чандинасраи халқ инъикос ёфтааст” [6, с. 52]. Воқеан, таърихи забон ва урфу одатҳои миллӣ дар шеваю лаҳҷаҳо бештару беҳтар маҳфуз мондаанд. Вале дар шевашиносии тоҷик масъалаи лексикаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ аз назари этнолингвистӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст.

Лаҳҷаву гӯйишҳои тоҷикӣ таърихи зиндаи халқи тоҷик маҳсуб меёбанд ва лаҳҷаву гӯйишҳо тамоми таҳаввулоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию маишии мардум инъикос меёбанд. Аз ин лиҳоз, дар онҳо роҷеъ ба ҳама самту паҳлуҳои зиндагии одамон калимаву ибораҳое ба кор мераванд, ки талаботи соҳибони худро дар ҷодаи муошират дар давоми садсолаҳои зиёд таъмин менамоянд.

Зарурати омӯзиш ва таҳқиқи лаҳҷаҳо дар суханронии Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи забон чунин барҳақ таъкид гардидааст: «Лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд. Дар таркиби шеваҳо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷик ворид намудан лозим аст. Бештари мафҳумҳои наве, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ меёбанд, натиҷаи пешрафту дигаргуниҳои ҷаҳони имрӯза мебошад» [5, 49]. Албатта, пешрафти босуръати илму техника, раванди ҷаҳонишавӣ фаъол будани шабакаҳои иҷтимоӣ дар замони муосир яке аз роҳҳои иқтибос шудани калимаҳои забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки яке аз манбаи ғанӣ гаштани лексикаи забони адабӣ ин гӯйишҳо ва лаҳҷаҳо мебошанд. Аз ин рӯ, лаҳҷаҳоро беҳуда «хазинаи нодир» -и забон нагуфтаанд, аммо бояд қайд намуд, ки ин як тарафи масъала аст. Аз ҷониби дигар забони адабӣ низ ба гӯйишҳою лаҳҷаҳо таъсири худро мерасонад. Яъне, аз забони адабӣ низ вожаҳои зиёд ба лаҳҷаҳо ворид мегарданд. Вале ҳар лаҳҷа онҳоро дар қолаби гуфтории худ коркард мекунад.

Масъалаи пажӯҳиши лаҳҷаҳои маҳаллӣ, дарёфти калимаҳои аслии забон, ки дар муҳити гӯйишҳо маҳфуз мондаанд ва хусусан, истилоҳоти касбӣ дар “Барномаи рушди

забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъкид гардидааст. Ҳамчунин, омӯзиши лаҳҷаҳо бо мақсади рушду такмили таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ пешбинӣ шудааст.

Муҳтарам Ҳотам қайд менамояд, ки шеваҳо бо мавҷудият ва таърихи чандинҳазорсолаи худ барои забони ҳар халқу миллате мисли ганҷи шойгону бебаҳо арзиш дошта, на танҳо ҳамчун мадраки забонӣ, балки ҳамчун сарчашмаи мардумшиносӣ ва таърихиву ҷуғрофиё хизмат менамоянд. Шева ин забону сарнавишти воқеии халқ ба шумор рафта, дар мисоли вожаҳо, номи одамон, ҷойномҳо, номи ашё ва зарфҳо, номи дарахту растаниҳо зоҳир гардида, дар маҷмуъ, таърихи соҳибони шева ва чигунагии рӯзгори мозии онҳоро равшани месозад. Ҳар як вожаи шева ё лаҳҷа ёдгории беназири забони ниёгони куҳан ба шумор рафта, мисли як сиккаи тилло, мисли як табарчаи биринҷӣ ё шамшери фӯлодие, ки аз ҳафриёти бостоншиносӣ пайдо мегарданд, арзишманд аст. Ин вожаҳои шеваҳои забон бояд мисли ёдгории осорхонаҳо мавриди нигаҳдорӣ ва ҳифзу муроқибат қарор ёбанд. Воқеан, шеваю лаҳҷаҳо мисли осорхонаи зиндаи ҳар як халқу миллатанд.

Мусаллам аст, ки яке аз манбаи ғанӣ гаштани лексикаи забони адабӣ ин гӯйишҳо ва лаҳҷаҳо мебошанд. Аз ин рӯ, лаҳҷаҳоро беҳуда «хазинаи нодир»-и забон нагуфтаанд, аммо бояд қайд намуд, ки ин як тарафи масъала аст. Аз ҷониби дигар забони адабӣ низ ба гӯйишҳою лаҳҷаҳо таъсири худро мерасонад. Яъне, аз забони адабӣ низ вожаҳои зиёд ба лаҳҷаҳо ворид мегарданд. Вале ҳар лаҳҷа онҳоро дар қолаби гуфтории худ коркард мекунад.

Дар воқеъ ҳанӯз устод Садриддин Айнӣ дар даврони худ қайд карда буданд, ки яке аз роҳҳои пурра гардонидани забони адабии тоҷик ин истифодаи луғатҳои маҳаллӣ мебошад, ки то айни замон ин суханони устод Айнӣ арзиши худро гум накардаанд. Албатта дар лаҳҷаву шеваҳо калимаҳое мафҳуз мондаанд, ки аз давраи пешини рушди забони тоҷикӣ маншаъ мегиранд ва ин навъи калимаҳоро пайдо намуда, ба аҳли илм пешниҳод кардан аз аҳамият холӣ нест.

Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ки яке аз шохаҳои бузурги гуфтори омиёнаи тоҷикӣ ба шумор меравад, чандин лаҳҷаву гӯйишҳои маҳаллиро фаро мегирад, ки ҳар кадоме дорои вижагиҳои сохторию корбурди худ буда, дар муҳити хоси таърихӣ –табиӣ ва этнографӣ ташаккул ёфтаанд. Дар байни ин гӯйишҳо аз лиҳози илмӣ, бахусус, он лаҳҷаҳои қобили таваҷҷуҳ мебошанд, ки аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ инзиво гирифта, дар муҳити забонҳои ғайритоҷикӣ ба кор мераванд ва аз ин рӯ, дар миёни лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ бо бисёр хусусиятҳои хоси диалектологии худ тафовут пайдо кардаанд [4, с. 4].

Лаҳҷаҳои ҷанубӣ асосан дар мавзеъҳои кӯҳдоман, миёни талу теппаҳо, қад-қади соҳилҳо доман густурда, имрӯз аз софтарин лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ шинохта шудаанд. Сабаб дар он аст, ки муҳити кӯҳистон бо ҳама мушкилоте, ки дорад, онҳоро аз ихтиллот бо забонҳои ғайр ҳифз намуд. Инро устод Садриддин Айнӣ дақиқ намуда, менависад, ки “Забони кӯҳистони тоҷик забони форсии сода, аз такаллуфоти арабӣ холӣ, бо луғатҳои арабии ношунида халт наёфта ва ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст” [1, с. 200].

Воқеан, забону лаҳҷаҳо, ки дар даврaҳои муайяни таърихӣ пайваста дар роҳи рушд қарор доштанд, дар омезиш бо гуфтори форсӣ ташаккулу таҳаввули лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикиро таъмин намудаанд.

Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, дар кишварамон аз ҷониби олимон роҷеъ ба шеваҳои забони тоҷикии маҳалҳои гуногуни кишвар ва берун аз он як силсила таҳқиқотҳо амалӣ гардидаву китобу рисолаҳо ба нашр расидаанд. Аммо ҳанӯз ҳам тамоми хусусиёту паҳлӯҳои шеваҳо, аз ҷумла мансуби кадом давраи таърихӣ, ё кадом забонҳои таърихӣ будани онҳо, инчунин этимологияи онҳо пурра омӯхта нашудааст ва аз ҷиҳати этнолингвистӣ ҳам пурра таҳқиқ нашудаанд. Имрӯз як луғати этимологӣ ҳам барои забони адабӣ ҳам барои вожаҳои шевагӣ хеле зарур аст. Зеро дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва таҳдиди он ба забонҳои миллӣ пурра ва ҳаматарафа омӯхтани лексикаи гӯйишу лаҳҷаҳо айни муддаост.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

суханрониҳояшон қайд намудаанд, ки «Ҳарчанд то истиқлолият тавассути омӯзиши асотир, фолклор, этнография ва этимологияи мардуми тоҷик корҳои назаррас ба анҷом расида бошанд ҳам, аммо паҳлӯҳои норавшан дар ин самт ҳоло низ ба мушоҳида мерасанд. Ҳамзамон, қисми зиёди маводе, ки дар осорхонаҳо ва озмоишгоҳҳои илмию пажӯҳишӣ ҷамъоварӣ шудаанд, то ҳанӯз бе таҳқиқу баррасӣ мондаанд ва баъзе аз онҳо дар ҳолати нобудшавӣ қарор доранд.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки то имрӯз луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз нигоҳи мавзуъ ба таври пурра ва мукаммал омӯхта нашудааст. Дар ҳоле ки дар забоншиносии тоҷик ин яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад.

Ин гуна таҳқиқотҳо барои мо маводи бисёр ҷолиб ва нодир дода, ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз нигоҳи вожаҳо, бисёр чизҳое, ки аз назари мо пинҳон мондаанд, ё ки дар забони классикии мо имрӯз истифода намешаванд, барои шарҳу тавзеҳаш барои эзоҳ барои тафсираш мо душворӣ мекашем, дар ҳамин гуна мавридҳо ин гуна таҳқиқотҳо бисёр муҳим ҳастанд ва аҳаммияти махсус доранд.

Таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ тағйирёбанда буда, мудом дар ҳоли рушд қарор дорад ва пайваста ба таъсири забони адабӣ, лаҳҷаҳои ҳамшафату ҳамгурӯҳ ва забонҳои ҳамсоя дучор мешавад. Дар лаҳҷаҳо раванди куҳнашавии вожаҳо, мавриди истеъмол қарор гирифтани калимаву ибораҳои нав, роҳ ёфтани воҳидҳои луғавии иқтибосӣ ва ҳазм гардидани онҳо дар муҳити лаҳҷа тезтар сурат мегирад.

Таркиби луғавии лаҳҷаҳо аз қабати гуногуни калимаҳо иборат аст. Дар он калимаҳои умумитоҷикӣ вожаҳои хоси лаҳҷа ва калимаҳои иқтибосӣ мақоми бориз доранд. Калимаҳои умумитоҷикӣ, ки онҳо таърихан сирф моли забони тоҷикҳ ба ҳисоб мераванд, дар ташаккулу таҳаввули луғати лаҳҷаҳо, сохтани вожаҳои нав ва ба маънои нодир корбаст шудани калимаҳо мавқеи ниҳоят барҷаста доранд.

Таҳқиқи лексикаи шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ на фақат барои рушди забони адабӣ, балки барои инкишофи таърихшиносӣ, этнография ва, хусусан, барои муайян намудани масъалаҳои таърихи забони адабии тоҷик низ аҳаммияти калон дорад.

Омӯзиши лексикаи соҳавии гӯйишу лаҳҷаҳо аз як тараф, барои такмил додан ва пурра сохтани қабатҳои гуногуни таркиби луғавии забони адабии тоҷик аҳаммият пайдо намоянд, аз тарафи дигар, барои тартиб додани луғатҳои соҳавӣ, истилоҳотӣ дар бахшҳои гуногуни касбу ҳунар ва ба тартиб даровардану рушд бахшидани ҷиҳатҳои маъноии истилоҳоти забони тоҷикӣ дар маҷмуъ аҳаммияти муҳим доранд. Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои инкишофи он омӯзишу баррасии илмии лексикаи касбу ҳунар аҳаммияти муҳим дорад. Лексикаи касбу ҳунар дар забоншиносии тоҷик яке аз мавзуъҳои камтаҳқиқшуда ба шумор меравад. Дар ин бобат мақолаҳои алоҳида ба табъ расида, чанд рисолаи номзадӣ дифоъ шуда бошанд ҳам, ҳанӯз онҳо тамоми соҳаҳои касбу ҳунарро фаро гирифта наметавонанд.

Мардуми тоҷик низ ба мисли халқҳои дигар расму ойин, азову тӯй доранд, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо онҳо аз насле ба насле то замони мо расидааст. Расму анъанаҳо ва маросимҳои марбут ба маргу дафн аслан дар байни тамоми тоҷикон ҳамгун буда, дар баъзе маҳаллу минтақаҳо бо баъзе тафовутҳои ҷузъӣ фарқ мекунанд. Ин расму таомулҳо пеш аз марг, ҳангоми дар бистари беморӣ будани шахси миранда сар мешавад. Дар таркиби маросими мотам ва раванди азодорӣ дар байни тоҷикон расму оин ва маъракаҳое ҳастанд, ки реша ба таърихи гузашта доранд.

Омӯзиши лексикаи соҳавии гӯйишу лаҳҷаҳо аз як тараф, барои такмил додан ва пурра сохтани қабатҳои гуногуни таркиби луғавии забони адабии тоҷик аҳаммият пайдо намояд, аз тарафи дигар, барои тартиб додани луғатҳои соҳавӣ, истилоҳотӣ дар бахшҳои гуногуни касбу ҳунар ва ба тартиб даровардану рушд бахшидани ҷиҳатҳои маъноии истилоҳоти забони тоҷикӣ дар маҷмуъ аҳамияти муҳим дорад.

